

Раҳим
Мусулмониёни
Қубодиёнӣ

# Ойинаи Қубодиён

**Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ**

# ОЙИНАИ ҚУБОДИЁН

*Ба номи он ки дорои ҷаҳон аст,*
*Худованди тану ақлу равон аст.*

Ба хоҳарони бузургворам:
Муаззамабону, ки рафтанду ҷояшон ҷаннат бод!
Ҷамилабону, ки сояашон кам мабод!
Салимабону, ки ба ҷои модарам аст!

ДУШАНБЕ - 2024

**ТДУ 908 (575-3)**

**ТКБ 26.891+63.3 (2тоҷик)**
**М-88**

Ном: Ойинаи Қубодиён
Нависанда: Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ
Тарроҳи рӯи ҷилд: Султон Юсупов
Ношир: «Олами Дониш»
Муҳаррири нашри тоҷикӣ: Атозода Муҳаммадиқбол
Дабирачинӣ ва баргбандӣ: Манижа Раҳимӣ
Чопи якум: 2005
Шуморагон: 300
Саҳифа: 318

Китобе, ки рӯи даст доред, ёдномаи донишманди фарҳехта, олими пуркору сермаҳсул ва шахсияти фарзона Устод Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ аст, ки доир ба зодгоҳашон н. Қубодиён, таълиф гардидааст. Ноҳияи Қубодиён як пораи бостонию як бурҷи хуршедии Хуросони Бузург ва Тоҷикистони соҳибистиқлол аст, ки муаллиф нигоштаи худро доир ба шинохти зодгоҳаш низ аз сарчашмаҳои таърихӣ оғоз намудааст. Ин асар дақиқан барои ёдноманигорон дастур ва барои ҳаводорони китобу фарҳанг беҳтарин китоби хотиротӣ аст.

**© Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ**

**ISBN 978-99985-880-6-6**

## Пешгуфтор

Қубодиён гӯшаест аз Эронвичи таърихӣ.

Номи некаш дар сарчашмаҳо омадааст, Ёқут ва Самъонӣ ва ғ. хабар додаанд, донишномаҳо матлабҳо дарҷ кардаанд, китоби ҷудогона ҳам ба чоп расидааст.[1]

Ва аммо китобе фарогир, ки ҳама гуфтаҳоро дар худ ғунҷонда бошад, ҳанӯз ба майдон наомада, ин дафтар кӯшишест нахустин.

Бояд гуфт, ки ҳоло мурод таҳлилу баррасӣ нест, дар Ойина айнан нишон додани Қубодиёни азиз аст, аз он манзаре, ки нигоранда дар китобҳо хонда ва воқеияти феълиро дидааст. Бо кори баррасӣ ва натиҷагирӣ дигарон машғул хоҳанд шуд. Аз ҳамин рӯ, наметавон гуфт, ки ин Ойина тамомнамо бошад, ҷои холӣ дорад, хеле дорад.

Нигоранда аз дуродур ба як бор ба имрӯз омадааст, яъне аз гузаштаи дур ба ҳол. Табиӣ аст, касоне шояд ҳам бузургоне берун мондаанд, банда аз онҳое ёд карда, ки дида ва суҳбат доштааст.

Тундбоде, ки ҳаштод сол пеш бархост бузургони Қубодиёнро ё берун бурд, ё аз миён. Дар ҳафтод соле, ки гузашт, чашми худшиносиро кӯр карданд ва мағзро палағда. Даҳ сол аст, ки имконе барои худшиносӣ фароҳам омадааст. Ва аммо имрӯз ҳам дастандаркорон фаъолият мекунанд, бегонаҳои ҳушёр ва худиҳои хоболуд.

Ба ҳар ҳол, гоме бардошта шуд, шояд ноҳамвор аст, бо умеде, ки гомҳои баъдӣ расотар бошад.

Проф. Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ<br>
Устоди Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон<br>
Мушовири илмии Бунёди доиратулмаорифи исломӣ,<br>
Теҳрон, 1380-1383

---

[1] Шарки Юсупов. Очерки истории Кабадиянского бекства в конце XIX начале XX вв. – Душанбе: Дониш, 1986; 135 стр.

# ЗОДБУМИ ХУРШЕДӢ
## ё чанд сухан аз муҳаррири “Ойинаи Қубодиён”

Зодгоҳ барои ҳар як инсон нахустин мактаби маънавият, равзанае бар шинохти Меҳан ва расидан ба дунёи зебоиҳои ботинӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари офтобӣ барои ҳар фарди тоҷик азизу муқаддас аст, хосса, барои афроде, ки боре ҳам бошад ҳиҷрат кардаанду эҳсоси ғурбат домангири нафсашон шудааст. Дар воқеъ, Тоҷикистон сарзамини беҳамтову аҳуроист; мелодгоҳи нур аст; макони орифону шоирону бузургони Худост; Ватанест, ки ҳар бурҷу бораи он дӯстдоштанист. Аммо ин махзани муҳаббату зебоиҳоро фарде метавонад бишиносад, ки вуҷудаш бо маънавият, илм, таърих ва ихлосу тақво васл бошад.

Китобе, ки хонандаи киром рӯи даст дорад, айнан чунин асарест, ки муаллифи он муҳаббат, садоқат, самимият ва ихлосашро бар Ватану Миллаташ баён намудаву Ватанро фаротар аз хонаву замин донистааст. Дамидани майсаи баҳорӣ, шоридани оби ҷӯй, тулуи Хуршед, регистони ҷодаҳо, шукуфтани дарахтон, гармои муҳаббатбахш, шабҳои ситоразор, дамидани субҳ, зери хок кардани дона, неш задани гандуму ҷав, ки умеди зиндагии давомдор аст, харсаворию аспдавонӣ, бозии бузғолаҳо, ва, ва, ва ҳар чизи дигаре, ки дар домани як замин аст, Ватан аст; моли Ватан аст; хосси Ватан ва зебоии Ватан аст.

Устод Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ, ки аз шахсиятҳои фарҳехтаву донишмандони камназири миллати тоҷик ва яке аз ифтихороти илми филологияи Тоҷикистон мебошанд, фарзанди беназири Қубодиёнзамин ҳастанд. Эшон ба хубӣ медонистанд, ки зодгоҳ як бурҷи Ватан аст ва дӯст доштани зодгоҳ муҳаббатварзӣ бар марзи ниё аст. Устоди марҳум, ки худ як донишманди ҳирфаии илми забоншиносии мо буданд, аснои таълифи **“Ойинаи Қубодиён”** эҳсоси ботинӣ,

муҳаббат, садоқат ва хотироташонро бо сарчашмаҳои таърихӣ, бостоншиносӣ ва нишонаҳои бостонӣ омезиш дода, барои хонанда китоберо таълиф намудаанд, ки дар воқеъ, ойина аст. Ойинае барои шинохти худӣ; Ойинае барои дарки тоҷикият; Ойинае барои расидан ба қадри инсон ва манзалати бебаҳои он; Ойинае барои шинохти гузаштаи пурифтихори худ, яъне, Ойинаи Ватаннамо.

**“Ойинаи Қубодиён”** ҳосили айёми ҳиҷрати Устод аст, ки сарнавишт эшонро як муддат ба кишвари Эрон бурд ва дар ин макони фарҳангию серодам Раҳим Мусулмониён худро танҳо ҳис кард; ғариб дарёфт; бегона шуморид ва ба хубӣ барояш равшан шуд, ки лаззати зиндагӣ дар Ватан ва бо Ватан зистан аст. Маҳз ба ҳамин хотир ёдномаҳои худро аз айёми баччагӣ, беғамӣ, хонданҳову давиданҳову бозиҳо рӯи коғаз оварда, ҳар бурҷу бора, ҳар ваҷаб хоки Қубодиён ва ҳар фарди донишманду таъсиргузор, инсонҳои шинохтаву наҷиби зодгоҳашро ба ёд овардаву чеҳраҳояшонро барои наслҳои баъдӣ рӯи сафҳаи китоб рехтааст.

Мо китобҳои хотиротӣ ва ё ба истилоҳ ёддоштиро зиёд хондаему дидаем, вале **“Ойина”**-еро, ки Устод таълиф кардаанд, ба куллӣ фарқ мекунад. Омезиши илмӣ дорад; дар баробари хотироту ёддоштҳо санаду таърих дар он авлавият дода шудааст. Махсусан, барои шинохти таърихии зодбуми худ даҳҳо манбаи таърихиро варақ гардондаву исм ва ҷойгоҳи Қубодиёнро дар лобалои таърихи гузаштаи пуртазод ҷустааст, ки ҳам барои ҷомеа ва ҳам барои муҳаққиқони ҷавон сарчашмаи хуб ва роҳнамои мувофиқ барои пажӯҳишоти оянда хоҳад буд.

**“Ойинаи Қубодиён”** бори аввал соли 2005 дар кишвари Эрон бо хатти форсӣ нашр шуда, дар Тоҷикистон ба таври комил дастраси аҳли завқ, муҳаққиқону пажӯҳандагон, хонандагону пайвандону наздикон нашуда буд. Ва инак, ин китоби мондагор бо талошҳои фарзандону наберагони Устод бо хатти

кириллӣ баргардон шудаву шарафи таҳририяташ барои банда ато гардид.

Дар китоб баъзе маълумот аз ибтидои расидан ба Истиқлолияти сиёсии кишвар ва баъзеи дигар ба солҳои 1995–2000 марбут ҳастанд. Дар нашри тоҷикии **“Ойинаи Қубодиён”** кӯшидем, ки баъзе маълумотро комил намоем, ба вежа, маълумот дар бораи осори нашрии устодон Алиқул Девонақулов, Бахтиёр Муртазоев, Сайдулло Амин, Зиё Абдулло, Шоҳзамон Раҳмон, Раҳим Амин ва ғ., ки умедворем барои ояндагон манбаи хуби энсиклопедиро фароҳам месозад.

Дар интиҳо як ишораи дигарро барои худ воҷиб медонам: дар солҳои ҳиҷрати устод дар Эрон аз эшон 14 китоб ва беш аз 700 мақолаи илмию публитсистӣ рӯи нашр омадааст, ки умедворем, ин осори гаронарзиш низ рӯзе дастраси оммаи хонандагони тоҷик гардад.

**Атозода Муҳаммадиқбол,**
**номзади илми филология,**
**Сардори Маркази таҳсилот ва инноватсияҳои**
**китобдории Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

## *БАХШИ ЯКУМ*

## *ДАРОМАДГОҲИ ҚУБОДИЁН*

### *Ба наздикӣ Қубодиён*

Ва дигар рӯдест, ки ӯро Вахшоб хонанд аз кӯҳи Вахш биравад ба наздикии Вахш ба Ҷайҳун афтад.

Ва дигар рӯдест, ки аз ҳудуди Киҷиён ва аз кӯҳҳои Эшон биравад ба бар миёни Навдиз бигзарад ва ба наздикӣ Қубодиён ба Ҷайҳун афтад ва дигар Чағонрӯд аст, аз Чағониён.[2]

**Ёқут мегӯяд:** Қубодиён бо заммаи пас аз "алиф" ва "зол" ва "ё" ва дар охир "нун" аз навоҳии Балх аст.[3]

### Қубодиён

Қубодиён вилояти қадима дар соҳили дарёи Кофарниҳони Тоҷикистон. Истилоҳи Қубодиён аз ибтидои қарни VII маълум аст. Қубодиён дар садаи IX дар ҳайати Хатлон қарор дошта, дар садаи XIX ва аввали XX Қубодиён тобеи Аморати Бухоро буд, соли 1877 дар ҳудуди Қубодиён хазонаи Амударё падид омад. Дар Қубодиён димнаҳои Кайқубодшоҳ, Мунчоқтеппа ва Қалъаи Мир кашф ва ҳафр гардидаанд.

### Аз китоби Самъонӣ (асри XII/VI)

"Қубодиён" бо заммаи "қоф" ва фатҳаи "бо" нисбате аст ба Қубодиён, ки аз навоҳии Балх аст. Ва мумкин аст, "Қувозиён" ё "Қубодиён" навишта шавад. Дар ҳоле ки бештар ба шакли "бо" шуҳрат дорад.

---

[2] Бартолд Владимир. Ҳудуд ал олам минал Машриқ илоал Мағриб. Ҳавошӣ ва таълиқоти Минорский; Тарҷумаи Мирҳусейншоҳ, Кобул, 1342, саҳ. 365.

[3] Ёқут Ҳумавӣ, Шаҳобиддин Абдулло, Муъҷам – ал – булдон. Бейрут: 1979, саҳ. 303, чопи Теҳрон, саҳ. 26.

Ва он ҷои хушу хуррам аст. Яке аз шохаҳои Ҷайҳун аз миёни он мегузарад, ки “Ромил”[4] номида мешавад. Ва оби он гуворотарин ва зулолтарини обҳост.

Ва ҳамчунин чашмаи машҳуре дорад.

Абулқосим Абдулло ибни Аҳмад ибни Маҳмуди Балхӣ дар бораи он мегӯяд: “Ман дар ҳеҷ ҷой дарахту киштзоре сарсабзтар аз он чи дар ин кӯра ҳаст, надидам. Онҳо боғҳои некӯе доранд. Дар он ҷо сарву сарҳулбед (صرح الأبيد), ки атм[5] гуфта мешавад, бисёр мерӯяд. Ҳар гоҳ ман дар зимистон ба он ҷо ворид мешудам, манзараи зебое аз сабзӣ ва сурхӣ медидам. Дар зимистон сурхии ин ҷо бештар мешуд. Дар Қубодиён мардумоне аз арабҳои тамим ҳастанд. Мардони он ҷо соҳибраъй ва дар ҷанг ботадбир мебошанд.

Аз касоне, ки ба Қубодиён мансуб ҳастанд инҳоянд: Ҳусейн ибни Видоъи Қубодиёнӣ, ки вай аз (устодаш) Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Исо ал Табоъи Бағдодӣ ривоят карда. Ва ин афрод (шогирдонаш) аз Ҳусейн ибни Видоъӣ Қубодиёнӣ ривоят кардаанд:

Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Сиддиқ Баззоз

Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Мӯсо

Муҳаммад ибни Ҳамадон ибни Сағир ва дигарон.[6]

### *Аз китоби Муставфии Қазвинӣ*

Қаводиён аз иқлими чаҳорум аст. Тӯлаш аз ҷазираҳои холидат “фаб” ва арз аз хатти устуво “лаҳ”.

Кайқубоди аввал Каёниён сохт. Шаҳре кӯчак аст; ва қасобати нувайда (nuvaida) ва Вошҷурд ва Шумон аз тавобеъи ӯст.

Ҳавое гармсер дорад. Ва дар ӯ заъфарон бисёр бувад.[7]

---

[4] Дурусташ: Ромит.

[5] Дарахти зайтуни биёбонӣ.

[6] Самъонӣ, Абдукарим ибни Муҳаммад, Ал Ансоб Ал ҷузъ ал Ошир, Ҳайдаробод, 1979, саҳ. 318-319.

[7] Қазвинӣ, Ҳамдулло бин Абубакр, Назҳатулқулуб, ба кӯшиши Муҳаммад Дабир Сиёқӣ, Теҳрон: Туҳурӣ,
1336, саҳ. 192.

## Аз китоби Иброҳим Истахрӣ

Қубодиён [...] ва агар Хуттал ва Вахш ва Вешгирд (Veshgird) ва Қубодиён ва Термез ва Чағониён ва навоҳие, ки дар ин миён аст, бо якдигар гиранд, иқлиме бошад ба сари хеш.[8]

Аз Чағониён то Зайнур як марҳила ва аз Чағониён то Буроб як марҳила, аз Чағониён то Регдашт шаш марҳила, аз Термез то Қубодиён ду марҳила, аз Қубодиён то Чағониён се марҳила, аз Вешгард то Пули Сангин якрӯза роҳ.[9]

## Аз китоби устод Неъматов

Дар қисми ҷанубии водӣ дарёи Ромити вилояти Қубодиён мавҷуд буд. Шаҳри асосӣ низ "Қубодиён" ном дошт. Аз ҷиҳати вусъат ба Термез баробар буд. Дар вилояти Навдиз (Қалъаи Нав) ва шаҳрҳое воқеъ буданд. Дар асрҳои VIII ва IX дар Қубодиён дар канори рости поёноби Ромит қасабае мавҷуд буд, ки хеле пештар ба вуҷуд омадааст, ки харобаи он акнун ба номи Минчоқтеппа боқӣ аст.

Дар наздикии резишгоҳи Ромит ба Ҷарёб, ки Авзаҷ ё Узаҷ (ҳоло Айвоҷ) ном дошт, гузаргоҳи муҳим аз Ҷайҳун мавҷуд буд. Дар наздикии гузаргоҳ шаҳри серодами Авзаҷ вуҷуд дошт, ки харобаи он дар соҳили рости Кофарниҳон 2 километрӣ аз резишгоҳаш ба Амударё кашф гардидааст.

Дар асри IX Қубодиён ба ҳайъати Хатлон дохил мешуд, дар асри X бо Чағониён пайвандӣ дошт.[10]

## Қалъаи Мир

Димнаи бисёртабақаи мансуб ба ибтидои асри IX-и мелод то асри XIX-и мелод, ки дар ҳудуди шаҳраки Қубодиёни ноҳияи Қубодиёни вилояти Қӯрғонтеппа воқеъ аст. Қалъаи Мир соли 1950 аз тарафи Дяконов кашф гардида, дар солҳои 1951 ва 1979 ҳафриёти бостоншиносӣ анҷом гирифтааст. Димнаи 275 бар 270

---

[8] Истахрӣ, Абуисҳоқ Иброҳим, Ал-масолик ва ал-мамолик, тарҷумаи форсӣ қарни панҷум шашум, ба эҳтимоми Эраҷи Афшор, Теҳрон, ҷ. 3, 1368, саҳ. 232, 234.

[9] Ҳамон ҷо, саҳ. 271.

[10] Неъматов, Нӯъмон. Давлати Сомониён. Тоҷикон дар асрҳои IX ва X; Душанбе, Ирфон, 1989, саҳ. 61.

метр масоҳат дошта, аз куҳандиз, шаҳристон ва рубот иборат будааст. Рубот бузург ва мураббаъшакл аст. Табақаҳои димна ба давраҳои гуногун (аз давраи Ҳахоманишиён то асрҳои XVIII ва XIX). Дар Қалъаи Мир аз садаҳои III ва IV то асри XV ҳаёт қатъ шудааст. Аз табақаи мутааллиқ ба асрҳои V ва VII мелодӣ 8 бино кашф гардид. Аз димна сиккаҳои гуногун, маснуот ва зарфҳои сафолӣ, маснуоти филиззӣ, олоти сангин ва ғ. ба даст омадаанд.[11]

### Чорбоғи боло

Қалъа обод буд; дарвоза ва зиндон дошт; дарвоза дар тарафи қибла.

Гирдогирди домани қалъа қӯрғони баланде буд; шояд як километр бар ва дарозӣ дошт; роҳи даромаду баромад (аз Машриқ ба Мағриб) солҳо баъд пайдо шуд.

Даруни қӯрғон, ки дарахтзор буд, тобистоне Акашариф Ҷӯраев консерт дод.

Ману бародари бузургам рафтем. Акашариф қадди паст дошт, зери пояш чорпоя монда буд. Консерт медод. Ҳамин байташ дар ёд монда:

*Чорбоғи боло, чорбоғи боло,*
*Чанор баландай, Ширинҷон...*

### Мунҷоқтеппа

Димна шаҳре бостонӣ аст (садаҳои IV ва IX), дар ноҳияи Шаҳритӯс, вилояти Қӯрғонтеппа. Солҳои 1951-52 А.М.Манделштам ва С.В.Певзнер ҳафриёт гузаронда, се табақаи бостоншиносиро кашф намуданд, ки шартан Мунчоқ ном гирифт. Сатҳи Мунчоқтеппа чоркунҷа буда, тақрибан 160 бар 160 метр аст. Дар Мунчоқ 11 бинои чоркунҷа (5.40 бар 5.20) падид омадаанд, ки бо гунбадҳои бостонии бесутун пӯшида буданд.

Дар Мунчоқ осори 11 бино ба назар мерасанд, ки эҳтимоли иқоматгоҳ ё ибодатгоҳ будаанд. Ҳангоми ҳафриёт

---
[11] Донишномаи шӯравии Тоҷик, ҷ. 8, саҳ. 280.

сарсутун ва пояи сутуни сангӣ ёфт шуда. Маснуоти гуногуни сафолӣ, чархҳои дастии сафолӣ ва сангии ресмонресӣ, корд, доси оҳанӣ, зарфҳои шишаӣ ва сиккаҳо падид омаданд. Ин бозёфтҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки Мунчоқтеппа маконе бузурге будааст. Ба дунболи ҳафриёт, нахустин иттилооти ҷолиб аз Тахористони шимолӣ ба даст омад.[12]

## Теппаи Шох

Дар забони мардум бо номи "Шох" гардон аст. Ба тахмини устод Алиқул Девонақулов номи аслиаш "Шоҳ" аст.

*Ахбори Донишнома:* Ёдгории бостоншиносӣ мансуб ба давраи Кӯшониён (садаҳои I ва III мелодӣ) дар ҳудуди ноҳияи Қубодиёни вилояти Қӯрғонтеппа, дар соҳили дарёи Ому воқеъ мебошад.

"Теппаи Шох" соли 1929 кашф гардид. Солҳои 1957 (аз тарафи Манделштам) ва 1972 (ба раҳбарии Литвинский) ҷустуҷӯҳои бостоншиносӣ гузаронда шуд.

Теппаи "Шох" аз чанд қисмат иборат аст. Қисми асосӣ росткунҷа буда, бо деворҳои дифоӣ ва манора иҳота шудааст.

Аз биноҳои хоҷагӣ хум, хумпора, асбобу анҷоми гуногун, сиккаи замони Кӯшониён пайдо шуданд. Толоре кушода шуд, ки муҷассамаҳои гаҷӣ ва сутунҳои сангӣ дорад. Инчунин, як манора кушода шуд, ки дар кунҷи қалъа аз похса бунёд гардидааст ва аҳаммияти низомӣ дорад.

Қабрҳое, ки дар теппаи "Шох" падид омаданд, ба номус шабоҳат доранд. Аз даруни гӯрҳо ойинаҳои биринҷӣ, муҳраҳои сафолӣ, сиккаҳо, асбоби зеби зинат, бутҳои гаҷӣ, муҷассамаҳои сафолӣ ва ғ. пайдо шудаанд.

Бозёфтҳои теппаи "Шох" барои рӯшан кардани саҳифаҳои торики таърихи ниёкони тоҷикон дар давраи Кӯшониён аҳаммияти калон дорад.

---

[12] Ҳамон ҷо, ҷ. 4, саҳ. 553-554.

### *Кайқубодшоҳ*

Димнаи шаҳри юнонӣ ва бохтарии мансуб ба садаи III мелодӣ дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Қӯрғонтеппа воқеъ шудааст. Кайқубодшоҳро солҳои 1950-51 гурӯҳи бостоншиносон бо раҳбарии М.М. Дяконов таҳқиқ намуданд.

Шаҳр росткунҷа: тӯли қисмати шимолӣ ва ҷанубӣ 295 метр, шарқӣ ва ғарбӣ 390 метр аст. Кайқубодшоҳро девори дутабақаи бурҷдор иҳота мекард. Девори берунӣ нисбат ба девори дарунӣ ғафстар буда, фосилаи байни онҳо 2.3 то 2.48 метр аст. Гузаргоҳи болопӯши байни деворҳо ба гузарҳои аҳолинишин мебарад. Бурҷҳои Кайқубодшоҳ низ росткунҷа буданд. Кайқубодшоҳ ба ғайр аз 16 бурҷи кунҷӣ, 11 бурҷи берунӣ ва 9 бурҷи дохилӣ дошт.

Девор ва бурҷҳои Кайқубодшоҳ аз похса ва хишти хом (33 бар 33 бар 11 см; 36 бар 36 бар 13 см) бино ёфтаанд. Шаҳр чаҳор дарвоза дошт. Дарвозаи шимолӣ бо бурҷҳои изофӣ берун аз шаҳр мустаҳкам шуда буданд. Тартиби ҷойгиршавии иншоот ва биноҳои шаҳр аз дараҷаи баланди ҳунари меъмории Бохтар шаҳодат медиҳад. Аз Кайқубодшоҳ маводди гуногуни бостоншиносӣ пайдо шудаанд. Онҳо аз мавҷудияти ҳаёт дар Кайқубодшоҳ дар замони Кӯшониён ва давраҳои баъдӣ шаҳодат медиҳанд.[13]

### *Кайқубод*

Подшоҳ, бунёнгузори сулолаи Каёниён. Дар ёдгориҳои адабӣ ва динӣ, маъхазҳои таърихӣ ва “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ роҷеъ ба Кайқубод ривоят ва қиссаҳои гуногуни асотирӣ ва таърихӣ боқӣ мондаанд. Дар Авасто номи Кайқубод ду бор (дар “Фарвардин - яшт” ва “Зомиёд - яшт”) вомехӯрад.

Дар осори забони паҳлавӣ Кайқубод ҳамчун саромади хонадони Каёниён, подшоҳе некӯкор ва ҳушманде тасвир шудааст. Ҳамзаи Исфаҳонӣ хабар медиҳад, ки Кайқубод дар соҳили Ому шаҳри Қубодиёнро барпо кард. Дар соҳили он

[13] Ҳамон ҷо, ҷилди 3, саҳ. 173.

ҳоло ҳам маҳалле бо номи Қубодиён мавҷуд аст. Тибқи ривоёти “Шоҳнома”, Кайқубод аз авлоди Фаридун буда, дар кӯҳи Албурз бо гурӯҳе зиндагӣ мекард. Рустам ба фармони Зол ӯро ба Истахр овард ва ба тахти шоҳӣ нишонд. Кайқубод баъд аз ба тахт нишастан дар муқобили Афросиёб ҷанг сар кард. Дар осори забони паҳлавӣ, аз ҷумла, “Бундаҳишн” ривоятҳои гуногуне дар бораи Кайқубод, писарон ва наберагони ӯ ба назар мерасанд. Ба ривояте Фаронак ном духтаре аз хонаи падар гурехта, зани Кайқубод гардидааст. Аз ин никоҳ писар ба дунё омад.

Муҳаққиқон (Дяконов М.М., Кристенсен) ақидае доранд, ки мувофиқи ривоят ва қиссаҳо дар бораи Кайқубод дар асоси воқеаҳои воқеии таърихӣ (асрҳои 8 то 9 мелодӣ) дар Бохтар ба вуқуъ омадаанд. Аз ин ҷиҳат, эҳтимоли саргузаштҳои Кайқубод низ ифодаи воқеаҳои таърихӣ бошанд.[14]

### *Подшоҳии Кайқубод*

Сад сол буд. Ва ба дигар ривоят саду бисту шаш сол гӯянд, чун Зол Рустамро бифиристод ва ӯро аз кӯҳи Ҳамадон ба дари Рей овард, бар тахт нишонданд ва ба Афросиёб ҳарб кард ва нахустин ҳарби Рустам савори ин будаст.

Ва Афросиёбро аз пушти асп бардошт, то аз ғалабаи туркон камараш шикаста шуд ва бияфтод, ва дар миёни саворон гурехт ва ба ҳазимат рафт, аз он пас бо Пашанг, падари Афросиёб сулҳ кард.

Баъд аз ин Кайқубодро бо Абдулшамс Малики араб ва Ҳамир Оли Қаҳтон ҳарб афтод ва бар охир сулҳ карданд.

Ва боз ба замини Ҳаётала рафт, аз он рӯи Ҷайҳун ва бо Вайса ӯро ҳарб афтод, ки дар ин вақт Афросиёб ба Рум буд, ба ҳарб. Ва Кайқубод пирӯзӣ ёфт. Бар канори Ҷайҳун шаҳре бино кард “Қубодиён” хонанд ва акнун “Қаводиён” хонанд.

---

[14] Ҳамон ҷо, ҷилди 3, саҳ. 173.

Ва андар ноҳияи Исфаҳон бисёре ободонӣ кард ва деҳҳо сохт ва онро “Астонбар Бунорт Кавод” ном карданд, бар забони паҳлавӣ, ва ҳанӯз баҷоест, ва ба дигар ном “Қумрӯд” хонанд.

Ва ба замини Форс ба мард ба марг.[15]

### ***Тахти Қубод***

*Димнаи атиқаиест, дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Қӯрғонтеппа, дар соҳили рости рӯди Ому.* Тахти Қубод росткунҷа буда, аз куҳандиз ва бошишгоҳи на он қадар калони атрофи он иборат аст. Тахти Қубод борҳо дар адабиёти илмии тоинқилобӣ ва шуравӣ зикр шудааст. Донишмандон тахмин мекунанд, ки хазонаи Амударё эҳтимолан аз харобаҳои ин ёдгорӣ ёфт шудааст.

Бино бар ин, димна диққати онҳоро ба худ ҷалб намуд. Аз Тахти Қубод маснӯоти гуногуни сафолӣ, пойсутуни сангӣ, дошҳо ёфт шуданд, ки ба давраи атиқа мансубанд. Баъзе муҳаққиқон ақида доранд, ки аз Тахти Қубод ҳамчун қалъае истифода бурда, гузаргоҳи дарёи Омуро аз ҳамлаи душманон ҳифз мекарданд.[16]

### ***Марсияи Тахти Қубод***

*Бар марқади таърихи худ ин бор бигирям,*
*Бисёр бигирям, ба алам зор бигирям.*
*Бар оҷизии чашми ватандор бигирям,*
*Бар чингизии чанд замонхор бигирям.*

*Эй пушти Каён, пушт ба пуштат макун имрӯз,*
*Муште зи ту мондаст зи муштат макун имрӯз.*
*Муште ҳасадиро, ки ба ту гӯрканӣ кард*
*Бар гӯри ҳасадҳош яке хишт кун имрӯз.*

---

[15] Маҷмол-ут-таворих ва ал-қасас, таълифи соли 520, ба тасҳеҳи Маликушшуаро Баҳор, 1318, с. 45.

[16] Донишномаи советии тоҷик, ҷилди 7, саҳ. 279.

*Бар марқади таърихи худ ин бор бигирям,*
*Бисёр бигирям, ба алам зор бигирям.*
*Бар оҷизии чашми ватандор бигирям,*
*Бар чингизии чанд замонхор бигирям.*

*Эй Бохтар, он рӯз, ки бар тахти каёнат*
*Оҳанқадам афшурд кафи пои хиёнат*
*Халқи ту бихорид паси сар, аҷабам нест*
*Хоки ту наҷунбид чаро дар ғами ҷонат?!*

*Бар марқади таърихи худ ин бор бигирям,*
*Бисёр бигирям, ба алам зор бигирям.*
*Бар оҷизии чашми ватандор бигирям,*
*Бар чингизии чанд замонхор бигирям.*

*Эй Рустами Золи Зари ман! Чанд ғунудан?!*
*Бояст, ки афғони ман ин бор шунудан!*
*Гуфтем ки аз пушти Каён хашм гирифтӣ,*
*Бояст ба гӯри падарат чашм кушудан!*

*Оё хабарат ҳаст, ки бар пуштаи гӯраш*
*Зад пушт пайи пунбаи худ, панбағаюраш*
*Гар дам назанӣ мезанад ӯ пушта пайи ҷоҳ*
*Бар пушти кишоварз ҳам аз панбаи зӯраш!*

*Бар марқади таърихи худ ин бор бигирям,*
*Бар мурдаву бар зиндаи ӯ зор бигирям.*
*Бар оҷизии чашми ватандор бигирям,*
*Бар чингизии чанд замонхор бигирям…*

*(Зиё Абдулло)* [17]

## ***Духтари Қубод***

Боре сафар доштам. Аз Сталинобод (Душанбе) ба Қубодиён. Марде солхӯрдаи кӯҳистонӣ дар канорам нишаста

[17] "Мушки рӯд", аз шоир Зиё Абдулло шунида шуд (01.10.2003)

буд. Чун донист, ки аз тоҷикони бумии Қубодиён ҳастам, ривоятеро ба забон овард.

Духтари Кайқубод (ки шоҳи якум аз хонадони Каёниён буд) бемор шуд. Ҳеҷ пизишке натавонист дармон кунад.

Ҳакиме пайдо шуд; озмоишҳо анҷом дод ва гуфт: дармонаш шамоли чор дарёст, роҳи дигаре надорад.

Ҷуғрофидонони подшоҳ гуфтанд, ки дар қаламрав танҳо саргаҳи Омуст, ки чаҳор рӯдхонаи Сурхоб, Панҷ, Вахш ва Ромит (Кофарниҳон) як ҷо гирд меоянд…

Кайқубод инҷоро худаш писандид; дар домани риштакӯҳ, ҳамон ҷое ки аз дасти росташ Ромит (Кофарниҳон) мерезад, аз дасти чап Вахш, аз боло Панҷ, аз он тараф Сурхоб меоянд, кохе дуруст кард ва ба духтараш дармон бахшид.

Ин гӯша бо номи "Тахти Қубод" ба таърих даромад. Ва он ном ҳанӯз ҳам боқӣ аст. Номи шурои ҷамоаро то ин, ки ба номи "Худойқулов" гузоранд, "Тахти Қувват" буд.

Ва аз ҳамин ҷо, дар соли 1877 "Хазонаи Омударё" падид омад.

### *Хазонаи Омударё*

Хазонаест иборат аз 1300 сикка ва 176 ашёи тило ва нуқра. Соли 1877 аз тарафи аҳолии маҳалле дар ҷои резишгоҳи дарёи Кофарниҳон ба Ому, наздикии димнаи Тахти Сангин[18] ёфт шудааст. Кошифони Хазонаи Омударё тамоми ашёи Хазонаро ба тоҷирони бухороӣ Возиаддин, Ғуломмуҳаммад ва Шукуралӣ фурӯхтанд. Ҳангоми ба Ҳиндустон бурдани Хазона, дар роҳ тоҷиронро ғорат карданд. Як қисмати Хазона ба туфайли шуҷоати аскарони сарҳадии англисӣ ба роҳбарии Ф. Бартон наҷот дода шуданд. Қисмати дигари онро англисҳо аз бозорҳои Равалпинди хариданд ва тамоми Хазонаи Омударё ба музейи Британия супурда шуд, ки то ҳол дар он ҷо маҳфуз аст.

Хазонаи Омударёро дар давоми 100 соли охир аз ҳудуди Британия берун наовардаанд, вале нахустин бор соли 1979 дар Москва, Ленинград ва Киев ба намоиш гузошта шуд.

[18] Ба гуфтаи мардум дар Тахти Қубод пайдо шудааст.

Сиккаи навтарини Хазонаи Омударё ба соли 200 то мелод мансуб аст. Дигар ашёи тило ва нуқра ба мисли зарфҳо, муҷассамаҳо, дастпонаҳо, овезаҳо ва ҷавоҳири ҳаккокишуда ба асрҳои IV-II то мелод тааллуқ дорад.

Дар осори Хазонаи Омударё анъанаҳои ҳунари Ҳахоманишиён, ҳунари маҳаллии юнонӣ-бохтарӣ ва ҳунари ба истилоҳ "услуби ҳайвонот"-и скифӣ, ки ба олами бодиянишинон, аз ҷумла, бодиянишинони даштҳои Осиёи Марказӣ вобаста аст, инъикос ёфтаанд.

Дар байни бозёфтҳои Хазонаи Омударё адади тавқҳои тилоии гардан ва дастпонаҳои печон, ки нӯкҳояшон ба шакли сари ҳайвонҳои даранда, мор, паранда, оҳу ва ғизолон ва ғ. сохта шудаанд, зиёд аст. Ду нӯки як ҷуфт дастпонаи печон ба шакли сари ҳайвони даранда, ки шояд шери болдор бошад, сохта шудааст. Заркӯби ғилофи ханҷар дар ду паҳлуи қисми болоӣ барҷастагиҳои нимдоира дорад. Рӯи ғилоф бо тасвири барҷаста саҳнаи шикор оро ёфтааст. Шерҳо, шикорчиёни савора, аспҳо, парандаҳо, морон ва ғ. бо маҳорати баланд тасвир шудаанд. Ғилоф дар охири асри VII ва миёнаи асри VI то мелод сохта шудааст.

Дар Хазонаи Омударё якчанд намуди аробаҳои дучарха ҳастанд, ки яке аз онҳо қариб пурра боқӣ мондааст. Аробаро чаҳор асп мекашад. Аробакаш рост истода, савори ӯ нишастааст. Дар рӯи девораи пеши ароба сари Худо тасвир ёфтааст. Ҳар як чарх нӯҳ парра дорад. Персонажи асосӣ дар тан либоси модӣ ва дар гардан тавқи тилоӣ дорад. Аробакаш низ дорои чунин тавқи гардан аст, аммо либоси ӯ аз тунукаи кӯтоҳ иборат аст. Аз шонздаҳ пои аспҳо танҳо нӯҳтои он боқӣ монда.

Муҷассамаи рехта ва ҳаккокишудаи нуқрагии ҷавони бараҳна, ки рост истода, дастонашро аз оринҷ қат ва ба пеш дароз кардааст, ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Дар муштҳои ҷавон сӯрохиҳое ҳастанд, ки дар онҳо шояд гул ҷой гирифта бошанд. Дар сар тиара (кулоҳи конусшакли баланди тилоӣ) дорад. Сӯрохии гӯшаш намоён аст. Сарашро ҷудогона рехтаанд. Шояд ин муҷассама тасвири эллинистии Худои

шарқиён – Меҳр (Митра), яъне Аполлон бошад. 53 адад лавҳаи росткунҷаи тилоӣ ба даст омада, ки дар рӯи ҳар яке асосан ҷуссаи мардҳо аз паҳлу тасвир шудаанд. Дар дасти ҳамаи онҳо як даста навда ҳаст, аксаран онҳо либоси модӣ дарбар кардаанд, баъзеҳо дар камар акинак доранд. Дар як лавҳа пайкари зан хеле ноуҳдабароёна тасвир карда шудааст, дар ду лавҳа уштурро тасвир кардаанд. Хазонаи Омударё аз дараҷаи баланди инкишофи тамаддуни аҷдодии халқи тоҷик шаҳодат медиҳад.

Хазонаро, ки дар баҳори 1979 ба Шӯравӣ барои намоиш оварданд, ба ватанаш Тоҷикистон наёварданд. Нигоранда дар Санкт - Петербург шарафи дидорашро дарёфт.[19]

### *Ганҷинаи Ому*

Дар ноҳияи Қубодиён Маркази фарҳангӣ-таҳқиқотии “Ганҷинаи Ому” таъсис ёфт. Раиси ин Марказ Қ. Додов гуфтааст, ки мақсади таъсиси ин Марказ эҳёи суннатҳои миллӣ-фарҳангӣ, бедор намудани ҳисси инсондӯстӣ ва ватанпарастӣ, ҳифз ва тармими ёдгориҳои таърихӣ-кишваршиносӣ аст, зеро Қубодиён минтақаи қадимӣ аст. Ӯ қайд кардааст, ки соли 2004 ба зодрӯзи Носири Хусрав – мутафаккири барҷаста 1000 сол пур мешавад ва ба ин хотир ба ин ҷашни муборак омодагиҳо мебинанд. Бунёди муҷассама ва осорхонаи шоир, ки дар ин маврид қарори махсуси ҳукумати ноҳия қабул шудааст, намунае аз ташаббуси ин Маркази фарҳангӣ аст. Шуъбаи қубодиёнии OBSE изҳор доштааст, ки дар бунёди муҷассама ва осорхона кӯмаки худро дареғ намедорад: “Агар ашхоси саховатпеша ва масъулини дигар дар ин кори хайр саҳм гирифтанӣ бошанд, бо мо тамос бигиранд”.[20]

### *Тахти Сангин*

Мадинаи давраи атиқа (40 километрии ҷануби шаҳраки Тӯс, ноҳияи Қубодиён, дар резишгоҳи дарёи Вахш ва Панҷ).

---

[19] Донишномаи советии тоҷик, ҷилди 7, саҳ. 624.
[20] “Чархи гардун”, №26 (150), 01.07.1999, саҳ. 2.

Аз ғарб бо Шоҳ, аз шарқ бо Омударё, аз шимол ва ҷануб бо девори дуқабата муҳофизат шудааст ва аз лиҳози интихоби дуруст мавқеи стратегии дастнорас буд. Тахти Сангин ҳамроҳи Тахти Қубод, ки 5 км ҷанубтар воқеъ буд, маҷмӯи истеҳкомро ташкил мекард ва барои назорати гузаргоҳи обӣ ва роҳи хушкии байни ду дарё хизмат мекард.

Дар байни деворҳои истеҳкомии Тахти Сангин дар масофаи як км хона ва работҳои тиҷоратӣ ва низомӣ воқеъ буданд. Дар байни Тахти Сангин куҳандизи ростгӯша (237 бар 165 метр) ҷой дошт. Куҳандиз деворҳои сангин (ғафсиаш то 2 метр), бурҷҳои баландтар аз 8 метр ва хандақ бо чуқурии 3 метр дошт. Тахти Сангинро соли 1928 Б.П. Дейнеке ва соли 1956 А.М. Манделштам баррасӣ кардаанд. Аз соли 1976 гурӯҳи Тахти Қубодии бостоншиносони ҷануби Тоҷикистон таҳти раҳбарии Б.А. Литвинский ва И.Р. Пичикян Тахти Сангинро таҳқиқ намуданд.

Маҷмӯаи мазҳабии навъи қаср ва маъбад бо толори баробарандоза (144 $м^2$) ва долонҳои атрофи он кушода шуд. Толори сафеди мураббаъ дар маркази чаҳор сутун (ба зерсутунҳои сангии бузурги андозааш як бар як устувор буданд) ва се дари муҳташам ва деворҳои бо ғафсии 3 метрӣ дошт. Деворҳо аз хиштҳои калони хом (50 бар 50 бар 15 см) сохта, гил омехта шудаанд. Дар долонҳо дар ҳар се қабати поёнӣ назрҳое ҷамъ гардидаанд, ки муътақидон ба маъбад овардаанд, вале баъд барои истифода нолозим шудаанд. Дертар дар замони Кӯшониён дари долонҳоро деворбанд кардаанд, худи долонҳоро пас аз ин ҳам муқаддас мешумурданд.

Сохтмони бино ба асрҳои II то III-и мелодӣ тааллуқ дорад, вале назрҳои муътақидон, ки ба маъбад оварда шудаанд, давраи хеле калони таърихӣ (асри II то V мелодӣ)-ро дар бар мегиранд. Ба маҷмӯи назрҳо садҳо сиккаҳои юнонӣ ва таърихӣ, портӣ, ҳиндӣ ва кӯшонӣ, теъдоди зиёди муҷассамаҳои гачию гилӣ, асбобҳои гуногуни оҷӣ, тақрибан се ҳазор пайкони оҳанӣ ва 30 пайкони биринҷӣ, ханҷарҳои маҳаллӣ, акинак, ғилофи шамшерҳои юнонӣ, осори ҳунари тасвирӣ ва меҳробҳои

гуногуншакли бузургу кӯчаки сайёр дохил мешаванд. Дар болои яке аз меҳробҳои кӯчаки сайёри сангӣ муҷассамаи биринҷии Худои Юнони қадим Морсӣ насб шудааст, ки қушнӣ менавозад. Дар паҳлуҳои меҳроб аввалин катиба дар Осиёи Марказӣ ба забони юнонии қадим сабт шудааст: "Атросок бо ният ба акс назар кард". Катиба аз он шаҳодат медиҳад, ки Худои асосии маъбад Худои дарёи Окс (номи юнонии рӯди Вахш) ва номи назркунанда Атросок "писандидаи Худои оташ" будааст ва яке аз ашрофони маҳаллӣ ё худ коҳини авлодии оташкада ба Худои шарқии Вахш меҳробро бо катибаи юнонӣ ва муҷассамаи Худои юнонӣ назр кардааст. Катиба омезиши амиқ ва тарафҳо ду нахусти асосиро рӯшан месозад, ки тамаддуни Юнон ва бохтариро ташкил додаанд.

Ғилофи ханҷари акинак, ки аз оҷ сохта шуда, рӯяш бо ду манзара аз тарафи даррандаҳо дарронда шудани ҳайвоне оро ёфтааст, қадимтарин бозёфте аст аз Тахти Сангин. Дар боло шере ба ду пои ақиб рост истода, бо ду даст пеши оҳуеро медорад, ки ба аломати мутеъӣ поҳояшро қат кардааст. Дар поён даррандаи гурбашакл нахчирро ба чанг даровардааст. Бунёдкории барҷастаи ҳунари ҷаҳонӣ дар асри 5 мелодӣ аз рӯи масолеҳи шакли ғилоф, услуб ва тасвир, бешубҳа, сохти бохтарӣ дорад.

Дар Тахти Сангин 20 моховараҳо – рӯкашҳои оҷии ғилофи шамшерҳои юнонии асрҳои V то III ёфт шуданд. Муҷассамаҳои гилӣ ва гачии Тахти Сангин маҳз аз осори ҳунари атиқаанд ва масолеҳи нозуки онҳо – гилу гач, ки ба роҳи дур бурдани он номумкин аст, гувоҳанд. Ин муҷассамаҳо маҳсули ҳунарии ҳунармандони моҳири маҳаллӣ аст. Масалан, тасвири куллии сари ҳокими эллинӣ, ки нимтоҷ пӯшидааст, чеҳраи Искандари Мақдунӣ, ки аз оҷ тарошида шудааст, дар байни бозёфтҳои Тахти Сангин мақоми махсус дорад. Искандар дар нақши Ҳаркӯл тасвир шудааст, дар сар тоскулоҳи душоха дорад ва Искандари Зулқарнайнро аз асотири қадими тоҷикон ба ёд меорад.

Ҳафт порчаи зарандуди биринҷӣ, ки дар рӯи онҳо Худои муҳаббати эронӣ дар ҳолатҳои гуногун зарробӣ шудааст, ба даврони Кӯшониён мансубанд. Саҳнаҳое, ки "Кӯшониён дар шикор" ном доранд ва дар рӯи деворахои сандуқчаи оҷӣ зарробӣ шудаанд, осори барҷастаи ҳунари нафисанд. Дар ин саҳнаҳо мо аввалин чеҳраҳои пурраи Кӯшониён, фотеҳони давлати Юнон ва Бохтарро мебинем. Сагаки курашакли камарбанд, ки нигинҳои фирӯзаӣ ва тасвири кӯфтаи се юзро дорад, ба асрҳои охири то мелод ва асрҳои аввали мелодӣ мансуб буда, ҳамроҳи як қатор бозёфтҳои дигар дар бораи алоқаҳои маданӣ бо олами дашти сакоӣ ва скифӣ шаҳодат медиҳад.

Аҳаммияти бузурги бозёфтҳои Тахти Сангин дар он аст, ки ҷараёни ҳазорсолаи ҳунари Бохтарро аз услуби ҳахоманишӣ тавассути анъанаҳои Юнон ва Бохтар то ба шаклгирии мактабҳои бадеии кӯшонӣ дар бар мегиранд.[21]

### *Шаҳри Сангин*

*Эй кӯҳан дода ба навҳову нават бурда кӯҳанҳо,*
*Қолаби пораву яклахта ғамат монда ба манҳо.*
*Он сутунҳот, ки буданд сутунмуҳраи Меҳан,*
*Чун сутунмуҳраи ман аз ғами ту чанд шикастан?*
*Ҷониби чашмаи ту чашми ҳасад он қадар о шуд,*
*Ки ҳама чашмаи ту дар таҳи Омӯя баҷо шуд.*
*Ману ин ташнаву Омӯя ба пои ту хазанда,*
*Байни лабташнаву лабташнашикан хори газанда.*
*Хорсиме зи лаби уштури масти ту бирӯяд,*
*Уштури масти ту чун бандии озод бипӯяд.*
*Уштурон хор бихоянд ба саҳрои сафарҳо,*
*Хорсиме зи шутурдил хӯрад акнун шутури мо…*
*Шаҳри сангинаву сангинадилӣ дида зи душман,*
*Сари сангини Сикандар сари дил чанд фишурдан?!*
*Сари сахте зи дарун ҳамчу ту ғоратшуда дорам,*
*Беҳтар аз синаи сангини ту ку ҷо, ки фишорам?!*

---

[21] Донишномаи адабиёт ва санъати тоҷик. Душанбе, 2004, ҷилди 3, саҳ. 180.

*Балки Дороиву сарлашкари ту кушта баногоҳ,*
*Бурда дороии ту пайкарат афканда дар ин ҷо.*
*Гӯиё омадаам ҳамчу Сикандар зи пайи ту,*
*То бипӯшам тани ту хилъати искандариям ку?!*
*Зиё Абдулло*

**_Истахрӣ мегӯяд:_**

Хуттал дар миёни рӯди Вахшоб ва рӯди Бадахшон мабнӣ ва мавзуъ аст; ва онро "Ҷарёб" мехонанд. Ва дар хилол ва миёнаи он рӯдҳои бисёр ҳаст, ки тамомати рӯдҳо ба наздики Қувозиён пеш аз он, ки ба Тирмиз расанд, бо якдигар ҷамъ мешаванд ва як рӯди бузург ва саҳмнок мебошад.[22]

Ва замини Хуттал замине бағоят хушманзараест бо зироати бисёр ва меваҳои вофир ва дар он ҷо ҳайвоноту гӯсфандон бисёр мебошад.

Ва чун касе аз Хуттал ва Вахш мегузарад, бар навоҳии Вошҷурд ва Қаводиён ва Тирмиз ва Сағониён ва он чи дар ҳаволии он аст, ва он шаҳр дар аъмол ва давовин танҳо аст.

Ва Қаводиёнро кӯраҳое чанд ҳаст. Ва шаҳри Нӯзар дар ҳаволии он аст.

Ва аз Вошҷурд ва Шумон то наздики Сағониён заъфарон бисёр муртафаъ мешавад ва аз он дар офоқ ҳамл меафтад. Ва аз Қаводиён Фуҳ (Рунос)[23] бисёр дар атроф нақл меафтад.

Ва Сағониён ё Чағониён дар тӯл ва арз аз Тирмиз бештар аст, ило он ки аҳл ва матутанон ва суккон ва мол дар Тирмиз бештар аст. Ва Сағониёнро шаҳре ҳаст …[24]

Аввал аз иқлими Мовароуннаҳр ибтидо ба шаҳри Ҷайҳун карда меояд ва баъд аз он ҳарчи дар ҳаволӣ ва атрофи

---

[22] Истахрӣ, Абуисҳоқ Иброҳим, Ал масолик ва ал-мамолик. Тарҷумаи Муҳаммад бен Асъад бен Абдулло Тустарӣ. Ба кӯшиши Эраҷи Афшор, Теҳрон, Бунёди мавқуфоти Эраҷи Афшор, 1373, саҳ. 320.

[23] "Рунос"-ро мардуми маҳал "руин" мегӯянд. Онро Берунӣ ҳам ба забон овардааст: Абурайҳони Берунӣ. Китоби Ал-сайдана фӣ Алталаб. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1870, саҳ. 298.

[24] Истахрӣ, Абуисҳоқ Иброҳим, Ал масолик ва ал-мамолик. Тарҷумаи Муҳаммад бен Асъад бен Абдулло Тустарӣ. Ба кӯшиши Эраҷи Афшор, Теҳрон, Бунёди мавқуфоти Эраҷи Афшор, 1373, саҳ. 290-291.

он аст, аз шаҳр ва дия ва мазраъа ва зиёъ ва ғ. гуфта шавад. Ва дар ҳар як шарҳе бетаҳлил ва ба татвил зикр карда шавад, иншоаллоҳи таолӣ.

Ва аммо асли Ҷайҳун рӯдест, ки онро "Ҷарёб" мехонанд. Ва он аз шаҳрҳои Вахон берун меояд ва мегузарад дар ҳудуди Бадахшон. Ва рӯдҳои чанди дигар бар вай изофа мешавад, аз ҷумла, як рӯд аз ҳудуди Хуттал ва Вахш берун меояд ва баъд аз он рӯдҳои азими бузург ва паҳну амиқ ва саҳмнок мешавад.

Ва аз ин рӯдҳо рӯде ба наздики Ҷарёб ҳаст, ки онро "Ахшаво" меноманд ва он рӯдро "Ҳулбук" мехонанд.

Ва севвумро "Форғар".

Чаҳорумро рӯди "Андиҷороғ".

Панҷумро рӯди "Вахшоб"; ва ин рӯд бузургтарини ин рӯдҳост, ки гуфта шуд.

Ва тамомияти ин рӯдҳо бештар аз Арҳан муҷтамаъ мешавад. Пас аз он рӯди Вахшоб низ бо эшон муттасил мешавад.

Ва рӯдҳои Сағониён низ аз он ҷо мебошанд.

Ва рӯдҳои Қаводиён тамомат ҷамъ мешаванд ва ба наздики Қаводиён ба дарё меафтад.

Ва оби рӯди Вахшоб аз шаҳрҳое Туркон берун меояд ва нопадид мебошад ва дар зери замин меравад ва дар Вахшоб пайдо мебошад ва аз онҷо ба кӯҳ меравад, то он ҷо ки аз қантара мегузарад. Ва дар ҳеҷ мавзее он оби танг намебошад, ило дар ин ҷойгоҳ. Ва ин Қантара ҳадде аст миёни Хуттал ва Вошҷурд. Пас, аз он водӣ меравад ба ҳудуди Балх то ба Тирмиз, пас аз он меравад то Зам, баъд аз он то Амал, то он ҷо ки ба Хоразм мерасад, ва аз он ҷо ба дарёи Хоразм меафтад.[25]

### *Роҳе, ки аз Сағониён ба Вошҷурд меравад*

Аввал аз Сағониён то Шумон ду манзил.

Ва аз Шумон то Андиён як рӯз.

Ва аз Андиён то Вошҷурд як рӯз.

Ва аз Вошҷурд то Айлоқ як рӯз.

[25] Ҳамон, саҳ. 318.

Ва аз Айлоқ то Дарбанд як рӯз.

Ва аз Дарбанд то Ҷовкон як рӯз.

Ва аз Ҷовкон то қалъа ду рӯз. Ва қалъа аз тавобеъ ва аъмоли Рошт аст.

Ва аз Сағониён то Босанд ду рӯз.

Ва аз Сағониён то Зайнур як манзил.

Ва аз Сағониён то Буроб як манзил.

Ва аз Сағониён то Регдашт шаш фарсанг, ва чун ба қадри ду фарсанг аз Буроб мегузарад, роҳ наздик ва ҷодаи ин диёр мушоҳида меафтад ва он роҳ меравад, то ба Регдашт ва аз роҳи Регдашт се фарсанг аст ва он роҳе аст бар як хатти мустақим то Пороб.

Ва аз Тирмиз то Қаводиён ду манзил.

Ва аз Қаводиён то Сағониён се манзил.[26]

### *Вошҷурд ва Қабодиён*

Риштаи аслии рӯди Ҷайҳун рӯди Ҷарбоб (Ҷарёб) аст, ки аз билоди Вахон дар ҳудуди Бадахшон берун меояд; ва дар ҳудуди Хуттал ва Вахш рӯдҳое бад-он мепайвандад ва рӯди бузурги мазкур ташкил мешавад. Аз ҷумла, ин рӯдҳо рӯди Бохшаво, дар пушти Хурбоб (Ҷарёб) аст, ки наҳри “Ҳулбук” номида мешавад. Ва пас аз он рӯди Бурбон. Ва севум рӯди Форғар, ва чаҳорум рӯди Андиҷороғ, ва панҷум рӯди Вахшоб (рӯди Вахш), ки аз ҳама пуробтар аст, мебошад.

Чаҳор рӯд аз рӯдҳои мазкур наздики Арҳан ба Ҷайҳун мерезанд; ва пас он Вахшоб, наздики ноҳияи Қабодиён (Қавозиён) бад-он мепайвандад.

Он гоҳ рӯдҳои дигаре, ки аз Батам ва соири навоҳӣ ҷорӣ мешаванд, дар он мерезанд. Аз ҷумла, онҳо рӯдҳои Чағониён ва рӯдҳои Қабодиён аст, ки наздики ноҳияи Қабодиён бад-он муттасил мешаванд.

Вахшоб аз билоди Турк сарчашма мегирад ва дар замини Вахш зоҳир мешавад. Он гоҳ аз кӯҳҳо ва сипас аз

---

[26] Ҳамон, саҳ. 372-373.

пуле бузург убур мекунад. Ин рӯд бо он, ки дар фаровонии об беназир аст, дар ин ҷо тангтар мешавад.

Ва пули мазкур марзи Хуттал ва Вошҷурд аст.

Сипас рӯдхонаи Ҷайҳун аз Тирмиз воқеъ дар ҳадди Балх ва Келиф ва Зам ва Омул мегузарад ва ба Хоразм мерасад ва ба дарёчаи Хоразм мерезад.

Аз ин рӯд дар Хуттал ва Тирмез то ноҳияи Зам истифода намекунанд. Аммо дар ноҳияи Зам ва Омул ва Фарбар то Хоразм аз оби он истифода карда, ҳамаи заминҳои худро обод мекунанд.

Нахустин вилоятҳо аз Мовароуннаҳр, ки бар каноран Ҷайҳун аст, Хуттал ва Вахш мебошад. Инҳо агарчи ду вилоят ҳастанд, лекин як амал ба шумор меоянд (Омили он ду як тан аст). Ин ду вилоят миёни Харбоб (Ҷарёб) ва Вахшоб қарор доранд.

Шаҳрҳои Хуттал: Ҳулбук, Мунк, Тамлиёт, Форғар, Ковбунҷ, Андиҷороғ ва деҳаи бузурги Ламнак ва Ҷуз аст.

Шаҳрҳои Вахш: Ҳолвард ва Ловканд аст. Ва Ҳаловард бузургтар аз Ҳулбук аст. Аммо Султон дар Ҳулбук менишинад.

Дар марзи Вахш ва Хуттал, дар ноҳияи Вахон ва шақния воқеъанд, ки Кофаристон мебошанд ва аз онҳо мушак ва барда содир мегардад.

Дар Вахон конҳои мутааддиди нуқра вуҷуд дорад. Дар дараҳои Хуттал тило ва хурдаи тило фаровон ҳаст, ки дар солҳое, ки аз билоди Вахон ҷорӣ мешавад, омехтааст.

Ва фосилаи миёни Вахон ва Тибет андак аст.

Сарзамини Хуттал киштҳо ва меваҳо дорад ва ноҳияе фарохнеъмат ва дорои сатур ва чорпоёни бисёр аст.

Аз Хуттал ва Вахш, ки бигзарем навоҳии Вошҷирд ва Қаводиён (Қавозиён) ва Тирмиз ва Чағониён ва навоҳие, ки дар лобалои инсонҳо қарор дорад. Инҳо вилоятҳое ҷудогона бо эъмоли муҳим ва мардум бисёр аз хосу ом аст.

Аммо Тирмиз шаҳристоне бар синаи Ҷайҳун аст ва куҳандиз ва Рабзӣ дорад. Ин Рабз дар перомуни шаҳр, ва дорои боруе аст. Доруламораи он дар куҳандиз ва зиндон ва масҷиди ҷомеъ ҳар ду дар беруни куҳандиз дар бозори

шаҳристон, ва мусалло (намозгоҳ) дар андарун бовар ва дар Рабз қарор доранд.

Бозорҳо ва биноҳои шаҳр аз гул ва қисмати муаззами кӯчаҳо ва бозорҳо оҷурфарш аст. Ин шаҳристон ободон ва пурҷамъият ва бандаргоҳи навоҳии дигар воқеъ дар соҳили Ҷайҳун аст.

Ва наздиктарин кӯҳҳо бад-ин шаҳр дар як манзиле он, ва оби ошомидании мардум аз Ҷайҳун ва низ аз наҳре аст, ки аз пойини Ҷайҳун ҷараён мекунад.

Ва аз шаҳрҳои он Сармунҷӣ ва Ҳошимҷерд аст.

Қубодиён шаҳристоне аст ва вилояте ба номи Фез дорад. Ва аз Тирмиз бисёр кӯчактар аст. Аз шаҳрҳои он Навдиз аст, ки ин низ аз Қубодиён кӯчактар мебошад. Вошҷурд дорои вазъе монандии Тирмиз аст. Ва Шумон аз он кӯчактар аст.

Аз Вошҷурд ва Шумон то навоҳии наздики Чағониён заъфарон бисёр ба даст меояд ва онро ба соири навоҳии шаҳрҳо мебаранд.

Аз Қубодиён рӯнос ҳосил мешавад, ки миқдори фаровоне аз онро ба Ҳиндустон мебаранд. Ва султон дар он саҳим аст. Ва ағлаб саҳми касеро, ки рӯносро аз замин даровaрда ва омода кардааст, низ тақсим мекунанд ва султон онро мехарад ва ҳама мутааллиқ ба вай мешавад.[27]

Роҳи Чағониён ба Хуттал бад-ин шарҳ аст:

Аз Чағониён ба ҷониби Вошҷурд то Шумон ду манзил.

Ва аз он ҷо то Андиён як рӯз.

Ва аз он ҷо то Вошҷурд як рӯз.

Ва аз он ҷо то Эйлоқ як рӯз.

Ва аз он ҷо то Дарбанд як рӯз.

Ва аз он ҷо то Ховкон як рӯз.

Ва аз он ҷо то Қалъа, ки ҷузъи Рошт аст, ду манзил аст.

Ва аз Чағониён то Босанд ду манзил.

Ва низ аз Чағониён то Буроб як манзил.

---

[27] Ибни Ҳавқал, сураи Ал-арз, тарҷумаи Ҷаъфар Шиор. Теҳрон, Бунёди фарҳанги Эрон, 1345, саҳ. 203-205.

Ва то Регар шаш фарсах аст, ва ин роҳ аз Буроб аст. Ва ҳамин Буроб дар ду фарсахии роҳ қарор дорад ва пас аз он аз Регар мегузарад. Ва дар се фарсангии он самт воқеъ аст.

Аз Тирмиз то Қабодиён (Қаводиён) ду манзил.

Ва аз он ҷо то Чағониён се манзил аст.

Аз Вошҷурд то Пули Сангӣ як рӯз аст.[28]

Роҳи Балх то Марвалрӯд дувоздаҳ рӯз ва аз Балх то рӯди Ҷайҳун аз роҳи Тирмиз ду рӯз ва аз Балх то Андароб (Андроба) нуҳ манзил, ва аз Балх то Бомиён даҳ манзил ва аз он ҷо то Ғазна наздики ҳашт манзил, ва аз Балх то Бадахшон сездаҳ манзил ва аз Балх то рӯдхона бар тариқи Хуттал ва убур аз Работ Мила мутааллиқ ба Абулҳасан Муҳаммад ибни Ҳасан моҳ Раҳматулло се манзил ҳаст.

Ин мард аз некӯкортарин мардум ва пешқадамон дар Хейрот буд. Ва ин Работ ба вай мутааллиқ аст, ки Работ бисёр хубу судманд аст, зеро дар ҷое қарор дорад, ки мардум бад-он сахт ниёзманданд ва паноҳгоҳи эшон ба ҳангоми тарсу ваҳшат ва рӯ овардани душман ва боридани барф ва эҳтимоли хатари ҷонӣ аст. Ва бас баланд ва устувор ва дорои хонаҳои васеъ аст то он ҷо, ки барои иқомат беш аз як лашкар кифоят кунад ва подшоҳӣ бо сипоҳи худ тавонад дар он фурӯд ояд.

Ин мардро дар Мовароуннаҳр ва Хуросон работҳое беҳтар аз ин аст, аз ҷумла, работе ки дар Қавозиён (Қабодиён) сохтааст. Ва низ аз беҳтарини онҳо работҳои Тирмиз аст, ки дар онҳо вазифа ва муқаррарӣ барои мусофирон ва нафақаи мастурӣ барои сокинони онҳо аз фақеҳон ва толибони дониш таъйин кардааст ва низ бемористоне дар Тирмиз сохта.[29]

Миёни рӯди чаҳорум ва панҷуми шаҳрҳои Тамлиёт, Ҳулбук, Вошҷурд, Шумон, Сағониён (Чағониён), Сармунҷӣ, Ҷарманқон ва Қавозиён (Қабодиён) қарор дорад. Ва аз рӯди панҷум дар наздикии Шумон шуъбае ҷудо шуда, сипас ба ҳамон рӯд бозмегардад, ва миёни шуъба ва рӯди аслӣ иборат

---

28 Ҳамон, саҳ. 243-244.
29 Ҳамон, саҳ. 187.

“ҳазо ал-билод алти ҳи Лухшоб” (инҳо сарзаминҳои мутааллиқ ба Вахшоб аст) дида мешавад. Калимаи “растоқ” ин рӯдро қатъ кардааст.[30]

### *Аз “Таърихи Байҳақӣ”*

Бо вай низ аҳде ва муқорибате (наздикӣ) бояд. Ҳарчанд бар он эътимод набошад. Ночор карданӣ аст. Ва чун карда омад, навоҳии Балх ва Тахористон ва Чағониён ва Тирмиз ва Қабодиён ва Хатлон ба мардум оканда бояд кард, ки ҳар куҷо холӣ ёфт ва фурсат дид ғорат кунад ва фурӯ кӯбад. (…)

Ва дигар рӯз Амир мисол дод Хоҷа Бунаср Мишконро то наздики Хоҷа Бузург рӯд то тадбири аҳд бастани Халифа ва бозгардондани Расул пеш гирифта ояд.

Бунаср ба девони вазорат рафт ва холӣ карданд ва Расулро он ҷо хонданд. Ва бисёр сухан рафт то он чи ниҳоданӣ буд, бинҳоданд, ки Амир бар нусхате, ки оварда омадааст, аҳд бандад, бар он шарт ки чун ба Бағдод бозрасад, Амиралмуъминин маншури тоза фиристод (чунонки) Хуросон ва Хоразм ва Нимруз ва Зобулистон ва ҷумла Ҳинду Синд ва Чағониён ва Хатлон ва Қабодиён ва Тирмиз ва Қасдод ва (…) ҷумла то ақабаи Ҳалвон ва Гургон ва Табаристон дар он бошад, ва бо хонони Туркистон мукотибот накунанд.[31]

Ва дар ин вақт чунон афтод аз қазое омада, ки фавҷе туркманони қавӣ ба ҳудуди Тирмиз омаданд ва ба Қабодиён бисёр фасод карданд ва ғорат, ва чаҳорпой ронданд.[32]

Ва Ҳорун Осӣ Махзул месохта буд, ки ба Марв ояд бо лашкари бисёр то Хуросон бигирад. Ва ҳар ду ҷавон бо якдигар бисохтанд ва кор рост карданд бад-он, ки Ҳорун ба Марв ояд ва писарони Алӣ Текин Чағониён ва Тирмиз ғорат кунанд ва аз он ҷо аз роҳи Қубодиён ба Андхуд раванд ва ба Ҳорун пайванданд.

---

[30] Ҳамон, саҳ. 192.

[31] Байҳақӣ, Муҳаммад бен Ҳусейн. Таърихи Байҳақӣ, ба кӯшиши доктор Халил Хатиб Раҳбар. – Теҳрон, 1368, ҷилди 2, саҳ. 443.

[32] Ҳамон, саҳ. 663.

Ва лашкар бояд фиристод магар Балх ба дасти мо бимонад, ки: агар онро мухолифон бастанд, Тирмиз ва Қабодиён ва Тахористон – бишавад.

Амир гуфт: Ҳамчунин бояд кард.

Ва расуле номзад карданд. Ва ин мисолҳоро бидонад ва ҳилатҳо омӯхтанд. Ва бирафт.

Ва вазир дар ниҳон кас фиристод ба Хатлон ва Қабодиён ва Тирмиз то тадбирҳо бикарданд ва киштиҳо бисохтанд ва ба омуи алаф (хӯроки лашкар ва сутурон) гирд карданд.

### *Зикри Қубод ибни Фируз*

Эраҷ писари Гургин аст ва Гургин писари Лод ва Лод писари Гургин ва Гургин писари Таҳмурас ва Таҳмурас писари Қубод ва Қубод писари Баҳман ва Баҳман писари Ардашер ва Ардашер писари Лод ва Лод писари Фируз ва Фируз писари Баҳром ва Баҳром писари Баҳман ва Баҳман писари Нерсӣ ва Нерсӣ писари Қубод ва Қубод писари Лод ва Лод писари Гургин ва Гургин писари Мелод.[33]

Дар он авқот, ки Палош қадам бар маснади салтанат ниҳод, Қубод, ки “некрой” лақаб дошт ба муқтазои ройи савобнамой дар тариқи халофи бародари сулук намуда, пӯшида ва пинҳон ба ҷониби Туркистон ҳаракат фармуд ва дар баладаи Нишопур дар хонаи деҳқонӣ фурӯд омада, духтари ӯро ба ҳаболаи никоҳ даровард. Ва Қубод он Ҷамиларо ҳомила сохта ба падараш супурд, ба сӯи мақсад равон шуд. Ва баъд аз вусул ба Туркистон муддате дар хидмати Хоқон монда, охаруламр подшоҳи туркон сипоҳе гардун тавони мулозими ӯ гардонид то ба Эрон мурочиат намуда, мулкро аз тасарруфи бародар берун овард. Ва Қубод ба суръати барқу бод тайи масофат карда ва чун ба Нишопур расид ва деҳқонро дида аҳвол пурсид. Ҷавоб дод, ки дар чамани комкорӣ ғунчае шукуфта, ки аз шамоими ахлоқи ҳамидааш машоми фарқ аноми муаттар хоҳад гардид ва дар гулшани номдорӣ ниҳоле сар кашида, ки анқариб самараи он коми ҷони хосу омро ширин хоҳад гардонид.

---

33 Амин Аҳмад Розӣ. Тазкираи ҳафт иқлим. Тасҳеҳ, таълифот ва ҳавошии Муҳаммад Ризо Тоҳири Ҳасрат. Теҳрон, Суруш, 1378, ҷилди 1, саҳ. 271.

Ва Қубодро аз истимоъи ин башорат сарвари наҳзат даст дода. Чун фарзанди худро дид, ибтиҳоҷи ӯ мазоаф шуд. Ва он қурра алайн салтанатро Нӯшервон ном ниҳода; дар ҳамон рӯз қосиде аз ҷониби мадоин омад ва хабари фавти Палош ва иттифоқи акобири Аҷамро бар салтанати Қубод арз кард; ва Қубод вуҷуди нав расидаро бар худ муборак дониста.

Мисраъ: *Меҳри дигараш бар сари он меҳр афзуд.*

Рӯй бар Дорулмулк овард. Ва баъд аз вусул ба иттифоқи акобир ва аъён бар авранги подшоҳӣ нишаста, абвоби адлу инсоф бар рӯи рӯзгори сағор ва кабор баргушод ва зимоми саранҷоми умури мулку молро ба дастури маъҳуд дар қабзаи ихтиёри Сухро ниҳод ва Юмо фиюмо эътибор ва иқтидори Сухро самт фазояд, гирифта кор ба ҷое расид, ки гоҳе бе машварат Қубод ба файсали қазоё мепардохт. Ва ин маънӣ бар хотири подшоҳ гарон омада, назди сипаҳбуд, ки аз ҷумла узмо ва умаро буд, аз Сухро шикоят фармуд. Ва Шопур мутакафили дафъи Сухро гашта, рӯзи дигар дар ҳузури Қубод бо вай бунёди дуруштӣ кард. Ва чун Сухро қосиди Иззаи Шопур шуд соири умаро ҷониби сипаҳбуд гирифта, каманде дар гардани Сухро андохтанд. Ва ӯро маҳбус ва муқаййяд карда, ҳам дар он наздикӣ ҳалок сохтанд.

Ва Муҳаммад ибн Ҷарир Ал-табарӣ гӯяд, ки дар авохир ҷаҳонбонии Қубод миёни ӯ ва подшоҳи Яман мухолифат иттифоқ афтод. Ва табъи бародарзодаи худро, ки Шемр ном дошт, бо сесаду бист ҳазор мард ба ҳарби Қубод фиристод. Ва баъд аз талоқии фариқайни мулки Аҷам ба ҷониби Рей гурехт ва Шемр аз ақаб шитофт ва ӯро гирифта, ақди ҳаёташро аз ҳам бигусехт.

Аммо аз сиёқи калом соири муаррихон чунон маълум мешавад, ки Қубод ба аҷали табиӣ даргузаштааст, Аллоҳ Аълам ба ҳақиқат алоаҳвол.

Муддати салтанаташ ба иттифоқи асҳоб чиҳилу се сол буд.[34]

---

[34] Хондамир. Таърихи Ҳабибу-с-сайр фӣ ахбор афрод башар. Муқаддимаи Ҷалолиддин Ҳумоӣ, зери назари Муҳаммад Дабир Сиёқӣ. Теҳрон, Хайём, 1353, ҷилди 1, саҳ. 238-239.

### *Аз “Равзату-с-сафо”*

Хоқон Мансур баъд аз фироғи муҳимми Ҳисор бо тамомии маҳдум зодагони азимат бад-он суб намуданд; аз ҳавои Қабодиён аз ғубор мавокиби Нусрат нишони атрафшон гашта; фармон воҷиб ализъон ба тартиб ҷаср содир шуд. Ва умарои навоҳӣ киштиҳои гузарҳои оби Омуя ҷамъ гардонида, наҷҷорон урдуи Ҳумоюн чанд киштии дигар тарошида дар маъбаре, ки болои об убоҷ бошад, оғози бастани пул карданд ва дар он асно киштиҳо ба мавзеи бастани пул расиданд ва об ба шиддат ҳарчи тамомтар бар киштиҳои ҷаср хӯрда, аксари онҳоро дарҳам шикаст, чунончи аз шаст киштӣ зиёда аз понздаҳ адади солим намонд.[35]

Қундуз ва Бақлон ва Тирмиз ва Ҳисори шодмон ва Қабодиён ва Хатлон ва Бадахшон.[36]

(Номи Қабодиён дар радифи шаҳрҳои иқлими чаҳорум омадааст).

Ин иқлим ба офтоб тааллуқ дорад. Ва дар васати маъмураи олам аст. Ва ин иқлим маъдани анбиё ва авлиё ва ҳукамо ва фузало ва арбоби дин ва давлат ва асҳоби мулк ва миллат буда. Ва акнун ба ғайр аз анбиё мурсалин аз тавоифи мазкур дар ин сарзамин мавҷуд аст. Ва мардуми ин арса халқан ва сура ва сираи афзали афроди башаранд.[37]

… Солус ва Румон ва Моматруича ва Колиф ва Қабодиён ва дар ин иқлим дувисту понздаҳ шаҳри азим аст ва чаҳор ҳазор шаҳри кӯчак ва бисту панҷ кӯҳи бузург аст ва бисту ду наҳри азим бошад.[38]

### *Аз “Ҳабибу-с-сияр”*

Чун Моҳча ривоятест Султони бадеъ аззамон Мирзо аз уфуқи он вилоят тулуъ кард ва ҷиноҳи марҳамат ва отифаташ ба мафориқи сокинони Булдони Тахористон соя густард,

---

[35] Мирхонд, Муҳаммад. Равзату-у-сафо. Теҳрон, Хайём, 1339, ҷилди 7, саҳ. 139-140.

[36] Ҳамон, саҳ. 185.

[37] Ҳамон, саҳ. 443.

[38] Ҳамон, саҳ. 444.

Амир Хусравшоҳ расл ва расоил бо туҳфи шоиста ва тансуқот бояста ба назари Анваршоҳ зода фиристод. Ва изҳори матоваъат ва мухолисат намуд дар мамолики Қундуз ва Бақлон ва Тирмиз ва Ҳисори шодмон ва Қабодиён ва Хатлону Бадахшон хутба ва сиккаро ба номи он ҳазрат тазмин дод.[39]

### *Боғҳои ботаровати Носири Хусрав*[40]

Қабодиён ё Қаводиён, ки бино бар қавли Самъонӣ (дар сурате, ки нусха саҳеҳ бошад) Қарозиён (ё Қавозиён?) ҳам номида мешавад, қария ё қасабаи кӯчаке буд, ки дар рӯи яке аз шохаҳои Ҷайҳун ва дар ноҳияе ба ҳамон исми Қабодиён воқеъ буда.

Қасабаи кӯчаке буд, ки дар рӯи яке аз шохаҳои Ҷайҳун ва дар ноҳияе ба ҳамон исми Қабодиён воқеъ буда. Ва ба қавли Самъонӣ, тафарруҷгоҳи босафое буда. Ва қисмате аз саканаи он аз араби Тамим будааст. Ишороти мутааддиде, ки дар ашъори Ҳаким (Носири Хусрав) ба зиёъ ва аъқори худ ва боғҳои ботароваташ ва деҳқонӣ омада ва мадҳи зиёде, ки дар "Саодатнома" аз деҳқонӣ ва зироат мекунад ва онро ашрафи саноеъ мешумурад ва ишорае, ки дар сатри 7, саҳ. 300 ба қабилаи Тамим дида мешавад, муайяди он тавонад шуд, ки Носири Хусрав яке аз малокини Қубодиён буда ва ба деҳқонӣ ва зироат низ машғул будааст.

Имрӯз низ Қабодиён исми блукест дар ҳамон маҳал дар шимолу шарқии Балх, наздики Тирмиз. Ва низ қарияе ҳамон исми мавҷуд аст. Вале ҳар ду дар моварои Ҷайҳун, дар нақшаҳо дида мешавад.[41]

---

[39] Ғиёсуддин, Ҳабибу-сияр. Ба тасҳеҳи Муҳаммад Дабир Сиёқӣ. Теҳрон, Хайём, 1362, ҷилди 4, саҳ. 250.

[40] Нигоранда сипосгузор аз сарнавишт аст, ки дар бораи рӯзгор ва осори он ниёи бузурги худ рисолае ба чоп расондааст: Пораи Самарқанд. – Теҳрон, 1999/1378; 189 саҳ. (ба хатти форсӣ). Дафтарро "Алҳудо" низ ба табъ расонд: Чаҳор сухан аз Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ. – Теҳрон: Алҳудо, 1382; 37 саҳ. (форсӣ)+34 саҳ. (тоҷикӣ).

[41] Тақизода, Ҳасан. Девони Носири Хусрав. Муқаддима.

### *Рифъатии Қубодиёнӣ*

Аваз Муҳаммадхон Рифъатии Қубодиёнӣ шоири асри 16 мелодӣ, тоҷик.

Асли вай аз Қубодиён буда; ва дар Балх мезиста. Ва дар ҷавонӣ касби дониш карда; ва аз Балх ба Бадахшон рафта; ва дар шаҳри Қундуз низ дониш омӯхта. Ва мавриди таваҷҷуҳи шоҳзода Шоҳрух шуда ва лақаби хонӣ ба ӯ додааст.

Дар ҳадати табъ ва суръати фаҳм имтиёз дошта; ва марде хушхӯй ва ширинсухан буда ва "Рифъатӣ" тахаллус мекарда; ва дар ғазал устод будааст.[42]

### *Аз "Миръот-ал-Булдон"*

Ҷайҳун наҳри қаттоле аст ва ҷӣ бисёр кам аст, ки наҷот биёбад ғариқ дар он…

Ҷайҳун маъруф аст ба "Ҷарёб". Ва хориҷ мешавад аз билоди Вахон дар ҳудуди Бадахшон, пас муҷтамаъ мешавад ба сӯи ӯ наҳрҳое чанд дар ҳудуди Хуттал ва Вахш. Аз иҷтимоъи ин наҳрҳо рӯде азим мегардад.

Ва панҷум наҳр Вахшоб ва ин наҳри азим аз соири анҳор аст ва муҷтамаъ мешаванд ин ободиҳо дар ҷониби арҳан, он гоҳ муҷтамаъ мешаванд бо наҳри Вахшоб дар ҷониби Қавозиён. Ва воқеъ мешавад сӯи ин наҳрҳои муҷтамаъ анҳоре, ки хориҷ мешавад аз батуми баъзе аз онҳо анҳори Сағониён ва анҳори Қавозиён аст. Пас аз он муҷтамаъ мешавад маҷмӯан ва воқеъ мешавад дар Ҷайҳун, ба наздикии Қавозиён.[43]

Қавозиён мадинаест ва шаҳре дорад, ки кӯчактар аз Тирмиз аст. Ва аз барои Қавозиён аз шаҳрҳо Навдиз аст.

Ва Вошҷурд мисли Тирмиз аст, дар бузургӣ ва вусъат.

---

[42] Нафисӣ, Саъид. Таърихи назм ва наср дар Эрон ва дар забони форсӣ, Теҳрон, 1363. ҷилди 1, саҳ. 601.

[43] Эътимод Алсалтана, Муҳаммад Ҳасан, Миръот ал-булдон. Бо тасҳеҳот ва ҳавошӣ ва фаҳорист. Ба кӯшиши Абдулҳусейн Навоӣ, Мирҳошим Муҳаддис. Теҳрон, Донишгоҳи Теҳрон, 1368, ҷилди 4, саҳ. 2320.

Ва Шумон кӯчактар аз Тирмиз аст ва муртафаъ мешавад аз Вошҷурд ва Шумон, то наздики Сағониён, заъфарони бисёре, ки ҳамл карда мешавад ба атроф ва акноф ва муртафаъ мешавад, аз Қавозиён навофеҳи Тайиб ва атриёт ва бӯиҳои хуш.

Ва Сағониён шаҳре аст, бузургтар аз Тирмиз, магар он ки Тирмиз – аҳлу молаш бештар аст. Ва Сағониёнро қалъае аст.[44]

Ал Макдисӣ мегӯяд: Ҷайҳун наҳре аст, ки мешикофад Хоразм ва музофоти онро ва мерезад дар дарёчаи Хоразм ва шаҳрҳои бузург ва мадинаҳои адида Ҷайҳун рост ва муншаъаб мешавад аз он анҳор бисёре ва ба сӯи Ҷайҳун қалб мешавад шаш наҳр.

Аммо шаҳрҳои Ҷайҳун: Ал-Хуттал ва Қавозиён ва Хоразм.[45]

Қавозиён шаҳре аст кӯчак муттасил ба Ҷайҳун ва пайваста ва васл аст хоки он ба хоки Сағониён. Ва миёни Хоразм ва Сағониён шаҳрҳои чанд аст.[46]

Ва аз барои Қаводиён се мадина аст, ки шояд Алаъмора ва обод аст, ки дар хилоли онҳо анҳор ва шуъаб аст, ки қалб карда мешавад дар Ҷайҳун ва Ҷаббол ва кӯҳистони ин мадоин зиёд аст ба тайибу покиза аст, ва акбар аз онҳо нерост, ки чандон вусъат ва рифъат нест. Масҷиди ҷомеъаш васати бозорҳо ва бар он ҳисоре аст муштамил бар чаҳор дарвоза.

Ва дигаре сакоро, ки наздик ба Ҷаббол аст ва ҷомеъаш дар васати шаҳр аст.

Ва Мадинаи дигар Узах аст, ки бар ҳавли шат аст, ва дар ғояти ободӣ ва назоҳат.

Ва дигаре Бурам, ки дур аз Ҷайҳун аст, васеъ ва пуроб ва сабза ва хубу покиза ва бо анҳори касира ва арзонӣ ва хира ва манфиат аст.

Хуттал шаҳре аст бо вусъате, ки билод ва қарӣ ва қасаба ва тавобеъ бисёр дорад, ки баъзе аз мадани Хутталро бархе

---

[44] Ҳамон, саҳ. 2322.
[45] Ҳамон, саҳ. 2327.
[46] Ҳамон, саҳ. 2333.

нисбат медиҳанд ба Балх ва ин нисбат ба воситаи он аст, ки дар як хат воқеанд, ва ило онҳо дар халафи Ҷайҳун воқеанд ва изофаи Хуттал ба сӯи Ҳайтал воҷибтар аст.[47]

Деҷоруғ шаҳри кӯчаке аст қариб ба Ҷайҳун. Шарбашон аз наҳрҳоест, ки мусабби онҳо шати Ҷайҳун аст.

Ҳаловард ва ин аҷал аз Ҳулбук ва бо вусъати хоку фасҳати маҳал ва касрати фавока аст ва бо неъмат ва хасбу фаровонии комил қарин аст.

Ва Искандар бар Ҷабал воқеъ аст ва дар ғояти иморат ва ниҳоят назоҳат.

Ва Маннак аз Мадоин шаҳрҳои мазкур бузургтар аст. Ва соири мадан аз қароре аст, ки васф кардем.

Ва Тирмиз бузургтар шаҳре аст, бар Ҷайҳун бо назофат ва тайибат.[48]

***Зикри маобир ва шуъби Ҷайҳун*** аз барои ин наҳри маобир касира аст. Он чи маълуми мо шуда, бисту панҷ маъбар савои Хоразмия аст. Аввал онҳо аз ҷониби Хуттали Хатлон аст. Пас аз он Мила, пас Авзаҷ аст, дар ҳадди Қавозиён, пас аз он Кудӣ, пас Тирмиз.[49]

### *Аз Пули Сангӣ то Қабодиён*

“Пули Сангӣ”-и маъруфе, ки рӯи рӯдхонаи Вахшоб вуҷуд дошта, ҳанӯз боқӣ аст. Ибни Руста ва Истахрӣ, ва бисёре аз муаллифони мутааххир навиштаанд, ки: ин пул сари роҳе, ки аз Тамлиёт ба шаҳри Вошҷурд дар Қабодиён мерафт, рӯи рӯди Вахшоб қарор доштааст. Дар шимоли ин пул, ба қавли Ибни Руста, билоди “Камиз” воқеъ аст, ва баъд аз он билоди “Рашт”, дар ҳаволии сарчашмаи Вахшоб қарор дорад.

Пули Сангии мазбур, чунонки Истахрӣ ёд карда, дар маҳалле буд, ки бистари рӯдхона дар миёни дарае танг воқеъ

---

[47] Ҳамон, саҳ. 2334.
[48] Ҳамон, саҳ. 2335.
[49] Ҳамон, саҳ. 2336.

мешуд. Вай гӯяд: дар ҳеҷ ҷое дигар надидаам обе бо ин касрат, аз маконе ба ин тангӣ бигзарад.

*Қазвинӣ* ва муаллифони дигар ҳам назири ин матлабро гуфтаанд.

*Шарафиддин Алии Яздӣ* ин пулро ба исми форсии он: "Пули Сангӣ" номида, ва исми туркии онро "Тошкӯпрук бошад", низ зикр кардааст. Ҷаҳонгардони ахир ҳам мукаррар дар осори худ аз он исм бурдаанд.

Дар Бохтар рӯди Вахш ноҳияест, ки аз самти ҷануб ба рӯди Ҷайҳун маҳдуд аст. Ва аъроб онро "Сағониён" ва эрониён "Чағониён" мегӯянд.

Қисмати ховарии ин ноҳия маъруф аст ба "Қабодиён", мансуб ба шаҳре ба ҳамин ном дар аввали рӯде, ки дар бохтари Вахшоб бо Ҷайҳун талоқӣ мекунад.

*Ибни Ҳавқал*, ки Қабодиёнро "Қавозиён" низ навишта, гӯяд: аз Тирмиз бисёр кӯчактар аст, ва "Фаз" номида мешавад. Ва аз он рӯнос ба даст меояд, ки ба Ҳиндустон содир мегардад.

Рӯди "Қабодиён", ки ин шаҳр дар соҳили он ҷой дорад, рӯде бисёр тӯлонӣ аст.

Дар ин ноҳия, чунонки Мақдисӣ гӯяд, чандин шаҳри муҳим аст, аз он ҷумла: "Авзаҷ", ки шояд ҳамон Айвоҷи имрӯз бошад, ки дар соҳили Ҷайҳуни шимолӣ, болои Тирмиз ва зери Работ Мила дар ҷониби чапи[50] Ҷайҳун қарор дорад. Ёқут ин ноҳияро ба касрат ва фаровонии анвои мева васф кардааст.

Дар қисмати алияи рӯди Қабодиён ва бохтарии Пули Сангӣ шаҳри Воқҷурд воқеъ буд, ки ба гуфтаи Истахрӣ, ба андозаи Тирмиз вусъат дошт. Ва ба масофаи андаке дар ҷануби он қалъаи бузурги Шумон (Ал-Шумон) воқеъ буд.

Дар вилояти атрофи Шумон заъфарон фаровон ҳосил мешуд; ва аз он ҷо ба нуқоти дигар содир мегардид. Мақдисӣ дар бораи Шумон гӯяд: маконе пурҷамъият ва обод ва некӯ аст.

Ёқут дар бораи аҳолии Шумон гӯяд: аҳолии он ҷо саркаш ва бар султони хеш мемурданд.[51]

---

[50] Дурусташ: рост.

[51] Листранҷ, Ҳой, Ҷуғрофиёи таърихии сарзаминҳои хилофати шарқӣ. Тарҷумаи Маҳмуд Ирфон, Теҳрон, илмӣ ва фарҳангӣ, 1337, с.467-468.

## *Роҳи Қубодиён*

*Ҳаким Фаррухии Сиистонӣ* қасидае дорад дар 52 байт "дар мадҳи Фахруддавла Абу Музаффар Аҳмад ибн Муҳаммад волии Чағониён", дар байти 34 зимни қофияи "Қабодиён" омадааст. Чун ин чакома хеле шевост ва маъруф, ба андозае ки устод Расул Ҳодизода достон кардаанд ва устод Зарринкӯб китоб; порае оварданаш муносиб дониста шуд:

*Бо корвони ҳилла бирафтам зи Сиистон,*
*Бо ҳиллаи танида зи дил, бофта зи ҷон,*
*Бо ҳилла бирасем, таркиби ӯ сухан,*
*Бо ҳилла нигоргар, нақши ӯ забон.*
*... Обе, ки дар вилояти ту ҳаме хезад, эй шукуфт,*
*Гӯё зи ҳайбати ту тилисме буд бар он.*
*К-андар фитад ба Ҷайҳун тозад ба боду дам,*
*Ғуррон буд чу тундар тунд андар он миён.*
*То ту ба садри мулк нишастанӣ қубодвор,*
*Ҳаргиз ба роҳи Нахшаб ва роҳи Қубодиён...*

## *Қабодиён*

Қабодиён ном ободӣ аст наздикии Балх.[52]

## *Қабодиён*

Пеш аз ҳама изҳор намудан зарур аст, ки шакли талаффузи имрӯза "Қубодиён" ба тариқи "Қабодиён" омада, ҳамчун унвони яке аз навоҳии ҷумҳурии мо ба расмият дароварда шудааст, ки нодуруст буда, ислоҳ мехоҳад. Агар мо ба сохти таркиби морфологии ин калима диққат кунем, мебинем ки он аз қисматҳои "Қубод", яъне исми хос ва аз он сохтани сифати нисбӣ тавассути "ӣ"-и зададор, яъне "Қубодӣ", ва хусусан бо пасванди ҷамъбандии "ён", калимаи "Қубодиён", ки ба маънии ба Қубод нисбат доштани ин мавзеъ, сохта шудааст. Калимаҳои таърихии *пешдодиён, каёниён, сосониён, сомониён, зартуштиён, маздакиён* ва ғ. аз ин қабил аст. Аз ин

[52] Доъӣ-ул-ислом, Фарҳанги Низом: форсӣ, Теҳрон, 1364, ҷ. 4, с. 99.

рӯ, ин номи хуҷастаи бостонии тоҷикон, ки нишонаи ҳаёти дерини мо буда, аз қаъри асрҳои дури таърихи башарият башорат медиҳад, чӣ дар талаффуз ва дар расмият шакли дурусти он, яъне Қубодиён бояд ҳатман ҳифз карда шавад.

Чунонки мебинем, ин вожа бо номи бунёнгузори сулолаи каёниён Қубод ё Кайқубод пайваст аст. Дар фарҳангҳо ва махсусан дар "Ҷавоҳир ал-ҳуруф" номи асар оварда мешавад, ки калимаи "Қубод" ба тариқи Ғубод, Қувод, Қувват вуҷуд доштааст, вале дертар ҳарфи "ғ" ё худ "к", ки дар алифбои қадимаи мо онҳоро ба унвони "ғайн" ва "коф" мешиносанд, бо ҳарфи "қ", яъне "қоф", бадал шуда, тарзи талаффуз ва навишти "Қубод" ва "Қубодиён" ба вуҷуд омадааст. Маънии луғавии ин калимаро фарҳанги "Бурҳони қотеъ" ба тариқи зайл меоварад: ""Қубод" (Ғубод) ба маънии ибдоъ, ки нав овардан ва нав сохтан ва шеъри нав гуфтан аст. Ва мардуми барҳақро низ гӯянд, яъне дар феъли ҳақ тарафи нақизро нагирад ва ҷониби касеро мулоҳиза накунад ва рӯи бинӣ накунад, ва он чӣ ҳақ аст, ба амал оварад". Ғайр аз ин, дар "Ғиёс-ул-луғот" дорои чунин маънии луғавӣ будани ин калимаро мехонем: "Кайқубод маънии лафзи он одил, барҳақ аст". Инчунин, дар дигар фарҳангҳо Қубод ба маънии маҳбуб ва Кайқубод ба маънии шоҳи маҳбуб, сарвари гиромӣ омадааст".

Маънии истилоҳии калимаи "Қубодиён" дар бештари фарҳангҳо ва осори ҷуғрофӣ ба тариқи зер забт шудааст, "Қубодиён қарияест аз навоҳии Балх, воқеъ дар соҳили яке аз шуъаби рӯди Ҷайҳун. Ва он мавлади Носири Хусрав буд, имрӯз қарияест воқеъ дар шимолу шарқии Балх, наздикии Тирмиз". Ба мавқеъ аст, агар мо ба ифодаи "воқеъ дар соҳили яке аз шуъаби рӯди Ҷайҳун" ва инчунин, ба ифодаи "наздикии Тирмиз" диққат намоем, он гоҳ тамоман рӯшан мегардад, ки "шуъаби Ҷайҳун", яъне дарёи Кофарниҳон, ки ҳоло ҳам аз байни Қубодиён гузашта, ба дарёи Ҷайҳун, яъне Ому, мерезад. Ва инчунин, дар мавриди ифодаи "наздикии Тирмиз" ҳаминро бояд ёдовар шуд, ки Қубодиён ва Тирмизро кӯҳчаи Боботоғ аз ҳам ҷудо мекунад, вагарна ин ҳар ду ба ҳам пайвастанд. Валекин баъзе шарқшиносон ҳангоми муайян намудани

зодгоҳи шоир, донишманд ва файласуфи машҳури асри 11-и халқи тоҷик Носири Хусрави Қубодиёнӣ диёри то ба ҳол маълум ва машҳурро, ки дар канори Кайкӯҳ ва “шуъаби” рӯди “Ҷайҳун” ва наздикии “Тирмиз” воқеъбударо сарфи назар карда, дар кадом як ҷои дигаре аз пайи ҷустуҷӯи Қубодиён буданашон ба назари мо кӯшише бесамар менамояд.

Азбаски унвони ин диёрамон бо номи шахси то андозае таърихии Қубод вобаста аст, ба таври кӯтоҳ аз назари гузаронидани шахсият ва маърифати ин сиёсатмадори рӯзгори пешин зарурат пайдо мекунад”.

Донишманди бузурги нобиғаи асри 11 Абурайҳони Берунӣ дар бораи шоҳаншоҳии Қубод гуфтааст: “Дар китоби Ҳамза ибн Ҳасан Исфаҳонӣ, ки номи онро “Китоби таърихи бузургони фаромӯшшуда” гузошта, ҳарфи дигаре ёфтам. Ва муаллифи он китоб мегӯяд, аз рӯи “Авасто” он ахборро тасҳеҳ карда. Ва ман ин қисматро боз дар ин дафтар (“Осору-л-боқия”) ба ҷиҳати шумо нақл мекунам.

Пас аз ин ҷадвали замон ва давраи ҳукмронии ин ё он шоҳон сулолаҳо оварда мешавад, ки дар он пас аз забти пешдодиён феҳристи мулуки Каёниён қайд мегардад. Чунон ки мебинем, дар ин ҷадвал давраи салтанати Қубод аз рӯи “Авасто”, 2496-2372 нишон дода мешавад.

Яқин аст, ки Қубодиён дар натиҷаи чунин саъю кӯшиш ва тадобири Қубоди каёнӣ бунёд шуда бошад, зеро Тахти Қубод маҳз дар ҳамин мавзеъ ҷойгир шуда, имрӯз ҳам ба унвони “Тахти Қувват” вирди забони қубодиҳои Қубодиён буда, қуллаи он назаргири онҳост. Ғайр аз ин, дар таърих маълум аст, ки қариб ҳазор хонавода дар навоҳии Казбозон ва понсад хонавода дар дараи байни Ҷавонрӯд ва Бобохонии Эрон аз тоифаи Қубоди имрӯза зиндагӣ доранд.

Бино бар ин, сокинони имрӯзаи Қубодиёнро низ тоифаи қубодӣ пиндоштан имконпазир аст.

Илова бар ин, дар “Таърихи Табарӣ” дар бораи ободонӣ ва бунёдкории Қубод дар давраи Сосониён низ сухан меравад “дар ҳудуди Хуттал шоҳи Сосониён Қубод шаҳре бунёд кард, ки он Қубодиён ном дошт”. Вале Балъамӣ илова мекунад, ки ҳамон

Қубодобод дар давраи ӯ ҳамчун “Қубодиён” машҳур ва маъмул аст. Гулшанӣ дар “Таърихи Ҳумоюн” менависад: “Ва нуфузи Қубодиён ва фанои он, ки ёздаҳ фарсанг муттасилтар аст, аз лаби дарёи Сурхон то Айвоҷ канори Ҷайҳун, ҳама ҷо мазореъ ва басотин аст, ҳафтод ҳазор хонавор аст”.

Агар мо Қубоди каёниро таъсискунандаи Қубодиён пиндорем, он гоҳ мо ҳамчунон ворисони Қубод ҳуқуқи комил дорем, ки Қубодиёни Тоҷикистонамонро яке аз он шаҳрҳои бунёдшуда бишморем. Бовар ҳосил кунем, ки пояи умри шаҳристони Қубодиёни ба се ҳазор ва дувист сол дакка хӯрда, он хиштпора ва сафол, ва дигар ранҷи дасти кишти гузаштагонамон бо мурури замон ва ҳаводиси табиӣ ва таърихӣ туъмаи хокшуда аст, бо кӯшиши бостоншиносон ба забон омада, ин гуна андешаҳои олимони адибонро тасдиқ бикунанд.[53]

### *Бекии Қубодиён*

Мамлакати Бухоро ба 28 бекот тақсим шуда, аз ин қарор аст: Нурато, Қарокӯл, Қабоқулӣ, Чаҳорҷӯй, Каркӣ, Бардолиқ, Келиф, Шаҳрисабз, Яккабоғ, Китоб, Хазор, Қаротегин, Бойсун, Ҳисор, Деҳнав, Қӯрғон, Балҷувон, Кӯлоб, Қубодиён, Дарвоз ва Рӯшон.[54]

### *Қубодиёни пешин*

Навоҳии ҷанубии Тоҷикистони кунунӣ, яъне Чағониён ва Хутталон ва Қубодиёни пешин, дар замони Султон Маҳмуд ва ҳам фарзанди ӯ Масъуд ҳам чунон мустақил ва дар амон ва дӯсти Ғазнавиён ва бе ҳеҷ ҳодисаи талхи муҳимми рӯзгор мегузаронад, то ин ки туркманони салҷуқӣ аз Фарорӯд ба ин сӯ омада ва дашти Ховарон ба карру фарр ва ҷанг гурез бо султон Масъуд пардохтанд.[55]

---

[53] Девонақулов Алиқул. Асрори номҳои кишвар, Душанбе, Ирфон, 1989, саҳ. 220-223.

[54] Муқимбой Хоҷӣ Юсуф, Ташкилоти сиёсӣ ва идории Бухоро.

[55] Сайдӣ Маҳдӣ. Тоҷикон ва Тоҷикистон то ҳамлаи муғул.

### *Заъфарони Қубодиён*

Қубодиён аз шаҳрҳои асри сосонӣ аст, ки номи Хусрави Сосонӣ "Қубод"-ро дар лафзи худ дорад.

Муқаддасӣ дар қарни чаҳорум "Қаводиён" ва низ "Шумон"-ро аз шаҳрҳои Чағониён баршумурдааст.

Ба эҳтимоли зиёд, кишти заъфарон дар навоҳии Мовароуннаҳр чун чағониён, Вошгард, Қубодиён ва бархе навоҳии Хуросон баъд аз шикасти Яздигурди севвум ва ақибнишиниҳои эрониён ба ин навоҳӣ ва низ муҳоҷиратҳои марҳалаи гурӯҳҳои бисёре аз онон ба навоҳии Сиистон ва ҳамчунин бархе навоҳии Ҳинд ва аз ҷумла, Кашмир анҷом шудааст.[56]

### *Пистаи Қубодиён*

Носири Хусрав, ки худ аҳли Қубодиён (аз тавобеъи шимолу шарқии Балх) аз навоҳии пистахези Хуросон дар он сӯи Ҷайҳун буда, дар қарни панҷум сареҳан ба ин воқеият ишора кардааст. Ӯ зимни боздид аз шаҳри Тӯс ("Фирдавс"-и кунунӣ) ва бо мушоҳидаи дарахтони парваришёфтаи бисёр дар он ноҳия мегӯяд: "Дар шаҳр дарахти пистаи бисёр буд; дар саройҳо ва мардуми Балх ва Тахористон пиндоранд, ки писта ҷуз бар кӯҳ наравед ва набошад".[57]

### *Дарвозаҳои Мазори Шариф*

Мазори Шариф чаҳор дарвоза доштааст:

1) Шодиён,
2) Балх,
3) Тошқӯрғон,
4) Қубодиён.

Дар маҳалли Қубодиён 250 хонавор тоҷик зиндагӣ мекунад.

---

[56] Абрешимӣ Муҳаммад Ҳасан. Заъфарон зи дер боз то имрӯз. Теҳрон, Амир Кабир, 1383, саҳ. 152-153, 178-179.

[57] Абрешимӣ Муҳаммад Ҳасан. Пистаи Эрон. Шинохти таърихӣ. Теҳрон, Донишгоҳи Теҳрон, 1373, саҳ. 18.

### *Лӯлиён дар Қубодиён*

Солҳои панҷоҳум ҳудуди бист хонаводаи лӯлиён омаданд, дар поёни шаҳр, канори Кофарниҳон ҷой гирифтанд, хонаҳо сохтанд ва муқимӣ шуданд. Хонаҳояшон хуб буд, яъне, ки имконоте муносиб доштаанд.

Чанд соле нагузашт, ки хонаҳоро вайрон карданду рафтанд.

### *Чор ҷӯи биҳиштӣ:*

Яке – об;

Дувум – шир;

Севвум – хамр;

Чаҳорум – асал.

Ва баъзеҳо навиштаанд, ки киноя аз Ҷайҳун ва Сайҳун ва Нилу Фурот.[58]

### *Аз “Мураввиҷу-з-заҳаб”*

“Рӯди Балх, ки “Ҷайҳун” ном дорад, аз чашмаҳо равон мешавад; ва аз Тирмиз ва Исфароин ва дигар билоди Хуросон гузашта ба Хоразм мерасад, ва дар он ҷо риштаҳо аз он муншаъаб мешавад; ва боқимондаи он ба ноҳияи сафолии Хоразм, ба дарёчае мерезад, ки деҳкадаи маъруфи Ҷурҷония бар соҳили он ҷой дорад.

Дар он минтақа бузургтар аз ин дарёча нест. Ва гӯянд дар ҳамаи ҷаҳон дарёчае бузургтар аз он нест, зеро дар тӯли он як моҳ роҳ ва арзи он низ ба ҳамин андоза аст. Ва дар он ҷо киштиронӣ мешавад”.[59]

### *Пули Ҷайҳун*

Султон Маҳмуди Ғазнавӣ дар соли 415-416 бар рӯи Ҷайҳун пул бастааст, ки дар бораи он Гардезӣ хабар додааст (чопи Теҳрон, саҳ. 64).

---

[58] Ғиёсу-л-луғот.

[59] Масъудӣ Абулҳасан. Муруҷ ал-заҳаб ва ал-маодин ал-ҷавоҳир, тарҷумаи Абулқосим Поянда. Теҳрон, Бунгоҳи тарҷума, 1356, с. 96.

Фаррухии Сиистонӣ низ ишорае ба он кардааст. Ин аст тиккае аз қасидаи Фаррухӣ дар мадҳи Ямин Алдувла ва Амин Алмулк Маҳмуд ибни Носириддин:

*Паямбаронро зи он пеш муъҷизот набуд,*
*Ки шоҳ дораду ин сахт рӯшан аст ва аён.*
*Бар оби Ҷайҳун пул бастану гузора шудан,*
*Бузурги муъҷизае бошаду қавӣ бурҳон.*
*Гурӯҳе аз ҳукамо дар ҳадиси Искандар,*
*Ба шак шуданду рафташон сухан ба забон.*
*Ки ӯ зи ҷумлаи пайғамбарони Эзад буд,*
*Худой донад, к-ин рост бувад ё бухтон.*
*Сикандар ин ки к-аз Чин ҳаме фурӯд омад,*
*Бимонда бар лаби Ҷайҳун се моҳи тобистон.*
*Бадон ният, ки бар он равад пул тавонад баст,*
*Ҳаме нишасту дар он кор басти ҷону равон.*
*Ҳазор ҳила фузун кард ва об даст надод,*
*Дар он ҳадис фурӯ монд оҷизу ҳайрон.*
*Мулк ба вақте ки аз оби рӯди Ҷайҳун бувад,*
*Чу осмон, ки мар ӯро падид нест карон.*
*Бар оби Ҷайҳун дар ҳафтае яке пул баст,*
*Чунон ки гуфтӣ, к-аз дер боз бувад чунон.*

### *Айвоҷ*

Деҳест дар Шӯрои деҳаи “Ҷӯра Назаров”-и ноҳияи Шаҳритус, вилояти Қӯрғонтеппа; дар колхози “Айвоҷ” бандар дар соҳили дарёи Ому. То маркази ноҳия 39 км; роҳ асфалтӣ ва шағалпӯш. Аҳолӣ: 2399 нафар (1976), асосан тоҷикон. Айвоҷ дорои мактаби миёна, дармонгоҳ, фарҳангсаро ва ғ. мебошад. Риштаи аслии кишоварзӣ пахтакорӣ; заминҳо аз рӯди Кофарниҳон обёрӣ мешаванд.[60]

Дар фарҳанги “Бурҳони қотеъ” ва “Фарҳанги Нафисӣ” калимаи “Айвоз”, “Айвоза”, “Айваз” вуҷуд дорад, ки ба

[60] Энсиклопедияи советии тоҷик, ҷилди 1, саҳ. 85.

забони паҳлавӣ тааллуқ дошта, ба тарзе “иваз” талаффуз мешавад.

Равоншод А.П.Колпаков дар натиҷаи ковиши атрофи “Тахти Қубод” сиккаеро ёфта, дар он осор “Ориёвайзо”-ро кашф карда, онро ба “Айвоҷ” нисбат додааст, бостоншиноси маъруф М.М.Дяконов тағйири калимаи “Айвоҷ”-ро ба тариқи “Авзаҷ”, “Увзаҷ”, “Увбаҷ” нишон додааст.[61]

### *Гузари Боло*

Гузар, деҳаи дар Шурои рустои “Носири Хусрав”-и ноҳияи Қубодиён, вилояти Қӯрғонтеппа, маҳдудаи колхози ба номи Телман. То маркази Шӯрои русто ва то ноҳия як км, роҳ асфалт шудааст.

Аҳолӣ: 1230 нафар (1978), тоҷикон. Дорои фурӯшгоҳ аст. Риштаи аслии кишоварзӣ пахтакорӣ аст. Заминҳо аз рӯди Кофарниҳон обёрӣ мешаванд.[62]

### *Хишткӯпрук*

Дар даромадгоҳи Қубодиён, аз дасти рост, вақте аз наҳри калон мегузарад, маҳаллае бо номи “Хишткӯпрук” ҷой дорад.

Мегуфтанд, ки номи ин маҳалла аз номи пул гирифта шудааст, пуле ки дар ҳамин маҳал, дар Наҳри Калон будааст. Пуле, ки онро як кампир сохтааст.

Ривоят мекарданд: Пиразане чанд мурғ доштааст. Тухмашро наберааш дар бозор мефурӯхтааст. Ва кампир пули тухмро ҷамъ карда, болои Наҳри Калон пул созондааст, аз хишт.

Нишонаҳои ҷои пул то солҳои панҷоҳум буд. Дар ҳар ду тарафи Наҳр чинор буд. Дар атрофи решаҳои чанорҳо хиштҳои пухтаи сурхранг дида мешуданд. Ҳангоми таъмири Наҳр нишонаҳо гум шуданд. Нишоне аз хиштҳо намонд. Аз чинорҳо яке дар дасти чап боқӣ буд.

Каме болотар аз ҷои пули куҳна пули нав сохтанд.

---

[61] Девонақулов Алиқул. Асрори номҳои кишвар, саҳ. 15-16.

[62] Энсиклопедияи советии тоҷик, ҷилди 2, саҳ. 146.

### *Ёбиз*

Деҳа дар шурои рустои "Носири Хусрав"-и ноҳияи Қубодиёни вилояти Қӯрғонтеппа, маҳдудаи колхози ба номи Телман. Аз Ёбиз то маркази шӯрои русто 500 метр ва то маркази ноҳия як км. Аҳолӣ: 2225 нафар (1978), тоҷикон. Дорои мадрасаи шабонарӯзӣ ва 8-сола аст. Риштаи аслии кишоварзӣ пахтакорӣ. Заминҳо аз рӯди Кофарниҳон обёрӣ мешаванд.[63]

Дар бораи номи "Ёбиз". Шояд "ё" пешванди хитобӣ бошад, ба маънии "Эй" "биз" феъли фармоишӣ аз "бехтан", яъне, "Эй без!" Агар дар назар дошта бошем, ки Ёбиз дар қадим худ шаҳре будааст, дар канори ҷанубии маркази Қубодиён, маънии заминавӣ пайдо мекунад.

Ёбиз ду бахш буд "Ёбизи калон" ва "Ёбизи майда". Маҳалли моро "Ёбизи майда" мегуфтанд. "Рӯбаҳгирон" ва "Деҳгирдӣ" аз маҳаллаҳои "Ёбизи майда" буданд.

### *Деворҳои Қубодиён*

Се девори куҳнаро дидаам.

Яке деворҳои Қумкӯча буд, ки ишора шуд. Ин Қумкӯча аз поёни Қубодиён то болои он мерафтааст; поёнаш аз миёнаи Арабхона мегузашт ва болояш аз миёнаи Гузари Боло. Ин кӯча саропо регпӯш буд, реге ки пой меғӯтид. Девораш гилии баланд, ҷо-ҷо, аз ҷумла, дар Гузари Боло ҳам деворҳо пойбарҷо буданд, аз ҳар ду тараф.

Девори дигар дар ғарб ва ҷануб ва шарқи Қалъаи Мир буд, деворе бисёр баланди гилӣ. Солҳои 1943-44 ин деворҳо буданд, баъд оҳиста-оҳиста гум шуданд.

Ва аммо девори Қанчиға.

Дар тарафи офтоббарои рустои Сорбонқалъа ҷӯе аз боло ба поён мерафт, ки Қанҷиға ном дошт. Ҷӯй бисёр калон буд. Рошҳояш аз сатҳи замин то се метр баландӣ дошт, ҳама пӯшида бо хору шӯрак. Чуқуриаш ҳам аз сатҳи замин ду-се метр буд.

---

[63] Ҳамон, саҳ. 375.

Аз дасти чапи Қанҷиға роҳе мерафт, ки ҳар ду тарафаш девор дошт. Паҳнои роҳ 5-6 метр буд, яъне, ду корвон метавонистанд гузаранд. Девори гилӣ буд, панҷ ё шаш похса дошт; ғафсиаш дар бехаш шояд ду метр. Теғааш ҳам паҳн буд, метавонистем гардем.

Се девор ба Қиёд мерасид; поёнаш аз Сорбонқалъа мегузашт. Деворҳо саросар асосан солим буданд, танҳо баъзе ҷо тиккаҳое аз боло бурида буд. Порае аз он девор солҳои ҳаштодум дар ҳаёти Сайдулло ва Муҳаммадраҳим Муҳаммадаминовҳо мавҷуд буд.

Дар сари Сорбонқалъа дарвоза буд, "Дарвозаи Ҳасан" мегуфтанд. Ҷои дарвоза ҳудудан шаш метр буд. Аз дарун хона ва мазор ва чинорҳо буданд. Хонаҳо баланд ва калон-калон буданд. Дарунашон хору шӯрак дошт, ки мезадем.

Атрофи дарвозаи Ҳасан (аз дохил) боғҳое буд, асосан зардолузор.

Дар гӯшаи боғе Бигардам кампир - бонуи меҳрубоне, ки дӯстам Ниёз бо духтараш издивоҷ кард, зиндагӣ мекард. Мо зиёд мерафтем.

Солҳои шастум ва ҳафтодум ҳамаро ҳамвор карданд. Ҷӯи Қибларо васеъ карданд ва Қанҷиғаро аз миён бурданд. Нишоне аз деворҳо, чордеворҳо намонд. Он ҷӣ солҳои ҳаштодум дидам, дар дарвозаи Ҳасан мазоре буд ва чинори кал.

### *Гулгунхона*

Маҳалле буд, дар дасти рости Наҳри Калон, нарасида ба Қиёд ва Қалъаи Мир.

Лаби Наҳр чинорҳои бузурги қадимӣ дошт аз ҳар ду тараф, бештар аз тарафи чап.

Дар дасти рост вайронаи масҷид ва хонаҳо то солҳои шастум буданд.

### *Гунбадҳои Қубодиён*

Гунбадҳои қадима дар Қубодиён бисёр буданд. Аз онҳое, ки ман медонам, дутоашон дар маркази ноҳия истифода мешуданд:

Яке идораи низомӣ буд; дар ҷанубу ғарбӣ аз Марказ; Самад - бӯлаам аз ҳамон ҷо ба сарбозӣ рафт. Баъдҳо хароб карданд,. Ҳоло дар ҷои он бинои Кумитаи амнияти миллии ноҳия қарор дорад.

Дигаре дар шимолу шарқӣ аз Марказ; дафтари маорифи ноҳия буд; ду тарафи ҷанубу шарқӣ мактаби мо.

Яке дигар дар маҳалли "Сарой", дар лаби Наҳри Калон, дар ҳавлии муаллим Қосимов ҳамчун манзил истифода мешуд.

Дар наздикиҳои хонаи мо аз тарафи чапи Наҳри Калон, дар фосилаи 500 метрӣ, ду бинои қадимаи матрукаи гунбаддор мавҷуд буд. Ҳар ду ҳам гунбадҳои обод дошт.

Моро иҷозат намедоданд, ки ба ин биноҳо наздик шавем, чи ҷои он, ки ба дарунашон дароем!

Яке аз бачаҳои Сорбонқалъа даргузашт. Ба мо гуфтанд, ки вай болои гунбади поёнӣ баромадааст.

Дар мавриди гунбади болоӣ, ки чиноре ҳам дар болосараш буд, дар лаби об, падар мегуфтанд: "Шабе аз Қиёд (Кайқубод) меомадам; аз наздикии гунбад мегузаштам; аз дарун садои базм меомад, аммо чизе нафаҳмидам ва ба роҳам идома додам... Фардо, рӯзона рафтам ва дарун даромадам, дидам, ки ҳарҷо - ҳарҷо, рӯи се кулӯхпора сафолпора аст ва дар рӯи он чандтои пешкили буз. Яъне, ки аҷинаҳо базм доштаанд".

Ҳанӯз ҳам намедонам, ки нақли падарам воқеият дошт ё барои тарсондани мо бофта буданд.

Аз он ҳама гунбадҳо, дар солҳои ҳафтодум танҳо гунбади ҳавлии Қосимов барқарор буд.

### *Куҳнамасҷид*

Ҳаёти бузургеро дар дасти чапи Кофарниҳон "Куҳнамасҷид" мегуфтанд. Дар поёни Куҳнамасҷид осиёб ҳам буд. Тамоми маҳал як ҷони зинда надошт; масҷид ҳам зинда набуд. Танҳо осиёбхона зинда буд.

Шояд ҳафт сол доштам, ки ба ҳамон осиёбхона муштак бурдам; осиёб орд кард ва дар бозгашт, ки шом наздик мешуд,

хонаи апаам Ҷамилабону мондам; дар Ҷоназартеппа. Хобам, ки сахт буд, шаб шолӣ ҳам об додам ва бомдод ба роҳ афтодам.

Дар маҳаллаи Куҳнамасҷид вайронаи масҷиди бостонӣ буд. Масҷидро вайрон ва ҳамвор карданд. Масҷид мори бисёр дошт ва морбача бисёртар. Морбачаҳо ба ҳам печида буданд. Морҳо аз дами каланд гузаштанд, ягон-ягон ҷони худро халос карда тавонистанд. Аммо морбачаҳо … яке ҳам зинда намонд.

Ин андоза мору морбачаро бори аввал медидам.

### *Дарё ва Наҳр*

Қубодиён чаҳор хатти обӣ дошт, акнун сето зинда аст.

Аз тарафи қибла Кофарниҳон ҷорӣ аст, ки ниёзе ба тафсир надорад.

Дигар Наҳри Калон равон аст; аз бағали он Қанчиға мерафт, ки солҳои панҷоҳум аз миён рафт. Аз домани Хоҷа Қозиён Қибла ҷорӣ аст, ки ҳоло ҳам равон аст.

Болотар аз хонаи мо Бандихона буд, ки ҷӯе аз Наҳри Калон ҷудо шуда, ба даруни Бандихона мерафт. Зимистонҳо, ки барфи калон меомад, аз ҷӯй гузашта натавониста, нороҳат хона бармегаштам.

### *Далдал*

Падар мегуфтанд:

Ҳазрати Алӣ (а) ҷанг меояд. Аз ҳар ду тараф кушта мешавад. Танҳо Ҳазрати Алӣ (а) мемонад ва ду ҷодугар. Ин ду ҷодугар кӯҳи Хоҷа Қозиёнро оташ мезананд, худ дар болои кӯҳ даруни тағораи пуроб медароянд. Ҳазрати Алӣ (а) аз поёни риштакӯҳи Хоҷа Қозиён боло меояд. Вай шамшери тилисмӣ дошт. Бо шамшер оташро хомӯш мекунад. То тағораи пуроб расид ва ҳар ду ҷодугарро бо як зарбаи шамшер кушт. Оташ ҳам якбора хомӯш шуд.

## *Номҳо*

Номи ҷойҳо, ҷӯйҳо, заминҳо, мазорҳо, кӯҳҳои Қубодиён ҳам ҷалби таваҷҷуҳ мекунанд, номҳои пурмаънии бостонӣ, бештаринашон тоҷикӣ …

Чанде аз он номҳое, ки дар кӯлбори хотира мондаанд, ин ҷо ёд мешаванд: Арабхона, Алӣ Булбул, Ахча, Айваҷ, Бибимарям, Бештемир, Бешканд, Ҷоназартеппа, Ҷӯи Навдиз, Ҷароилтеппа, Ҷанг Қалъа, Чорбоғ, Даҳгирдӣ, Даҳана, Рӯбагирон, Зиракӣ, Сарой, Сангова, Сайёд, Сорбонқалъа, Шолипоя, Шомиён, Шоҳ (Шох), Шоғарав, Тилотеппа, Ғойиб Ато, Файзобод, Қибла, Қанҷиға, Қӯшачинор, Қиёд (Кайқубод), Пистамазор, Пакла, Тахта Қувват, Тулхор, Ҷидазор, Чаприк, Чармакрон, Чашмаҷон, Хокак, Хишткӯпрук, Хоҷа Қозиён (кӯҳ, гӯристон), Доғӣ, Дандоншикан, Кутмазор, Гузари Боло, Гузари Поён, Гулхона, Гулгунхона, Лӯбиёкор, Лайлакуя, Муллоқара, Минҷоқтеппа, Меростеппа, Миршикор, Майманча, Навкарӣ, Найманча, Ёбизи Майда, Ёбизи Калон, Яккатут, Корез, Кадухона, Карот, Кухнамасҷид, Кулкамбағал, Кайкӯҳ, Какайдӣ.

Дар замони Шуравӣ бисёре аз номҳоро дигар карда буданд, чунончи Ахча ба номи Максим Горкий, Гузари Боло ва Гузари Поён “Ворошилов”, “Чорбоғ”, “Иҷтимоӣ”.

## *Қубодиён, берун аз Қубодиён*

Номи Қубодиён на танҳо дар саҳифаҳои китобҳо дида мешавад, китобҳое ки дар гӯшаву канори дунё, ба забонҳои мухталиф, дар замонҳои пешин ва навин навишта шудаанд; ва навишта мешаванд. Балки дар баргҳои зардшудаи таърих низ мебинем…

Мегӯянд, ки дар Балх маҳалле ҳаст, бо номи “Қубодиён”. Яъне, ки Балхи Бомӣ дарвозае дорад бо ҳамин ном.

Монанди ин ки Бухоро дарвозаи “Самарқанд”-ро дорад ва Самарқанд дарвозаи “Бухоро”-ро. Дарвозаи “Тошканд” дар Самарқанди имрӯз ҳам ҳаст.

Мегӯянд, ки дар Душанбе ҳам кӯчае бо номи “Қубодиён” ҳаст…

Аммо хиёбони “Қубодиён”-и Теҳронро дидаам. Як сари ин хиёбон ба хиёбони машҳуру маъруфу сарсабзи “Валии Аср” пайваст аст, хиёбоне, ки тӯлаш бештар аз 22 км аст. Сари дигари шарқии хиёбони “Қубодиён” ба бузургроҳи “Мударрис” часпидааст, ки маркази Теҳронро бо шимолаш мепайвандад. “Қубодиён”-и Теҳрон дар канори бузургроҳи “Мирдомод” хобида аст…

Бояд гуфта шавад, ки “Қубодиён” дар Теҳрон танҳо нест. “Самарқанд” ва “Бухоро” ҳам ҳаст, “Хоразм”-у “Зарафшон” ҳам ҳаст. Мегӯянд, ки “Тоҷикистон” ҳам мешавад.

### ***Қумкӯча***

Аз боло-болои Қубодиён то поёнаш кӯчае дароз кашида буд, ки Қумкӯча мегуфтанд.

Воқеан ҳам кӯча сар то поён регзор буд ва кафш гӯр мешуд.

Аз ҳар ду тарафи Қумкӯча девори баланд ва қадима ҳам дароз кашида буд.

### ***Қубодиён холӣ шуд…***

Аз оташи инқилоби болшевикҳо Қубодиён сӯхт; чунон сӯхт, ки холӣ шуд.

Иддаи касире шаҳид шуданд. Аз зиндаҳо бисёриҳо гурехтанд ё ба берун, ё ба даруни мамлакати шӯравӣ.

Чанде аз шахсиятҳои муҳимми қубодиёнӣ, ки худам дидаам ва шинохтам, ё пайванди хешӣ доштем:

1. Абдуллохон Лоҳур рафтанд ва миёни лақайҳо паноҳ бурданд ва солҳои шастум баргаштанд.

2. Хонаводаи падару модари шоир Зиё Абдулло, писари Ҳоҷӣ Қозибек бо ҳамсарашон (духтари Сайид Қутбиддин Мирзо Низом) ба Афғонистон фирор карданд ва дертар баргаштанд. Модари модар дар Мазори Шариф даргузашта ва ҳамон ҷо монданд, барои ҳамеша.

3. Ҷӯрақул Корвон, тағоямон Бешканд рафтанд; дар домани Чашмаҷон маскан гузиданд, ҳамон ҷо макони абад ёфтанд.

4. Падари Мурод Назиров, ҳангоми фирор ба Афғонистон ба таъқиби сарбозони сурх гирифтор гашта, худаш бо як писараш (Ориф) наҷот меёбад, аммо ҳамсараш бо ду писараш (Юсуф ва Мурод) мемонад. Ориф солҳои 80 ба меҳмонӣ омад, модару бародаронашро дид.

5. Сулаймонқул Мерган, ҳамсари Марямхола Амон; Доқӣ рафтанду миёни туркҳо паноҳ бурданд; ҳар ду ҳамон ҷо ба раҳмати Ҳақ пайвастанд. Ҳафт духтар ва як писар: Каримҷон-ако аз онҳо ёдгоранд.

6. Иброҳим Оқсақол аз Гузари Боло буданд. Қӯрғонтеппа рафтанд; ва ҳамон ҷо даргузаштанд. Писари баркамоли эшон ҳастанд.

7. Менглӣ-мироб, Уялӣ рафтанд. Солҳои шаст ба Қубодиён баргаштанд.

8. Ҳасан Паҳлавон.

9. Мӯҳсин Паҳлавон.

10. Шукур Паҳлавон.

11. Акаҷон Паҳлавон, ҳама Шаҳритӯс рафтанд ва мондагор шуданд.

12. Раҷабалӣ аз хешовандони худамон; Қӯшачинор рафтанд ва ҳамон ҷо монданду даргузаштанд.

13. Абдулло Турдиев, Қӯрғонтеппа, аз он ҷо Кӯлоб рафт…

14. Ҷабборбой Шаҳритӯс рафтанд ва монданд. Дар лаби дарё хона доштанд. То замоне, ки худашон буданд, хонаашон мерафтем.

Мегӯянд, ки шаст дарсади тоҷикони Қубодиён ё шаҳид шуданд, ё фирор карданд.

Аҷаб ин аст, ки тоҷикони бумӣ ҳамин ҳоли фирориро дар солҳои баъд ҳам идома доданд, чунончи:

1. Мамадраҳим халифа – ба Курот;
2. Усто Барот - ?;
3. Ҳаким Зарифов – ба Қазоқистон;
4. Маҳдӣ Ғафуров – ба Кофарниҳон;
5. Шодмон Собиров – ба Қумсангир.

### *Соғитарош ва ганҷина*

Солҳои панҷоҳум буд, ки чанд соғитарош бо хонаводаашон ба Қубодиён омаданд ва дар харобаҳои ҷануби шаҳр ҷо гирифтанд.

Маҳал ба маҳал мегаштанд, дарахти бед мехариданд, бурида, гаҳвора ва қошуқ, косаву табақ месохтанд, мефурӯхтанд. Ду дарахти бедро аз мо ҳам бурида, бурда буданд.

Чанде нагузашт, ки давлатманд шуданд, хонаву ҷой, мошину мотор…

Гуфтанд, ки ганҷина ёфтанд аз мағзи девор, зери замин, дар ҳаёт.

Соҳибони қубодиёнӣ гуреза шуданд ва ганҷашон ба касоне расид…

### *Шағолхона*

Қубодиён замоне, чунончи дар аввали асри XX, шаҳре ободу сераҳолӣ ва бекнишин будааст. Сабаби ободии он ин буда, ки дар роҳи бозаргонии Бухоро ва Афғонистону Ҳиндустон (ва аз он тариқ Англия) қарор доштааст.

Ҷои мо, Ёбизи майда канори шаҳр ҳисоб мешудааст. Зичии аҳолӣ то ин андоза буда, ки дар ҷои панҷ ҳавлӣ, яъне панҷ хонавода, танҳо падарам зиндагӣ мекарданд.

Шаҳр то ин андоза хилват шуд, ки шағол хона монду бача кард.

Шабҳои тобистону тирамоҳ мурғон болои дарахти биҳӣ мехобиданд. Шабҳо шағолон ҳамла мекарданд; доду фиғони мурғон падарро бедор мекард ва барои дифоъ берун мерафтанд ва гоҳе шағол мурғеро “ҳалол” ҳам мекард.

Борҳо гург омадааст.

Боре бомдод дидам, ки хареро дар замини вақфи масҷид аз рони росташ гург хӯрдааст, аммо хар зинда буд.

Боре тобистон, дар берун, болои чайло мехобидем. Нимишабӣ доду фарёди падару модар бедорамон кард: гург омадааст, ба гардани гӯсфанде, ки дар ҳеччаи чайло баста буд, даҳан андохтааст ва ҷои дандон мондааст. Ресмонро сахт

баста будаанд, гург ба зудӣ натавонистааст онро канад. Дар кашокаши кӯтоҳмуддат бедор шудаанд.

Шаҳр шағолхона шуда буд.

Падар баъзе касонро бесабаб чорбозоргард намегуфтанд. Яъне, ки он рӯзгор касоне будаанд, ки ҳафтае дар чаҳор бозор, яъне, чаҳор шаҳр, ҳузур пайдо мекардаанд.

### *… Ва нуқтаи поёнӣ*

Бузургмарди сиёсӣ ва фарҳангии асри XX шодравон Бобоҷон Ғафуров корномаи бисёр доштааст, ки яке ин аст …

Тобистони солҳои ҳафтодум ҳамроҳ бо устод Соҳиб Табаров ва чанде аз шогирдонашон: Барот Нозим, Темур Муҳиддинов, Худойназар Асозода Муъминобод - зодгоҳи устод мерафтем. Чанд шабу рӯз дар боғи эшон Ғеш, Чашмаи Нуқра манзил мекардем.

Боре, дар Чашмаи Нуқра будам, ки меҳмоне омад, сарҳанг Абдураҳмонов, аз дӯстони дерини устод Табаров. Вай солҳои сӣ дар Қубодиён адои вазифа мекардааст. Чун донист аз Қубодиёнам, сар хам карду ба фикр фурӯ рафт. Баъд сар бардошту пурсид: тоҷики маҳаллиӣ?

Гуфтам: Ҳа.

Гуфт: Қубодиён аз тоҷики маҳаллӣ холӣ шуда буд… боз будааст…

Аз оқибати ишғоли болшевикҳо кушта шудан ва фирори аҳли Қубодиён хабари бисёр чоп шуд. Ба хусус, пас аз истиқлоли кишвар. Мегӯянд, ҳудуди 60 дарсади аҳли Қубодиён ё берун рафтанд ё аз миён рафтанд. Бештарини онҳо табиист, руҳониён, фарҳангиён, бозаргонон будаанд. Маълум аст, ки Қубодиён дар хатти шоҳроҳи Абрешим қарор дошт.

Яъне: Қубодиён холӣ шуд. Аз онҳое холӣ шуд, ки ҷону мағзи маҳал буданд. Тани беҷон ва мағз ба чӣ кор ояд?..

Солҳои сӣ бо баҳонаи пур кардани Қубодиён муҳоҷири бисёреро аз Фарғона оварданд, дар бахши ҷанубии Қубодиён ҷой карданд, маҳаллаҳои бузурге бо номи “Охунбобоев” ва “Ҳаваскор”. Бештарин сокинони бумии Фарғона тоҷик

ҳастанд, аммо онҳоеро муҳоҷир кардаанд, ки як вожаи тоҷикӣ намедонистанд.

Ин муҳоҷирон батамом кишоварзони саҳрой буданд. Миёнашон як рӯҳонӣ ё аҳли савод ва ё бозаргон дида намешуд. Аммо кори саҳроро хуб медонистанд. Фаврӣ ниҳоли шафтолу шинонданд, ки дар соли дувум мева медиҳад. Аз поёни баҳор то нимаи тобистон "шабдолии арзон" бозорҳоро пур мекард. Забони бозори Қубодиён ҳам дигар шуда буд.

Аз ин иқдом, яъне муҳоҷиркунонии аҳли ӯзбеки Фарғона ба Қубодиён халқае дар шоҳроҳи Абрешим Ӯзбекистон шояд ҳадафе дошт …

Солҳои чиҳилум Бобоҷон Ғафуров аз Қубодиён ба намояндагии Маҷлис вакил интихоб мешавад. Вай воқеиятро бо чашмони худ дид, паёмадашро андешид.

Ва аҳли кӯҳистонро, ки мардуми бекор ҳам буданд ба водии Вахш ва Қубодиён муҳоҷир кунонд.

Ва аз ҳамин роҳ ҳуввияти мо тоҷикон дар Қубодиён аз нав ҷон гирифт.

# БАХШИ ДУВУМ

## ЧЕҲРАҲОЕ ДАР ОЙИНАИ ҚУБОДИЁН

### *Носири Хусрави Қубодиёнӣ*

Бе ҳеҷ шакке, бе ҳеҷ гумоне чеҳраи марказии ин Ойина - ҳамон ҳаким **Носири Хусрав** аст.

Аммо ин чеҳра ин андоза рӯшану партавафшон аст, ки ниёзе ба шарҳу тафсир надорад.

Магар ин ки як сурӯдаи самимонаи номбардори ростинаш - Зиё Абдулло, оварда мешавад, то ҷояш холӣ намонад:

### *Суруши Носири Хусрав*

*Талошам забону замон асту бас,*
*Замину дили одамон асту бас.*

*Замон чун забони касоне бувад,*
*Ки ҳар ошкораш ниҳоне бувад.*

*Замонсоз ғайри забонбоз нест,*
*Забонбоз ғайри замонсоз нест.*

*Замонсоз мирад ба тири замон,*
*Забонбоз мирад ба тири забон.*

*Аз эшон на як халқ дар ваҳшат аст,*
*Фалак ҳам аз ин тӯда дар даҳшат аст.*

*Замин чун дили киштварзон бувад,*
*Асоси ҳама давру даврон бувад,*

*Ҳама заҳри давру замон даркашад,*
*Вале нӯша аз сина берун кашад.*

*Хаёлам, ки ӯ осиёе бувад,*
*Шабу рӯз баҳри касон медавад.*

*Агар бар сараш чарх гардон шавад,*
*Зи паҳлуи ӯ ордборон шавад.*

*Замин монад аз бор, мирад ҳама,*
*Ки дил монад аз кор, мирад ҳама.*

*Вале ин гирифтагулӯҳои ман,*
*Садое надоранд дар анҷуман ...*

*Гирифтагулӯҳои чархи кӯҳан,*
*Гулӯи шумо шуд гулӯгоҳи ман.*

*Ба ҷои шумо ман садо дардиҳам,*
*Кафи по ба фарқи замонҳо ниҳам.*

*Ба Юмгон на аз дасти девон шудам,*
*Барои шумо ман ба Юмгон шудам,*

*Ки оё садоям равад дуртар,*
*Расад то ба гӯши замонҳои кар?!...*

*Чу дунё саропой нисён бувад,*
*Хуш аст умр, агар роят исён бувад.*

### ***Зодгоҳи Носири Хусрав***

Дар бораи зодгоҳи Ҳаким Носири Қубодиёнӣ асосан ду ақида мавҷуд аст:

1) канори рости дарёи Ому,
2) канори чапи ҳамин дарё.

Бисёре аз донишмандони таърихи адабиёт бар ин фикранд, ки Ҳаким дар ноҳияи Қубодиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Вале чанде аз пажӯҳишгарони афғонистонӣ чунин мепиндоранд, ки зодгоҳи вай – канори чапи Омуст, яъне Афғонистони кунунӣ.

Дуруст иддаое ҳам ҳаст. Китобе дар Ишқобод чоп шуда буд бо номи "Туркман шаҳирлари". Он ҷо гуфта шуда, Носири Хусрав дар Марв ба дунё омадааст, бино бар ин шоири туркман ба шумор меояд. Албатта, ки ин гап кирои гуфтугӯ намекунад.

Дарвоқеъ ҳам аз Қубодиён хабар ҳаст: - яке - ноҳияе дар ҷануби ғарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигаре - маҳалле дар канори Балх.

Аз ин ду Қубодиён кадоме дар осори таърихӣ ва географӣ ёд шудааст? Метавон китобҳоеро саҳифагардон кард.

1. "*Хутал дар миёни рӯди Вахшоб ва рӯди Бадахшон мабнӣ (бино ёфта) ва мавзуъ (вазъ гардида) аст. Ва онро Ҷарёб хонданд. Ва дар хилол ва миёнаи он рӯдҳои бисёр ҳаст, ки тамомати рӯдҳо ба наздики Қуводиён пеш аз он ки ба Тирмиз расанд, бо якдигар ҷамъ мешаванд. Ва як рӯди бузургу саҳмнок мебошад ...*".

(Истахрӣ, садаи 3/9. Мамолик ва масолик).

2. *"Риштаи аслии рӯди Ҷайҳун рӯди Харбоб (Ҷарёб) аст, ки аз билоди Вахон дар ҳудуди Бадахшон бадон мепайвандад ва рӯди бузурги мазкур ташкил мешавад. Аз ҷумлаи он рӯдҳо - рӯди Бахшуво дар пушти Харбоб (Ҷарёб) аст, ки "Наҳри Ҳулбук" номида мешавад. Ва пас аз он - рӯди Барбон. Ва севум - рӯди Форғар. Ва чаҳорум - рӯди Андиҷороғ. Ва панҷум - рӯди Вахшоб (рӯди Вахш), ки аз ҳама пуробтар аст, мебошад*".

(Ибни Ҳавқал, асри 4/10. Сурату-л-арз).

3. *"Бо вай низ аҳде ва муқорибате бояд. Ҳарчанд бар вай эътимоде набошад. Ночор карданӣ аст. Ва чун карда омад, навоҳии Балху Тахористон ва Чағониён ва Тирмизу*

*Қабодиён ва Хатлон ба мардуми оганда бояд кард, ки ҳар куҷо ёфт ва фурсат дид, ғорат кунад ва фуру кӯбад”.*

*[...] Ва дар ин вақт чунин афтод аз қазо омада, ки фавҷе туркманони қавӣ ба ҳудуди Тирмиз омаданд ва ба Қубодиён бисёр фасод карданд ва чаҳорпой ронданд.*

(Байҳақӣ Дабир, садаи 5/11. Таърихи Байҳақӣ).

4. *“Подшоҳии Кайқубод сад сол буд. Ва ба дигар ривоят бисту шаш сол гӯянд. [...] Баъд аз он Кайқубод ба Абдулшамс - Малики араб ва Хумайр Оли Қаҳтон ҳарб афтод. Ва бар охир сулҳ карданд. Ва боз ба замини Ҳаётала рафт аз он рӯи Ҷайҳун. Ва бо Висо ӯро ҳарб афтод, ки дар он вақт Афросиёб ба Рум буд ба ҳарб. Ва Кайқубод пирӯзӣ ёфт.*

*Бар канори Ҷайҳун шаҳре бино кард “Қубодиён” хонанд. Ва акнун “Қаводиён” хонанд”.*

(Маҷмалу-т-таворих ва ал-қасас, таълиф 520/).

5. *“Қубодиён - аз навоҳии Балх аст”.*

(Ёқут, садаҳои 6/12-7/13. Муъҷаму-л-булдон).

6. *“(Қубодиён) ҷое хушу хуррам аст. Яке аз шохаҳои Ҷайҳун аз миёни он мегузарад, ки “Ромил” [“Ромит” акнун “Кофарниҳон”] номида мешавад. Ва оби он гуворотарин ва зулолтарини обҳост. Ва ҳамчунин чашмаи машҳуре дорад [ки мардум “Чашмаҷон” мегӯянд]”.*

(Самъонӣ, садаи 6/12, Ал-Ансоб).

7. *“Қубодиён ё Қуводиён, ки бино бар қавли Самъонӣ, [дар сурате нусха саҳеҳ бошад] “Қурозиён” [ё Қувозиён?] ҳам номида мешуд, қария ё қасабаи кӯчаке буд, ки дар рӯи яке аз шохаҳои Ҷайҳун ва дар ноҳияе ба ҳамон исми “Қубодиён” воқеъ буда. Ва ба қавли Самъонӣ, тафарруҷгоҳи босафое буда ва оби ширину гуворое дошта ва дорои боғҳои қашанги зиёде пур аз сарв ва дарахтони босафо буда. Ва қисмате аз саканаи он аз араби Тамим будааст. Ишороти мутааддиде, ки дар ашъори ҳаким [Носири Хусрав] ба зиёъ ва иқори худ ва боғҳои ботароваташ ва деҳқонӣ омада ва мадҳи зиёде, ки дар “Саодатнома” аз деҳқонӣ ва зироат мекунад ва онро*

*ашрафи саноеъ мешуморад ва ишорае, ки дар сатри 7 саҳифаи 300 ба қабилаи Тамим дида мешавад муайяди он тавонад шуд, ки Носири Хусрав яке аз моликини Қубодиён буда ва ба деҳқонӣ ва зироат низ иштиғол доштааст.*

*Имрӯз низ Қубодиён - исми блуке аст дар ҳамон маҳал, дар шимоли шарқии Балх, наздики Тирмиз. Ва низ қарияе ба ҳамон исм мавҷуд аст. Вале ҳар ду моварои Ҷайҳун дар нақшаҳо дида мешавад".*

(Ҳасан Тақизода, аз муқаддимаи Девони Носири Хусрав).

Ин ахбор ҳама аз Қубодиён канори рости Ому ҳикоят мекунанд. Ҷуз инҳо бозёфт ва осори бостонӣ низ ҳастанд, ки ҳамон маънӣ таъйид менамоянд, чунончи:

1. **Хазонаи Омударё**. Ганҷинаи камназир дар саргаҳи Ому соли 1878 падид омаданд, ки имрӯз мояи фахри "Музейи Британия" мебошад.

2. **Тахти Қубод.** Акнун ҳам мавҷуд аст бо номи "Тахти Қувват", маҳалле дар резишгоҳи рӯдхонаи Кофарниҳон.

3. **Тахти Сангин.** Осори бузурги бостонӣ дар канори рости Вахш падид омад, ки аз тамаддуни юнонӣ ва бохтарӣ ҳикоят мекунад.

4. **Кайкӯҳ.** Номи кӯҳест дар доманаи Қубодиён.

5. **Теппаи Шох.** Маҳаллест дар доманаи Қубодиён, ки осори бостонӣ ба даст омадааст.

6. **Минҷоқтеппа.** Маҳаллест дар канори рости Кофарниҳон, ки осори бостонӣ ёфт шудааст.

7. **Кайқубодшоҳ.** Шаҳристонест дар шарқи маркази ноҳияи Қубодиён, ки имрӯз то ба Қиёд кӯтоҳ шудааст …

Рӯшан аст, ҳама ҷо сухан аз Қубодиён рафтааст, ки дар резишгоҳи Кофарниҳон - саргаҳи Ому воқеъ буда, имрӯз низ ҳамин номро дорад.

Ин ҳам пӯшида нест, ки Балх боме аз рӯзгорони бостон ободон буда ва Қубодиён ҳам замоне тавобеи он ба шумор меомадааст. Ва шаҳри бузургаш дорои дарвозаҳое буда ва яке аз

онҳо номи “Қубодиён”-ро доштааст, ҳамон тавре ки Самарқанд дарвозаи “Бухоро” ва Бухоро дарвозаи “Самарқанд”-ро доштанд.

Ҳангоме кас дунболи ном меравад, дар сурати мавҷудияти шаҳре бузург ва машҳур гумон аст, нисбати гузар ҳамноми худро гузинад.

Аслан ин баҳс барзиёд аст, чаро ки дар ҳар ду канори Ому аз ҳамон оғоз як халқ - тоҷикон мезистанд ва мезиянд. Чӣ аҳаммияте дорад, ки холе дилкаш дар кадом рӯи хуши чеҳрае падид омадааст?!

### *Ин обу ҳавои Қубодиён …*

Аз гузашти рӯзгор чунон бармеояд, ки фариштаи Қубодиён чандон шеърпарвар набудааст. 991 сол пеш аз ин, модари Қубодиён дард кашиду фарзанди нодире ба дунё овард ва дар мағзи ҷон нигоҳ дошту парвариш кард. Ин навҷавон **Носир** буд ва шоир шуд. Ва аммо хоки Қубодиён зери пои ӯ оташ гирифт ва ӯ ночор дар ғурбату оворагӣ зиндагӣ кард ва дар Бадахшон ҷон супурд.

Айнан ҳамин сарнавишти Носири Хусравро шоири асри 16 Рифъатӣ ҳам такрор кард…

Ду шоири баркамолро сарнавишт аз берун ба Қубодиён овард: Музаффар Султон Шайбонӣ ва дигарӣ Мирзо Ҳайит Саҳбои Вобкандӣ. Вале пойи ин азизон ба хоки Қубодиён расида нарасида, аз обу ҳавои Қубодиён чашида - начашида, фариштаи аҷал аз дунболашон расид ва хунашон рехта гардид.

### *“Музаффар Султон Шайбонӣ”*

Писари кеҳтари Мардалихон ва бародари Абулхайр Султон.

Пас аз кушта шудани бародараш дар с.986 бо бародарони худ ба дашти Қипчоқ рафт ва сипоҳиёни бисёр бо худ бурд. Ва дар с.987 ба хунхоҳии бародар, бо Бузахор Султон ибни Муҳаммад Султон (...) ва бародарони кӯчактар аз худ, тохт ва Самарқандро гирифт ва шонздаҳ рӯз дар Самарқанд ҳукмронӣ кард.

Чун лашкариёни Абдуллохон аз хонақоҳи Урганҷ бозгаштанд, ба ӯ ҳамла бурд. Ва вай аз Самарқанд ба ҷониби

Туркистон рафт. Ва бори дувум, ки Абдуллохон дар навоҳии Тошканд машғули муҳосираи Тоҳир Султон ва Абдулғаффор буд, дар соли 989 бори дигар ба Самарқанд тохт ва онҷоро гирифт ва нуздаҳ рӯз дар он шаҳр фармонравоӣ кард.

Ва чун Исфандиёр Султон бо сипоҳиёни бисёр ба Самарқанд тохт, вай аз шаҳр берун рафт ва ба ҷониби Диззак рафт. Ва дар навоҳии Диззак бо Исфандиёр Султон ҷанг кард ва ба Самарқанд бозгашт.

Вай, зоҳиран дар с. 990 ҳиҷрӣ дар Қубодиён (...) гирифтори лашкариёни ӯзбеки хон шуд. Ва кушта шуд.

Вай, марде шуҷоъ ва бахшанда буда, ва дар ақсоми шеър маҳорат доштааст.

*(Сайид Нафисӣ. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ, ҷ. 1. - Теҳрон, 1363, саҳ. 572-573).*

### *Мирзо Саҳбо*

***Мирзо Ҳайит Саҳбои Вобкандии Бухороӣ*** (1850-1918) - яке аз шоирони равшанфикри тоҷик буд. Амир Абдулаҳадхон, барои ром карданаш унвону мартабаҳои тӯқсабо ва бойро арзонӣ дошт. “Ӯ, ки - ба гуфтаи Мирзо Муллоаҳмад, - шахсе далер буд, айбҳои дарбор ва фасоди дарбориёнро ошкоро ифшо ва интиқод мекард, (...) аз мансабҳои баланд маъзул шуд” ва Амир Олимхон барои гурез аз вай, ҳокими Қубодиён таъйин кард, аммо додарарӯси худ Давронбекро ба дунболаш фиристод, то ба баҳонаи “ҷадид” нобудаш кунад.

Ва Давронбек ин корро фаҷеъона анҷом дод.

Касоне, аз ҷумла падарам, Меглӣ Мироб ва Муҳаммадшоев, ки шоҳидони воқеа будаанд, ҷузъиёт ва тафсилоти фоҷеаро борҳо пурсидаам. Онҳо мегуфтанд: Давронбек, аввали баҳори с.1918, вақти токбурӣ, бо одамонаш ба Қубодиён меояд. Ба шаҳр надаромада, дар маҳалле, ки акнун тобеи колхози “Коммунизм” аст, тоифаи оққуйлиҳоро шӯр меандозад, ки: “Мири шумо Мирзо Саҳбо ҷадид аст, кофир аст, фатвояш ин аст … ҳокими қонунӣ

манам, ҳар кӣ ун кофирро кушад, савоб мегирад!..”. Оққуйлиҳо ба Давронбек ҳамроҳ мешаванд.

Ва мардуми авом бо досу белу каланд, монанди сел ба шаҳр мерезанд; ба дари қалъа мерасанд. Ба мир хабар медиҳанд. Вай пиёз хишова мекардааст, дар Пашшахона.[64] Бо дастони лойолуд, ба дари қалъа ҳозир мешавад. Ҳамон яке аз оққуйлиҳо бо қундоқи каланд ба пешонии Саҳбо мезанад; Вай пуштнокӣ меафтад; бехабарони дигар, бо ҳар чӣ доштанд, мезананд, мекушанд, ваҳшиёна мекушанд.

Дар моҳи августи 1961 (Шаҳревари 1350) дидоре муфассал бо марди рӯшанфикри Қубодиён Ҳабибулло Маҳмадшоев (1905-1985) доштам. Эшон ба таври дақиқ, номи он худобехабаре, ки нахустин бор каланд бардошта ва ба Саҳбо ҳамлавар шудааст, гуфтанд: Тӯрақул оққуйлӣ буд.

Пас аз инқилоб, Тӯрақул бо нафаронаш ба Афғонистон фирор мекунанд. Оққуйлиҳои дигар ҳам пароканда мешаванд.

Давронбек иҷозат намедиҳад, ки Саҳборо дар гӯристон гӯр кунанд: “Вай кофир буд!”. Ин ҷаллод мефармояд, ки Саҳборо дар беруни арк, дар канори роҳ зери хок кунанд. Ва мекунанд…

Ҳар кӣ аз Саҳбо сухан мегуфт, ситоиш мекард: пирамарде ришсафед ва нуронӣ буд, ҳалиму хушсухан буд, шоир буд, гапе сахт ва баланд намегуфт …

Ва мардум, шояд аз ҳамин эҳтиром, “Мир” мегуфтанд, “ҳоким” гуфтани касеро нашунидаам. Ин, ки бо шуғли деҳқонӣ худаш машғул мешудааст, гӯёи рӯшане аст аз шахсияти он мири рӯшанзамир.

Меглӣ-мироб (ки язнаамон - шавҳари Мисқол холаамон буданд) ба такрор мегуфтанд: “Мир одами хуб буданд; баъзе маросимашонро худамон анҷом додем; чанд кас маслиҳат кардему як шаб рафта, гӯрашро боз карда, баровардем; ба кафан печондем; бурда дар Мулло Қаро гӯр кардем …”.

---

[64] Дар канори қалъаи Мир ҳаёте буд, ки Пашшахона мегуфтанд.

Мулло Қаро - гӯристонест дар даромадгоҳи шаҳр, дар канори чапи, дасти чапи Наҳри Қабла.

Аз мардуми Қубодиён борҳо шунидаам, ки солҳои панҷоҳум устод Садриддин Айнӣ ҳамроҳи чанд нафари дигар Қубодиён рафтаанд, аз сарнавишти Саҳбо пурсуҷӯ кардаанд, дар сари мазораш шеърхонӣ кардаанд…

Ташрифи устод Айниро намедонам, аммо ташрифи устод Сотимхон Улуғзода ва Ҷалолхон Икромӣ рост аст. Борҳо устод Улуғзода дар дидорҳо аз чанорҳо ва гунбадҳои Қубодиён пурсидаанд.

Шеъри Саҳбо дар тазкира ва баёзҳо омадааст. Нусхаи дастнависи девонаш дар Тошканд нигаҳдорӣ мешавад. Чанде аз ғазалҳояш ба сурӯд табдил ёфта. Яке аз байтҳои ширинаш ин аст:

*Гуфтам: "Чӣ диҳам? Бӯса диҳӣ". Гуфт ки: "Ҷон деҳ!".*
*Гуфтам: "Бикуш имрӯз!". Маро гуфт: "Пагоҳ чӣ?!".*

Шарифҷон Махдуми Садри Зиё дар бораи Саҳбо гуфтаанд:

*[...] Фазилатдисори ғаюру далер,*
*Ба гуфтору кирдор чун наррашер.*
*Ба нерӯи бозуи он покдин,*
*Дар ин аср но-мад ба рӯи замин.*
*Ба изҳори ҳақ ошкору ниҳон*
*Надорад ҳазар аз кеҳону меҳон.*
*Ба ҳадде ки дар пеши шаҳ з-ин насақ*
*Кунад доимо нашру эълони ҳақ [...]*
*Ба гуфтан тавоно ва санҷида аст,*
*Зи гармиву сардӣ басе дидааст.*
*Гаҳи эҳтиёҷ аст баҳри сахо,*
*Гаҳи имтизоҳ аст, к-они вафо.*
*Ба пои касе гар занад хори неш,*
*Равон оварад марҳам аз ҷони хеш.*
*Гадоро кунад гоҳи базлу навол,*
*Ба доду диҳиш манъ роҳи савол.*

*Ки минои табъаш зи Саҳбои ҷуд.*
*Лаболаб пайи халқ омода буд [...]*
*Бувад шеъри ӯ ҳамчу табъаш равон,*
*Ки ҷузъе ба як лаҳза гуфтан тавон.*
*Чӣ Саҳбо? - ки донои маънипараст,*
*Ки ҷомаш зи Саҳбои маънипараст [...]*
*Бад-ӯ кори ман ҳеч наафтодааст,*
*Ба омад шудӣ роҳ накшодааст.*
*Ҳар он чӣ шунидам ман аз дигарон,*
*Кашидам дар ин ҷо ба шарҳу баён.*
*Ҳамин гуфтаҳое, ки шеъри вай аст,*
*Фараҳбахшу дилхоҳ, мисли май аст.*
*(Тазкори ашъор. - Теҳрон: Суруш, 1380, саҳ. 129-130).*

Садриддин Айнӣ гуфтааст: "Мирзо Саҳбо бей, ки марди фозилу аз олам бохабар, ба адабиёти қадима ва ҷадида воқиф, катби таворих ва сайри салафи солеҳинро мутолиа намуда, аз матбуот ва кутубу расоили тозабаромад бохабар буд".

Мирзо Саҳбо бей ба Бурҳониддин райис, ки мухолифи мактаби нав буд, хитобан гуфт: "Ин мактаб барои атфоли муслимин нафеъ лозим аст; бастани ин мактаб дар ислом хиёнат ва дар ҳаққи авлоди муслимин ҷиноят аст. Умед мекунам, ки ҷаноби шумо ба ин кор ҷасорат ва иқдом нанамояд". Райис гуфт: "Шумо намедонед, тадохул накунед!". Мирзо Саҳбо бей гуфт: "Чизеро ки ман медонам, падари шумо намедонистанд. Агарчи шумо аз ҷумлаи уламо ва ман аз зумраи сипоҳиам, дар ин боб ман аз шумо донотарам".

*(Садриддин Айнӣ. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро, - Теҳрон: Суруш, 1381, саҳ. 37).*

***

*Қубодиён имрӯз фарзандоне дорад ва бо онҳо меболад; фарзандоне, ки номи ин гӯшаи бостонии тоҷикзаминро машҳуртару маъруфтар мекунанд – шоирон, нависандагон, пажӯҳишгарон, донишмандон, сиёсатмадорон ...*

**_Сарҳанг Раҷабалӣ Ҷалилов_**

Муҳимтарин шахсияти сиёсии Қубодиён ҳастанд.

Аслан гузариболоӣ, дар 1905 ба дунё омадаанд; падарашон Ҷалил чармгар буда, бо ин туҳмат, ки "корхонаи чармгарӣ дорад" нобуд кардаанд, болшевикҳо.

Падарам мегуфтанд: Рӯзе пиёз хишова мекардам, Раҷабалӣ омаду гуфт, ки "Амакӣ, ба фалон (номаш аз ёдам рафтааст) ревком (кумитаи инқилобӣ) саис шудам". Гуфтам, ки ин кор дар шаъни ту муносиб нест, падарат инкора набуд, бобот инкора набуд; агар гапи мана гирӣ, рав хон!"; кораша супурду рафт хонданӣ …

Ҷалилов ба корҳои роҳбарӣ кашида шуданд: дар солҳои 1927-1931 котиби масъули кумитаи иҷроия ва райиси иттифоқи пахтакорони округи Қӯрғонтеппа ва котиби кумитаи ҳизбии ноҳияи Шаҳритӯс будаанд; солҳои 1931-1935 дар Донишгоҳи заҳматкашони Шарқ (шаҳри Маскав) таҳсил кардаанд; солҳои 1935-1937 котиби кумитаи ҳизбии Ҷиликӯл ва Қубодиён (он замон "Микоянобод") буда, дертар вазифаи ҷонишини мудир, мудири шуъбаи Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистонро ифо кардаанд.

Ҳамон солҳо дар Қубодиён мактабе созондаанд, ки нахустин бинои замонавӣ дар ноҳия буд. Он замон "мактаби Молотов" номиданд, аммо мардум "мактаби Ҷалилов" мегуфтанд. Ин мактаб ҳоло ҳам маҳкаму устувор ва фаъол аст.

Солҳои 1937 - 1938 котиби Кумитаи Марказии Ҳизби Камунисти Тоҷикистон интихоб шудаанд, аз ин замон то августи 1941 дар Академияи Илмҳои Тоҷикистон бо корҳои фарҳангӣ шуғл варзидаанд. Дар давраи ҷанги фашистон

вазифаҳои гуногуни раҳбарӣ ва ташкилиро бар уҳда дошта, ки тафсилоташро доктор Ҳасанбой Дӯстов дар "Донишномаи советии тоҷик" (ҷ. 8, саҳ. 445) навиштааст. Пас аз ҷанг, раҳбарии шуъбаи сиёсӣ ва комиссариати ҳарбии ҷумҳуририро бар уҳда доштаанд. Ҳангоме Норакро ба шаҳр табдил доданд ва барои сохтани нерӯгоҳи бузурги барқии Норак тасмим гирифтанд (1961-1962), масъулияти раёсати Кумитаи иҷроияи шаҳрро бар уҳдаи сарҳанг Ҷалилов гузоштанд.

Ҷалилов се навбат (даъватҳои 1-3) ба намояндагии парламенти Иттиҳоди Шуравӣ ва як бор (даъвати 4) намояндаи парламенти Тоҷикистон интихоб шудаанд …

Ҳамроҳ бо Лутфулло Бузургзода маҳал ба маҳал гаштанд ва сурӯдаҳои мардумиро дар бораи Шӯриши Восеъ гирд оварданд, ки он ҳам ба чоп расидааст.

Як духтар (Саодатбону) ва як писар (Ҷаббор) доштанд. Доктор Ҷаббор Ҷалилов ҳуқуқшинос буд, солҳо донишкадаи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро раҳбарӣ карда, дар поёни умри худ (пас аз даргузашти падараш даргузашт), солҳо муовинати Вазорати мактабҳои олиро бар уҳда дошт.

Падар мегуфтанд: соле ду қанор пахтаеро, ки супурда будам, гум шуд. Ба каси дигар гузарондаанд. Ҳамон шабу рӯз Раҷабалӣ омад, хабаргирӣ даромад; гуфтам. Тафтиш кунонд ва пахтаамро ёфта дод.

Раҷабалӣ Ҷалилов давраи бознишастагии худро дар Душанбе сипарӣ мекарданд. Гоҳ-гоҳе ба зиёраташон мерафтем, ҳамроҳ бо раҳматӣ Чорӣ Мирзоев ё Бахтиёр Муртазоев, ё доктор Файзи Нормурод.

Боре барои хостгорӣ ҳам пешандоз кардем. Шоҳзамон Раҳмонов (ҳоло доктори илмҳои филологӣ, профессор) омад, ки "ҷои фалонӣ, барои хостгории духтарашон рафтан лозим …". Мо ҳам пеши сарҳанг рафтем. Иттифоқан, падари духтарро Ҷалилов мешинохтаанд. Ва масъаларо мусбат ҳал карданд…

28 майи 1983, дар синни 78-солагӣ (дар синни падарам) даргузаштанд ва бо иззату икроми тамом дар гӯристони шаҳрӣ дафн карда шуданд. Дар маросими ғусл профессор

Бӯрӣ Нурхонов хизмати бузурге анҷом доданд. Намози ҷаноза пинҳонӣ, дар маҳдудаи Институти тиббии Буалӣ Сино барпо шуд, бо ҳузури ҳафт нафар: мулло, доктор Нурхонов, бародари марҳум Юлдош, набераи домодиашон Фаррухҷон, банда ва ду нафари дигар.

Бародари эшон - Юлдош Ҷалилов имрӯз ҳам дар мактаби миёнаи Рӯдакии Қубодиён дарс медиҳад ва яке аз муаллимони хушном ба шумор меояд.

Шоир Зиё Абдулло дар сӯги шодравон Ҷалилов гуфтаанд:

*Чӣ балоҳое, ки аз сарат бигзашт,*
*Эй бародар, ки хуфтаӣ ором.*
*Бо Ватан тир хӯрдаӣ дар ҷанг,*
*Чун Ватан бозмондаӣ хушном.*

*Ҷисми покат агар ба хок омехт,*
*Мурғи ҷонат валек монад боз.*
*Дар фазои Ватан ба сад ҳасрат,*
*Чун самандар ҳамекунад парвоз.*

*Ман намегӯям: “Алвидои ту”,*
*Алвидое ба зиндаи мурда.*
*Алвидое ба тири ормоне,*
*Бар нишон нею бар замон хӯрда…*

### *Чорӣ Мирзоев*

Низ гузариболоӣ буданд; мактабро як сол баъд аз мо, ҳамроҳи Бахтиёр тамом карданд, дар Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон хонданд; баъд агрономи колхози худамон (ба номи Телман, дар давраи раҳматӣ Шарифзода) шуд; аз он ҷо боло рафт: котиби Кумитаи комсомолии ноҳия интихоб карданд; дар мактаби олии ҳизбии Маскав таҳсил намуданд; дар ноҳияи Ленинград (Муъминобод) котиби дувум, дар ноҳияи Фархор котиби якуми Кумитаи ҳизбӣ буданд; дар поёни умри кӯтоҳи худ раиси колхози “Русия” (ноҳияи Шаҳри Тӯс) буданд; дар 1993 аз сактаи дил даргузаштанд. Инсоне бузург буданд, Худо раҳматашон кунад!

Мо дӯстии самимона доштем.

Аз он замон, ки раёсати Кумитаи комсомолии Шаҳритӯсро бар уҳда доштанд, се маъниро мехоҳам ёддошт кунам:

***Якум.*** Дар баҳоре моро Айвоҷ бурданд ва Омуро нишон доданд. Ҳамон Ому, ки хондаву шунида, сураташро дар нақшаҳо дида, аммо зиндаашро надида будам. Масъала ин аст, ки саросари Ому марзи Шуравӣ ва Афғонистон буд. Нерӯи марзбонӣ касеро наздик шудан намегузошт. Аммо орзу доштам, ки Омуро лоақал як бор бинам, ба обу рангаш даст занам - ҳамон обу реге, ки пири шоирон устод Рӯдакии Самарқандӣ сутуда буд:

*Реги Омуву дуруштӣ роҳи ӯ*
*Зери поям парниён ояд ҳаме.*
*Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯи дӯст*
*Хинги моро то миён ояд ҳаме ...*

Дӯстам Чорихон ин орзуро бароварда карданд. Пешакӣ ба сардори марзбонон занг заданд ва рухсат гирифтанд ва гурӯҳе иборат аз 9 нафар (аз ҷумла, Самад писари тағоям, Нормурод Азизов) равон шудем; Омуро дидем, аз обаш нӯшидем, моҳӣ шикор кардему пухтему хӯрдем. Шояд чандон аз рӯи одоб набошад, аммо наметавон изҳор накард, ки моҳишӯрбое буд, монандаш на пеш буд, на баъд. Ба дег обу сабзавот ва наск андохтанд ва ҷӯшонданд ва се бор моҳӣ андохтанду ҷӯшонданд ва … он шӯрбо набуд, балки мумиё буд.

***Дувум. Тахти Қубод ва Хазонаи Ому.*** Гумон намеравад, тоҷике ин ривоятро нашунида ва таваҷҷуҳ зоҳир накарда бошад …

Дӯсти азизам Чорихон моро ба Тахти Қубод ҳам бурданд. Боз ҳам пешакӣ ба марзбонон занг заданду рухсат гирифтанд.

Дар канори чапи Кофарниҳон, болотар аз резишгоҳаш, маҳалле ҳаст бо номи Тахти Қувват. Номи Шурои ҷамоа ҳам Тахти Қувват буд; солҳои ҳаштодум ба “Худойқулов” иваз карданд (вай райиси колхози “Оқ Олтин” буд ва унвони қаҳрамонӣ дошт).

Дар Чирик аз кӯҳ гузаштем; аз тарафи рост ба чап. Тақрибан аз канори роҳи бостонӣ роҳи наве сохтаанд. Дар ҷое порае аз роҳи бостонӣ нигаҳдорӣ шудааст: роҳе, ки ду корвон метавонад гузарад; санги шахро чунон буридаанд, ки гӯё хамирро бо корд бурида бошанд. Ин диданӣ бағоят ҷаззоб буд.

Ба поёни кӯҳ расидем - ҳамон ҷое, ки ба Ому васл мешавад, дақиқтараш Ому оғоз меёбад: аз рости Кофарниҳон ("Ромит"-и қадима) мепайвандад, аз чап Вахш мерезад, аз боло Панҷ меояд.

Тақрибан 80 метр монда то лаби дарёро ҳамвор кардаанд, дар қадимзамон; бараш ҳам тахминан 40 метр аст. Маълум, ки замоне аморот мавҷуд буда ва акнун танҳо постгоҳи марзбонон ҳаст. Нишони бебаҳси аз дасти инсонҳои давраи қадим - зинапояе аст, ки барои фурӯд омадан ба лаби об, кӯҳро буридаанд.

Зоҳиран ривояти бемории духтари Кайқубод ва шамоли чор дарё бе шамоле нест …

***Севум***. Дар замони шӯравӣ дар ҳар шаҳру ноҳия ва ҷумҳурӣ, идораи ҷамъияти "Дониш" амал мекард ва бо ташвиқи донишҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ машғул буд. Мо ҳам бо ин баҳона гоҳ-гоҳе гашту гузорҳое мекардем, аз ҷумла, Қубодиён меомадем. Ва Чорихон моро саҳро ба саҳро мебурданду мардумро ҷамъ мекарданд, то суҳбате аз адабиёт карда бошем.

Нуктае, ки сабаби овардани ин маънӣ шуд, он аст, ки Чорӣ Мирзоев ҳаргиз ба пеши ҷамъ бо мошин намерафтанд, балки дуродур пиёда мешуданд ва пиёда ба назди одамон мерафтанд, нарму шӯхиомез сухан мегуфтанд.

Зинҳор худнамоӣ намекарданд, эҳтироми одамонро, сарфи назар аз ҷоҳу мартаба, касбу кор, синну солашон дар ғояти камол ба ҷой меоварданд…

Муддате дар Кумитаи марказии Ҳизби камунисти Тоҷикистон машғули кор шуданд. Рӯзе маслиҳат пурсиданд: "мехоҳанд Ленинград (акнун Муъминобод) фиристанд …", гуфтам, ки маслиҳатро бояд аз калонтар пурсид. Ва рафтем

хонаи раҳматӣ Ҷалилов. Он кас хушҳол шуданд: “Бо мардум кор мекунӣ, метавонӣ худатро нишон диҳӣ ...”.

Борҳо Муъминободу Фархор ҳам рафтаам, ба дидорашон расидаам, ба ҷоҳое диданӣ моро бурдаанд - аз ҷумла Чилдухтарон, Шурообод ...

Чорӣ Мирзоев аз ҷумлаи одамони камшуморе буданд, ки нафсро зин карда ва савор шудаанд, ҳамаи ҳастии худро вақфи хизмати мардум кардаанд, бо нияти кор ба нафъи мардум, сарро аз пой намешинохтанд, шабро аз рӯз намедонистанд; вай дар умри кӯтоҳи худ чунон ҳаҷми корро анҷом доданд, ки дигарон дар умри дарози худ натавонистаанд анҷом диҳанд.[65]

### ***Зиё Абдулло***

Дар деҳаи Хишткӯпруки Қубодиён, 10 декабри соли 1948 (дар асл 1949) ба дунё омада, соли 1966 мактаби миёнаи ба номи Рӯдакӣ ва дар 1971 Донишгоҳи омӯзгории Душанберо дар риштаи забону адабиёти тоҷикӣ-форсӣ хатм кардаанд; муддате дар мактаб, пасон дар идораи рӯзномаи “Ҷавонони Тоҷикистон” ва моҳномаи “Садои Шарқ”, дар бахши ташвиқ ва тарғиби Конуни нависандагони Тоҷикистон машғули кор будаанд; аз соли 1991 ба ин сӯ дар дафтари рӯзномаи “Ҷумҳурият” машғул ҳастанд.

Дар донишҷӯӣ шеърашон чоп мешуд. Бино бар шеърҳои нағзу дилпазир, дар сафи шоирони пешгоми муосири тоҷик ҷойи муносибро ишғол намуданд. Соли 1982 китоби якум “Кафи хок” (бо сарсухани Гулназар), соли 1985 китоби дувум “Дарё” (128 саҳ.), соли 1990 китоби дигар “Фуруғ” (128 саҳ.) чопу нашр шуд.

Шеърҳои Зиё ба русӣ, англисӣ, булғорӣ, украинӣ ва чандин забони дигар тарҷума ва чоп шудаанд. Хеле аз осори эшон аз тариқи маҷаллаи “Шеър”, “Ҷаҳони китоб” ва ғ. ... дастраси хонандагони эронӣ шудаанд.

---

65 Рӯзноманигор С. Эрматов китоби носолиме аз номи эшон, пас аз маргашон, чоп кунониданд, ки мавзуи гуфтугӯи ҷудогонаест.

Соли 1984 дар машварати адибони ҷавони шӯравӣ (Маскав) миёни 400 шоир, аз беҳтаринҳо шинохта шуданд, ва тарҷума ва чопи китобашонро ба русӣ тавсия доданд.

Хидмати муҳимми дигари Зиё, пас аз шеър дар фалсафа ва ҷомеашиносӣ зоҳир мегардад. Дар мавзуъҳои муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва фарҳангии замон пайваста мақолаҳо менависанд ва дар ҳалли масъалаҳои доғи фарҳангӣ ва иҷтимоии рӯз кӯмак мерасонанд. Чунин навиштаҳои эшон аз дониши амиқ, андешаи поку дуруст, ҷасорати меҳанпарастона ва эҳсосоти миллатдӯстонаи Зиё гувоҳанд.

Суханронии эшон дар маҷлиси раёсати Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон (баҳори 1988), ки дар чанд рӯзнома бо номи “Зиёиён оё рӯшандиланд?” ва дар шумораи 1 (1989) “Помир” ба забони русӣ чоп шуд, такони аҷибе миёни аҳли маърифати Тоҷикистон дод. Дар поёни ҳазораи дувум ҳам чанд мақолаи арзишманди иҷтимоъӣ ва фарҳангӣ ба чоп расонданд.

Хидмати дигари Зиё барои фарҳанги миллат ва кишвар ин аст, ки хеле шеърҳои шоирони ҷаҳонро ба тоҷикӣ баргардондааст.

Чунончи, бисёре аз ашъори Пабло Нерӯда, Роберт Бернс, Владимир Маяковский, Евгений Евтушенко, Виталий Коротичро тоҷикон дар тарҷумаи ин шоир хондаанд …

Дар Душанбе басар мебаранд.

Падарашонро, падарамон мегуфтанд, ки: “Мо хеш ҳастем”.

(*Донишномаи Шӯравии тоҷик, ҷ. 8, саҳ. 553; Донишномаи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ. 1, саҳ. 466; Дебочаи Гулназар бар “Кафи хок”; моҳномаи “Шеър”, шумораи 8, саҳ. 76-77; Донишномаи адаби форсӣ, ҷ. 1, саҳ. 576*).

**АЗ МУҲАРРИР**: Аз устод Зиё Абдулло осори зиёди назмию насрӣ ба чоп расидааст, ки ба ғайр аз осори мазкур то аввали соли 2024 китобҳои зерин низ ба дасти хонанда расидаанд:

«Лоластон» (седостон, 2003), «Лонаи урёни арвоҳ» (романи манзум, 2003), «Бодгиреҳ» (2006), «Ҷоми Симурғ» (2008) ва «Нигоҳи вожгуна ба чанги воруна» (Шарҳе дар “Шоҳнома”)(2023). Достони «Коргар»-аш ба забони русӣ тарҷума ва дар алоҳидагӣ (1989) чоп шудааст. Муаллифи ҳашт достони устуравӣ-таърихӣ-фалсафӣ – «Коргар»

(1979–1984), «Фариштаҳои орзу» (1983–88), «Дар ҳошияи «Мухаммаси зери теғи Мушфиқӣ» (1984–89), «Лоластон» (1996), «Таҷовузи нур» (1997), «Аноҳиди пиндор» (2002) ва «Гули нур» (2011), «Бимандоз» (Шарҳе дар Гаршоспнома) мебошад.

Хидматҳояш бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон», «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон», Ҷоизаи ба номи А.Лоҳутӣ, «Ифтихорномаи Шурои Олии Тоҷикистон» ва бо «Медали хизмати шоиста» (1998)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон қадршиносӣ гардидааст. Дорандаи диплому ба номи Вилём Шекспири Иттифоқи нависандагони ҷаҳон дар назди Созмони Милали Муттаҳид мебошад.

Ҳоло бошад дар марҳилаи нафақа қарор доранд ва давлати пирӣ меронанд. Умедворем, ки аз кӯлвори маънавии худ барои фарҳангу маънавиёти миллати тоҷик боз ҳам ашъору афкори рангину таъсирпазир эҳдо намоянд ва соябони сари мо – ҷавонон бошанд.

***Бахтиёр Муртазавӣ***

Фарзанди Қосим, набераи Мулло Муртазо, 16 майи соли 1940 дар деҳаи Ёбузи майдаи Қубодиён ба дунё омада, мактаби миёнаи Рӯдакиро хатм карда (давраи панҷум) ва Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро дар риштаи забон ва адабиёти тоҷикӣ-форсӣ дар соли 1963 (давраи ёздаҳум) ба поён расондаанд. Солҳои 1963-1977 дар дафтари рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" (муддатҳо дар маснади сардабирӣ), 1982-1986 дар идораи ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат", 1986-1990 дар моҳномаи "Садои Шарқ" кор кардаанд; солҳое дар Афғонистон адои вазифа намуда; замонест, ки дар "Садои мардум" кор мекунанд. Соли 1983 ба узвияти Иттиҳодияи нависандагон пазируфта шуданд.

Қалами нависандагиро дар рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" тез кардаанд. Ҳунари эшон дар очерк, ҳикоя, қиссаи мустанад (ҳуҷҷатӣ) ошкор шудааст. "Қасидаи бародарӣ" (1975), "Ҷонбохтаи Роҳатӣ" (1975), "Чанор дар

Солони" (1983), "Одами чавҳардор" (1983), "Ҷӯи Навдиз" (1984), "Эҳёи Бешканд" (1984), "Чашмаи офтоб" (1987) аз таълифоти эшон ҳастанд.

"Наҳанги ҷумҳурӣ" - аз ҷумлаи мақолаҳои танқидӣ аст, ки дар саросари Тоҷикистон шуҳрат дорад. Ва ҳанӯз ҳам вирди забонҳост. Як навишта то ба ин андоза ғулғула афканда бошад, ба нудрат иттифоқ меафтад.

Бахтиёр Муртазавӣ қалами тарҷумонӣ низ доранд. "Роҳи каҳкашон" аз Чингиз Айтматов (1965), "Амок" аз Стефан Свейг (1968), "Сурху сиёҳ" аз Стендал (1982), "Сад барги заррин" аз Константин Паустовский (1983) ба тоҷикӣ баргардонидаи эшон ҳастанд.

Муддатҳост, ки нияти навиштани китобе ҷомеъ дар бораи Қубодиёнро доранд. Иншоаллоҳ, ки ин орзу ҷомаи амал пӯшад.

Дар мактаб соле аз ман поёнтар мехонданд. (Дар Донишгоҳ ҳам). Аммо раҳамон яке буд. Аҷаб ин ки: ҳам дарвоқеъ, ҳам дар маҷоз. Аз ҳамин сабаб аксаран ҳамроҳ рафтуомад мекардем. Дар оббозӣ ва баъзе мавзуҳои дигар ҳамроҳӣ доштем. Якҷоя суханбозӣ ва суханковиҳо мекардем - монанди шикастани калимаҳои русӣ дар қолиби арабӣ. Ва дар коғазу қалам ҳам роҳамон яке аст.

Деринатарин дӯстиро бо ҳамин азиз дорам. Бештар аз шаст сол. Шояд аз ҳамон сармастист, ки якдигарро ту мегӯему бо ҳарфи калон менависам …

Бахтиёрро намедонам, аммо ман аз ин дӯстӣ файзҳое бардоштаам. Мағзу қаламро ҳамроҳ чарх мекашидем ва тез мекардем. Чунончи, дар бораи байте ё шеъре баҳс меоростем, маънӣ ва имло, калима ва иборатҳоро муҳокима мекардем. Яке аз онҳое, ки ҳанӯз ҳам дар ёд мондааст, "лаккаҳои абр" аст …

Дар шастумин баҳори дӯстам дар канорашон набудам, аз давлати дидорашон маст нашудам. Дуродур ин шодбоши кӯтоҳро фиристодам:

*Дӯсти азизам, Бахтиёр, дурӯду саломи фаровон!*

*Шастумин соли синни муборакат фархунда ва шаст соли пурбаракати дигар афзуда бод!*

*Муддатҳост, ки зеҳнамро мавзуъи дӯстии мо ва Ту банд карда ва мадори дилам шудааст: мо ва Ту дар як маҳал ба дунё омадем, як мактабро тамом кардем, дар як Донишгоҳ ва як ришта хондем. (Ҳатто корҳое кардем, ки танҳо худат ва худам ва Абдураҳим медонем ва раҳматӣ Зариф медонист). Сабаби бисёр муҳимми дӯстии мо ва Ту, гумон мекунам, ҷуз аз онҳо, ки гуфтам, муштаракоти дигаре ҳам ҳаст: мо ва Ту қаламро асо кардему коғазро - ҷонамоз, миллату кишварро қибла донистем.*

*Мадори дилу давлати ман ин аст, ки Ту аз ман рӯй натофтӣ (ва наметобӣ), дар ҳоле ки баъзе азизон рафтору гуфтору бандаро нафаҳмида (ё фаҳмидан нахоста) фосила гирифтанд.*

*Дуродур Туро табрик мегӯям, диламро доғ мекунаму сахт ба оғӯш мегирам; ба ҳамаи хушбахтоне ки ин рӯзҳо дар канорат ҳастанд, ҳасади ширин мебарам ва табрикашон мегӯям; ҳамаи азизонат, набераҳоятро, ки набераҳо ва абераҳои мананд, шодбош гӯй ва гарм бибӯс (ба ҷои ман).*

*Дӯсти Ту (барои ҳамеша) - Раҳим.*

*Теҳрон, 22.06.2000*

Ҳангоме сиёҳнависи ин дафтар поён ёфт, ба дӯстон фиристода шуд. Шоир Зиё бо камоли диққат нигоҳ карда ва қалам задаанд, ки банда сипосгузор аст. Бахтиёр номае ҳам афзуда ва ҳар чӣ гуфта, росту дуруст гуфтаанд, ки овардани сураташ муносиб тофт:

*Салом, дӯсту бародари арҷмандам Раҳим!*

*Умедворам, ки бо нури чашмони худ дар канори офият ҳастӣ ва Худо кунад, ки доиман сиҳатманд бошӣ ва барои ғановати фарҳанги миллат ҳамин ранг хизмат намоӣ.*

*Китоби пурмазмун, ҷолибу дилчаспи "Ойинаи Қубодиён"-ро бо шавқ мутолиа кардам. Самимона табрик менамоям, хеле хуб ва дилпазир аст! Бовар дорам, ки хосатан, дар Қубодиён ва атрофу акнофи он китоби басе хонданӣ хоҳад шуд, аз даст ба даст гузашта, шерозааш фарсуда хоҳад гашт. Силсилаи номҳои одамони гузаштаро зикр кардӣ, ки басо амали хайре аст. Ва ному насаби онҳоеро*

*ҳам ба ёд овардаӣ, ки як вақт ҳамроҳи мо мехонданд, дар диёрамон буду бош доранд.*

*Лаҳзаҳое, ки банда ин китобро мехондам, худро саропо дар Қубодиён эҳсос мекардам, ҳамон давраҳои бароямон нотакрор ва басо азизро пеши ойинаи хаёлот меовардам.*

*Махсусан, рӯзгори хонадонатон, симоҳои ҷовидонаи падару модарат, лутфу меҳрубониҳои ононро моҳирона офаридаӣ. Ёдгории шоистае хоҳад буд ...*

*Ва аммо баъзе чизҳо берун мондааст. Масалан, таомҳои лазизе, ки модари ғамхорат мепухтанд - тушбера бо райҳони кӯфта, яламаи пиёздоғӣ, ғалминдӣ, мошпалав ... - лаззати ин таомҳо ҳанӯз ҳам аз коми ман нарафтааст.*

*Баъд, як чизи дигар: албатта, инро Ту намедидӣ, вале тасаввур мекардӣ. Ман ба Қубодиён омадани мактубҳоятро дар назар дорам, ки соли аввали таҳсилот дар Донишгоҳ ман онҳоро ба азизонат мехондам. Ба хонаатон омадани ҳар як мактубат гӯё ид мешуд: дар ин лаҳза дарҳол маро даъват менамуданд ва ҳама дар гирди дастурхон ҷамъ меомаданд, ба ғайр аз хоҳарат Салима. Ӯ дар даҳлез нишаста, паёму саломи Туро гӯш мекард. Номаро ман бо овози баланд мехондам. Бо хоҳиши падару модарат (бештар модарат) баъзе ҷойҳои мактубро гаштаву баргашта мехондам. Умуман, нома дубора ва себора хонда мешуд. Ва маросими (ид, ҷашн) номахонӣ бо зиёфат анҷом меёфт, ягон таоми лазизро бо ҳам сарф менамудем. Хурсандӣ ва шодмонии аҳли хонадонатон аз расидани номаи Ту хеле зиёд буд.*

*Ва боз як чизи дигар: ҳамон соли аввали таҳсилот ҳар рӯзи якшанбе дар ҷою соати муайяншуда, ман ҳозир мешудам ва падари бузургворат ҳам бидуни таъхир меомаданд ва пас мо суҳбаткунон ба пушти хона мерафтем, ва соати 4 баъди пешин бо Ту тамос мегирифтем (агар алоқа бошад) ва баъд ба чойхонаи паҳлуи почта рафта, (ҳатман) якто чой менӯшидем, ва сипас ба хона бармегаштем. Ин амаламон ҳам пайваста, ба ҳамин тартиб мегузашт, ҳеҷ кас ҳадде надошт, ки инро халалдор намояд.*

*Ба фикрам, инҳо дар китоб ба ягон шакле бояд оянд.*

*Инҳоянд алҳол фикру мулоҳизаҳои банда дар бораи ин китоби хеле рангину ширин, ки интишор ёфтани онро бесаброна муатталем.*

*Манижабону, Беҳрӯзу Аноҳито ва Вежа, Парисо ва Париё - асалони бобо салому паёмҳои мо бодо!*

*Орзуманди саломатӣ ва барорҳои кор ҳастам.*

*Эҳтиромона - 31.07.2001*

*(Донишномаи шӯравии тоҷик, ҷ. 8, саҳ. 544; Донишномаи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ. 2, саҳ. 328; Донишномаи адаби форсӣ, ҷ. 1, саҳ, 799).*

**АЗ МУҲАРРИР:** Устод Бахтиёр Муртазо аз 1996 то соли 2001 ҳамчун сардабири нашрияи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон «Минбари халқ» (ба замимаҳои русӣ ва ӯзбекии он) буда, ҳоло ҳамчун раиси Шурои очерк ва публитсистикаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон хидмат мекунанд.

Ба ҷуз осори зикрнамудаи муаллиф то имрӯз аз эшон китобҳои «Боғбони гули кӯҳӣ», «Ман чароғ афрӯхтам», «Нақби Истиқлол», «Нӯҳ чинори Балҷувону Баҳманрӯд», «Ҷавпазак», «Хӯшшаҳо аз киштаҳо» ва «Нурофарин» (дар ду ҷилд) ба чоп расидаанд. Асарҳояш ба забонҳои русӣ, ӯзбекӣ, озарбойҷонӣ, эстонӣ ва литвонӣ тарҷумаву нашр шудаанд.

Заҳамоти устод бо нишонҳои Аълочии матбуоти Тоҷикистон, нишони Ситораи сурх, ҷоизаҳои адабии ба номи С.Айнӣ, ба номи А.Лоҳутӣ, унвонҳои Корманди шоистаи Тоҷикистон ва Нависандаи халқии Тоҷикистон (2021) мушарраф шудааст.

## *Ҳабибулло Маҳмадшоев*

*(20 июни 1905/30 хурдоди 1284 - 5 октябри 1985/31 меҳри 1364)*

Хонаашон бо муаллим Мамаҷонов девор ба девор буд; аз тарафи қибла.

Марде шарифи фарҳангӣ буданд. Шояд тавон гуфт: фарҳангитарин аз он насле, ки мо дидаем.

Марде қадбаланди сафедранги кушодачеҳра буданд. Аммо бисёр бомулоҳиза суҳбат мекарданд; сергап набуданд. Аз китобнобудкунӣ бо таассуфи сӯзон гап мезаданд. Мегуфтанд, ки халтаи китобро дар болои дарахт ҳам пинҳон мекарданд; дар гӯрҳои куҳна, дар бехи анор, дар токчаи девори хона …

Борҳо суҳбатҳояшон насиб кардааст, аз ҷумла, дар бораи фоҷеаи Саҳбо.

Шодравон фарзандони баркамол тарбия кардаанд.

### *Эргаш Ямоқов*

Аслан аз колхози "Ленинград" ҳастанд; ноҳияи Шаҳритӯс; мутаваллиди 1930; риштаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм карда, аммо бо илми иқтисод машғул шуданд (дар Донишгоҳ, ба мо аз иқтисоди сиёсӣ дарс додаанд); дараҷаҳои илмӣ ва унвони профессориро (1991) дарёфт кардаанд.

Солҳо дар Донишгоҳи мо, ки албатта Донишгоҳи худашон ҳам ҳаст, дарс додаанд; аз иқтисоди сиёсӣ. Дарсҳояш сабки шӯхиомез буд. Гоҳе мегуфтанд:

- Соати дуи шаб бедорам кунанд, ба се забон дарс мегӯям…

Солҳо муовинатӣ, сипас раёсати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Қандил Ҷӯраеви пойтахтро бар уҳда доштанд.

Аз шогирдони маҳбуби академик Рустамбек Юсуфбеков буданд.

Мо рафтуомади хонаводагӣ доштем. Боре даъват карданд ва хабар доданд, ки муаллим ҳам мешаванд. Юсуфбеков он замон муовини Райиси Шӯрои вазирони Тоҷикистон буданд. Дар суҳбат акаи Эргаш шӯхӣ карданд:

- Муаллим, то кай пиёда мегардем?!

Манзур мошин буд. Он замон мошини "Волга"-ро ҳукумат тақсим мекард.

Муаллим паҳлуи дигаре аз шӯхиро тофтанд:

- "Волга" навбати Раҳим аст …

Аммо муносибати муаллим бо муаллимашон - муносибате шогирдона ва устодона набуд.

Бисёр боло ва самимона буд. Шояд гуфтан тавон: фарзандона ва падарона. Онҳо ҳамдигарро “муаллим” ва “Эргаш” мегуфтанд.

Ин ҳам бояд рамзӣ бошад, ки Эргаш - акои азизи мо, дар охирин соли ҳазораи дувум, дар роҳ ба хонаи устодашон, ба дарди дил гирифтор шуда, пас аз чанде даргузаштанд.

Худо раҳматашон кунад!

### *Сайдулло Амин*

7 декабри 1940 дар Гузари Болои Қубодиён таваллуд ёфта, мактаби миёнаи Рӯдакиро хатм карда; дар сафи артиши шӯравӣ буда, чанд соле дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон хонда; акнун дар зодгоҳ бо занбӯриасалпарварӣ ва боғдорӣ машғул ҳастанд. Худованд ҳофизаи қавӣ додааст. Аз ҷумла ,“Лайлӣ ва Маҷнун”-и Низомӣ ва девони Ҳилолиро азёд кардаанд.

Бештар рубоӣ ва дубайтӣ месароянд.

Ду китоб: “Тахти Қубод” (1984, бо сарсухани Қутбӣ Киром) ва “Тахти сангин” (1990) аз эшон ба чоп расида. Китоби севум дар роҳ аст.

Соҳиби зану фарзанд ҳастанд.

(*Донишномаи адаби форсӣ, 1375, саҳ. 505*).

**АЗ МУҲАРРИР:** Устод Сайдуллоҳ Амини Қубодиёнӣ соли 1999 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шудааст. Аз эшон осори гаронбаҳои манзум ба мерос монда, то авоили соли 2020 ба ҷуз асарҳои нишондодаи муаллиф китобҳои «Таронаҳо», «Рубоиёт ва дубайтиҳо», «Чаҳор ҷӯи мавзун», «Чаҳорбарга», «Роғун», «Тӯмори ишқ», «Ғазалиёти муосири Қубодиён» интишор ёфтаанд.

Сайдуллоҳ Амин баъд аз соҳибистиқлол шудани Ватан тӯли 10 сол ба эҷоди достони манзуми «Спитамон» машғул шуда, асари бебаҳое офарид, ки муборизаи қаҳрамононаи ниёкони моро бар зидди ғасбкориҳои Искандари Мақдунӣ таҷассум менамояд. Достон дар вазни мутақориб эҷод гардида, бештар аз 18 000 байт ва аз

2 ҷилд иборат аст, ки ҷилди аввали он бо муҳарририи шоир Зиё Абдулло ва бо сарсухани Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар, соли 2014 рӯи чоп омадааст. Ҷилди дуюми он низ бо сарсухани устод Зиё Абдулло омода шуда, дар дасти нашриёт аст.

Ҳамчунин, мубоpизаҳои хастанопазири миллати тоҷикро бо роҳбарии Абумуслими Хуросонӣ, ки бар зидди истилогарони араб равона шуда буд, шоир таҳти унвони «Достони Абумуслими соҳибқирон» ба риштаи назм кашидааст. Ин достон беш аз 22 000 байт буда, бо сабаби бемории давомдори муаллиф ва бевафоии умр нотамом мондааст. Устод Сайдуллоҳ Амини Қубодиёнӣ 7.02.2019 дар зодгоҳи худ ба дорулбақо васл гардиданд.

***Раҳим Амин***

Фарзанди Муҳаммадамин; бародари Сайдулло Амин; дар Гузари Болои Қубодиён ба дунё омада; пас аз хатми мактаби миёнаи Рӯдакӣ Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро низ (дар риштаи забону адабиёти форсӣ-тоҷикӣ) ба поён расонда, умрест ки бо кори рӯзноманигорӣ машғул буда, дар дафтари рӯзномаи “Ҷавонони Тоҷикистон” кор мекардаанд. Чанд сол аст, ки дар идораи моҳномаи “Фирӯза” хидмат мегуморанд.

Аз замони донишҷӯӣ шеър мегӯянд; шеърҳояшон дар рӯзнома ва маҷалла ва маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ ба чоп мерасад.

Дар Душанбе, бо зану фарзанд басар мебаранд.

**АЗ МУҲАРРИР:** Раҳим Амин узви Иттифоқи рӯзноманигорони Тоҷикистон буда, дар риштаи публитсистика сабки хоссаи худро дорад. То имрӯз аз эшон ду китоби ашъор бо номҳои «Шаст андар шаст» ва «Меҳвар» рӯи чоп омадааст. Ҳамзамон мавсуф ба тарҷумаи осори адибони хориҷӣ машғул шуда, китоби шоираи ӯзбек Санавбар Алоеваро бо номи «Ёди ёр» тарҷума ва ба нашр расонидааст. Ҳоло бознишаста ва давлати пирӣ меронад.

## *Файзи Нормурод*

Бачаи Сайёд; соле пеш аз поёни ҷанги фашистон, яъне 1944 ба дунё омадаанд; дар канори Хоҷа Машҳад парвариш ёфта, мактаби миёнаи ҳафтуми Сайёдро дар с.1960 ба поён расонданд. Шавқ ба физика доштаанд ва ҳамин шавқ ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон кашондааст; аз он ҷо ба Донишгоҳи давлатии Маскав бурдааст; се сол хонд ва онро ба поён расонд. Кори номзадиро соли 1971 дар Дубна (Маркази таҳқиқоти ҳастаии Маскав) дифоъ карданд, поённомаи докториро дар с.1990 дар Донишгоҳи давлатии Маскав ба марҳилаи дифоъ расонданд. Дар пажӯҳишгоҳи физика ва техникии Умаров (Фарҳангистони улуми Тоҷикистон) машғул шуданд; ҷоизаҳои байналмилалии Академияи улуми Тоҷикистон ва Лаҳистонро дарёфт намудаанд (1990); 1993 унвони профессорӣ доданд. Аз соли 1993 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Қандил Ҷӯраев райиси кафедраи физикаи назарӣ ва ситорашиносиро бар ухда доранд; муддатҳост, ки райиси донишкада ҳам ҳастанд.

Ифтихормандам, ки бо эшон дӯстии самимона дорам ва самимона “Домулло Файз” мегӯям.

Домулло Файз инсоне фозилу донишманде комил ҳастанд, дар нашрияҳои илмии Душанбе, Маскав, Тошканд, Амрико, Япония ва ғ. беш аз 150 мақолаи илмӣ ва китоб ба чоп расондаанд.

## *Шоҳзамон Раҳмонов*

Бачаи Сайёд; соли 1946 ба дунё омада, мактаби “Сайёд”-ро ба поён расонда, Душанбе хонданӣ рафтанд ва дар донишкадаи забону адабиёти тоҷикии Донишгоҳи омӯзгории Қандил Ҷӯраев таҳсил карданд.

Пас, Институти забону адабиёти Рӯдакӣ рафтанд, шогирди устод Шакурӣ шуда, дараҷаҳои илмии номзадӣ ва докториро (дар риштаи адабиёт) дарёфт карданд ва профессор ҳам шуданд.

Риштаи шеършиносиро дунбол карда, китобҳоеро дар ҳамин замина ба чоп расондаанд, аз ҷумла:

1. “Байт ва муносибати он дар шеър” (1980);

2. “Мусаммат: ташаккул ва таҳаввули он” (1987);

3. “Таҳаввули воҳидҳои лирикӣ” (1988);

4. “Айнӣ ва шеър” (1994);

(*Донишномаи адаби форсӣ, ҷ. 1, - Теҳрон, 1375, саҳ. 415*).

**АЗ МУҲАРРИР:** Шоҳзамон Раҳмон фаъолияти илмии худро дар Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакӣ идома дода, бар иловаи китобҳои зикрнамудаи муаллиф асарҳои “Сухане чанд аз лирикаи форсии тоҷикӣ” (1999), “Таҳқиқ ва нақд” (2005), “Бародарони ҷонӣ” (2005), “Се кори муҳим ва бахайри устод Садриддин Айнӣ” (2007), “Маърифати забон” (2008), “Ақидаҳои адабию бадеӣ ва назари эстетикии устод С.Айнӣ” (2008), “Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик” (2010), “Қубодиён: Сарзамини Тӯс ва Рашкиқамар” (2011), “Ҳамаи хубиҳои инсон аз китоб аст” (2013), “Хоҷа Машҳад” (2014), “Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар” (2015), “Шоири тозанафаси адабиёти тоҷик” (2015), “Бародарони эҷодкор ва хоҳараки санъаткор” (2016), “Шаҳритӯс. Ҳавзаи илмию адабӣ ва фарҳангӣ” (2016 бо такмил 2021), “Таҳаввули воҳидҳо ва созмони шеъри ғиноӣ дар назми форсии тоҷик” (2018 ва такроран 2022 дар Эрон), “Тахти сангин” (2023), “Қубодиён ва шаҳрҳои он” (2023) ва дигар маҷмуаҳои илмию адабиро ба нашр расонидааст.

Аз соли 1994 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва аз соли 1999 аъзои Иттифоқи журналистони Тоҷикистон мебошад. Заҳматҳои адабии ӯ бо ордени «Дӯстӣ» (2001); унвони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» ва Ҷоизаи адабии ба номи М.Турсунзода қадр гардидааст.

### *“Роман Василйевич”*

Номашон Раҳмон буд, номи падар Чорӣ. Аз Арабхона.

Аз нахустин хатмкунандагони Донишгоҳи пизишкии Буалӣ Сино буданд. Солҳои зиёд дар беморхонаи Қубодиён

вазифаи сардухтуриро адо мекарданд. Худашро Роман Василйевич муаррифӣ мекарданд, гоҳе “доктор Чориев”.

Марде озодатабиат буданд, бо ҳама баробар. Кибру ғурурро аслан намедонистанд.

Писарашон Анвар дар Душанбе зиндагӣ мекунанд.

### *Қаюмхон Қодиров*
*(с.т. 1937/1316)*

Решаи падариашон аз Сайёд, модарӣ - Гузари Боло; мактаби миёнаро дар Шаҳринав (Ҳисор), Донишгоҳи пизишкиро дар Боку хатм кардаанд …

Наздики солҳои 70-ум буд. Рӯзе падарарӯсам гуфтанд: “Шунидам, ки хоҳарзодаам Қаюмхон аз Боку омадааст, дар Қаряи Боло доктори дандон будааст”. Хостанд, ки пурсуҷӯ кунам.

Ва пурсуҷӯ кардам. Дар Қарияи Боло, сохтмони дандонпизишкӣ рафтам; суроғ кардам; ёфтам: ҷавоне гандумгуни миёнақад буданд, нигоҳҳои андешамандона доштанд. Хонадор будаанд, Наргис ном духтарча доштаанд. Ошно шудем; рафтуомад кардем (ва мекунем).

Дараҷаҳои илмӣ ба даст оварданд (1971), дар ташкили шуъбаи махсус ва муҷаҳҳази пизишкӣ дар Қарияи Боло саҳми бузурге доранд, солҳо райиси кафедра дар Донишгоҳи тиббии Буалӣ Сино будаанд, шогирдони бисёр баландихтисос тарбия кардаанд …

Боре, нимашабӣ ҳамсарамро дарди шадиди дандон гирифт. Хонаи доктор занг задам; гуфтанд, ки дармонгоҳ барам; бурдам; пештар аз мо ҳозир шуда, асбобу анҷоми даркориро омода кардаанд. Диданду гуфтанд, ки ниёз ба ҷарроҳӣ дорад; ва онро анҷом доданд; арақшору нороҳат буданд. Пас аз анҷоми кор гуфтанд: кас наметавонад одами худашро озодона ҷарроҳӣ кунад, тарс халал мерасонад …

### *Бӯрӣ Нурхонов*

Аз канори Сайёд, маҳалле бо номи Троктур. Аз маҳаллаҳое, ки дар солҳои бисту сӣ хароб шуда, солҳои баъд дубора обод шудааст.

Соли 1945 ба дунё омада, мактаби миёнаро дар с.1961, Донишгоҳи пизишкии Буалӣ Синои Тоҷикистонро ба поён расондаанд; ду сол сарбозӣ ҳам кардаанд.

Кори илмии пизишкиро бо ҷустуҷӯҳои илмии назарӣ пайвастанд, ки натиҷааш кори номзадӣ буд ва дар с.1975 дифоъ шуд. Ҳамин корро идома додаанд ва ба дараҷаи доктори илмҳои пизишкӣ даст ёфтанд (1993).

Ҷустуҷӯҳои проф. Нурхонов натиҷае дилхоҳ дар пай дошт ва онро бо ҷоизаи давлатии Буалӣ Сино тақдир карданд. Ҳалолашон бод!

### *Сафар Саидалиев*

Аз Гузари Боло буд. Донишгоҳи давлатиро, дар риштаи табиатшиносӣ хатм кардаанд.

Дар Фарҳангистони улум машғул ба кор буданд.

Боре соли 1957 дар Қубодиён дидор ва суҳбате доштем. Ҳамроҳ бо Маҳдӣ Ғафуров, ки дар Донишгоҳ мехонданд, рафта будем. Марде одӣ ва самимӣ дарёфтем.

Муаллим Маҳмадҷонов нақл мекарданд, ки “Сафар Саидалиевро дар Айвоҷ дидам, ки мор шикор мекард, бо дастонаш мегирифт”.

### *Нормурод Раҳмонов*

Аз ҷанг омаданду муаллим шуданд. Дар мактаби Молотов аз тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ дарс медоданд.

Ҳангоми машқҳо “Илм - раз! Илм - два!” мегуфтанд ва маънии “илм”-ро намедонистем (ҳанӯз ҳам намедонам).

Баъд аз муаллимӣ рафтанд, ба кори савдо машғул шуданд. Мағозаи колхози “Телман”-ро, ки дар сари роҳи Ахча буд, дар ихтиёр доштанд.

Агар ёдам фиреб надиҳад, аввали соли 57 буд. Овоза шуд, ки рӯймол ва алвон омадааст. Аз хона пул ҷамъ кардаму рафтам. Навбат калон буд. Аммо навбат риоя ҳам намешуд. Хулоса ин, ки ба ман чизе нарасид …

Пас аз солҳо хушҳол шудам, сарнавишт духтари он касро ба ман расонд.

### *Низомиддин Бобоев*

Аз Гузари Болост. Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро тамом кард, дар риштаи забону адабиёт. Ва бо муаллимӣ машғул шуд.

Азбас дорои зеҳни тез ва дили пок буд, бо умеди кӯмак дар бозсозии ҷомеа, ба Ҳизби Демократи Тоҷикистон даромад. Дар декабри 1990 ба раёсати Кумитаи Қубодиён интихоб шуд.

Мутаассифона, карахтии мардум, ки натиҷаи ҳукумати 70-солаи диктатураи камунистӣ буд, ва дароздастии табаҳкорон, ки низ парвардаи ҳамон султаи шӯравӣ аст, ормонҳои мардумгаройӣ поймол шуданд. Аммо ҳикмати мардумӣ омадааст: “Ҳақиқат мехамбад, вале намешиканад”.

### *Ҷӯрақулов Мусулмонқул ва Мусулмонқулов Ҷӯрақул*

Инҳо аз як хонавода нестанд; ду хонаводаанд; бо ҳамдигар хешӣ ҳам надоранд; бо мо ҳам.

Аммо сазоворанд, ки зикри хайре аз онҳо низ ба амал ояд, дар як банд.

Дар поёни солҳои панҷоҳум ва аввали солҳои шастум, ки Қубодиён ва Шаҳритӯсро яке карда ва “Микоянобод” ном дода буданд, котиби идеологии Кумитаи ҳизби ноҳия Мусулмонқулов буд - аз арабҳои Бешканд. Вай марде рӯшан буд. Дар рӯшаниаш хатар диданд. Ва бо баҳонаи ин, ки мардум барои зиёрат ба Чашмаҷон меоянд, вайро сарнагун карданд.

Вай фарзандони шоистае тарбият кард, ки яке Ҷӯрақул ном дорад ва донишкадаи моро ба поён бурд. Баъзеҳо гумон мекарданд, ки бародари ман аст ва аз ҳамин ҳамномӣ баракате ҳам дидаам, ки достонаш хоҳад омад …

Ҷӯрақулов Мусулмонқул - бачаи Сайёд аст, яъне аз тоҷикони бумӣ. Донишгоҳро ба поён расонд; дар рӯзномаи ноҳия кор кард; қаламаш тез буд; сардабир шуд; худашро нишон дод; ба кори раҳбарӣ гирифтанд: солҳои шастум ва ҳафтодум котиби идеологии кумитаи ҳизбии ноҳия буд.

### *Додарат ҳамроҳӣ мекунад!*

Соли 1998 пас аз даводавии шашмоҳа, тавонистам, ки раводиди берун рафтанро ба даст оварам. Ба Тошканд парвоз кардам. Аз он ҷо бо Аъзамҷон Афзалӣ тамос гирифтам ва авзоъро пурсидам.

Муҳандис Афзалӣ, пас аз ду рӯз посух дод, ки:

- Бепарво омадан гир, додарат ҳамроҳӣ мекунад.

Пурсидам:

- Додарам кист? Медонистам, ки додарам деҳқон аст ва метавонад танҳо калтакро ба дасташ гирад (аз он ҳам оё метавонад истифода кунад? Маълум нест).

Муҳандис дилпурона гуфт:

- Ҷӯрақул чӣ?

Ба ёд омад, ки Ҷӯрақул Мусулмонқулов дар дастгоҳи муҳимме кор мекард …

Дилпурона Душанбе рафтам. Ва Ҷӯрақул ҳам аз ҷойи кораш рухсат гирифту маро ҳамроҳӣ кард.

Ҳамномии падарон ба ман суде овард, аммо ба Ҷӯрақул?
- Намедонам …

### *Улиё Раҳимқулов*

Аз арабҳои “Ленинград” буданд; дар ҷанг иштирок кардаанд.

Дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон аз таърихи Ҳизби камунист дарс медоданд; аз шогирдони устод Муллоҷон Эркаев буданд.

Шояд аз осори ҷанг буд, ки умри зиёде надиданд.

Фарзандону шогирдоне аз эшон ёдгоранд.

### *Се Собиров ва як Тошматов*

Сухан дар бораи чордодарон меравад. Онҳо сарибозорӣ буданд. Яъне, ки манзилашон дар наздикии бозор буд.

Бародари калонӣ Мунаввар ном доштанд; Донишгоҳи тиббии Буалӣ Синоро тамом карданд; солҳо дар шаҳри Кӯлоб бо дармони мардум машғул шуданд; бо ҳамсинфи мактабиам Муҳаббат Орифова, ки ҳам хонданашон ва ҳам одобашон бисёр хуб буд ва ҳамон Донишгоҳи Буалиро ба поён расондаанд, издивоҷ кардаанд; дар Душанбе зиндагӣ ва кор мекунанд; ду духтари меҳрубон доранд: Сайёра ва Гулнора. Вақте дар соли 1956 аз озмуни Донишгоҳ ғалтидам ва Қубодиён баргаштам, акои Мунаввар дилдорӣ карданд ва маслиҳат доданд: “Агар хоҳам, бо ҳамин баҳоям дар Донишгоҳи Кӯлоб қабул шуда метавонам, он кас номае ба номи райис менависанд”. Аммо ман нахостам.

Мунаввар Собиров бозигари хуби шоҳмот ҳам буданд; дар мусобиқаҳои шаҳрӣ ва ҷумҳурӣ иштирок мекарданд, баранда ҳам мешуданд.

Бародари дувум - Муқаддам, имтиҳоноти мактаби миёнаро бо мо супориданд; номаи камол дарёфт карданд; баъдтар маълумоти олӣ ҳам гирифтанд; дар мактаби Лоҳутӣ муаллим шуданд.

Бародари севум - Урмон, ҳамсари муаллима Муяссара Қодирова низ муаллим буд. Соли хониши 1956-1957, ки дар мактаби Лоҳутӣ муаллим будам, Урмон Собиров райис буд.

Коммунар - аз ҳама хурдӣ, аз падари дигар буданд. Мактабро ҳамроҳ бо Бахтиёр тамом карданд, ба ин восита мо ҳам дӯстӣ доштем. Аз пайи бародари бузург рафтанд; ҳамон Донишгоҳро тамом карданд, духтур шуданд. Ҳазорон беморро дармон кардаанд (аз ҷумла, акоямро ҷарроҳӣ карда буданд, вақте дар садамае сараш осеб дид; сари болини модарам омада буданд); ҳанӯз ҳам бо ҳамин кори шарофатмандона машғул ҳастанд.

***Кенҷабой Ҳайитов***

Бародари дӯсту ҳамсинфи мактабиам Ниёз ҳастанд; падар як ва модар - дигар.

Пас аз синфи ҳафтум, Сталинобод рафтанд; дар Омӯзишгоҳи пизишкӣ хонданд. Ҳамон ҷо бо ҳамсинфи худ Розияхонуми шаҳрисабзӣ хонадор шуданд.

Пас аз омӯзишгоҳ, Кенҷабой хонданро дар Донишгоҳ давом дод, аммо ҳамсарашон кор карданд.

Зану шавҳар, ки дар Душанбе зиндагӣ доранд, 30-40 сол кор карданд, шифобахши одамон буданд. То даме, ки саломи пизишконро алейк нагирифтанд.

Кенҷабой акнун бо занбӯри асал сару кор доранд. Яъне, ки агар пештар ба одамон нештар мезаданд, акнун нешро худ мехӯранду нӯш ба мардум медиҳанд.

Ҳар тирамоҳ, бо баҳонаи гӯшҳоям, клиникаи Розия-янга мерафтам. *9 тирамоҳ аст, ки он роҳро гум кардаам.* Шукр, ки накҳате аз асалашон гоҳ-гоҳе мерасад.

Онҳо ду писар ва се духтар: Бахтиёр, Фурқат, Раъно, Нигора, Таҳмина ва чанд набера доранд.

***Уроқ Алимардонов***

Писари Усто Алимардони гузариболоӣ, ки зикри хайрашон хоҳад омад.

Пас аз хатми мактаби миёнаи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон рафтанд, риштаи иқтисодиро ба поён расонданд; зери роҳбарии профессор Талбак Назаров кори илмӣ анҷом доданд.

Дараҷаҳои илмии номзадӣ ва доктириро ба даст овардаанд, унвони профессориро гирифтаанд. Яке аз иқтисоддонҳои шинохтаи ҷумҳурӣ ба шумор меоянд.

***Мустафо Авазов***

Донишгоҳи давлатии тиббии Буалӣ Синои Тоҷикистонро хатм карданд. Ҳамон ҷо таҳсилро идома доданд. Пас аз дарёфти дараҷаи илмӣ, ҳамон ҷо кор мекунанд.

Нимишабӣ тамос гирифтанд. Бо ҳазор пӯзиш, ки иттифоқе бо хоҳарашон афтодааст. Агарчи бомдодаш дарс доштам, омадам ва духтурро ба Шаҳритӯс бурдам. Аз қудрати Худованд, то вақти дарс Донишгоҳ расида омадам.

Шахсе бузургворанд, духтур Авазов; ба гуфтае, ҷони одам аст.

***Furthermore***

### *Бобоқанбар Авазов*

Донишгоҳи давлатии тиббии Буалӣ Синои Тоҷикистонро ба поён расонданд. Бародари Мустафо нестанд. Дар Душанбе зиндагӣ ва кор мекунанд. Солҳои ҳаштодум Шаҳритӯс баргаштанд ва бо дармони мардумон машғуланд.

Бо тамоми ҳастӣ пизишк ҳастанд.

### *Дӯстназар - Эркин*

Набераи Усто Ашӯрбобо, писари амаки Шерназаранд, ки зикри хайрашон хоҳад омад. Номи аслиашон Дӯстназар, аммо ҳама Эркин мегӯянд.

Пас аз мактаби миёнаи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро дар риштаи физика ба поён расонданд. Таҳсилро ҳамин ҷо идома доданд; дараҷаи илмӣ дарёфт карданд; бо тадрис машғул шуданд.

Ҳоло дар Донишгоҳи давлатии тиббии Буалӣ Синои Тоҷикистон аз физика дарс мегӯянд.

### *Сарҳанг Намоз Амиров*

Хоҳарзодаи худам аст. Бисёр шӯх буд. Пас аз мактаби миёнаи Рӯдакӣ, раҳматӣ Чорӣ Мирзоев ба кор гирифт: ронандаи мошини худаш. Он кас тавонистанд ин бачаро ба тартиб оваранд.

Душанбе хонданӣ омад. Ба ҷои ин, ки ба имтиҳон омодагӣ бинад, достони "Ёралӣ ва Шералӣ" мехонд. Ба донишкадаи ҳуқуқшиносӣ даромад. Соли севум буд, ки шикоят кард: - Ҳамшаҳритон гаранг мекунад.

- Ҳамшаҳрим кӣ?

- Ҷаббор Раҷабович.

Ҷаббор Ҷалилов раиси донишкада буданд. Аз дарси худ ба Намоз “ду” мондаанд, яъне ғайриқаноатбахш. Рафтаму масъаларо гуфтам, ба ин маънӣ, ки зиёд сахтгирӣ накунанд. Раҳматӣ Ҷаббор Ҷалилов бо нимхандае, ки оҳанги қотеъона дошт, гуфтанд: - Вай хонда наметавонад, агар шабона гузарад, баҳояшро монда медиҳам.

“Нокарда кор, туро дар ин корҳо чӣ кор?!” гуфтаанд. Сахт хиҷолат кашидам. Омадаму заҳрамро ба сари Намозбой рехтам. Намедонам, азёд кард ё чашми муаллимро баст, ки худаш имтиҳонашро супурд. Ҳанӯз ки ҳанӯз аз ман гила мекунад: “Панҷ сол хондам, як бор корам афтод, иҷро накардед, Шумо чӣ хел таға?”.

Пас аз хатми донишгоҳ, ба милиса рафт. Вай пушту паноҳ надошт; пушту паноҳаш покизакориаш буд. Бо зиндагии одии хоксорона қаноат кардааст ва мекунад.

Аз дасти покизакориҳояш азиятҳо дидааст. Ҳатто зиндон ҳам шуд дар давраи ҷанги таҳмилӣ. Чун гуноҳашро наёфтанд, озодаш карданд. Акнун бознишаста шудааст. Хотире ҷамъ ва диле беғам дорад.

### *Сарҳанг Тоҳирҷон Тоҷиев*

Дар имтиҳоноти қабул будам. Ба ғоибонаи донишкадаи ҳуқуқшиносӣ.

Муаллимон ҳама “ҷиян” доштанд ва ман надоштам. Чашмам ба милисае гандумгун афтод, ки чеҳраи мазлумонае дошт. Наздаш рафтам; чизе пурсид, гуфтам. Ҳангоме корҳоро ҷамъ мекардам, иттифоқан дидам, ки номаш Тоҳир Тоҷиев аст. Вай “се” гирифт. Бо ин “се” қабул шудааст.

Тоҷиев баъд худашро шинос кард: аслан аз Шаҳритӯс буда, дар милисаи шаҳри Душанбе кор мекардааст. Шиносоӣ ба ошноӣ табдил шуд, рафтуомад доштем. Донишгоҳро тамом карда, то ба мартабаи сарҳангӣ расид. Марде покизакор ва меҳрубон аст.

***Нурулло Муртазоев***

Хоҳарзодаи нависандаи ин дафтар аст.

Пас аз хатми мактаби миёнаи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон рафт, донишкадаи иқтисодиро ба поён расонд. Таҳсилро идома дод: зери раҳбарии профессор Эргаш Ямоқов кори илмӣ анҷом дод ва дараҷаи илмӣ ба даст овард.

Солҳост, ки дар Донишгоҳи политехникии Осимии Тоҷикистон аз иқтисодиёт дарс мегӯяд.

***Даврон Абдураҳимов***

Пас аз хатми мактаби миёнаи Рӯдакӣ, Донишгоҳ хонданд, дар риштаи физика. Кори хуби илмӣ навиштанд, дар остонаи ҳимоя даргирии Тоҷикистон пеш омад. Мегуфтанд, истеъдоди аҷибе доранд дар физика.

Шунидам, ки дар соли 1992 аз Душанбе баромада, аммо ба Қубодиён нарасидаанд. Ҳаммонанди додарзодаам Дилшод. Дардову дареғо …

***Ашӯрбой Бойматов***

Мактаби миёнаи Коммунизмро тамом карданд; дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон хонданд; дар риштаи иқтисод кори номзадӣ ҳам ҳимоя карданд. Ҳамон ҷо тадрис мекунанд. Ҷавонмарду меҳрубон аст.

***Сироҷиддин Бандаев***

Соли 1946 ба дунё омада, пас аз мактаби миёна, дар Донишгоҳ таҳсил кардаанд; дар риштаи химия.

Соли 1994 дараҷаи докторӣ ёфтанд, ҳамон сол унвони профессориро ҳам гирифтанд. Аҷаб ғаюру кӯшо ҳастанд.

Дар суҳбате аз орзуҳои фарҳангиашон нақл мекарданд.

***Анвар Раҳмонов***

Соли 1950 зода шудааст; пас аз хатми мактаби миёна, дар Донишгоҳи кишоварзӣ таҳсил кардаанд.

Номзади илмҳои кишоварзӣ ҳастанд.

***Эшдавлат Сафаров***

(с.т. 1947)

Пас аз мактаби миёна, Душанбе рафтанд; дар Донишгоҳи омӯзгорӣ таҳсил карданд; хонишро ҳамон ҷо идома доданд; номзади илм шуданд.

Ҳамон ҷо тадрис мекунанд, аз методология ва педагогика.

***Сабуров Абдолӣ ва Муъминов Тоштемур***

Дар мактаби "Лоҳутӣ", ҳангоме синфи ҳафтум мехонданд, дарс додаам.

Ҳар ду ҳам бисёр хуб мехонданд.

Ҳам қиёфаи гармашон дар пеши чашмам, ҳам посуххҳои рӯшанашон ба гӯшам ҷарангос мезананд, ҳам пурсишҳои кунҷковонаашон.

Ҳар ду ҳам одамони хуб шуданд. Бар нафъи миллату кишвар корҳо карданд ва мекунанд.

Соли 1990 вақте дар интихобот номзад шудам, Абдолӣ маънидорона гуфт:

- Кори нағз накардӣ, муаллим…

***

*Қубодиён дар замони худ, яке аз марказҳои маънавият будааст. Дар тӯфоне, ки сипарӣ шуд, пеш аз ҳама ва беш аз ҳама, аҳли ҳамин тоифа осеб диданд…*

*Руҳониёни Қубодиён ҳам шоистагии онро дорад, ки ёде ба амал ояд. Ёде кӯтоҳ ва мухтасар. Онҳое ки медонистам, покдин ва худотарс буданд, баднафсу мутаассиб набуданд. Бештарини домуллоҳои пешин дар Бухоро таҳсил кардаанд.*

***Домулло Абдурасул***

Дар Бухоро таҳсил карда, дар мадрасаи Қубодиён мударрис будаанд. Донишмандтарин муллои замони худ дар Қубодиён ба шумор мерафтаанд. Гӯё шеър ҳам мегуфта. Мутаассифона, аз шеъру авлодашон хабаре надорам. Дар террори сталинӣ аз миён рафтаанд.

Номи ман ёдгоре аз эшон аст.

Домулло Абдурасул берун аз Қубодиён ҳам маълуму машҳур буда; бо шоири машҳури мардумӣ Карим Девона ошноӣ доштаанд. Нависандаи машҳур Ҳабибулло Назаров мегӯяд:

Карим Девона "бо мардуми фозили замонааш Абдурасули Қубодиёнӣ, Толиби Афсонагӯй, Мулло Бобо, Мулло Ҳомид ва Мулло Ҷӯраи Ҳисорӣ, бо гурӯҳи бофандагони Қаротоғ, аз ҷумла Тағоймурод Танбӯрӣ, мутахаллис ба "Хиҷил", Мирзо Нуъмони Мафтун рафтуомад дошта, аз суҳбатҳои адабии онҳо баҳраманд гаштааст" (*Донишномаи шӯравии тоҷик, ҷ. 3, саҳ. 247*).

Ба нахустин фарзанди хоҳарам Салимабону номи эшонро доданд, ки мутаассифона умраш кӯтоҳ будааст.

### *Абдуллохон Эшон*

Гузаштагонашон, ки гузаштагони мо аз муридони эшон будаанд, дар маҳалли Хишткӯпрук хона ва ҷой доштанд. Дар сифати боғашон мегуфтанд, ки ҳар тараф тир андозӣ, танҳо ба дарахт мехӯрад, яъне, боғе тирногузар.

Дар фитнаи болшевикҳо фирор мекунанд, дар Лоҳур[66] паноҳ мебаранд …

Солҳои панҷоҳум, вақте ки амон-амон шуд, Абдуллохон Эшон бармегарданд, аммо на ба шаҳр, балки дар саргаҳи Қубодиён, дар Бошқалъа (колхози Комммунизм) хона месозанду зиндагӣ мекунанд…

Абдуллохон Эшон инсоне поку самимӣ ва донишманд буданд; бисёр форам қироат мекарданд. Эшон-бобо диле нарму меҳрубон доштанд, ки шояд аз чашидани заҳри ғурбатҳо буд. Ду бор гиряи сахташонро дидаам. Як бор набераашон Абдурасул гузашта буд, бори дигар - арӯсашон (хоҳари мо) соли 70 ба дарди менингит гирифтор шуда буд. Гиряи марде бузургсол хеле таъсир доштааст.

Нарму мулоим, ба писарашон, ки бинобар шароити идеологии шуравӣ дар мавзуи рӯза ва намоз парво

[66] Маҳаллест кӯҳистонӣ, дар тарафи ғарбии Даҳанакиик.

намекарданд, эрод мегирифтанд: “Рӯзагир ва намозхон мешавед, мо намебинем”. Дар воқеъ, пас аз сари падар писар ҳамон тавре шуданд, ки падар мегуфтанд.

Эшон дар ҳудуди 85 ба раҳмати Ҳақ пайвастанд; Худо раҳматашон кунад!

Фарзандонашон: Субҳонхон, Сулаймонхон, Шамсиддинхон - номбардорони эшонанд. Сулаймонхон аз рӯзноманигорони машҳур ба шумор меоянд.

### *Мулло Хоҷа*

Аз сайидон ва тоҷикони асили Қубодиён буданд. Дар Бухоро таҳсил кардаанд. Аз донишмандони замони худ буданд. Дар террори сталинӣ талаф шудаанд. Хонаводаашон ҳам дар гурезогурез басар мебурданд.

Писаронашон Иноятулло (шаҳиди ҷанг), Аҳадхон ва Самадхон дар Лаклакгӯё зиндагӣ мекарданд ва даргузаштанд. Инсонҳои бисёр шарифе буданд. Ҳамроҳи Бахтиёр борҳо меҳмонашон шуда будем.

Духтарашон Табаррукпошо ҳамсари Муртазоев Қосим, модари Бахтиёр буданд. *Модаре буданд, ба маънии томи ин вожаи муқаддас.*

### *Эшони Ҳикматулло*

Бештар бо номи Қазоқ Махсум маъруф буданд. Бародари бузурги Сайид Хоҷа, ки зикрашон дар боло гузашт. Маъруфтарин шахсияти динии Қубодиён дар солҳои 50-60 ба шумор мерафтанд. Дар камоли пирӣ ҷаҳони фониро падрӯд гуфтанд.

Пирамарде қадбаланд ва нуронӣ буданд; дар Хишткӯпрук манзил доштанд.

Падарарӯсам - амаки Нормурод мегӯянд ба аёдаташон рафтам, пурсидам:

- Дар ин умри дароз чӣ дидед?

- Ҳамин қадар дидам, ки офтоб аз ин кӯҳ баромада, дар он тараф меғӯтидааст …

### *Мулло Марҷон Махсум*

Мегуфтанд, ки дар Бухоро хондаанд, донишманде маъруф будаанд, дар фитнаи болшевикҳо нобуд шудаанд.

Фарзандонашон аз тарс номи падарро дар шакли "Мамаҷон" нависонда, шиноснома гирифтанд. Падарам бо ҳамсари он кас ҳамшира шудаанд, бо ин далел "амма" мегуфтем ва рафтуомади самимона доштем.

Мулло Марҷон Махсум боғи хубе доштанд, ки дар ихтиёри Наҷмиддин амакӣ ва Зиёвиддин амакӣ мондааст. Ангурҳои сиёҳ (офтобӣ) зимистонӣ (осма) зиёд доштанд, ки мо ҳам бисёр хӯрдаем.

Тариқи мавиз кардани ангури сиёҳро дар ҳавлии амма дидаем: сарро китф-китф, болои бом тунук мекарданд; дар офтоб хушк мешуд…

Яке аз писарони он кас Сайфиддин ном дорад, ки сухан дар мавридаш хоҳад омад.

Писари дигарашон Наҷмиддин солҳои навадум ба раҳмати Ҳақ пайвастанд. Писарону духтаронашон ҳастанд.

### *Мулло Муртазо*

Мегуфтанд, ки деҳқоне одии миёнақадде будаанд; девор ҳам мезадаанд.

Дам мехондаанд. Дамашон дар бод баранда будааст, ҳар гуна бодро бартараф мекардаанд.

Панҷ писар доштаанд: Мирзоқул, Қосим, Абдулло, Ҳабибулло, Юсуф.

Ҳамсарашон Ойишабибӣ умри дарозе диданд.

### *Қорӣ Маҳмадалӣ*

Аз Тоҷикони асили Гузари Боло буданд. Баъд аз сари Қазоқ Махсум донишмандтарин ва соҳибэҳтиром маҳсуб мешуданд.

Дар солҳои навад, дар камоли пирӣ даргузаштанд.

### *Қорӣ Ҳайит*

Аз Арабхона буданд. Мегуфтанд, ки Қуръонро аз ёд медонанд. Гӯиё дар Бухоро ҳамдарси устод Айнӣ будаанд.

Ранги гандумӣ ва қадди баланде доштанд. Кам мегаштанд. Солҳои шастум, дар камоли пирӣ даргузаштанд. Дӯстам Нормурод мехост маро ба дидори эшон расонад, ки мутаассифона фариштаҳо “омин” нагуфта будаанд.

Ин ду тан ҳамонҳое буданд, ки аз поксозии болшевикҳо бо роҳе эмин мондаанд.

### *Мулло Салом*

Марде паҳлавонпайкар буданд, бо гиёҳҳои доруӣ ҳам машғул мешуданд. Дар қироат садое форами махсус доштанд.

Деҳқон буданд. Табъе шӯх доштанд; дар гарав пур мехӯрданд. Нақл аст, ки як гӯсфандро хӯрдаанд. Боз мегӯянд, ки дар бозор, назди харбузафурӯшӣ рафта, пурсидааст:

- Шикамсериаш чанд пул?

Харбузафурӯш қимати ду харбузаро мегӯяд. Ин шарти дигар ҳам мондааст: худаш бурида диҳад.

Харбузафурӯш розӣ шуда, ва ба пора кардани харбуза сар кардааст. Мулло Салом як, ду, се … харбузаро хӯрдааст. Вақте як ҷуволи харбуза наздик ба поён мерасид, харбузафурӯш кордро ҳаво медиҳаду мегурезад:

- Ин бало аст, худамро ҳам мехӯрад …

Мегуфтанд, ки гӯшти як гӯсфандро хӯрдаанд. Хӯрдаанду ба оби ҷӯй даромадаанд. Оби ҷӯй рӯғанӣ шудааст. Ҳамин навъ нақлро дар мавриди самбӯсафурӯш ҳам мегуфтанд …

Раҳматӣ ҳудуди 80 сол синн диданд ва марди доное буданд. Як мисоли воқеӣ меоварам. Зимистонҳо Наҳри Калонро мебастанд ва меканданд, яъне, хоку лойро, ки дар як сол дар дарун ҷамъ шудаанд, берун мебароварданд.

Боре, сел харсанги азимеро ба даруни наҳр андохтааст. Бояд онро берун баровард. Аммо аз уҳдаи ин кор барнамеоянд. 10 касу 50 касу 100 кас аз ҷой ҷунбонда наметавонанд, чӣ ҷои он ки берун бароваранд!..

Мулло Салом мегӯянд:

- Роҳашро ман медонам, аммо шарташ як гӯсфанд аст!

Гӯсфандро ҳозир мекунанд. Мекушанд. Мехӯранд. Баъд мегӯяд:

- Миёнаи наҳрро канед!..

Ва чоҳе дар наҳр мекананд ва сангро даруни он меғелонанд…

Мегуфтанд: ҳамсари эшон пеш аз акд, зиёда гиристааст ки: ин аждаҳост ва маро мехӯрад!..

Ду кило шакар хӯрдани эшонро худам дидам. Дар хонаи амаки Даврон буд …

Мулло ду писар доштанд: Вафо ва Шодимурод. Илми падарро Шодимурод ба мерос гирифтааст.

### *Мулло Тошалӣ*

Дар маҳалли Шоҳғарави Арабхона зиндагӣ мекарданд. Марде миёнақади гандумгун буданд. Шуҳрати муллоишон аз Арабхона ҳам берун рафта буд.

### *Мулло Зиёдалӣ*

Дар миёни мардум чун “Усто Зиёдалӣ” ва “Кулол Бобо” машҳур буданд. Чунки шуғли кулолгарӣ доштанд; тубак месохтанд. Рӯзҳои бозор як тубак меоварданд ва пеши падарам мегузоштанд ва мегуфтанд:

- Агар сӣ сӯм савдо равад, 5 сӯмаш аз шумо, 25 сӯмаш аз мо.

Қаде бисёр баланде доштанд Кулол Бобо. Аз боғбонҳои машҳуре ҳам ба ҳисоб меомаданд. Ангурҳои сурха (чиликӣ), сиёҳ (офтобӣ), ҳусейнии миёнборик, зимистонӣ (осма) доштанд.

Хонаашон дар маҳаллаи Чармгарон (болосари бозор) воқеъ буд (акнун дар ҷои падарӣ писаронашон Муҳаммадсаид ва Муҳаммадфайз зиндагӣ мекунанд). Бозорро дида тубак ё ангур (бо сатил) меоварданд.

Писари эшон Муҳаммадфайз, ҳам мактаби миёна, ҳам Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро (дар риштаи забон ва адабиёт) як соли пеш аз мо, хатм кардаанд. Дар ҳамон мактаби Рӯдакии худамон муаллимӣ карданд ва мекунанд; аз муаллимони беҳтарини Қубодиён ба шумор меоянд; дар боғдорӣ ҳам ҳунари падарро идома медиҳанд.

### *Мулло Самад*

Ёбизӣ буданд ва бисёр меҳрубон. Баҳои ҳар касро ба рӯяш мегуфтанд; аз касе ибо намекарданд. Қиёфаашон бо касон тағйир мекард: агар писандида бошад, хуш табассум мекарданд, гарм ҳол мепурсиданд, ҳоли хешону наздиконро ҷӯё мешуданд; агар нописандида бошад, қавоқашон фаврӣ гирифта мешуд, ҳатто сарзаниш ҳам мекарданд.

Ҳангоме Қубодиён равам ва ба дидорашон расам, аз ман ҳоли Бахтиёрро мепурсиданд, аз Бахтиёр ҳоли маро.

Як бор сахт хиҷолат кашидам, аммо ғоибона.

Боре (аз аввалин дидорҳо) пурсидам, ки "бачаҳо чӣ тавранд?". Бо табассум "ҳа, ҳа" гуфтанду об надоданд. Баъдтар ба модарам гила кардаанд, ки "муаллим ҳоли маро намедонистаанд". Модарам сарзаниш карданд, ки "намедонистӣ, бачаҳояшон дар хурдӣ мурдаанд?". Эшон ба ҳамаи мо - ёбизиён ҳаққи падарӣ доштанд.

Боре ҳамроҳ бо дӯстам Нормурод Азизов ба дидорашон расидем, ки Қуръон мехонданд, бе айнак. Ба тааҷҷуби ман мегуфтанд:"Ҳар кӣ Қуръон мехонад, чашмаш рӯшан мешавад".

Мулло хонаву ҷои хоксорона доштанд: се ҳуҷраи хурд-хурди одӣ, дар рӯи ҳавлӣ чанд бех анору кундаи ток. Ҳеҷ нишоне аз карру фар.

Бачаҳои ёбизӣ, бештар аз ҳама додарзодаҳои худашон: Абдурашид ва Наҷмиддин ҳамеша аз ҳолашон бохабар буданд... Рӯзе Мулло Бобо ва Наҷмиддин Душанбе хона омаданд. Мулло гуфтанд: -Ин додари мову шумо ба як духтари мактаби шумо ошиқ шудааст. Маро мондан ба намонда, кашола карда овард. Шумо пеш дароеду равем.

Ва рафтем. Хонаи устоди худам, бону Мукаррама Қосимова. Хостгорӣ. Барои хоҳарашон, ки риштаи таърихро тамом карда, котиби ташкилоти комсомолӣ буд. Муаллима хуш қабул карданд. Ва онҳо ҳам хонадор шуданд …

Мулло Бобо ҳудуди навад сол умр диданд. Худо раҳматашон кунад!

Ҳангоме дар бораи Мулло Самад фикр мекунам, хостгориашон ёд меояд.

Солҳои 61 буд. Барои хоҳарамон омаданд. Барои писари эшони Абдуллохон. Чанд бор омаданд. Бо нармӣ ва хушҳолӣ фаҳмонданд, ки эшони Абдуллохон баргаштаанд, мехоҳанд писарашон Субҳонхонро хонадор кунанд … Муллоро дар ҳамин рафтуомадҳо беҳтар шинохтам. Падару модар аз ин хостгорӣ хушҳол буданд; Худоро шукр, сарнавишти хубе ҳам доштаанд.

### *Мулло Саттор*

Аз Кадухона буданд; қадди баланде доштанд; аз ҷанг бе як пой баргаштанд, бо асобағал роҳ мегаштанд.

Дониши механикӣ доштанд; дар МТС аз трактор дарс медоданд ва дар поёни умр нос мекарданд ва мефурӯхтанд, носашон таърифӣ буд.

Қуръонро хуб мехонданд. Китобҳои дигарро ҳам бо садои баланд мехонданд. Садои хуб доштанд. Падар дар китобхониҳояшон ҳузур пайдо мекарданд.

### *Мулло Абдулло*

Аҳли Ахчча буданд. Қомати баланд доштанд ва сафедрӯй буданд. Қаланфур корида, кӯфта мефурӯхтанд.

Писарашон Қаҳрамон - ҷавоне хушодоб буд, имрӯз марде машҳур аст.

### *Мулло Қурбон Камолов*

Бо мо пайванди хешовандӣ доштанд: аслан арабанд, дар ҷанг иштирок кардаанд; ҳамсарашон Чинигул аммаи мо буданд. Марде миёнақади гандумранги ришдароз, деҳқони коргару донишманд буданд. Бино бар деҳқони коргар ва ҳунарманд буданашон, аҳволе беҳтар аз дигарон доштанд. Дар ҳаққашон мегуфтанд: агар ғалтад, хоколуд мехезад.

Бародароне ҳам доштанд: Полвон, Олимҷон…

Муллое худомӯхта буданд. Бисёр мушоҳида шудааст, ки дар ҳар фурсати холӣ Қуръон мутолиа мекарданд. Муллои деҳаи мо буданд. Миёни падарам ва он кас унсияти хос мавҷуд буд. Ба маросими ҷаноза ва фотиҳа ҳамроҳ мерафтанд. Охирин ҳамдами падарам ҳам ҳамон кас буданд.

Охирин рӯзе, ки падарамон дунёи рӯшанро видоъ мекарданд, Мулло Қурбон дар хонаи мо буданд, дар болосари падар менишастанд. Вақти намози аср шуд, барои адои намоз хонаашон рафтанд. Шом буд, ки аҳволи падар бад шуд. Модар фармуданд, ки Мулло Қурбонро оварем. Бародарам рафту овард.

Падар худашон гуфтанд: - Ҳазрати Ёсинро хонед …

Ин сура, ки қироат шуд, падар боз гуфтанд: "Ҳар чӣ медонед, хонед …" Ва Мулло Қурбон ба қироат идома медоданд, бо садои баланд; падар сари худро ба тарафи он кас мелағжонданду мелағжонданд …

Мулло Қурбон бештар аз 80 сол умр диданд; Худо раҳматашон кунад. Фарзандони шоиста Бозор ва Сайфиддин чароғи хонаи падарро зинда нигаҳ медоранд.

### *Мулло Шоймардонқул*

Аз хешовандони дури падарам буданд. "Амакӣ" мегуфтем. Хонаашон дар Файзобод буд - тарафи ғарбии макони бобоии мо.

Деҳқон буданду муллои худомӯхта; дар рӯи ҳавлӣ, ҳар ду чӯй, токзор доштанд. Бо писарашон Ҳамроҳқул, ки тақрибан ҳамсол будем, дӯстӣ доштем.

### *Мулло Усмон*

Аҳли Қиёд буданд. Аз калонҳои он маҳал ҳисоб меёфтанд.

Дар поёни умрашон дарбони бемористони шаҳрӣ шуданд.

Се писари бисёр хуб тарбия кардаанд.

### *Мулло Файзалӣ*

Аз хешовандони модарам буданд; ҳамдигарро "бӯла" мегуфтанд, мо - "тағо". Бародари модари тағомон Султон буданд.

Аз ҷанг бе як по ва ду ангушт аз дасти рост, баргаштанд.

Марде ориф буданд, бо розу ниёз зиндагӣ мекарданд. Тағоямон Султон, ки ҳамеша аз ҳолашон огоҳӣ доштанд, мегуфтанд: гоҳе шабҳо наздашон мемондем, шаб дер мехобиданд, боз ними шаб мехестанд ва намоз мехонданду дарун-дарун гиря мекарданд … мегуфтам, ки "тағо, аз ин

гиряи шумо ба Худо чӣ фоида?”. Ҷавоб медоданд, ки “ту Худоро аз куҷо донӣ?..”.

Барои гузарон, рангфурӯшӣ мекарданд. Дар макони падарӣ фарзандони баркамолашон зиндагӣ мекунанд.

Файзалӣ-тағомон додаре ҳам доштанд: Раҷабалӣ-тағо. Ин кас ҳам, монанди бародарашон паҳлавон пайкар буданд; пас аз ҷанг дар Қӯшачинор зиндагӣ мекарданд.

Осори ҷанг, он ду марди наҷибро барои умри дароз амон надод.

### *Мулло Раҳим*

Ва аммо дар бораи падарашон.

Падари Мулло Раҳимро Қурбоншоҳ мегуфтанд. Хоҳари он кас - ҳамсари тағомон Вафоҷон буд.

Хонаашон дар сари бозор, поёни мадраса буд. Деҳқоне буданд ҳунарманд. Бодирингу помидорро пеш аз ҳама бозор мебароварданд.

Қурбоншоҳ ду писару чанд духтар доштанд. Яке аз духтаронашон Маликабону дугонаи хонуми худам аст.

Писари калонишон Адишоҳ ном дошт, писари хурдишон - Раҳимшоҳ.

Раҳимшоҳ, ки чун Мулло Раҳим машҳур шуданд, пас аз мактаби миёна Бухоро хонданӣ рафтанд, дар мадрасаи Мирараб таҳсил карданд.

Мадрасаи Мирараб, ки тасвираш дар китоби устод Айнӣ “Ёддоштҳо” омадааст, ягона мактаби динии фаъол дар қаламрави Иттиҳоди Шӯравии собиқ буд. Ва ягона шахсе, ки аз Қубодиёни мо дар ҳамин мадраса хондааст, ҳамин Мулло Раҳим буданд.

Таҳсили мо дар як замон буд. Бисёр иттифоқ меафтод, ки аз Бухоро, шояд барои таътил, Душанбе меомаданд, муддатҳо дар масҷидҳо, бештар масҷиди Қарияи Миршикор ва масҷиди Ҳазрати Мавлоно Чароғӣ ҳузур меёфтанд. Ва гоҳе хабаргирӣ меомаданд ва бароямон чалпак (булонӣ) меоварданд.

Эшон, монанди баъзе муллонамоҳо, қуръонфурӯшӣ намекарданд, шуғли худро доштанд: самбӯсаю кабоб мепухтанд. Тақрибан ҳамеша дӯконашон мерафтем (ҳамроҳ бо Мулло

Бахтиёр), эшон зиёфат мекарданд - ҳам бо суҳбати ширин, ҳам бо кабоби гуворо.

Ҳам овозе нотакрор доштанд, ҳам қироате нотакрор. Азбас инсоне дидадаро буданд ва ҳамсинну сол, дар ҳар фурсате муносиб мехостам қироат кунанд. Эшон ҳам бетакаллуф анҷом медоданд. Ҳанӯз ки ҳанӯз садояшон дар гӯш ҷарангос мезанад. Охирин қироат ва суҳбатҳои ҳамноми азизамро дар феврали 1990, ки як шаб меҳмонашон будам, шунидам. Худо ҷояшонро ҷаннат кунад!

### *Мулло Бароталӣ*

Он солҳо як муллои масчоҳӣ, номаш Мулло Абдураҳим, Қубодиён бисёр меомаданд. Хонаи мо ҳам даъват мешуданд.

Мулло Абдураҳим дар Қиёд манзил мекарданд. Бароталӣ, ки ҳамон маҳал бо модару бародарон мезистанд, аз мо каме соли бештар доштанд. Назди ҳамин мулло ба шогирдӣ истоданд ва мулло шуданд.

Мулло Бароталӣ, ки худ деҳқон ҳастанд, бо корҳои динӣ ҳам машғул шуданд ва акнун барои маҳалла муллоӣ мекунанд…

### *Шайх Қутбиддин*

Марде даҳҳунарианд. Нахустин устои радио дар Қубодиён буданд. Солҳои панҷоҳум дукон доштанд ва радио дуруст мекарданд.

Шайх ҳам буданд - Шайхи Чашмаҷон: аз Қубодиён мерафтанд ва назр ҷамъ мекарданд.

Номашонро дар китоби "Атеизми илмӣ" ҳам навиштаанд (албатта, ки на барои таъриф). Муллое рӯшан ҳастанд.

### *"Сарбуғалтир"*

Номашон - Ҷӯрахон, номи хонаводагишон Абдуллоев. Ҳам эшонзода буданд, ҳам ба Абдуллохон эшон домод шуданд.

Душанбе хонданӣ омаданд, риштаи ҳисобдории Донишгоҳи иқтисод даромаданд. Аз ҳамон рӯзҳои аввал, ба даҳон андохт ва мо лақаб мондем: "сарбуғалтер" (яъне, сарҳисобдор).

Ҳангоме мехонданд (ғоибона) раҳматӣ Чорӣ Мирзоев ба кор гирифтанд: дар дафтари ҳисобдорӣ. Вақти зиёд нагузашт, ки Донишгоҳро тамом карданд ва дар колхоз сарбуғалтер шуданд. Яъне, ба нияти мо фариштаҳо "омин" гуфта будаанд.

Эшон қироати бисёр хуб доранд. Бо шевае қироат мекунанд, ки лаззат мебарӣ. Соли 1998. Дар хонаи хоҳару домодам ба давлати дидори эшон расидам. Мехостам лаззате аз қироаташон ёбам; ваъда ба шом монд ва вафо нашуд. Дарёфтам, ки озурдагӣ ҳанӯз бартараф нашудааст. Аз ёрие, ки ба нури чашмашон дастам кӯтоҳӣ карда буд.

### *Мулло Бӯрӣ*

Аз Гузари Боло; ҳудуди шаст сол умр доранд. Илми динро пинҳонӣ омӯхтаанд. Аз шогирдони Қорӣ Муҳаммадалӣ ҳастанд.

### *Мулло Зиёд*

Аз Ёбизи калон; синнашон дар атрофи панҷоҳ; пинҳонӣ саводи динӣ пайдо карданд; аз шогирдони Мулло Самад.

***

*Қубодиён бо меваҳояш машҳур буд; ба бозорҳои ҷаҳонӣ мева ва гиёҳ содир мекард; ангури нодири сиёҳаш (офтобӣ) ба китобҳои таърих даромадааст; анораш то тобистони дигар тару тоза боқӣ мемонад ...*

### *Муҳаммадмурод Бобо*

Калонтарин боғи Ёбизро ҳамин кас доштанд. Одаме миёнақад буданд. Боре ҳамсафар шудем; Қӯрғонтеппа мерафтем; болои мошини боркаш савор. Ин сафар бароям нахустин буд.

Муҳаммадмурод Бобо тоқате зиёд надоштаанд, дар ҳар фосилае мошинро нигоҳ медоронданд ва пушти теппа медавиданд. Падар дилтанг мешуданд, аммо чизе намегуфтанд.

Дар Қӯрғонтеппа, дар хонаи Иброҳим-мошиначӣ меҳмон шудем; хона ва ҷои хубе доштанд, хуб меҳмондорӣ ҳам карданд …

Муҳаммадмурод Бобо Назрулло ном писаре доштанд, ки дар ҷанги фашистҳо шаҳид шудааст, духтаре доштанд, Сарвар, ҳамсоли Ҷамила-апаам; дар давраи ҷанг тракторронӣ кардааст.

### *Мулло Ҳабибулло*

Гузариболоӣ буданд; боғ доштанд. Модари пире, шояд садсола, аммо зиндадил; ҷое рафтанӣ шаванд, ба пушт бардошта мебурданд.

Намедонам, муллоӣ доштанд ё не, аммо “Мулло Ҳабибулло” мегуфтанд. Ҳалво ҳам мепухтанд, ҳалвои пашмак. (Ин ҳунарро Назрулло ном яке аз набераҳояшон, ки бо худашон *як себи дукафон* аст ва ошнои ҷонии хоҳарзодаам Намозхон ҳам ҳаст, ба мерос гирифта).

Мулло Ҳабибулло писароне бо номҳои Хайрулло ва Зайнулло доштанд, ки ҳар ду дар ҷанг иштирок кардаанд.

### *Оқмадбой*

Боғдори машҳури дигари Гузари Боло Оқмадбой ном дошт. Худашон марде паҳлавонҷуссаи ришсафеди рӯйкалон буданд. Навъҳои хуби ангурро доштанд.

Писарашон Тошпӯлод – аз муаллимони куҳна ва машҳур мебошанд. Писари дигарашон Дӯстмурод, дар гӯшае аз мулки падарӣ хонаву ҷой дорад.

### *Усто Алимардон*

Ҳам боғашон маъруф буд, аммо худашон бо як ҳунари нотакрори худ ҳам машҳуртар буданд, ҳам нафърасонтар.

Он кас устои шикастабанд буданд. Ба андозае, ки назир надоштанд. Мегӯянд, ки боре човандозеро меоранд, ки ҳама устухонҳояш шикаста, аммо худаш зинда. Ва Усто Алимардон ин як халта гӯштро ба по мегузоранд:

Як ҷувол сАбусро атола мекунонанд, баробари дарозии қаддаш заминро меканонанд, устухонҳои шикастаро ҷо ба ҷо мечинанд ва хандақро бо атола пур мекунанд …

Мардум он касро «Академик» мегуфтанд.

Ҳунари он касро бародарашон – Усто Алмат идома доданд. Боре мо ҳам корафтода шудем. Дасти рости Беҳрӯзҷон, аз зону, ду сол боз мебаромад, духтур мебурдем, медаровард. Тифоқо рӯзи тӯй ҳам баромад. Хонаи Усто Алмат бурдам, диданду гуфтанд: "Писарам, бозингар шудааст".

Дар чанд сония молиданд, бо тухму пахта бастанд. Ва гуфтанд:

- Дигар бозӣ намекунад!

Ва то имрӯз, ки аз он рӯз 26 сол мегузарад, як бор ҳам бозӣ накардааст …

Чор писари Усто Алимардонро медонам: Холмурод, Шоҳмурод, Ӯроқ, Олтӣ. Ӯроқ аз роҳи илм рафт, иқтисоддон шуд, имрӯз дараҷаҳои докторӣ ва профессориро дорад.

### *Маманабӣ Бобо*

Боғашон ангур дошт, аммо себашон машҳур буд: себҳои калон-калони обдори маҳаллӣ. Калонтарин боғи Сорбонқалъа ба шумор меомад. Худашон пирамарде қадбаланди сафедриш буданд.

Яке аз писаронашон Тоҳир ном дошт. Мо «Тоҳир-тағо» мегуфтем, чунки аз дӯстони наздики Вафо-тағомон будааст.

Тоҳир-тағо Модарамонро «апа» мегуфтанд. Писари дигарашон Маҳманабӣ ном дошт.

### *Усто Шерна Бобо*

Аз Қиёд буданд; боғи бузурге доштанд; ҳам ангури сиёҳашон маъруф буд, ҳам себи калонашон – себҳои калони обдори маҳаллӣ. (Аз он себҳои маҳаллӣ нишоне намонд).

Дар теппае хайма доштанд – теппае, ки аз бозмондаҳои шаҳри бостонӣ буд, дар солҳои ҳафтодум ҳамвор кардаанду пахта киштанд.

Худашон марде қадбаланди гандумранг буданд; бо Падарам дӯстии самимона доштанд; рафтуомад мекардем.

Як писар доштанд – ака Ҳасан; ҷанг рафта, бе як чашм баргашт.

### *Ҳайитов*

Аз шахсиятҳои маъруфи Гузари Боло буданд.

Навъи ангуре пайдо карданд, ки бо номи «Ангури ҳайитӣ» машҳур шуд. Пешпазак аст, баробари ангури Сурха (чилгӣ) мепазад, аммо вай сурху ин сафед аст, обаш ҳам бештар.

Ду писар доштанд: Қаҳрхон ва Заҳрхон.

### *Шокил Полвон*

Шокил Полвон ва Боқӣ Полвон – ду бародар буданд, ҳарду ҳам ҷанг рафтанду дувумӣ аз майдон барнагашт. Вай ҳунари наққошӣ дошт, суратҳои аҷибе кашида ба мо медод.

Боғашон танҳо зардолу буд – анвоъи зардолу. Боғи зардолуи мо аз миён рафта, танҳо се дарахт доштем. Мисле, ки зардолуи мо ҳанӯз напухта буд. Модар ману бародарам Раҳмонҷонро боғи Шокил Полвон фиристод, барои зардолу. Хонум болои чанд дарахт баромад, шохаҳоро силконд, зардолуро резонд, мо чиндем. Як сатилро пур кардем. Зардолуро, ки хона овардем, сатилро бурда додем.

Хоҳарзодаашон – Холмурод Чориев ҳамсинфи мо буд; бародари хурдии Холмурод – Тошмурод муаллим аст.

Хонаву боғи онҳо, дар Сорбонқалъа, ба мо наздик буд: дар канори чапи Наҳри Калон Холматбой («Кали Холмат» мегуфтанд) ҳавлӣ дошт, баъд аз вай – Шокил Полвон.

Солҳои ҳафтодум Сорбонқалъаро барҳам доданд: мардумашро Арабхона бурданд; ҷояшро замини пахта карданд. Соли 98 дидам, ки аз нав обод мешавад.

***

*Дар Ойинаи Қубодиён чеҳраҳое ҳам намоён ҳастанд (ва барои намоён шудану ҳамеша мондан ҳақ ҳам доранд), ки ҳеҷ иддаои худнамоӣ надоштанд, балки хоксорона ва хеле ҳам содаву табиӣ зиндагӣ кардаанд, зиндагӣ мекунанд ...*

### *Тошхоҷаи Ҳалвопаз*

Аз ҳамсояи ғарбии мо буданд. Болотар аз Мазордарахт, чордевори хонаҳояшон боқӣ буду вақте Чилла Бобо аз Ғарм омад, онҳоро пӯшонду зиндагӣ кард, баъдтар хонаҳои нав сохт.

Ҳалвопазро мо ёд надорем. Аммо таърифи эшонро аз падару модар бисёр шунидаем. Хеле ситоиш мекарданд, ки одаме сафеди калонсоли меҳрубон будаанд. Модарамино, вақте бача буданд, хонаи Ҳалвопаз мерафтаанд, Ҳалвопаз чӯби тозаеро пора-пора карда, ба ҳалво ғӯтонда медодаанд.

Аммо писари Ҳалвопаз – Тошев Нурматро дидаем; солҳо муҳаррири рӯзномаи ноҳия буданд; хабару мақолаҳои ману Бахтиёрро ба чоп мерасонданд.

Мегуфтанд, ки се донишгоҳро хатм кардаанд.

Дар гирӯдори инқилобӣ парешон шудаанд, бинобар ин куҷо рафтану дар куҷо хонданашон хабар надорам.

Нурмат ҳам ба раҳмати Ҳақ пайвастаанд, ки гӯрашон пурнур бод!

### *Усто Ашӯр*

Хонаашон монанди хонаи мо дар лаби Наҳри Калон (соҳили рост) буд; ҳудудан як километр поёнтар аз мо.

Чор писар доштанду як духтар: Қурбон, Алиназар (шояд Алиназар буд, аммо "Аллан" мегуфтанд, дар ҷавонӣ даргузаштанд), Шерназар, Ҳаким, Сангин-апа.

Қурбон – резапайкар буд, шояд ба ҳамин сабаб "Қурбон-оқсақол" мегуфтанд.

Шерназару Ҳаким дар ҷанг иштирок карданд. Акаи Шерназар бо як чашми шишаӣ баргаштанд: як бари рӯяшонро тири фашист лесидааст. Мо диданӣ рафта будем, аз як ҷомадон, ки монандашро ҳанӯз надида будем, як каф – як каф шакар доданд. Писари акаи Шерназар – Эркин – устоди Донишгоҳи тиббии Буалӣ Синои Тоҷикистон мебошад …

Пас аз ҷанг бо кори колхоз машғул буданд. Агар моле куштанӣ шавем, ё ҳашаре (масалан, андоваи болои бом, шоликорӣ) дошта бошем, Падар он касро даъват мекунонданд. Тақрибан панҷоҳ сол умр диданд. Чанд фарзандашон номбардори эшон ҳастанд.

Духтари Бобо – апаи Сангин ҳам соҳиби хонаву ҷой буданд.

Усто Ашӯр-бобо – пирамарде миёнақад буданд; ҳамеша чакмани зард (аз пашми шутур) мепӯшиданд; миёнро ҳам бо

чилбури зарди пашмин мебастанд; асо доштанд, аммо бештар аз пушт, дар ҳоли чиллик мегаштанд. Инсоне бағоят меҳрубон буданд. Вақте аз лаби Наҳри Калон мегузаштанд, ҳамеша садо мекарданд, ҳол мепурсиданд; ҳамеша шӯхӣ ҳам мекарданд, - аз қабили: “омода бошетон, фардо кӯҳ меравем, косирикчинӣ”, “дина, париҳоям маро бардошта кӯҳи Ғози Малик бурд”…

Ҳамеша дар кисаашон мевае доштанд, бештар мавиз, нок медоданд.

Боғи бузурге доштанд. Аммо муҳимтаринаш – як дарахти нок буд, ки монанди чанор азим буд, дар наздикии Наҳр, дар даромадгоҳ, аз тарафи дасти рост.

Дар беруни ҳавлӣ чанори бузурге буд, дар зераш суфа. Усто Ашӯр-бобо аксар дар зери ҳамин чанор буданд.

Усто Ашӯр-бобо човандози машҳур будаанд. Ин одатро дар пиронсолӣ ҳам напартофтаанд. Ҳамеша барои “Охир-улоқ” ҳаракат мекарданд ва баъзе човандозони дигар ҳам коре мекарданд, ки Усто-бобо ба мақсад бирасанд. Ва он кас бо “Охир”, дар тақим бармегаштанд.

Усто барои Абдулло-язнаам “таға” буданд. Ҳам язнаам, ҳам бародаронашон аз ҳоли эшон ҳамеша хабардорӣ мекарданд. Пиру кампир камоли пириро диданд.

Аммо ҳунари аслии Усто-бобо устоӣ буд. Он кас устои лаҷомдӯз буданд. Ғилофи кордчае, ки 50-60 сол пеш аз ин, барои Падарам дӯхтаанд, акнун бо ман аст; ба унвони арзишмандтарин ёдгорӣ аз он ду бузургвор, ҳамеша бо ман аст, ҳатто дар ин оворагардиҳо.

Худо гӯри он ду бузургворро пурнур кунад!

### *Амир-бобо ва Тӯхта-момо*

Дар Ёбизи Майда ҳамсояи шарқии мо будаанд; баъд Ҷоназартеппа рафтанду дар боғистони ободе ҷой гирифтанд.

Се писар: Даврон, Равшан, Ӯроқ ва як духтар – Норбибӣ доштанд.

Равшан – язнаи мо буданд. Ин кас дар ҷавонӣ бедонабоз буданд; доғи нағзак доштанд; камаш дар даҳ ҷой сохтанд,

ниматамом мемонданду мерафтанд. Дар охир, ҷоеро дар бағали Хоҷа Қозиён обод карданд, чанд сол истоданд; маҳал бо номи “Равшанобод” машҳур шуд; ин ҷойро ҳам тарк карданду Хармайдон рафтанд, ободу боғистон карданд. Саранҷом, ҳамин ҷо ҳам даргузаштанд. Бори дувум, хонадор шуда, фарзандони бисёр доранд.

Бобо дар бачагиҳои мо даргузаштанд, момо давлати пирӣ ронданд. Акнун он ҳама шаш – ба шумори бисёрӣ даромаданд. Худо раҳматашон кунад!

Момо пӯсту устухон буданд, аммо бисёр тавонманд. Набераашон Намозҷон, ки хоҳарзодаи худам ҳам ҳаст, мактабхон буд, аммо бибӣ дар пушташон бардошта мегаштанд.

Бибӣ дар ҷавонӣ нерӯи паҳлавонӣ доштаанд. Ҷӯрақул-тағомон гуфта буданд: “Боре, як ҷувол гандумро ба асб бор кардан лозим шуд, марде дигар набуд, ин хонум омаду даст ба даст гирифтему ҷуволро озод ба асб бор кардем”.

Дар рӯзҳову соатҳои охирини Модарамон Бибӣ ҳамдам буданд.

### *Худо аз шамолаш нигаҳ дошт …*

Дар синфҳои поёнӣ мехондем. Се тан: Муроду Ӯроқу ман “бӯла” будем, яъне, ки хеш.

Аввали баҳор буд. Ӯроқ-бӯлаамон гуфт, ки ҳашар дорад: ҷӯйканӣ. Ману Муродро даъват кард.

Пас аз дарс рафтем.

Рӯи ҳавлӣ - ҳама чайлои ток буд. Дар поёни ҳавлӣ, тарафи ҷанубӣ, аз бехи девор ҷӯй мегузашт. Ин ҷӯй аз ду тараф буттаҳои анор дошт.

Ҳамаи ҷӯйро кандан лозим буд. Бо кор машғул шудем. Замоне дам гирифтему дар роши ҷӯй нишастем.

Ногаҳон авзои Ӯроқ-бӯлаамон вайрон шуд. Моро суханҳои носазо гуфт. Гумон кардем, ки шӯхӣ мекунад. Аммо ҷиддӣ буд. Мо ҳам қаҳр кардему рафтанӣ шудем. Вай тундтар шуд. Яъне ки рафтани моро мехост.

Вай шӯхӣ намекард. Мо дур мешудему садои носазояш баландтар ба гӯш мерасид.

Бо андешаҳои торику дили сиёҳ рафтем. Муддате қаҳрӣ ҳам мондем. Бо гузашти замон, пардаи қаҳр бардошта шуд. Аммо самимияти пештара аз миён рафта буд …

Баъдҳо овоза расид, ки аз бехи анор чизе ёфт шуда будааст у бӯлаамон дидаву мо надидаем. Парвардигорро сипосгузорам, ки ҳар чӣ буд, аз шамолаш нигоҳ дошт.

### *Апаи Кенҷа ва янгаи Солеҳа*

Апаи Кенҷа ҳамсояи ғарбии мо буд, бо модари пираш дар поёни Мазордарахт зиндагӣ мекард. Дару ҳавлишон ба тарафи хонаи мо буд. Додараш Рамазон ном дошта, ба ҷанг рафта, барнагаштааст. Пас аз рафтани бародар, апаи Кенҷа ба Ҳимматов ном як милисаи пахтакорӣ зани дувум шуду рафт.

Хоҳари калонии апаи Кенҷа – янгаи Солеҳа буд, ҳамсари Бобоҷон Полвон. Онҳо ҷудо, поёнтар зиндагӣ мекарданд. Акнун ҳам бачаҳошон ҳамон ҷо зиндагӣ мекунанд. Зану шавҳар сару садои бисёре доштанд, ки то хонаи мо мерасид ва падару модари моро ҳам нороҳат мекард.

Яке аз писаронаш, гумон мекунам, фарзанди калонишон бошад, Аваз ном дошт.

Янгаи Солеҳа зане ҳунарманд буд, аз абрешим тоқиву рӯймолҳои бисёр хуб медӯхт. Бо хоҳиши модарам, барои ман тоқиҳои хуби чоргул медӯхт. Худо раҳматаш кунад, дасташ гул буд.

### *Гуландом-бибӣ*

Пиразане хурдҷусса буданд, бо чашмони шаҳлои калон-калон. Ҳудуди навад сол доштанду бардам буданду мегаштанд.

Қушноч буданд – ҳунари гӯшкашиву аласу чароғро доштанд; бачаҳоро дармон мекарданд.

Аз хешони дурамон буданд; “бибӣ” мегуфтем; духтарашон Чинигулро “амма” мегуфтем. Дар хонаи домодашон Мулло Қурбон зиндагӣ мекарданд, эҳтироми шоиста доштанд.

Як писарашон (номаш аз ёдам рафт) дар ҷанг нобуд шудааст. Писари дигарашон Эшмурод-тағо дар Қиёд зиндагӣ мекунанд; фарзандону набераҳои бисёре доранд. Аз дӯстони наздик ва ҳамдами Вафо-тағомон будаанд, бинобар ин, мо ҳам ин касро “тағо” мегӯем.

Орзу доштам (ва дорам), ки номи Гуландом-бибиро ба яке аз азизонам диҳам; ҳанӯз муваффақ нашудаам.

### *Зуҳро-бибӣ*

Дугоник ба дунё омадаанд; “Фотима”-аш дар хурдӣ аз дунё рафтааст.

Модари падарарӯсам буданд.

Пиразане буданд ба истилоҳ: “пӯсту устухон”. Аммо ба синни бузургашон нигоҳ накарда, бағоят серҳаракат буданд, лаҳзае ором надоштанд. Яъне, ки серҳаракатиашон аз ҳамон пӯсту ҳамон устухон буд.

Бомдод, аз ҳама пеш мехестанд; таҳорат карда, намоз мехонданд, чой дам карда як чойнак чойи ширинро мехӯрданд; хамирро хобонда, ҳавлӣ мерӯфтанд; говро ҷӯшида, ширро мепухтанд; баъд нон мепухтанду бори дигар чойро бо нони гарм мехӯрданд. (Рӯшан аст, ки синни дарозашон – натиҷаи ҳамин ҷунбишҳо будааст).

14 фарзанд ба дунё оварда, танҳо се нафарро ба камол расондаанд. Дар ҷавонӣ кори колхозро ҳам кардаанд. Хеле пешқадам будаанд. Бинобар пешқадамӣ, боре ба Сталинобод, ба як маҷлиси шукӯҳманд ҳам бурда, ҳадяҳо додаанд. Ҳадяҳоро Раҷабалӣ Ҷалилов додааст.

Вақте нахустин фарзандам – Манижаҷон ба дунё омад, муддате Душанбе ҳам бурдем, абераашонро парасторӣ ҳам карданд. Аммо аз бекорӣ ранҷ кашиданду ба ҳавлии калонашон баргардонидем. Тобистоне Ситорабонуи худам дар хонаи Бибикалонаш буд. Бибиро азият кардааст. Бибӣ дуо кардааст: “Илоҳо, дар пушти ҳафт кӯҳ шӯ кунӣ”. Дуои Бибӣ гирифт: духтарам дар Хоразм хонадор шуд.

Бибӣ бағоят меҳрубон буданд. Дар пиронсолӣ рӯшании чашмашон баргашт, бе айнак сӯзанӣ медӯхтанд.

Дар домани сад, домани умрашон барчида шуд. Худо ҷояшонро ҷаннат кунад!

***Турсун-бибӣ***

Аз хешовандони дури модарам буданд, ҳамдигарро "бӯла" мегуфтанд. Шавҳарашонро "Маҳмадризо афғон" мегуфтанд, яъне, ки афғонистонӣ буд.

Пиразане меҳрубону паҳлавонпайкар буданд; фол ҳам медиданд (бо парвезан ё пиёлаи обу пораи пахта); доягӣ ҳам мекарданд (ба додарамон ва хоҳарамон бибӣ шудаанд).

Апаҳоям ва мо он касро "хола" мегуфтем, хоҳару додарамон "бибӣ".

Шавҳар ва писари калониашон (Юсуф) дар ҷанг нобуд шудаанд. Бибӣ боз се писари дигар доштанд: Назар Полвон, Ориф Полвон, Маҳмадамин. Мо бо инҳо "бӯла" будем.

Назару Ориф гӯштигир буданд, гоҳе, дар як баҳор 20-25 бузу гӯсфанд ҷоиза мегирифтанд. Бо шоликорӣ ҳам машғул буданд. Як мисолаш ин аст: пушти девори хонаро канда, лой карда, хоначае сохтанд. Дар ҳамин чуқурӣ, ки ду бар се метр бару дарозӣ дошт, шолӣ кориданд.

Гӯштини Ориф-бӯлаам диданӣ буд: бо ҳаракатҳои тезу тунд ҳамла меовард: даст меандохту раҳо мекард, даст меандохту раҳо мекард; тезҳаракат буду хандон. Аз ҳамин рафтораш ҳариф асабӣ мешуд. Ва дар ҳамин фурсат Ориф-бӯлаам ҳарифро, ки зӯртар ҳам бошад, ғофилгир мекарду меғалтонд. Яъне, аз ҳунари худ бештар истифода мекард, то тавони ҷисмонӣ.

Маҳмадамин тақрибан ҳамсоли мо буд, ҳамроҳ бозиҳо мекардем, рафтуомадҳо доштем. Ёд дорам, соли 1953 буд. Ман мактаб рафтаму дарс нашуд: мотами Сталин буд. Сари роҳ хонаи Маҳмадаминино даромадам. Вай бемор, пояш шикаста буд … Ин Маҳмадамин чунон фиғону бардорузан мекард, ки мисол надошт: "Сталин мурдана, ман мемурдам!..".

Бо ин бӯлаам наздикӣ доштем. Мо харакӣ, вай ба хараш ароба ҳам баста буд, Абдураҳим бо пуштора: ҳезуму алаф аз кӯҳу лаби дарё мекашондем. Бо касалии вай гурӯҳи мо ҳам шикаста буд …

Бибиамон хонаи афсона буданд. Охирин афсонае, ки аз бибиамон шунидем (соли 1962 ё 63) ва навиштем, "Муғулдухтар" буд:

*Муғулдухтар сари тандур,*
*Ба дасташ хӯшаи ангур ...*

Матни он афсонаи ёдгорӣ, ки дукаса: ҳамроҳ бо наварӯсам навишта будем, намедонам, куҷо шуд …

### *Ойиша-бибӣ*

Ҳамсари Мулло Муртазо буданд. Шавҳарашон муллое тездам ва машҳур будаанд; мо он касро надидаем.

Бибӣ панҷ писар доштанд: Мирзоқул, Қосим (падари Бахтиёр), Абдулло (ҳамсари хоҳарбузургамон Муаззама), Ҳабибулло ва Юсуф.

Қосиму Абдулло ҷанг рафтанду саломат баргаштанд; Юсуфу Ҳабибулло дар ҷанг нобуд шуданд.

Бибӣ бо писари севумашон монданд ва дар ҳамин хона дунёро тарк карданд, дар синни тақрибан 99.

Мо хонаи хоҳарамон бисёр мерафтем. Бибӣ ҳам сахтгир буданд, ҳам меҳрубон. Ҳар гоҳ рафтем, аввал ҳолу аҳвол мепурсиданд, баъд аз нондон як-порагӣ нон медоданд. Вақте нондонро мекушоданд, бӯи хуши нон мерасид ва мо лаззат мебурдем.

Боре хиҷолат кашидаму он барои ҳамеша мондааст.

Тирамоҳ буд. Ҳамроҳи Абдураҳим хонаи апам рафтем.

Бибӣ, ки рӯи суфа, зери тути калон нишаста буд, пас аз ҳолпурсӣ ва нон додан, фармуд, барг шиллӣ кунем. Ба тути ҷавоне, ки дар гӯшаи шимоли ғарбии ҳавлӣ воқеъ буд, ишора карданд. Рӯи ҳавлӣ пур аз чайлои ток буд.

Мо нонро хӯрдему болои тут баромадем. Ҳар ду яктоӣ халта доштем. Корро сар кардем. Баробари халтаи барг, даҳони халтаи хаёлотро ҳам боз кардем. Абдураҳим чӣ гуфту

чӣ монд? – Ёд надорам. Аммо он чи худ гуфтаму аз Бибӣ шунидам, дар хотира нақш баст.

Ман ба Абдураҳим гуфтам: мехоҳам ду писару ду духтар дошта бошам, номи як писарам Абдуҷаббор …

Ҳамин ҷо буд, ки садои баланди Бибӣ баланд шуд:

- Бачаҳои охирзамона! Аз даҳонашон бӯи шир меояду дар фикри зану бача мешаванд …

Ҳеҷ гумон надоштем, ки суҳбати моро аз ин баландӣ Бибӣ мешунаванд.

### *Валибой-тағомон*

Бо модарамон бародархонда буданд: он кас “хоҳар” мегуфтанд, модар “ако”, мо – “тағо”. Хонаашон дар саргаҳи Арабхона буд, ҳамсояи Ҳаждаҳнаҳрӣ ва Ҷумъа-ғижжакчӣ.

Омадурафт доштем. Гоҳе аз шабҳо дар хонаашон хоб ҳам мекардем. Ду писар доштанд, калониаш – Турсунмурод.

Тағои Валибой – одаме фақир, вале хеле меҳрубон буданд. Нишоне аз дуруштиро эҳсос намекардем – на дар қавоқашон, на дар рафторашон, на дар гуфторашон.

Забони бисёр ширин доштанд. Чизе дар забонашон кор мебурданд, ки аз ҳеҷ каси дигар нашунидаам: “… гуфтак”, “… омадак”, “… рафтак”.

Дар корҳои вазнини мо дасти ёрӣ дароз мекарданд. Дар оғози як зимистоне, солҳои аввали ҷанг, пеши айвонро пӯшидан лозим омад.

Валибой-тағомон омаданд; ҳамроҳ бо падарамон тавора бофтанд; ва таворaро дар пеши айвон кашиданд. Аҷаб ин буд, ки вақте таворaро мекашиданд, бӯи барф меомад, вақте корро тамоман карданд, худи барф омад.

### *Модари Мулло Неъмат*

Мулло Неъмат, ҳамон аввали ҷанг, ба ҷанг рафта буд. Зани ҷавонаш монду модари пираш.

Замоне нагузашт, ки аз Мулло Неъмат “хатти сиёҳ” омад. Ӯзбак-янга рафт, модари Мулло Неъмат танҳо монд. (Зани Мулло Неъмат ӯзбак набуд, номаш “Ӯзбак” буд).

Хонаашон аз болои хонаи апаам Муаззама буд. Боғ доштанд – ангур, шафтолу, зардолу …

Ҷӯи осиёб аз рӯи ҳавлии модари Мулло Неъмат ва апаам Муаззама мегузашт. Тобистонҳо, ки бачча будем, дар ҷӯй оббозӣ мекардему ангур ҳам мехӯрдем – ангури шаҳобӣ, ки шохаи токи модари Мулло Неъмат аз девор гузашта буд …

Пиразане қоматбаланди қоқинаи серҳаракат буд, модари Мулло Неъмат. Касе ҳам номи пиразанро ба забон намегирифт, шояд ҳам касе намедонист. Ҳама "модари Мулло Неъмат" мегуфтанд.

Пиразан ҳама корашро худаш анҷом медод; гов дошт, нигоҳубин мекард; боғ дошт.

Ин тикка бисёр ҷолиб аст, ки ба осиёб шафтолу меовард, ба орд иваз мекард. Осиёб аз Ҷоназартеппа дур буд; аммо як сатил шафтолуро тори сараш мегузошту осиёб мебурд. Ҳар рӯз ин корро мекард, аз аввали шафтолупаз то охираш. Мо ҳам аз он шафтолуҳои хушгувор хӯрдаем.

Вақте даргузашт, ҳамсояҳо, аҳли маҳал, бо сарварии язнаву апаам обрӯмандона гусел карданд.

### *Акрам-ако*

Каме поёнтар аз ҳаёти модари Мулло Неъмат, аз дасти чапи ҷӯйбори осиёб, рӯбарӯи ҳавлии Абдулло-язнаам ҳавлии Атобой буд. Атобой, худашон кай рафтаанд? – мо намедонем. Аммо ҳамсару писарашон буданд.

Писарашон Акрам ном дошт. Тракторронӣ мекарданд, дар колхози "Октябр". Солҳои панҷоҳум мототсикле хариданд, ки монандаш набуд; сурхранг буду тундтар аз бод медавид. "Чехӣ" мегуфтанд.

Солҳои шастум Акрам-ако Ҷоназартеппаро тарк карданд, дар домани шарқии Қалъа ҷой гирифтанд.

### *Бобоқул-осиёбон*

Хонаашон дар гӯшаи шимолу ғарбии Арабхона буд; наздиктарин ҳамсояи осиёби колхози мо; ба ҳамин сабаб ҳам гоҳе вай осиёбон мешуду гоҳе Эшмурод Ҳоҷӣ.

Мо аз ҳамин осиёб истифода мекардем; бештар ба таври “муштак” (яъне, ки ду-се кило ғалла мебурдему орд карда меомадем).

Осиёбон чашмони сурхи дардманд дошт.

Рӯзе додарам Сатторҷон муштак бурду холӣ омад. Яъне, осиёбон орд карда надодааст. Бовар накардем. Чаро, ки осиёбон одами хубе буд; вай медонист, ки орд набошад, нон намешавад, нон набошад, бачаҳо гиря мекунанд. Модарам пурсиданд: - Шояд осиёбонро нашинохтӣ?

Сатторҷон гуфт:

- Мешиносам, ҳамоне ки чашмаш қаланфур барин …

Модар бо муштак маро фиристоданд. Рафтам. Осиёбон маро дидано, гуфт:

- Ин додарат аҷаб бачаи гапногир будааст, гуфтам ки: “рафта гулмехи говро канда, онтарафтар зан, накард, гуфт, ки падарам ҷанг мекунанд …”.

Воқеият ин буда, ки дар хона гуфтаанд: “Зуд раву зуд биё, ки дар хона орд нест”; ва бача гумон карда, ки бо бастани гов машғул шавам, дер мешавад, ки охирон падар ҳам ҷанг хоҳанд кард …

Бобоқул осиёбон се писар доштанд: калонӣ Файзӣ тракторчӣ буд; Ҳабибулло ҳамдарси худам буд; ва Муҳибулло, ки дар синфи ҳафтум дарс додаам.

Аммо аз он дарс хотираи талхе дорам, ки наметавонам дилро холӣ накунам. Занг шудаву дарс оғоз ёфта буд. Бобоқулов, ки мелангиду хеле шӯх ҳам буд, лангон-лангон дер ҳозир шуду гуфт:

- Мӯжна муаллим?

Бачаҳо хандиданд: ба ҷои “иҷозат” қасдан “мӯжна”-и русиро ба кор бурда буд.

Ман: “ - Мӯжнааш чӣ?”

Вай: “- Случайна шуд, муаллим.”

Бачаҳо сақфкаф хандиданд. Худро бохтаму як шаппотӣ задам – мане, ки ҳаргиз мушт набардоштаам, на то он ҳодиса, на баъд аз он. Фавран пушаймон шудам. Аммо тир аз камон ҷаста буд. Ҳамин эътироф ба ҷои узрхоҳист.

Болотар аз осиёбхона, тарафи қибла, баландие буд – шояд харобаи кохе. Вақте осиёб бор надошт, осиёбон ба ҳамон баландӣ мебаромаду най мекашид. Аммо най, гумон кунам, аз шохи оҳу ё гавазн буд, ки садое баланду дуруште дошт, то хонаи мо мерасид; дар ҳоле ки фосила ду километр меомад. Агар доштем, муштак мебурдем.

Акнун осиёбон нест; осиёбхона ҳам аз миён рафта; теппаи меросӣ ҳам ҳамвор шуда …

### *Усто Ёрбобо*

Хонаашон тақрибан 700 метр аз хонаи мо фосила дошт – дар тарафи ғарбӣ. Аммо ин фосила чунон холӣ буд, ки шабҳо чароғи тирезаашон аз пушти хонаи мо метофт.

Марде миёнақади сафеди чолок буданд; аксар яктаҳи сафед мепӯшиданд.

Аз он замоне ки медонистам, нон мепухтанд, дар як сабад, болои сар мемонданду бозор бурда мефурӯхтанд. Як рӯймол дар китфи росташон партофтагӣ.

Ака Тоҳир - писари калонишон буд. Ин кас деҳқонӣ мекарданд; инсони бисёр хубе буданд. Ҷангро ҳам дидаанд.

Писари дигарашон Нурмат ном дошт. Писару духтарони дигар ҳам доштанд.

### *Усто Муъмин*

“Муъмин-ҷувозгар” ҳам мегуфтанд. Баддаҳанҳо дар ғайбаташон “Муъмин Ҷаллод” ҳам мегуфтанд, ки иллаташ маълум нест.

Одаме қадбаланд ва дарозрӯ буданд ва чашмони калон-калон доштанд.

Санги осиёб метарошиданд, ҷувозу осиёб месохтанд. Дар Ҷоназартеппа ҷувоз сохтанд ва худашон ҳам ҷувоз мекашиданд. Вақте хонаи апаам рафтем, бозикунӣ идора ҳам меомадем. Ҷувозкаширо ҳам тамошо мекардем. Усто Муъмин, ки баландгап буданд, мегуфтанд: “Рав, нон биёр!”.

Аз хонаи апаам нон меовардем, Усто ба рӯғани гарми кунда ғӯтонда медоданд. Чӣ хушмаза буд, он нони рӯғанӣ!..

Бо писарашон Гулмурод, ки ба падараш монанд аст, дар мактаби ибтидоии Ёбиз бо ҳам мехондем. Писари калонашон Ибод он замон монанди акои ман дар колхоз кор мекард.

Дар пиронсолӣ даргузаштанд. Писарону набераҳояшон, ҷойнишини сазовори эшонанд. Ба хусус, писари Гулмурод – Абдурасул ҷавоне умедбахш мебошад.

### *Гулмуҳаммад*

“Гулмад Биргад”, “Гулмад Зардак” мегуфтанд. Баддаҳанҳо дар ғайбаташон “Гулмад Чақ-чақ” ҳам мегуфтанд.

Солҳои ҷанг саркор (бригадир) буд. Чун деҳқонони солим ба ҷанг рафта буданд ва ҳам ба ин иллат, ки колхоз барои кор ҳаққи дурусте пардохт карда наметавонист, кори колхоз дуруст пеш намерафт ва саркор ночор доду фарёди зиёде мекард. Аз ҳамин рӯ, чунин лақабаш монда буданд.

Ду писар дошт, ки номи яке Эргаш буд. Ҳамсараш вафот кард. Ва Гулмад Биргад аз Ёбиз кӯчид.

### *Қурбон Боболак*

Аслан “Қурбон Бобоев” буд, аммо мардум, ки як одати номи иловагӣ доданро доштанд, “Боболак” мегуфтанд. (Маънии ин “лак” ҳанӯз бароям рӯшан нест).

Дар Ҷоназартеппа зиндагӣ мекарданд. Писари калонишон, ки аз ҳамсолони мо буд, “Ҳамроқул” ном дошт.

Замоне, ҳанӯз ҷанг сар нашуда буд, Қурбон Боболак дар колхоз вазифае дошт, зоҳиран мудири хоҷагӣ. Рӯзе аспакӣ хонаи мо омад; ба падарам гуфт:

- Рафтем, хонаи фалонӣ, бо рӯғани зард зиёфат мекунад.

Ин “фалонӣ”, ки номаш аз сӯроххалтаи хотира рехтааст, чӯпон буд, гӯсфандони колхозро бонӣ мекард.

Пои падарам накашид. Аммо аз рӯи Қурбон Бобоев ҳам гузашта натавонист. Асбро зин кард, маро ҳам ба пушташ гирифт. Ҳамроқул бо падараш, ман ҳам бо падарам.

Домани кӯҳ рафтем. Чӯпон меҳмондории шоистае накард, рӯғани зард ҳам наёвард.

Дар бозгашт Бобоев оташин шуда буд, падарам таскин медоданд:

- Одамгариаш маълум буд …

Қурбон Боболак солҳои панҷоҳум кӯч бастанд.

Ҳамроқул ҳам дар Шаҳри Тӯс даргузаштааст.

### ***Ашӯр Қанглӣ***

Дар Ҷоназартеппа мезист; дар тарафи ҷанубии Қурбон Боболак; девордармиён буданд.

Писар дошту духтар. Писараш – Шоҳмурод, аз дӯстони наздики Абдулло-язнаам буд.

Рӯи ҳавлишон токзор буд (монанди Қурбон Боболак). Имконоти зиндагишон хуб буд.

### ***Қурбон Сироҷ***

Дар домани Ёбизи Калон зиндагӣ мекард; ҷанг рафту барнагашт.

Бо писараш Хуррам ошноӣ доштем; Шаҳритӯс мерафтему рӯған меовардем.

### ***Эшман Тошман***

Аз лақай ё дурманҳои Ахча буд; қадде баланду пайкаре паҳлавонона дошт. Деҳқонвор ҷомаву эзор мепӯшид, асои калонеро ҳам дар миён чиллик карда мегашт.

Савод надошт. Дар солҳои аввали Ҳокимияти Советӣ райиси ноҳия будааст.

Мегӯянд, ки дар оғози инқилоб, вақти омад-омади аскарони сурх овоза мешавад, мардум дар саҳни мадраса ҷамъ мешаванд. (Чанд хона, ҳавз, чанорҳо, ҳавлии мадраса дар солҳои панҷоҳум ҳам барҷой буданд). Ҳар кӣ ҳар чӣ мегӯяд. Аз ҷумла, ин пешниҳод ба миён меояд, ки: касе метавонад, барои дифоъ барояд, боқӣ ҳамагӣ шаҳрро тарк кунанд.

Эшман Тошман бо калтаке калон дами дарвозаро мегираду хитоб мекунад:

- Касе аз дар бароядд, рӯзашро бинад!..

Мардум зиёд азият мешаванд. Гӯё худошиносе дуо кардааст: “Тухмат хушкад!”.

Се писар дошт, ҳама паҳлавонҷусса: калониаш – муаллим, мобайнӣ - коргари савдо, хурдӣ - ронанда. Таъна не, тавба, ҳеҷ яке зурёт наёвард. Аммо духтарони Эшман Тошман серфарзанданд.

### *Бӯрӣ Қатаған*

Дар Ёбизи Калон марде қадбаланди қоқинаи сафедранги баландовоз зиндагӣ мекард, ки Шариф Тӯқсабо мегуфтанд. Дарвоқеъ ҳам, тӯқсабои Мир будааст.

Шариф Тӯқсабо зан дошту фарзанд надошт. “Бӯрӣ” ном бачаи қатағаниро ёфту фарзандхонда кард. Ин Бӯрӣ эрка буду эркатар тарбия шуд: ҳарчи-ҳарчи мехост мекард ва мегуфт. Ба ман “чулулу” лақаб дод, шояд барои он, ки ҳарфи “р”-ро наметавонам рӯшан талаффуз кунам.

Аз ҳамон замон қатағанро ганда дидам. Шояд ҳама бад нестанд. Аммо шунидам, ки гуфтаанд:

*Ҳар ҷо, ки расид пои наҳси қатағаn,*
*Не мурда кафан ёбаду не зинда Ватан.*

Аммо хиҷолатро барои ҳамеша дорам; мекӯшам, то дар ҳузури ҷамъ сухан нагӯям, ё камтар гӯям; аламамро бо қалам холӣ мекунам: он ҷо, ки зарурат дорад, неш мезанам нарму таҳдор.

Ва аммо …

Ҳар сиёҳӣ ба дунбол рӯшноӣ ҳам дорад: рафтори Бӯрӣ Қатаған водор кард, ки худро бишносам. Кас то бӯи бадро эҳсос накунад, ба қадри бӯи хуш нахоҳад расид.

Яъне, ки Бӯрӣ Қатаған ҳам ҷои сипосро дорад.

### *Беадаб*

Яке аз қунғуротҳо Бекбой ном дошт. Вай ҷавоне буд, хеле беадаб.

Рӯзе падару модар хона набуданд, хонаи моро кулӯхборон кард. Чанд кулӯхаш ба бародаронам ва апаам Ҷамила хӯрд.

Мо, ҳамагӣ баромадем, ки дифоъ кунем, аммо вай кулӯхро монду чӯберо гирифт ва ҳамаи моро калтаккорӣ кард.

Бегоҳӣ, вақте падарамон омаданд, барои шикоят пеши райис рафтанд. Райис ваъдаи танбеҳ дод, аммо коре накард.

Бекбойро касе наметавонист ҷазо диҳад: Шарофуллоеви хатакӣ сардори милиса буд.

Мардуми шарифу беозори Қубодиён борҳо зери по шудааст. Он солҳо ҳам зери пои бегонагон шуда буд.

### *Товони бузғола*

Оғози ҷанг буд.

Дар як бомдоди зимистонӣ бедор шудем, ки гирду атрофи хонаамон пур аз “ҳамсояҳои нав” шудааст: хонаводаҳои бисёре бо кӯчу бузу бузғолаашон хайма задаанд.

Бузҳояшон ба дарахтони мо амон намедоданд.

Рӯзе аз мактаб омадаму тарафи санҷидзор гузаштам. Гузаштаму девона шудам: бузҳои Усмонбойи қунғурот даромада пӯсти ниҳолони яксолаи санҷидро мехоянду мехоянд.

Ба кулӯхборон гирифтам. Тифоқо, кулӯхе ба бузғолае хӯрду афтонд. Вай хеста натавонист. Бардоштаму аз девор берун мондам.

Падар ҳузур надоштанд. Намозигар омаданд. Аз кардаам хабар надодам.

Шом буд, ки Усмонбой бо валвалаву дағдаға омад; бузғола рӯи дасташ.

Падар фаҳмиданд, ки ҳодиса чист. Аммо ҳодиса рӯшан нашуда Усмонбой:

- Тавон берасан! – гуфту бузғолаи лангро рӯи ҳавлӣ партофту рафт. Падар ба ман нигоҳ карданд. Ғурунгидам:

- Санҷидро хойидаст …

Падар тарафи санҷидзор рафтанд. Ва фиғонашон баромад.

Бузғоларо бардоштанду:

- Тавони боғамро ту медиҳӣ! – гуфтанду бурданд …

Баръакси чашмдоштамон, падар маро танбеҳ надоданд, аммо сахт хафа шуданд. Доду фиғон намекарданд, аммо хафагиашон рӯшан буд.

### *Холи Хатакӣ*

Хол Қараи Хатакӣ марде сиёҳчурдаи қоматбаланд, дар милисахона рутбаи баланде дошт; бадҳайбат буд, ҳар кас наметавонист наздик шавад. Баъдҳо аз милиса рафт. Пас аз чанде хонумонашонро ҳам монду аз Қубодиён ба Душанбе рафт.

### *Сараки ҷуворӣ, ва …*

Колхозҳо дар баъзе қитъаҳои замин ҷуворӣ мекориданд; ҷуворимакка. Барои хӯрокии говон.

Ҷуворӣ ҳанӯз напухта, бо комбайн медаравиданд, реза-реза мекарданд, намак мепошиданд ва дар хандақҳои махсус мефушурданду мехобонданд.

Гоҳ-гоҳе баъзе қитъаҳоро мепазонданд, бо баҳонаи тухмӣ.

Аммо сирраш дар ҷои дигар будааст.

Ҷуворимакка дар чиллаи тобистон мепазад. Ҳангоме пухт, ба духтарону ҷавонзанон супориш мешавад, ки саракҳои ҷувориро аз тана ҷудо карда, ба пешдоманҳо андозанд ва оварда, ба бордони трактор резанд. Касе аз мардон дар он кор иштирок намекунад. Ҳатто ронандаи тракторро ҳам ҷавоб медиҳанд, ки пас аз фалон соат биёяд.

Аз мардон танҳо се тан ҳаққи ҳузурро доранд, саҳеҳтараш – ҳаққи тамошоро: котиби райком, раиси колхоз ва бригадир.

Ва тамошо ин аст: саракчинҳо дар гармои 40 дараҷа ва боло аз он, кор мекунанд. Боз бояд афзуда шавад, ки пояҳои ҷуворимакка аз қадди одам баланданду шамоле намерасад. Ва ҳар касе ки дар он дарун ҳасту меҷунбад, ба обу арақ мегӯтад ва ҳар узви чашмрабояш ба намоиш меояд.

Ва он калони калонҳо, бо ду лаббайгӯ аз ду канораш, дар канори киштзор, зери сояи дарахт, равиши корро назорат мекунанду наззора …

### *Нор Полвон*

Марде миёнақад: паҳлавоне номдор будаанд, аз ҳамин хотир лақаби “полвон” ба номашон часпидааст.

Дар маъракаҳои гӯштӣ тақрибан ҳамеша довар мешуданд; дар миёни майдон ному мушаххассоти паҳлавононро мегуфтанд, ҷоизаро эълон мекарданд. Ҷоиза ё буз буд, ё гӯсфанд, ё гӯсола. (Соле як шутур ҳам дар гардиш буд). Ҳакамро “бакавул” мегуфтанд; вақте яке аз паҳлавонон ба пирӯзӣ мерасид, агар довар меписандид, баланд эълон мекард: “Ҳалол! Ҳалол!”.

Солҳои шастум Нор Полвон чойхона доштанд. Чойхонаашон дар сари роҳ, наздикии истгоҳи Душанбе воқеъ буд. Ҳар гоҳ мо (аксар ману Бахтиёр) Душанбе рафтанӣ мешудем, дар чойхонаи Нор Полвон менишастему мошин мепойидем.

Дар чойхона бештар писарашон – Сайдулло хизмат мекард. Вай ҳамдарси Бахтиёр буд. Барои мо чойи нағз дам мекард ва шӯхӣ мекард: - Оруғ задагӣ!..

Сайдулло пас аз падар, солҳо чойхонаро гардон кард.

Ин Сайдулло – ҳамон аст, ки бо “гуноҳ”-и вай ман аз модарам як шаппотӣ хӯрда будам, шаппотие, ки аввалаш бисёр талх буду охираш хеле ширин.

### *Ғойибназар*

Аҳли Ёбизи Калон.

Аз ҷумлаи касоне буданд, ки дар ҳаққашон мегӯянд: “Комашро бо кор бардоштаанд”.

Деҳқон буданд. Дар колхоз кор мекарданд; ба пахта об мемонданд.

Синнашон аз ҳаштод гузашта буд, ки сари кор пиёда мерафтанду пиёда меомаданд. Фосилаи хонаву кор ҳам аз се километр кам набуд.

Дар ҳудуди навад кору дунёро баробар тарк карданд. Худо раҳматашон кунад. Фарзандону набераҳои шоиста идомаи он кас ҳастанд.

### *Ҳамидбой*

Хонаашон дар Хишткӯпрук буд. Ҳоло дар ҳамон ҳавлӣ Абулҳофиз, писари калонии Ҳамидбой, зиндагӣ мекунад. Ин писарашон муаллим буд. Писари дигарашон Абдулмаҷид ҳамдарси Бахтиёр, низ муаллим буд. Ҳамидбой чанд духтар доштанд, ки яке Майрамбону – ҳамсари дӯстам Бахтиёр аст. Вақте онҳо издивоҷ карданду Душанбе рафтанд, рост манзили мо омаданд: хиёбони Айнӣ, 35, ҳуҷраи 29.

Бахтиёр дарро кӯфт; танҳо буд, гуфт: “Султонро овардам!”. Ман: “Кадом Султонро?”. Вай: “Султони мулки дилро!”. Чанд рӯз, то пайдо шудани манзил, меҳмони азизи мо буданд.

Чизи ҷолиби диққати Ҳамидбой ин буд, ки як шохаи садбарги сурхро дар гӯшаи дасторашон халонда мегаштанд.

### *Набӣ Човандоз*

Марде қадбаланди гандумӣ буданд, як чашмашон гул дошт. Човандозе камназир буданд ва нишонашро бо худ доштанд, барои ҳамеша: ҳеч ангуште надоштанд, ки аз чанд ҷой набаромада ва чӯр набаста бошад.

Шояд аз авлоди шайхони аҷдодӣ буданд: лақаби “Набӣ Шех”-ро доштанд, дар гӯристони Хоҷа Қозиён менишастанду назри ниёз ҷамъ мекарданд.

### *“Бигардум-кампир”*

Аз Сорбон-қалъа буданд. Пиразане буданд беш аз садсола. Номи аслиашонро ба забон намегирифтанд (шояд касе намедонист), хурду калон, ҳама “Бигардум-кампир” мегуфтанд.

Ин лақабро аз забони худашон ёфта буданд: хурду калон, ҳамаро “Бигардум шумора!” мегуфтанд, дар ҳар ҷумла такрор ҳам мекарданд. Дар манаҳашон чанд тор риш ҳам доштанд, ки барои мо бисёр ҷолиб буд. Рафта-рафта, номашон “Бигардум-кампир” шуд.

Асобадаст мегаштанд. Хонаи мо ҳам бисёр меомаданд. Дар ҳар омадан, ду-се рӯз мемонданд. Пас аз чанд рӯз наберахояшон меомаданду мебурданд.

Як домодашон, ки писари Гуландом-бибии мо буд, дар ҷанг нобуд шудааст. Аз он духтарашон як набераи писар (Нормурод) ва як набераи духтар доштанд, ки ба дӯстам Ниёз Ҳайитов ҳамсар шуд.

### *Содиса-амма*

Вақте мактаби миёна мехондем, се нафар бо ҳам беш аз дигарон унс доштем: ману Мурод-бӯлаам ва раҳматӣ Ниёз Ҳайитов.

Хонаи бӯлаам Мурод Назиров дар Гузари Боло буд, Ниёз дар Арабхона зиндагӣ мекард. Бисёр иттифоқ меафтод, ки дар хонаи яке секаса дарс тайёр мекардем ва шаб ҳам ҳамон ҷо мехобидем.

Модарони ҳарсеямон ҳам меҳрубон буданд. Зиёда меҳрубон буданд. Ҳаряки моро модарон монанди фарзанди худ, ҳатто бештар аз фарзанди худ дӯст медоштанд ва навозиш мекарданд.

Ҳоло (1996) модари ману раҳматии Ниёз ба раҳмати Ҳақ пайвастаанд (Худо ҷояшонро ҷаннат кунад!). Танҳо модари Мурод-бӯлаам – Содиса аммаам ҳаётанд, ки Худо умрашонро дароз кунад!

### *Ҳандалак*

Нимаҳои баҳор.

Падарамон ману бародарамро ба боғ фиристоданд:

- Боғ раветон. Пеши Усмонбой. Гӯетон, ки Падарамон фиристод.

Аз Роҳи Калон роҳе ба тарафи Ҷоназартеппа ҷудо мешуд; он ҳанӯз ҳам ҳаст, акнун номи “Навоӣ”-ро дорад.

Дар ҷои ҳавлиҳои Мулло Шодимурод ва Ҷамила-апаам идораву анбору ҷувозхонаи колхоз буд. Номи колхоз “Октябр” буд, ҳоло ба номи Маҳмадулло Холов.

Тамоми атрофи Роҳи Калон, тарафи чапи роҳи Ҷоназартеппа, рӯбарӯи идораи колхоз боғе навбунёд буд.

Ниҳолон ҳанӯз ба мева надаромада буданд. Дар зери ниҳолон палак буд. Мо амаки Усмонбойро дидем. Дар даруни лочуқ буд. Садо кардем:

- Амакӣ!

Амаки Усмонбойро мешинохтем; аз дӯстони падар, ҳамсояи апаи калониамон буданд. Қомате паҳлавонона, абрӯвони ғафси зардина доштанд. Тарафамон омаданд, мо ҳам тарафашон рафтем.

- Ҳа-а, барои ҳандалак омадетон. – Матлаби моро аз ҳузури мо дарёфтанд.

- Ҳандалак ҳоло напухтааст … Агар насиба доретон, чизе ёфт мешавад … Амаки Усмонбой аз даруни ҷӯя бисёр гаштанд, баргҳои палакҳоро даст-даст диданд … Яке ёфтанду канданд. Боз яке-яке дигар.

Се ҳандалаки навпухтаро оварданд:

- Навгонии мо барои шумову падаратон. Харбуза пухт, боз биёетон …

Амаки Усмонбой боғбоне асил буданд. Ҳамон боғ ба камол расид, солҳои сол мева дод. Он кас дар колхози "Молотов" (баъдтар "Меҳнат-Роҳат" шуд), боғи бузурге обод карданд, ки ҳудуди сӣ сол ангур дод.

Амаки Усмонбой, ки дили поку ҳиммати баланд доштанд ва умре бо кори муназзами ҷисмонӣ машғул будаанд, умри дарозе диданду дар бехи навад, дар ҳалқаи фарзандону набераву аберахо бандагӣ карданд.

Ҷояшон ҷаннат бод!

### ***Барги чинор танга шуд…***

Мансурбой – аз тоҷикони бумӣ буданд, аммо дар поёни Арабхона менишастанд. Марде миёнақадди паҳлавонпайкар буданд.

Синнашон, ба гумонам, андаке пойинтар аз падарам буд. Омаду рафт доштанд. Бо ҳамдигар суҳбатҳои ҷолиб мекарданд. Хотира мегуфтанд. Боре падарам гуфтанд:

- Мансурбой, ёд доред, боре замин шудгор мекардем, барф бориду баъд гарм шуду говҳо мурданд?

Мансурбой хандиданд:

- Ҳа, ёдам ҳаст. Ҳадаҳа кор мекардем, говҳо арақ карда буданд, барф борид, говҳоро хунук зад, боз офтоб шуд …

Падарам:

- Ун “барги чинор”-ро ёд доред?

- Ҳа, ёдам ҳаст:

*Барги чинор танга шуд,*

*Мурдани гов инҷа шуд…*

Деҳқониву боғдорӣ мекарданд. Солҳое осиёбон ҳам буданд.

Ду писар доранд: Абдусаттор ва Ҳамроҳқул. Ҳар ду ҳам донишгоҳро хатм кардаанду бо муаллимӣ машғуланд.

### *Иброҳим-мошиначӣ*

Бо ду ном шуҳрат доштанд: “Иброҳим Оқсаққол”, “Иброҳим-мошиначӣ”. Яъне, ки ҳунари мошинадӯзӣ дошта, бо он машғул будаанд. Аслан гузариболоӣ буданд; аз шахсиятҳои машҳури Қубодиён ба шумор меомаданд. Дар бозор медидам, ки бо падарам муносибати хуб доштанд.

Марде баландқомати хушсухан буданд.

Як писарашон муаллим буд; тоқии ироқиву ҷомаи беқасаб мепӯшид; синфи севум мехондем, ки даргузашт; дар маросими дафн моро ҳам бурданд.

Тахминан солҳои панҷоҳум Қӯрғонтеппа рафтанд ва ҳамон ҷо монданд, агарчи Қубодиён ҳам рафта меомаданд. Ҳамроҳ бо падар Қӯрғонтеппа рафта, дар манзилашон меҳмон ҳам шудаем. Дар камоли пирӣ ба Ҳақ пайвастанд. Худо раҳматашон кунад.

Муҳаммадӣ ва Шодимурод – аз фарзандони барӯманди Иброҳим-мошиначӣ мебошанд. Ин ду барои банда ҳам азиз ҳастанд. Дар 2004 ба гӯш расид, ки Муҳаммадӣ ҳунари мошинадӯзии падарро ба даст гирифта, бо шалвордӯзӣ машғул шудаанд.

Бо Шодимуродхон рафтуомадҳо дорем. Филмҳое дар хонаашон дидаем. Филмҳое, ки паноҳӣ аз берун овардаанд. Аз ҷумла, яке дар бораи маросими дафни оятулло Хумайнӣ. Одам чунон зиёд буд, шояд беш аз миллион. Ҳама бехуд буданду сина мезаданд. Баъзеҳо аз ҳуш мерафтанду онҳоро рӯ-рӯи даст

берун мебурданд. Ин шӯру ин ҳаяҷону ин валваларо на танҳо надидаву нашунида будем, балки тасаввурашро надоштем. Мо аз дидани он манзара карахт шуда будем.

Шодимуродхон гуфтанд:

- Ман чанд бор дидам … Боварам намешавад … Намефаҳмам …

Гапе шуниданӣ аз Муҳаммадӣ-бӯлаам, ки бо се зан сарукор доштанд, шунидам. Вақте шунидаанд, ки Абдуҷаббори мо аз занаш ҷудо шудааст, гуфтаанд: “Мову Абдуҷабборҷон аз зан ҷалчимиш накардем …”.

### *Мирзо-мисгар*

Дар наздикии Гулхона, дасти чапи Қумкӯча хона дошт. Рӯи ҳавлиаш пур аз чайлаи ток буд.

Дар замонаш мисгарӣ мекардааст. Дар бачагиҳои мо, тобистонҳо, ба гарданаш машк овехта, ҷом дар дасташ, дар бозор мегашт ва фарёд мекард:

- Оби худоӣ! Оби худоӣ!..

Ба мардум об медод. Оби бепул. Аммо худ зиндагии фақиронае дошт.

Дар навҷавониҳои мо девори мактабамонро (мактаби Ҷалилов) зада буд. Дар поёни умраш, дар мағозаи наздикии хонааш (Имтийиз) посбонӣ мекард ва зимистоне дар ҳамон посбонхона даргузашт.

Раҳматӣ се писар дошт. Юлдош, Абдулло, Ибод. Абдуллову Ибод аз ҳамсинфони ман буданд, аммо мактабро дертар тамом карданд.

### *Файз Қараев*

Бо “Қараев” машҳур буданд, ҳеҷ кас номи худашонро ба забон намегирифт.

Як бародарашон шаҳид шуда будааст; мазораш – дар лаби заҳбур, миёни шаҳр ва Ёбиз буд; аз болояш роҳ омад; кӯчонданд.

Қараев аз ҷанг бе ду ангушт омаданд; аз шахсиятҳои машҳури Ёбизи Калон ба шумор меомаданд; солҳои дароз

мудири хоҷагӣ ва кассири колхоз буд. Вақте колхози моро ба “Молотов” (“Меҳнат-Роҳат”) ҳамроҳ карданд ҳам, кассир буданд.

Ба домодам Субҳонхон гила кардаанд, ки барои ба Донишгоҳ даромадани писарашон халал расонида бошам. Ҳаргизу ҳаргиз! Аслан хабар надоштам, ки писарашон имтиҳон супурда бошад.

Пас аз даргузашти Падар, писари калонишон ҳам дар ҷавонӣ ба раҳмати Ҳақ пайваст. (Худованд ҳамаи рафтагонро раҳмат кунад!).

### *Меглӣ Мироб*

Одаме паҳлавонҷусса буданд. Умре миробӣ кардаанд. Дар поёни умр, дар молбозор даллол буданд.

Дар ҳамон террори истолинӣ аз Қубодиён гурехтанду дар Уялӣ басар бурданд. Дар солҳои шастум ба Қубодиён баргаштанд. Ба яке аз хешовандони Модарам, ки Мисқол-хола мегӯем, хонадор шудаанд. Фарзандони онҳо Ҳабибулло, Хайрулло, Шамсулло ва чанд духтарашон хонаву ҷо доранд ва дар Қубодиёну Шаҳритӯс зиндагӣ басар мебаранд.

Ҳабибулло дар корхонаи пахтаи Шаҳритӯс муҳандис, Хайрулло дар Қубодиён пизишк мебошад. Норгул – духтари тағоям Вафоҷон дар дасти Ҳабибулло мебошад. Хайрулло ба Рухсат, духтари холаамон Майрам, издивоҷ кардааст. Вақте онҳо дар Уялӣ мезистанд, хонаашон зиёд мерафтам. Боғи калоне обод карда буданд.

### *Карим Мироб*

Дар миёни Ёбизи Калон хона дошт – ғарбтар аз хонаи Маҳмадмурод Бобо. Дар рости хонаи инҳо низ хонаи занбӯр буду моро метарсонд. Аммо ин кӯча нисбатан хилват буд: бачаҳои шум надошт.

Миробиашро намедонам, аммо ин лақабро дошт.

Писари калониаш ҳамноми ман буд, мактабу Донишгоҳро пеш аз ман тамом кард. Иқтисоддон буд; дар

колхоз кор кард. Ба таҳсилкардагони маҳаллӣ таваҷҷуҳ кам шуд ва Раҳим ҳам аз рӯи тахассуси худ кор накард; ва аз ин ҷаҳон ҳам барвақт рафт.

Ҳамид, Турсун ва Шодӣ ҳама писарони Карим Мироб мебошанд. Ҳамид замоне дар милисаи роҳ кор мекард; бисёр сахтгир буд; баъд истеъфо дод.

### *Маҳдӣ Неъматов*

Аз Ёбизи Калон буд; механизатор. Ба андозае корнома нишон дод, ки дар забонҳо нишаста буд.

Мо пеш аз ҷангу дар замони ҷанг ҳам барқ надоштем; аз чароғи карасинӣ истифода мекардем.

Якумин барқро Маҳдӣ Неъматов овард. Мотореро ба кор андохт, ки “движоки Маҳдӣ Неъматов” мегуфтанд.

Қуввати мотор кам буд, аммо миқдори истифодакунанда бисёр. Лампочкаҳо ба зӯр месӯханд, гоҳе – монанди помидор. Дар ин ҳол падарамино мегуфтанд:

- Ё Маҳдӣ Неъматов, ҳунаратро нишон деҳ!

Он кас писаре доштанд; номаш “Абдураҳмон”. Донишгоҳи омӯзгориро тамом кард, дар риштаи забону адабиёт. Дарҳол ба шуъбаи арабии ДДТ имтиҳон супурд, даромад; соле хонд. Хуб мехонд. Шароити хонаводагӣ маҷбур кард, ки хонданро тарк кунад.

### *Ӯроқ Валиев*

Механизатори бисёр машҳур буданд; унвони баланди Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистиро дар соли 1950 соҳиб шуданд.

Хонаашон дар болосари мактабамон буд. Чор писару як писархонд доштанд: Бӯрӣ, Иброҳим, Сарӣ, Қара ва Чорӣ.

### *Мамадмуродовҳо*

Ду бародар буданд. Модарашон калон мекард. Дар лаби Қумкӯча хона доштанд.

Калониро “Норак” мегуфтанд, агарчи “Нормурод” ном дошт. Вай аз хатмкунандагони давраи якуми мактабамон буд. Ҳам мехонд, ҳам дар буфети мактаб (ҳангоми танаффусҳо) кор мекард. Буридаи нони хлебӣ, ки шакар пошида медод, бисёр хушмаза буд.

Хурдиро “Ҷӯра” мегуфтанд, аммо номи пурраш “Ҷӯрамурод” буд. Аз синфи якум ҳамроҳ мехондем; Маҳмуду Амону Замону Абдуллову Ибод ҳам буданд. Ин бачаҳо шӯхӣ бештар доштанд.

### *Бобогулов – Бобогулова*

Ҳудуди панҷ-шаш километр поёнтар аз маркази Қубодиён маҳалҳои матрукаи Сангоба ва Бештемур мавҷуд буданд. Солҳои панҷоҳуми мелодӣ ҳам чордеворҳо, ҳавлиҳо, ҷо-ҷо хонаҳои обод, аммо беодам буданд. Яъне, сокинонаш ё нобуд шудаанд ё фирор кардаанд.

Пештар аз оғози ҷанг муҳоҷироне омаданд, қавме бо номи “хатакӣ”. Инҳо ин харобаҳоро обод накарданд, балки поёнтар аз ин маҳалҳо хона сохтанду зиндагӣ карданд.

Колхозашон “Молотов” ном дошт, пас аз сиёҳ шудани В.М. Молотов, ба колхоз номи “Меҳнат-Роҳат”-ро доданд.

Солҳои дароз райиси ин колхоз Бобогулов буд. Вай тавонист корро дуруст ташкил кунад. Ва дар соли 1948 унвони Қаҳрамони меҳнати Сотсиалистиро гирифт. Дар ҳамон соли 1948 ҳамсараш – Ҳайитноз Бобогулова ҳам Қаҳрамон шуд.

### *Сафар ва Ҳасан*

Ин бародарон дар маркази Ёбизи Калон, тарафи офтоббарои масҷид зиндагӣ мекарданд.

Ҳасанро, бино бар чолоку айёр буданаш, “Ҳасанча” мегуфтанд. Нақл мекарданд, ки дар аввалҳои Ҳукумати Шӯроӣ, бо кадом гуноҳе зиндон мекунанд. Аммо вай то ин андоза чолоку зирак будааст, ки фирор мекунад; болои дарахти рӯи ҳавлии бандихона пинҳон мешавад. Посбонҳо

даромада гирду атрофро мекобанд, аммо касе болои дарахт нигоҳ намекунад. Шабона аз болои дарахт фаромада, хона меравад, фардо, бо пои худ бармегардад – бо як пуштора алаф. Ва мегӯяд:

- Аспҳо гушна буданд, барои алаф рафтам …

Вай марде зардинаи қоқинае буд. Идораи амниятӣ ҳушёриву зиракии Ҳасанчаро таги чашм карданд ва моҳирона суистифода бурданд, барои ҷосусӣ. Вақте, пас аз муддате баргашт, гуфт:

Гуфтанд, ки фалон шаҳр меравӣ, дар фалон ҷояш чойхона ҳаст; медароӣ, чой мегирӣ, аммо аввал ҳаёт меравӣ, рӯ ба тарафи офтобшин ҷавоби чой медиҳӣ, омада чоятро мехӯрӣ; вақте чой хӯрда хестӣ, касе пешат меояд ва фалон саволро мепурсад …

Аммо охирон бор рафту дигар барнагашт. Зану бачаашро ҳам ба Айвоҷ кӯчонданд.

Амаки Сафар, ки аз улфатҳои амаки Даврон буданд, дар колхоз кор мекарданд, камоли пириро диданд, солҳои ҳаштодум даргузаштанд. Фарзандони шоиста доранд.

### *Усто Маҳмадалӣ ва Усто Теша*

Усто Маҳмадалӣ - устои чулбурон буданд. Аслан аз Афғонистон. Аммо маълум нест, ки худашон омадаанд, ё гузаштагонашон. Ба ҳар ҳол, дар бачагиҳои мо устои машҳур буданд.

Писарашон – Теша муаллим ҳастанд. Аммо касби падарро ҳам доранд. Дасташон сабук аст: дасти писарони моро ҳамин кас ҳалол кардаанд.

Усто Теша ҳам писарони хуб доранд. Намедонам, ин писарон касби падарро доранд, ё не? Аммо инаш рӯшан аст, ки яке аз онҳо Муҳаммад, аз бачаҳои рӯшан ва фаъолу умедбахши Қубодиён аст. Вай аз аввалинҳо шуда ба Ҳизби Демократии Тоҷикистон даромада буд. Файзулло, бародари хурдии Муҳаммад бо кори сохтмон машғул аст.

### *Маҳдӣ - қизак*

Дар Ёбизи Калон, тарафи қиблаи масҷид (масҷид ҳоло ҳам ҳаст) хона дошт. Марде қоқинаи сиёҳҷурдаи қадбаланду оддие буд. Такаллуф надошт. Доира менавохт, дӯзандагӣ ва пазандагӣ мекард. Ба ҳамин хотир, он лақабро мебардошт.

### *Азиз - шӯро*

Хонаашон болотару шарқтари ҳавлии Маҳдӣ Қизак буд. Пирамарде одии миёнақад буд. Бо писараш Баҳром дар мактаби Ёбизи Калон мехондем.

Шояд аз нахустин тарафдорони Шӯро будааст, ки мардум он лақабро часпонда буданд ва номашро ҳеҷ гоҳ тоқ ба забон намегирифтанд.

### *Ҷумъа - партия*

Қадди баланду пайкари паҳлавонона дошт; бо садое, муносиби худаш. Араб буд, дар ҳудуди Гулхона зиндагӣ мекард. Аммо роҳро калон мекарданд, бағали Қабла рафт, дар домани Хоҷа Қозиён боғи бузурге обод кард.

Шояд аз нахустин касон будааст, ки ба ҳизби болшевикҳо рафтааст. Аммо дар асл – деҳқон буд. Вазифаи сиёсиву роҳбарӣ доштанашро нашунидаам.

Ду писари баркамол дошт, хурдиро “Аҳмад” мегуфтанд.

### *Ҷумъа-ғижжакчӣ*

Араб буд; дар лаби Наҳри Калон, поёнтар аз ҳавлии Усто Ашӯр-бобо зиндагӣ мекард.

Марде одӣ буд. Мегуфтанд, ки дар дарбори мир ғижжакнавозӣ мекардааст.

### *Ҷумъа Қизил*

Ин ҳам араб буд, дар Бешканд зиндагӣ мекард. Бино бар сурхрӯй буданаш, он лақабро ёфта буд.

Ба яке аз духтаронаш Ҷӯра-акаам хонадор шудаанд. Духтари дигарашро додарам Сатторҷон гирифта буд, ки бинобар ҳодисае ҷудо шуданд. Онҳо як духтар доранд – Гулчеҳрабону.

### *Чавбӯрӣ*

Муқими Гулгунхона буд. Дар милиса хизмат мекард.

Ҳунари пайванд карданро дошт.

Боре падарам даъват карданд. Баҳорӣ омад. Бо як химчаи шоҳтут дар даст; ва кордчаи махсуси нӯгкач.

Дар рӯи ҳавлӣ ниҳоли туте буд. Шоҳтутро ба он пайванд зад.

Пайванд гирифт. Аммо соли дигар, ҳангоми буридани барги тут, беэҳтиётӣ кардему шохаи пайвандӣ парид …

Ман ба кори усто зеҳн мондам. Ва муғчапайвандро ёд гирифтам. Соли дигараш садбаргро ба сафедор пайванд задам.

Усто се писар дошт. Писари калониаш дар ҳамон солҳои шастум мулло шуда буд.

### *Абдураҳмон-мерган*

Яке дигар аз қунғуротҳои хубро “Абдураҳмон-мерган” мегуфтанд. Вай шикорчии моҳире буд. Кӯҳи Хоҷа Қозиён мерафту оҳу, гавазн шикор мекард. Дар ҳар ҳафта, ё ду ҳафта шикоре меовард.

Бо Мирзоқул-райис дӯстии наздик дошт. Аз сайдаш ҳаққи райисро ҳам медод (инро писараш мегуфт).

Як писараш Абдурасул ном дошт; тақрибан ҳамсоли мо буд.

Пас аз чанде инҳо ҳам рафтанд – ба Доқӣ.

Абдурасул рафиқи бафаросату меҳнатдӯст буд. Ҳоло саркори пешқадамтарини колхози ба номи Карл Маркс мебошад. Дар матбуоти республикавӣ дар бораи таҷрибаи судманди деҳқонии Абдурасул борҳо мақолаю очеркҳо ба табъ расидааст.

### *Нахустин нерӯгоҳи барқи обӣ*

Пеш аз солҳои панҷоҳум; шояд аввалин солҳои пас аз ҷанг.

Дар Ахча нерӯгоҳ сохтанд: Аз миёнаи Ахча мегузашт. Ҷӯй дар баландӣ воқеъ буд. Аз тарафи чапи роҳи марказӣ, рӯй ба қибла дарғот сохтанд, аз симон. Тахминан 20-25 метр об бошиддат мерафт, моторро гардон мекард.

Дар дасти чапи ҳамин нерӯгоҳ хонаи Самад-бӯлаамон воқеъ буд. Хонаашон бисёр мерафтем.

Аз барқи ин нерӯгоҳ ба маркази ноҳия ҳам мерафт, ё не – намедонам.

Аммо бандихона меомад. Даруни бандихона чароғон буд. Дар болои деворҳои атроф ҳам чароғ шинонда буданд.

Ориф-бӯлаам мегуфт, ки шабҳо дар рӯшноии чароғи болои девори бандихона дарс тайёр мекунад.

Ин нерӯгоҳ шояд 10-15 сол умр дошт.

### *Орифи Ҳамидбой*

Дар Ёбизи Калон, рӯбарӯи ҳавлии Усто Барот, аз тарафи рости роҳи қадима (акнун аз он кӯчаҳо нишоне намондааст) Ҳамидбой зиндагӣ мекард. Вай марди қадбаланди зардинаи оддии беозор буд.

Дар рости хонаи онҳо, дар девори кӯча занбӯр хона дошт. Роҳи подаи мо аз ҳамин кӯча мегузашт. Гоҳе бачаҳои шум, вақте аз хонаи занбӯр гузаштанд, хок ба хонааш мепошиданд, то кор ба пасояндагон душвор шавад. Бино бар ин, мекӯшидем, ки бомдод ҳарчи зудтар говро ба подахона расонем. Аммо баъзан, бо сабабҳое дер мемондем ва занбӯрҳо очаамонро нишон медод …

Ҳамидбой Зарифу Шарифу Ориф ном писароне дошт. Бачаҳо, ба хусус Ориф хеле шӯх буд, гоҳе онро ба марзи шумӣ мерасонид…

Боре, мактаб мерафтам ё меомадам, ки манзараеро дидам: марде аз мағозаи хӯрокворӣ баромаду дучархаашро дид, ки рӯи зин рӯғани солидол молида, дуд аз димоғаш фаввора зад; ҳарчанд пок мекард, покиза намешуд; ба ночор дашном додаву дуо карда, дучархаро каш-кашон рафт.

Дуртарак, дар гӯшае Ориф тамошо мекарду бо завқи тамом механдид …

Баъдҳо шунидам, ки Ориф хонадор шудааст, аммо бефарзанд. Шояд, ки дурӯғ бошад.

### *Холматбой*

Баъзе каҷдаҳанҳо “Кали Холмат” мегуфтанд.

Ҳамсояи мо буданд, аз тарафи чапи Наҳри Калон, яъне ғарбитарин сокини Сорбонқалъа. Се писар доштанд: калонаш Турсунмурод, хурдиаш Тӯхта.

Турсунмурод, замоне ки нав хонадор шуда буд, муддате ҳамсояи мо буд – дар ҷое зиндагӣ кард, ки Султон-тағомон ҳастанд. Баъд ҷое рафт, солҳои ҳаштодум омаду боз ҳамсоя шуд, Дилшод-райис аз ҳаёти Мулло Ҷаббор замин дод.

Кампири Холматбой омадурафт дошт. Аз хонаи мо барги пиёз, барги лаблабу мебурд …

Чиллаи тобистон буд. Мо – се бародар, оббозӣ мекардем. Падарамон бо доду фарёд, химча дар даст, ба суроғамон омаданд. Ҳамон кореро кардем, ки ҳар бачаи гуноҳолуд мекунад: гурехтем. Падар – ба дунболамон. Тифоқо, кампири Холматбой аз тарафи бозор меомад, гуфт:

- Ҳа, чӣ шуд? Барои чӣ бачаҳоро сур мекунед?

Падар гуфтанд:

- Дигар бозӣ ёфт нашудаст, рӯймоламро гирифта гум кардаанд …

- Рӯймолатон?

- Ҳа.

- Рӯймолатон дар китфатон-ку!

Падар ба китфашон нигоҳ кардаанду рӯймолро дида, “Э!..” гуфтанд ва афзуданд:

- Рӯзаву хумори нос …

### *Мирзобой*

Сорбонқалъаӣ, паҳлавонпайкари кушодачеҳра буданд.

Ҳунари ошпазӣ доштанд, палави хуб мепухтанд. Оши маросими падару модари моро пухтаанд. Мегуфтанд, ки ин ҳунарро аз падарат ёд гирифтаам. Падари мо, дар воқеъ, палавпази хубе буданд. Бештар дар маросимҳо мепухтанд. Гоҳе, модар дар хона набошанд, падар хӯрок мепухтанд. Бештар - шӯрбо. Ҳайратафзо - ин буд: тобистони 1987 дар Бухоро палаве хӯрдем – айнан аз ҳамон палаве, ки падарам мепухтанд.

Мирзобой ду писар доштанд, калонишон Ҳаймурод; мо ҳамсинф будем. Вай ҳунари тракторрониро аз худ кард ва ҳоло аз механикҳои машҳур ба шумор меояд.

### *Ҳусайну Сайфулло*

Ҳусайн – марде қадбаланду қавипайкари ҳудудан 60-сола буд, дар канори ҷӯи Гулхона бо ҳамсару ду писараш: Сайфулло ва Сайфиддин зиндагӣ мекард. Шояд барои он ки чашмони калон-калон дошт, "Кӯри Ҳусайн" мегуфтанд.

Писаронаш аз мо калонсолтар буданд. Боре дар канори ҷӯи худамон тарафи хона меомадем, ки Сайфулло ва Сайфиддин ману бародарамро диданду ғалтонданд. Ба падараш гуфтем. Гуфт:

- Кори бад кардаанд, ман мезанам.

Зад ё назад, намедонем, аммо ба мо оромӣ дод, яъне, ки ҳаққамон насӯхт.

Писари калониаш Сайфулло чашмонаш олус буд, аммо Сайфиддин чашмони калон-калони хуб дошт.

Боре Падар фиристоданд, ки аз дангона ҳаққамонро биёрем: Ҳусайн гӯсфандеро пул ҷамъ карда харидааст. Ҳаёти Ҳусайн рафтем; гӯсфандро куштанд, ҳаққи Падарро доданд, хона овардем.

Боре аввали тирамоҳ буд, ки ҳамроҳи бародарам аз Ҷоназартеппа меомадем. Аз поёни ҳаёти "Кӯри Ҳусайн" мегузаштем. Дасти чапи ҷӯй пахтазор буд. Лаб-лаби ҷӯй қаламфур буду ҳосил дошт. Ману бародарам чашм андохтем, касе нест, чанд дона қаламфур кандему хона овардем. Падар, ки диданд, гуфтанд:

- Дарҳол бареду дар ҷояш монед.

Бурдему дар бехи ниҳолон ҳаво додем. Касе надид.

### *Оро-райис*

Аз Арабхона буданд; аз нахустин райисони колхоз; солҳои зиёде ба шурои ҷамоа ҳам райисӣ кардаанд.

Гӯё сахтгир будаанд; мегуфтанд, ки: “аз тозиёнааш хун мечакад”. Аммо ба ин хотир, ки падарам ошноӣ доштанду рафтуомад мекардему медонистем, одами хубе буданд.

Ҷамоахона, вақте маркази ноҳия кӯчида омад, китобхонаи хубе дошт; китоб амонат гирифта мехондаму бармегардондам. Бо ин сабаб ҳам райисро бисёр медидам.

Ӯроқ-бӯлаам котиби шурои ҷамоа шуд; бо баҳонаи вай ҳам ҷамоахона мерафтаму райисро медидам. Шахсе муҳтарам буданд, фарзандони шоиста тарбият кардаанд.

### *Саймурод-райис*

Дар Арабхона менишастанд; солҳо райиси колхоз буданд; бо кордонӣ райисӣ мекарданд.

Чанд писар доштанд; калонишон – Холмат, ҳамсинфи мо буд; бо варзиш машғул шуд, дар мусобиқаи республикавии давидан ҳам иштирок кард.

Соли 1990, ки бо дағдағаи депутатӣ, моҳе дар Қубодиён будам, ҳамроҳ бо Абдулло-язнаам ба зиёрати Райис рафтем. Пирамард нақлҳои аҷибе карданд – аз бозори пешини Қубодиён, шабҳо кор карданаш, боз будани дари дуконҳо, оташ гирондани пушти домани милисае …

### *Файзулло-райис*

Дар Гузари Боло зиндагӣ мекарданд. Замоне райиси колхоз будаанд, аз ҳамин сабаб “Файзулло-райис” мегуфтанд.

Писаре дошт, агар ҳофиза фиребам надиҳад, “Мамасолеҳ” ном дошт. Дар синфи сеюм ҳамроҳ мехондем.

Тирамоҳ буд. Пахтачинӣ бурданд. Пахтазор дар болои Гузари Боло буд. Бори аввал пахтачинӣ мерафтам.

Якдоманӣ пахта чиндем. Барои он ки нагурезем, тӯппиҳоро болои пахтаи чидашуда мондан лозим шуд.

Мамасолеҳ “хе-хе” кард, ки “мегурезем-мегурезем”, ман ҳам ба гапаш даромадам: гурехтем.

Аммо тӯппиҳомон монд – намедонам: гум шуд ё касе пӯшид.

### *“Садақа радди бало!”*

Дар Арабхона марде менишаст – “Умар подабон”, “Кӯри Умар” мегуфтанд.

Марде сиёҳҷурдаи қадбаланд буд. Чашмонаш гул дошт, намедид; яке аз писаронаш бо асо раҳнамоӣ мекарданд.

Вай бо дасти дарозкарда мегашт ва фарёд мекашид:

“Садақа радди бало! Садақа радди бало!”

Ва мардум аз рӯи тавон садақа медоданд … Худаш араб буд, аммо дуояш – омехта бо ӯзбекӣ:

*Туҳмат балонгдан сахла!*

*Марги муфоҷодан сахла!*

*Садақа радди бало!..*

Модарам мегуфтанд, ки вай аввал оҷиз набудааст, подабонӣ мекардааст. Рӯзе дар мавриди Оши ҳалол,[67] дар хонае барои ду гов як нон медиҳанд. Подабон, ки норозӣ шуда буд, фардо, бегоҳӣ он нонро ба шохи гов мехалонад ... Аз ин беҳурматӣ нисбат ба нон, подабон гӯё кӯр шуда бошад.

Намедонам, ин ҳикоят рост буд, ё бофта, аммо барои худамон сабақ гирифта будем: як зарра нонро намепартофтем, агар мағзе тифоқо аз дастамон афтад, бардошта, пуф карда, ба чашм молида, ба даҳан меандохтем, ё зери дарахту бутта мегузоштем.

### *Аҳмади Тотор*

Солҳои ҷанг ё аввали пас аз ҷанг буд, ки ҷавони тоторе пайдо шуд: Аҳмад Тӯқаев.

Дар колхози мо аробакаш шуд. Абдулло-язнаам дар хонаашон ҷой доданд. Апаам Муаззама монанди додараш нигоҳубин мекард. Солҳо аробакашӣ кард.

Баъд модару хоҳаронашро овард; дар марказ хона сохт; мағозаи китобфурӯширо (пас аз Тилоев) ба даст гирифт. Хеле фаъолона кор мекард, аз Сталинобод китоб мебурд.

---

[67] Оши ҳалол – музди кори подабон аст, ки ҳар бегоҳ дар шакли нону хӯрок аз соҳибони гов мегирифт.

Мағозаи китоб дар канори бозор буд. Рӯзҳои бозор китобро берун мебаровард; дар баровардану фурӯхтану даровarданаш ёрӣ медодам. Барои ҳаққи хизматам китоб медод. Аз ҷумлаи китобҳои хидматонаам – яке "Ҷангу сулҳ"-и Толстой аст, ба забони русӣ, дар ду китоб.

Аҳмади Тотор баъдан Душанбе омад; як хоҳараш – Сония, духтури дандон шуд. Худаш мағозаи калони китоб боз кард – дар поёни хиёбони Айнӣ, дар маҳаллаи ДОК.

### *Духтур Маҳмудҷон*

Муаззама-апаамон додархонди дигар пайдо карданд: Маҳмудҷон.

Ҷавоне аз тоҷикони Фарғона. Омӯзишгоҳи пизишкии Сталинобод (Душанбе)-ро тамом кардааст; вайро барои кор, ба ноҳияи мо фиристоданд; ноҳия – ба колхози мо равон кардааст.

Колхоз, табиист, ки шароити хонаву ҷойро надошт. Ва райис, овардааст ба хонаи худ. Хобу хӯрокаш дар хонаи апаамон буд.

Бисёр ширинзабон буд. Апаамонро "Апахон" мегуфт. Ҳамаи хоҳарзодаҳоямон, мо ҳам дӯсташ медоштем.

Духтур Маҳмудҷон чанд соле кор кард; сипас, Донишгоҳи Буалӣ Сино омад, тамом кард; дар Қарияи Боло бо духтурӣ машғул шуд.

Аммо рафтуомад идома дошт.

### *Камолиддин Шарифзода*

Аз тоҷикони ғармӣ буданд; муаллим буданду Қубодиён, ки рафтанд, райиси колхоз шуданд. Маърифати баланде доштанд.

Ошиқи китоб буданд.

Рӯзе хона омадам, ки падару модарам гуфтанд: райис омаду як китобатро бурд. Китоби устод Айнӣ - "Мирзо Абдулқодири Бедил".

Сахт нороҳат шудам. Райисро ёфтан осон набуд. Вақте ҳам меёфтам, бо ширинсуханӣ пеши обро мегирифтанду ба фардову пасфардо меандохтанд.

Метарсидам: китоб аз даст рафт. Пас аз муддатҳо хона омадам, ки хушхабар доданд: “Мирзо Абдулқодири Бедил”-ро райис оварданд; коғазпеч овардаанд.

Баъдҳо фаҳмидам, райис барои мутолиа фурсат кам доштаанд, на фикри аз худ карданро…

Боре, устодам Соҳиб Табаровро, ки сафари Қубодиён доштанд, ба меҳмонии райис бурдам. Суҳбат саропо аз адабу фарҳанг буд. Устод Табаров баъд гуфтанд: райисе ба ин андоза адабиётдону адабиётдӯстро бори якум мебинам.

Дигар аз райис наметарсидам, китоб медодам; чанд китобам дасташон монд, ба писарашон Илҳомиддин гуфтам, ки онҳоро бахшидаам.

Кори бузурге, ки райис анҷом доданд, ин буд, ки бо раҳматӣ Маҳмадулло Холов ошно карданд. Он кас Райиси Президиуми Шурои Олии Тоҷикистон буданд. Ба Райиси калон аз мушкилоти манзил гуфтам. Дар як ҳуҷраи хобгоҳ бо зану се бачаам зиндагӣ мекардам. Гуфтанд, ки: навис. Навиштам. Ба дафтардорашон Маҳмадқулова супурданд, ки машғул шавад. Машғул шуд: аз тариқи шаҳрдорӣ, ки дар ҳисобаш хонаҳои якҳуҷрадор бисёр будааст, якеро ба пиразани русе, ки дар се ҳуҷра мезист, доданд, манзили вайро (Жданов – акнун: “Борбад” – 104, кв. 61) ба мо супурданд.

Камолу шарофати инсониро доштанд, Худо раҳматашон кунад!

Ончунон, ки даст пушту рӯй дорад, Шарифзода ҳам дар баробари васеъ кардани замини кишт, осори бостониву деворҳои қадимиро аз миён бурданд. Як мисолашро худ нақл мекарданд: барои ғалтони Мазордарахте, ки тобистонҳо коргарон дар сояаш дам мегирифтанд, дар наздики Кофарниҳон воқеъ буд, ба тракторрон 50 сӯм додаанд.

### *Дилшод Ёров*

Мо тақрибан ҳамсол будем; чанд гоҳе ба колхоз райисӣ кард, пас аз Шарифзода.

Инсоне шикастанафсу ҳақгӯву самимӣ буд; чеҳраи кушодаш ҳаргиз аз пеши чашмонам дур намеравад.

Рӯзе Дилшод гуфт:

- Акаи Самад барои чӣ дар кучҷое мегардаду ҷои падарии худаш намеояд?

Гуфтам:

- Агар ту лутф мекунӣ, ҳатман меояд…

Самад, писари Вафо-тағомон дар канори шарқии Қалъаи Мир зиндагӣ мекард, хонаву ҷои муносибе надошт. Райис ин маъниро гуфт, ки омода ҳаст порае аз ҳаёти Мулло Ҷабборро ба Самадхон, ки наберааш мешавад, диҳад.

Ин маъниро ба Самад-тағом расондам. Аз шодӣ сухан намеёфт, ки гӯяд. Райис замин дод; Самадхон дар гӯшае аз мулки бобои худ хонаву ҷой кард.

Рӯзе ба райис гуфтам:

- Самад набераи Мулло Ҷаббор ҳаст, ман нестам?..

Ва аз дасти чапи ҳавлии Самадхон пораеро барои ман ҳам ба назар гирифт. Аммо он ҷоро давлат соҳибӣ карду райис натавонист гапи худро гузаронад ва ночор шуд тикаеро аз поёнтар ҷудо кунад. Бахшеро аз он тика Ойимгул биргад бурид, пораи ғарбиашро Турсунмурод ба ҳаёташ ҳамроҳ кард. Боқиро ман ҳам ба бародарзодаам Меҳриниссо ва домодам Бойназар бахшидаам.

Охирин дидори мо дар феврали 1990 буд. Бо баҳонаи интихоботи маҷлис (парламент) азизонро зиёрат мекардам.

Рӯзе, аз шом гузашта буд. Хонааш рафтам; ҳамроҳ бо Абдулло - язнаам. Дилшод дар Нӯкарӣ хона сохта будааст.

Худаш танҳо буд. Бисёр хурсанд шуд; барои шинондан ҷой намеёфт. Ба мухолифати мо нигоҳ накарда, хӯрок фармуд.

Суҳбат аз авзоъ ва аҳвол рафт. Сахт election ноароҳат шуд. Аммо бисёр гап намезад. Яке аз нишонаҳои бузургвории вай ин буд, ки ғайбатро намедонист, бадгӯиро балад набуд.

Дуродур шунидам, ки дар тӯфони 1992 шаҳид шудааст; хун гиристам, ангор бародарам буд; Худо ҷояшро ҷаннат кунад!

Писараш Сироҷ Донишгоҳи Миллиро ба поён бурда, ҳоло коргарӣ Русия рафтааст.

### *Холёр-райис*

Холёр Қурбонов аввал ҳисобдор буд, баъд райиси колхози "Пахтакор" (ҳоло колхоз ба номи худи ӯ) шуд. Ҳам деҳқониро хуб медонист, ҳам лаҷоми нафсро дар ихтиёр дошт, колхозро пешрафт кард, ба таври ҳаққонӣ номи Қаҳрамониро гирифт.

Яке аз дӯстони рӯзноманигор, ки аз рӯзгори райис мақола навиштанӣ будааст, чанд рӯз ҳамроҳи вай саҳро ба саҳро гаштааст. Аз ҷумла, ба ин нукта таваҷҷуҳ кардааст, ки райис ба кадом саҳро рафтанро ишора намекунад, аммо рондан беғалат фикри райисро мехонад. Саранҷом, рӯзноманигор муамморо ҳал кардааст: мошинҳои саҳрой дастгирае доранд, райис тарафи рост хоҳад, дастгираро бо дасти рост медоштааст, тарафи чапро – бо дасти чап…

Райис фарзандони шоиста тарбия кард. Аз ҷумла, Файзғанӣ дараҷаи илмӣ дораду устоди Донишгоҳ аст.

Дар ҳамин колхоз Маҷнун райис шуд. Вай ҳам ҷавоне меҳрубону донишманд аст.

### *Атоев Тош*

Муаллим буд; домоди Чила-бобо. Ба ин хотир, ки ҳамсоя будем, аз нахустин рӯзҳои омаданашон ошноӣ пайдо кардем.

Хонаи Чилла Бобо аз ҳамон рӯзҳои аввали омаданашон бисёр мерафтем. Чунки ҳам пиру кампир одамони меҳрубону ширинзабон буданд, ҳам се писар доштанд (Завқмаҳмаду Нурмаҳмаду Раҳим), ки тақрибан бо мо баробар буданд.

Атоев дертар райиси ҷамоаи Носири Хусрав шуданд; солҳо дар ҳамин вазифа монданд; хубу бо обрӯй кор карданд, чаро ки баднафс набуданд.

Яке аз писаронашон – Раҳим, пас аз мактаби миёна Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон даромад. Намедонам, ёрие аз ман буд ё набуд, овоза шуд, ки ман даровардаам! Риштаи арабиро хуб ба поён расонд ва Қубодиён рафту машғули кор шуд.

### *Миёнҷон Маликов*

Аз Арабхона аст, ба истилоҳ ғармиуласл. Ман дар Донишгоҳ шинохтамаш. Дар риштаи таърих мехонд; ҳамроҳ бо Илҳомиддин Шарифзода.

Ман дарси “Матни классикӣ” медодам; яъне, хатти форсӣ. Миёнҷон хеле пешрав буд, на танҳо дар “Матни классикӣ”. Донишгоҳро хуб ба поён расонд. Шоистагии онро дошт, ки дар Донишгоҳ монаду таҳсилро идома диҳад, аммо бинобар шароити хонаводагӣ Қубодиён баргашт. Солҳо котиби ҷамоаи Носири Хусрав буд.

Инсоне бағоят хушодобу фарҳангист; табассум аз лабонаш канда нест. Соли 90, ҳангоми дағдағаи интихобот хонааш ба меҳмонӣ даъват кард. Хостам райисро ҳам, ки номзади интихобот буд, биёрад, аммо вай наёмад.

Дар поёни шаби интихобот мошинашро дидем, ки дар ҳавлии муаллима Атоева истода буд.

### *Акаи Саъдӣ*

Ҳамсояи мо буд, аз тарафи қибла.

Бо модарбузургу модару додараш зиндагӣ мекард.

Модарбузург – пиразане тануманд, аммо хамидақомат буд, монанди “дол”, вале ҳамеша дар ҳаракат.

Модараш ҳам зани ҳунарманд буд. Дар оши буридаи ғармӣ устухон надошт. Бо ин ки ошро модарам ҳам хуб мебуриданду хуб мепухтанд, аммо буридаву пухтаи холаи Гулхонум чизи дигаре буд – борику дароз, бо сабзиҷоту тундак, ҳам каш-каши беоб, ҳам обакӣ …

Тақдир ҳам ҷавоне хубу коргар буд. Аз муҳити корӣ дар Қубодиён қонеъ нашуд, хонадор шуду Ёвон рафт.

Ва аммо акаи Саъдӣ … Акаи Саъдӣ - фаришта буд: ҳам дар гуфтор, ҳам дар хулқу рафтор. Аз ҷумлаи поктарини одамон буд. Аз исломy Қуръон огоҳии хуб дошт.

Солҳои ҳаштодум буд. Рӯзе гуфт:

- Муаллим, вақте мо омадем, падаратон дар боғи худ ба мо ҷой дод. Акнун мехоҳем ба Ватан баргардем. Агар бародарон мехоҳанд, ин замину хонаву ҷоро соҳибӣ кунанд …

Аммо бародарони мо дилашон нашуд, ки хонаву ҷои акаи Саъдиро соҳибӣ кунанд.

### *Акаи Пирмаҳмад*

Ҳамсояи девор ба девори ғарбии мо. Ҳам деҳқоне покизакоранд, ҳам инсоне шарифанд. Ин ҳама солиёни дарозе, ки гузашт, на танҳо ҷангу ҷанҷоле ба миён наомадааст, балки садои баланди эшон, ҳатто дар хонаву ҳавлии худашон, ба гӯш нарасидааст.

Феълу атворашон ба акаи Саъдӣ бисёр наздик аст.

### *Акаи Меъроҷ*

Марде ҷангдида буданд; бо асо ва як пои чӯбин мегаштанд.

Дар мағоза кор мекарданд. Шояд аз осори ҷанг буд, ки умри дарозе надиданд.

Марде хушчеҳраи гандумии мӯйлабдор буданд. Тамкин доштанд, ҳамеша андешаманд менамуданд. Нур аз чеҳрааш меборид.

Дар тарафи офтобшин аз хонаи Назар Паҳлавон зиндагӣ мекарданд.

### *Акаи Кабуд*

Ҷавон буд; дар ибтидо танҳо бо модараш зиндагӣ мекард; дар поёни ғарбии Бандихона.

Ҳам худаш, ҳам модараш кишоварзони хушкоре буданд; ҳаёташон ҳамеша сабзу хуррам ба назар мерасид.

### *Мирзоҷон*

Бо мо ҳамсоя шуд, бо модару хоҳаронаш; ҳамсояи ҷанубӣ, девор дар миён (акнун: кӯча дар миён).

Инсоне шарифу заҳматкаш аст. Мӯреро озор нарасондааст, аммо некиҳо расондааст. Некиҳои ҳаётбахш. Яке аз он некиҳо ин аст:

Бародарзодагонам Абдурауф ва Фарҳод, ки даҳсолаву ҳаштсола буданд, барои оббозӣ Наҳри Калон рафтаанд. Аз

дунболи Абдурауф, ки оббозӣ медонист, Фарҳод ҳам худро ба об андохтааст. Аз об Абдурауф берун баромадааст, аммо Фарҳод натавонистааст.

Абдурауф фиғон барпо мекунад, ки “Додарам ба об рафт!”. Мирзоҷон ки дар ҳаёташ машғули кор будааст, фиғонро шунида медавад, бо либосаш худро ба об андохта, Фарҳодро наҷот додааст …

Магар нагуфтаанд, ки “ҳамсояи наздик аз хеши дур беҳ аст!?”

### *Ҷӯраҷон*

Дар поёни Бандихона хона дошт, бо модару додараш Давлат зиндагӣ мекард.

Худо раҳматаш кунад, пиразан бағоят меҳрубон буд.

Давлат, ки хонадор шуд, хонаву ҳавлӣ карду рафт.

Ҷӯраҷон, ҳамчунон ки номаш мегӯяд, ҷони одам аст.

### *Усто Марқа*

Поёни солҳои сиюм, бо модару бародараш Абдураҳим, аз Ӯзбекистон фирор карданд. Ҳамсояи болоии мо буданд.

Нодор буданд. Дар аввали омаданашон дар хонаи Абдураҳмон Мерган зиндагӣ мекарданд. Пои усто Марқа шикаста, муддатҳо хобида буд. Баъд аз хуб шудан ҳам мелангид.

Вақте хонадор шуд, ҷомаи арӯсӣ надошт, ҷомаи беқасаби акоямро амонат бурд, пас аз се рӯзи арӯсӣ баргардонд.

Усто Марқа аз устое дар “Молотов” ҳунари чӯбтарошӣ ёд гирифт; дару тиреза месохт; қолаби хиштрезӣ хостам, сохта дод; хиштҳои хонаи бародарбузургамро дар тобистони 1954 бо ҳамон қолаб рехтаам.

Модарам ҳар бегоҳ ҳамсоятабақ мефиристод; бештар ман мебурдам.

Писари меҳрубоне дошт – Рустам; номашро ман додаам; тракторрон буд; дар тасодуме ҷавонмарг шуд; Усто Марқа ҳам дер назист. Худо раҳматаш кунад.

Усто Марқа модари меҳрубоне дошт, ҳофиза агар фиребам надиҳад, Гулхонум ном дошт. Дар саллаи сафеди

баландаш, ки болояш холӣ буд, ҳар чиз нигоҳ медошт – писта, мавиз... Солҳои пас аз Ҷанги ҷаҳонии дувум, ки қаҳтӣ омад, холаи Гулхонум мегуфт:

- Як бор аз нон сер шавам, баъд мурам, майлаш...

Холаи Гулхонум духтаре ҳам дошт, номаш Менгиш.

Пас аз модарам холаи Гулхонум ҳам рахти сафар баст ва аз болосари модарам ҷой гирифт.

### *“Белим синди!..”*

Дӯстон, ҳафтае як бор тамошои филм мерафтем.

Филмеро дар театри тобистона дидему баргаштем.

Фикре пайдо шуд (аз ҷониби кӣ? – дар ёд нест): ба дуздӣ дароем! Бодирингдуздӣ …

Солҳо боз бандихона холӣ буд. Яке аз ҳамсояҳоро нигаҳбон монда буданду вай палак мекорид.

Яке аз бачаҳо гуфт, ки бодиринг расидааст …

Аммо девор баланд; хеле баланд. Зариф, ки аз ҳама қадбаланд буд, поғунда шуд; Абдураҳим ба китфони вай пой монду болои девор баромад; гуфт, ки дар дарун касе нест. Ва худро ҳаво дод. Бахтиёр ҳам гузашт. Ман болои девор мондам, то аз дасти онҳо кашам.

Миқдоре бодиринг чинданд. Тарс боло гирифт. Саросема баргаштанд. Ман аз дасташон кашидаму болои девор баромаданд. Абдураҳим фаврӣ худро пойин андохту фиғон кард: - Вой белим! Белим синди!..

Бахтиёр таъна кард, ки: - Белро барои чӣ овардӣ?!

Абдураҳим: - “Бел” эмас, белим…

Яъне, камараш озор ёфтааст. Ин суи тафоҳуми ғайричашмдошт хушҳолӣ овард.

Ин воқеият, ки батамом хилват асту касе хабардор нашуд, “дуздон”-ро бештар хушҳол кард.

Дуртар рафтем; наздики хонаи Абдураҳимино. Вай рафта намак овард. Бодирингхӯрӣ кардем.

Аҳд кардем, ки ин воқеаро ба касе намегӯем, айб аст …

Фардош, ки мактаб мерафтам, сари роҳ Нормурод Азизовро дидам, ки хишт мерехт. Ҳамдигарро, ки дидем,

тарафаш рафтам. Ҳанӯз наздик нашуда будам, ки хандон шуду пурсид: - Бели кӣ шикаста буд?

Маълум шуд, ки Бахтиёр бомдоди пагоҳ расондааст.

### *Абдураҳим доя шуд!*

Аввали баҳор буд. Ману Абдураҳим барои ҳезум рафтем. Аз ҷӯи Қанчиға гузаштем. (Акнун ин ҷӯй нест, нобуд карданд; ҷӯи Қабларо васеъ карданд, ҳамаи ин заминҳо ва Сорбонқалъа аз он обёрӣ мешавад).

Дар замини Қабла гандум мекоштанд. Аз наҳри Қабла ба поён ҷӯй меомад; дар роши онҳо хору шӯраки хушкидаи порсола буд; мо онҳоро зада, овардани будем. Ногаҳон бо гове бархӯрдем, ки хобида буду ранҷи зоишро мекашид.

Ман батамом ҳайратзада будам. Абдураҳим досу ресмонро ба замин партофту аз пушти гов гузашт. Ду дасти гӯсола баромада буд. Абдураҳим рӯи замин нишаст, бо ду дасташ аз дастони гӯсола гирифт, пойҳояшро ба сағрии гов такя кард ва кашид. Вай хеле зӯр зад ва гӯсола берун омад. Гов хесту гӯсолаашро лесид, хушконд, маконд …

Мо ҳам ҳезум гирифтему баргаштем.

Абдураҳим кори бузурге анҷом дода буд.

Аз дӯстиам бо Абдураҳим суд ёфтам – забони ӯзбекиро ёд гирифтам, ки баъдҳо кор дод. Вай ҳам тоҷикиро ёд гирифт, агарчи ҳеҷ гоҳ мо тоҷикӣ суҳбат накардаем.

### *Исматов – Рафиқова*

Навбаҳори соли 1947. Дар синфи якум мехондам. Абдураҳим, ки дар мактаби Ахча мехонд, дар синфи якум хабар дод: кӯҳгардак мераванд, агар хоҳам, ман ҳам метавонам равам.

Хоҷа Қозиёнро медидам, аз дур, аммо доманаш нарафтаам. Розӣ шудаму аспро зин кардам.

Се муаллимаи зан буд, ду ё се муаллими мард. Домани кӯҳ расидему бозӣ кардем.

Болотар барф метофт. Малика Рафиқова ва Исматов рафтанд. Гуфтанд, ки барф меоранд. Хостем, ки мо ҳам аз пушташон равем, аммо муаллима иҷозат надод.

Баъд аз ду-се соат он ду баргаштанд; суп-сурх, аммо бебарф.

### *Ниҳоли себ*

Падар ниҳоли себ шинонда буданд, дар дасти чапи ҷӯи рӯи ҳавлӣ. Соли севум гул карду як дона себ баст. Ба пухтан наздик мешуд, ки гум шуд. Сахт нороҳат шудем.

Пас аз чандин рӯз Абдураҳим ба гардан гирифт; кандаму хӯрдам ... хом буд ... мисле, ки себи сурх буд.

Ҳамон тирамоҳ ниҳол ҳама хушкид.

### *Нормурод Азизов*

Дар мактаб аз мо поёнтар буд; дар Донишгоҳ баробар мехондем. Вай дар Донишгоҳи кишоварзӣ, ҳамроҳ бо Чорӣ Мирзоев мехонд.

Ҳангоми таҳсил ҳам рафтуомадҳо доштем. Бештар вай меомад. Ба гилааш ҷавоб медодам: -Донишгоҳу хобгоҳи шумо дар баландӣ аст, омаданатон осонтар …

Ҳар гоҳ падар ба дидан раванд, бачаҳоро медиданд ё ҳолашонро мепурсиданд.

Боре падар Душанбе рафтанд; Нормуродро суроғ гирифтем: тамошои футбол рафтаст. Дертар омад, шӯхиам гирифту ба падар гуфтам: - Нормурод бача аст, футболбозӣ рафтааст …

Падар: - Ҳай-ҳай, писарам, бачагӣ мекунед, каллаи Имом Ҳусайн …

Падар ба он устура эътиқод доштанд, ки дар ҷанг душманон каллаи Имом Ҳусайн ва Имом Ҳасанро буриданд, бо пой зада, бозӣ карданд …

Ба мо иҷозат намедоданд, ки тӯбро бо пой занем, аммо бозии дастиро маҳкум намекарданд …

Солҳои ҳафтод буд. Қубодиён рафтам. Хонаи Нормурод Азизов ҳам сар задам. Мошинашро омода мекард: омодаи Шаҳритӯс. Ман ҳам савор шудам. Шаҳритӯс хонаи як дӯсташ рафтем. Соҳибхона пурсид: - Ин ҳамроҳат кист?

Нормурод фаврӣ: - Дастёрам.

Пурсанда ҳайрон монд: ман дар тан ҷомаи нави беқасаб доштам. Нормуродро ҳам ханда гирифт. Аз лутфи дӯстам хушам омад.

Шодам, ки дар сафари охиринам ба Ватан (1998) дӯстамро дидам; дар хонаи раҳматии апаам Муаззамабону, ки дар фотиҳаи раҳматӣ Абдулло-язнаамон ҳузур доштам. Мекӯшид худро хушҳол нишон диҳад, агарчи маълум буд, ки ҳам аз авзои нобасомон ошуфта аст, ҳам аз ин ки дастам ба ёрии фарзандаш кӯтоҳӣ карда буд.

### *Абдураҳимовҳо*

Дар маркази шаҳр, болосари бозор, дар маҳаллаи Чармгарон мешинанд. Абдураҳимови калонӣ, яъне, падар – солҳои шастум пиллачӣ буданд, яъне, дар идораи пилла кор мекарданд. Ҳар ду писари эшон: Тоштемур ва Асадхон маълумоти олӣ доранд ва муаллимӣ мекунанд. Инсонҳои шарифи фарҳангӣ ҳастанд.

Мо дар ин хонадони шариф борҳо меҳмон шудем. Аз ҷумла, бо устод Бозор, устод Шодмон.

Соли 90, ки бо баҳонаи интихобот гардогардӣ доштам, Пӯлод - писари Тоштемурхон аз хидмати аскарӣ омад. Бомдоде падар гуфтанд:

- Муаллим корро вайрон карданд. Хоб дидам, ду халта бодиринг рехтанд. Бодиринг хунук аст …

Гуфтам: - Амакӣ, ин савдои маълум аст. Мақсади асосии ман – дидани одамон буд.

Мутаассифона, ҳарифон кори зиште ҳам анҷом доданд: шабе машъалеро аз даричаи ошхона дарун партофтанд, бо умеде, ки тарконанд. Ин ҳушдоре буд, то ин муаллимони обрӯманд ресмони дӯстиро бо банда кӯтоҳ кунанд.

### *Мавлоно (Насруллохон Абдуллозода)*

Ин кас – бародари бузурги Зиёдуллохон (Зиё Абдулло) ҳастанд. Дар маъниҳое – бузурги ҳамаи мо ҳам мебошанд.

Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро ба поён расонд. Мушкилтарин ва пурифтихортарин касби рӯи замин – муаллимиро даст гирифтанду сар намедиҳанд. Барҳақ, аз

маъруфтарин ва маҳбубтарин омӯзгорони Қубодиён ба шумор меоянд.

Дар январу феврали 90, ки бо баҳонаи интихобот дар Қубодиёнам ҳузур доштам, хонаашон – ситоди мо буд. (Бо ин вуҷуд, ки ин кор бехатар ҳам набуд).

Он замоне, ки он ҷо будам, модарашон модарам буданд, худашон ҳам бародарам, ҳам муаллимам. Эҳсоси бандаро танҳо ҳамоне мешиносад, ки модарашро гум карда, сипас ӯро боз ёфта бошад. Албатта, дар ин хонадони шариф пайванди гувории дигаре ҳам ҳаст: ҳамсарам ба ҳамсари Мавлоно Очаи пешбаромад аст …

Насруллохонро имрӯз “Мавлоно” мегӯянд. Гумон меравад, ин номро нахустин бор Бахтиёр дода бошад, ё ҳардуи мо. Ин унвон, дар воқеъ, ба рафтору пиндори Мавлоно сад дар сад рост меояд.

### *Лаклакхона*

Дар Арабхона гӯристоне ба номи Бибӣ Марям ҳаст, чинорони баланде дошт.

Ва дар қуллаи чанори баланде лонаи лаклак буд.

Ҳар баҳор ҷуфти лаклак меомаду тобистон бача мегузошту тирамоҳ мерафт.

Ҷолибтарин лаҳза ин буд, ки дар тобистони сӯзон (гармӣ гоҳе дар атрофи 50 дараҷа мешавад) лаклакҳо бо навбат бо болҳои боз рӯи лона якпоя рост меистоданду болои бачаҳояшон соя меафкананд.

Мо аз падар ҷасорат намекардем, вале аз модар тааҷҷубамонро мепурсидем. Модарам мегуфтанд, ки “бача калон кардан осон нест, падару модар ҳамин хел заҳмат мекашанд; заҳмате, ки бачаҳо намефаҳманд …”.

Дар Қубодиён ҷои дигар ҳам лонаи лаклак буд. Ва он ҳам дар чанори кали гӯристоне. Дар рустое, ки имрӯз номаш Лаклакуё мебошад. Эҳтимол аслан “Лаклаки гӯё” бошад.

Тақрибан аз солҳои 1970 лаклакҳо ба Қубодиён наомаданд.

Тирамоҳи 1998, бар шохаи дарахти Мазор “Меҳнат-Роҳат” лаклаки танҳоеро дидам, каллаашро дарун фурӯ бурда буд. Дар

назарам орифе танҳо намуд. Вай лона надошт; ҷуфташ ҳам наменамуд. Ҳолати сукуташ бисёр ғамангез буд, касро ба дунёи андеша мебурд: аз куҷо омад? Барои ҳамеша? Лона дар куҷо дошт? Чӯҷа во кардааст? Чаро танҳову дар сукут?..

Ва аммо рӯзи дигар, ки бармегаштам, лаклакро надидам, дар ҷояш набуд. Дилам тамоман сиёҳ шуд.

### *Мироб*

Номашон Палвон (Паҳлавон), номи падарашон Камол буд. Яъне, "Палвон Камолов" мегуфтанд. Бародари хурдии Мулло Қурбон буданд. Инҳо ду бародари дигар ҳам доштанд.

"Палвон Камолов"-ро камтар ба забон мегирифтанд. "Мироб" мегуфтанд. Чунки мироби Наҳри Калон буданд.

Борҳо дидаем, ҳатто зимистонҳо, ки дар сари дарак либосашонро кашида ба об фурӯ рафтаанду бо танзими меъёри об машғуланд.

### *Тилобой*

"Тилобойи наврангфурӯш" ҳам мегуфтанд. Дар бачагиҳои мо ранг мефурӯхтанд.

Хонаашон дар наздикиҳои Қумкӯча буд. Рӯи ҳавлиашон чиноре дошт.

Марде сиёҳҷурдаи қоқинаи қадбаланде буданд. Ибодулло, Зиёдулло, Сайдулло, Насрулло ном писарон доштанд.

Ибодулло муаллиманд. Зиёдулло Донишгоҳи Самарқандро тамом карданду муаллим шуданд. Сайдулло ҳам Донишгоҳро дар риштаи арабӣ хатм кард, барои кор берун рафт, баъд дар телевизион машғул шуд; ҳоло ҳам машғул аст.

Муаллим Зиёдулло Тилоев дар мактаби Ҷалилов аз адабиёт дарс медоданд. Солҳои 56-57 ду бор дарсашон рафтам; ду иншо навиштаму нишон додам. Солҳои ҳафтодум Душанбе рафтанду мондагор шуданд, бо хонавода.

### *Ҷаббор - саркор*

Марде хушҳайкал буду хушсурат. Солҳои панҷоҳум саркор (бригадир) буд.

Боре, тобистон аввалин бор кафши нав пӯшидаму Ҷоназартеппа, хонаи Муаззама-апаам мерафтам. Кафш ғарч дошту садояш мефорид.

Алибалбал расида будам, ки аз рӯ ба рӯ Ҷаббор - саркор меомад. Роҳ додаму салом додам. Ба ҷои салом гуфт:

- Ғарч-ғарч мегардӣ, чаро кор намекунӣ?

Ман ҷавоб надоштам. Саркор ҳам интизори ҷавоб нашуд.

Качдаҳонҳо "Ҷаббор-пойлуч" мегуфтанд, агарчи пойлуч намегашт; шояд ба ин хотир, ки пояш калон буд.

Чанде баъд саркор мушкили равонӣ пайдо кард. Вай фарзандони хубе тарбия кардааст, ки писари калониаш дӯсти наздики Намозхони мост.

### *Каҷала-бобо*

Падарам дӯсти туркманӣ доштанд. Марде қадбаланди қоқинае буданд. Чашмоне олус доштанд, ҳангоми нигоҳ рӯяшон каҷ мешуд, гардане дароз доштанду каҷ; "Каҷала Бобо" мегуфтем.

Каҷала Бобо баъзе рӯзҳои бозор ҳамроҳи падар хона меомаданд, шаб хобида, фардояш мерафтанд. Пирамарде камгап буданд.

Расм ин аст, ки соҳибхона чой мекашад ва муроот мекунад. Аммо ин меҳмони мо суннати моро қабул надоштанд: чойро худашон мегардонданд, мекашиданд ва мехӯрданд, муроот ҳам намекарданд. Падарам, ки ин одати меҳмонро медонистанд, чойнаки чойро оварда, бо пиёла пеши меҳмон мемонданд. Ин одати меҳмони туркманӣ бароямон бисёр ҷолиб буд.

Чойро бешитоб мехӯрданд, ҳангоми чойхӯрӣ ҳеҷ вақт гап намезаданд, касе даҳонро боз кунад, нороҳат мешуданд, посух ҳам намедоданд.

Аспакӣ меомаданд. Дар поёни Қубодиён, дар лаби Ому зиндагӣ мекарданд – маҳалле, ки номаш Чирик аст.

## *Меҳмоннавозӣ*

Мардуми Қубодиён зиёда меҳмондӯсту инсоннавозанд. Як мисолаш ҳамин: Ҳангоме ки ғармиҳоро (агар хато накунам, дар соли 1950) муҳоҷир карда, ба Қубодиён оварданд, мардуми таҳҷоӣ на танҳо дар замину боғ, балки гоҳе дар хонаҳошон ҷой доданд, кӯрпаву болишташонро бо ҳам диданд. Чунончи, дар ҳаёту боғи мо акаи Саъдӣ, Чиллабобо, акаи Додарбек ҷой гирифтанд.

Меҳмонони ғармӣ зиндагии хеле фақирона доштанд, ҳатто аз тавораҳои лухӣ ҳамчун таҳандоз истифода мекарданд; дар хона чагдон месохтанд, нон мепухтанд ва шабона пойҳояшонро ба чагдон андохта мехобиданд.

Ва аммо солҳои баъд мансабталошони кӯтоҳандеш аз ин эҳсосоти баланди инсондӯстона суистифода намуданд, хурду бузург тамоми мансабу ҷойгоҳро ба дасти худ гирифтанд, ҳатто номусу ҳайсияти мардумро барбод доданд...

Ҳукумати марказӣ, ки аз ришваву хушомад забонкутоҳ шуда буданд, ин амали зиштро пешгирӣ накард, балки об дод.

Дар сурати истифодаи шоиста аз фарҳанги меҳмондӯстиву инсоннавозӣ, ки нишоне аз чеҳраи гарми тамоми миллати мост, метавонист нерӯи мардум ва бақои кишвар гардад. Бадбахтона, ин тавр нашуд ва дар натиҷа узбек дар як ҷабҳа, араб дар ҷабҳаи дигар, тоҷики ғармиву тоҷики маҳаллӣ дар ҷабҳаи севуму чорум қарор гирифтанд ва дар муқобили якдигар теғ кашиданд, аз киш-киши душмани беруна бод гирифтанд, ки натиҷааш маълум аст – хунҳои ноҳақ, озурдагиҳо. Ба гуфтаи домулло Сӯҳробшоҳ, гунаҳкоронро бало назад, бегуноҳон кушта шуданд.

Роҳе ки дар пеш дорем, танҳо якест – узру бахшиш мехоҳад, дилгармиву ваҳдат мехоҳад. Агар аз фардои худ умеде дорем, агар хайрияту ободии фарзандону набераву аберагони худро мехоҳем, агар мехоҳем Ватан дошта бошем, бояд ки ҳамаро бо як чашм дид, ҳамаро ҳамчун хоҳару бародар шинохт.

****

**Машъали ҳар маҳал – мактаби ӯст ва машъалбардоронаш – омӯзгорон. Ошноӣ бо ҳамаи муаллимон имконнопазир аст, аммо чандеро бояд нишон дод, ба унвони гулдастае аз гулистоне…**

***Ҳамроҳ Абдӣ***

Соли 1918 ба дунё омадаанд; аз 14-солагӣ домани муаллимиро гирифтаанд; Донишгоҳи омӯзгории Қандил Ҷӯраеврo ғоибона, дар риштаи забону адабиёт тамом кардаанд.

Тамоми сирру асрори таълиму тарбияро об карда хӯрдаанд. Монанди ин ки пизишки ҳозиқ дарди беморро беғалат муайян мекунад ва роҳи дурусти дармонашро нишон медиҳад, домулло Абдиев аз рафтору гуфтори навҷавон мушаххас мекунанд, ки роҳи тарбияташ кадом аст?

48 сол (гӯё, ки ним аср!) директори мактаби машҳури "Сайёд" буданд. Нишони Ленин дарёфт карданд, ки баландтарин ҷоиза ҳисоб меёфт.

Шогирдони зиёде парвардаанд, ки бисёре аз онҳо фахри миллату кишваранд. Дар миёни шогирдонашон 6 доктори илм, 14 номзади илм ҳастанд, ки бо корҳои таҳқиқу тадрис машғул ҳастанд.

Банда аз суҳбатҳои Муаллим истифода кардааст. Аз суҳбатҳояш чунон дарёфтам, ки тарбия – қолаби маълуму мушаххас надорад, яъне ки гоҳе, ба таври истисно химча ҳам ба кор меравад – ҳаммонанди боғбоне, ки ба шохаи бебор табар мезанад.

Муаллим пири Сайёд буданд. Ҳалолашон бод!

Акнун даргузаштанд. Худо раҳматашон кунад!

***Ҳайдар Қиёмов***

Соли 1930 дар деҳаи Лоҷирки ноҳияи Сангвори вилояти Ғарм таваллуд шудааст. Падараш - Шарипов Қиём мадрасаи Бухороро хатм карда, дар деҳааш асосан бо касби деҳқонӣ машғул будааст. Ҳ. Қиёмов пас аз хатми мактаби ҳафтсола, с. 1947 Омӯзишгоҳи педагогии собиқ ноҳияи Шулмак (ҳоло

шаҳраки Навобод)-ро хатм карда, соли 1947 ба Дорулмуаллимини шаҳри Самарқанд дохил шуда, соли 1950 ба хатми он муваффақ гардид. Соли 1960 ба таври ғоибона шуъбаи география ва биологияи Донишкадаи педагогии ба номи Қандил Ҷӯраевро ба итмом расонидааст.

46 сол дар соҳаи маориф заҳмат кашида, ба сифати муаллими одӣ ва мудири қисми илмӣ ва зиёда аз 30 сол дар вазифаи директории мактабҳои 8-солаю миёна кор кардааст.

Ҳини кораш зиёда аз 100 мақола ва хабару тақриз навишта, дар маҷаллаи "Мактаби советӣ", рӯзномаҳои "Газетаи муаллимон", "Ҷавонони Тоҷикистон", "Ҳақиқати Қӯрғонтеппа", "Садоқат" чоп кунондааст. "Мудири беғаму мактаби беталаба" нахустин мақолаи танқидии ӯ ва "Участкаи таълимӣ-таҷрибавии мактаб ва фоидаи он" калонтарин мақолаи проблемавии ӯ ба шумор меравад.

Ҳ. Қиёмов ҳини директори таълимгоҳи №25-и Шаҳритӯс буданаш, бо ёрии муаллимону фаъолияти хонандагон дар 3 гектар замин пиёзу шалғам, картошкаю шибит, гашничу гандум ва гулҳои гуногун шинондаю парвариш кунонда, аз ҳисоби хоҷагии ёрирасони мактаб 3000 мурғро нигоҳубин карда, зиёда аз 200 ҳазор сӯм фоида ба даст овард. Аз ин ҳисоб аз соли 1968 то соли 1983 ҳамаи толибилм бо ашёи хониши бепул таъмин карда шуданд. Аз соли 1983 ҳамаи хонандагон либоси ягонаи мактабии бепул мепӯшиданд. Аз ҳисоби даромади мактаб хонандагон шаҳрҳои Маскаву Ленинград, Волгограду Киев ва вилояти Полтаваи Ҷумҳурии Украинаро тамошо карда, ҷаҳонбиниашро васеъ намуданд.

### *Азизи Фаттоҳ*

14 майи соли 1960 дар деҳаи "Аскари сурх"-и хоҷагии ба номи Ломоносови Шаҳри Тӯс дар оилаи муаллим ба дунё омадааст. Соли 1977 мактаби миёнаро хатм карда, ба шуъбаи забону адабиёти тоҷики Донишкадаи педагогии Душанбешаҳр дохил шуда, соли 1981 онро бо дипломи аъло ба поён бурдааст. Аз соли 1981 то соли 1986 ҳамчун муаллим ва методисти

шуъбаи маорифи халқи Шаҳритӯс кор кард. Аз соли 1986 то 1992 муаллими забону адабиёти тоҷик, аз он пас омӯзгори алифбои ниёкон мебошад. Аз моҳи декабри соли 1991 ба узвияти Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон даромадааст.

Дар рӯзномаҳои ноҳиявию вилоятӣ, рӯзномаҳои "Ҷавонони Тоҷикистон", "Адабиёт ва санъат", "Газетаи муаллимон", "Тоҷикистони Советӣ", "Чароғи рӯз", "Ҳафт Ганҷ" хабару мақолаву очеркҳо дар бораи худшиносии миллӣ, ахлоқу одоб, иқтисодиёт, маишату кор, зиндагии ҷавонон чоп мекунонад.

### *Қосим Муртазоев*

Аввалин дидору аввалин хотира пас аз бозгашташон аз ҷанг буд. Апаам Муаззама ба меҳмонӣ даъват карданд. Дунболи падару модар ман ҳам будам. Хушсуҳбат буданд. Яке аз ҳикоёташон дар ёд монд. Гуфтанд:

- Дар майдони ҷанг мо пеш рафтему дегу табақ пас монд. Дар саҳрое картошка буд, чиндему даруни шалвор андохтем, таги қӯр нимдунбул хӯрдем.

Муаллим буданду ба ҷанг рафтаанд. Аз ҷанг баргаштанду муаллимӣ карданд – дар маҳалли Пахтакор, ки аз хонаашон камаш шаш километр фосила доштү пиёда рафта меомаданд. Роҳашон аз лаби Наҳри Калон буд. Ҳар гоҳе мегузаштанду чашмашон ба падар меғалтид, гап мепартофтанд. Пас аз рафтанашон, падар ба ғояти эҳтиром мегуфтанд:

- Пахтакор пиёда мераванду пиёда меоянд, барои кори мактаб, барои саводи бачаҳо …

Муртазоев солҳо мудири маориф шуданд. Мудири маориф буданду муаллимӣ ҳам мекарданд.

Аз он солҳо, ки мудир буданд, хотирае ҳаст.

Бо дучарха аз мактаб меомадам. Шомгоҳон буд. Ба ду мард расидам, ки пешопеш мерафтанд. Яке Қосим Муртазоев буд, дигаре ношинос. Вай намояндае аз Сталинобод будааст. Ман наметавонистам аз онҳо пеш гузарам. Пиёда шудаму дуродур омадан гирифтам. То ин ки роҳ тақсим шуд …

Баъдҳо шунидам, ки намоянда бо тааҷҷуб аз муаллим пурсидаанд, ки: “ин бача кӣ буд?” …

Муаллим солҳо дар Пахтакор муаллимӣ карданд – колхози Пахтакор, ки ҳудудан 4 км болотар аз хонаашон воқеъ мебошад. Он мактаб, ки “Гогол” ном дошт ва мудираш Қосим Муртазоев буданд, аз мактабҳои машҳур ба шумор меомад.

То поёни умри бобаракаташон, ки дар ҳудуди ҳаштод буд, домани омӯзгориро раҳо накарданд.

Шунидам, ки беморанд. Ба аёдаташон рафтам. Рӯзи 2 июли 1989 буд. Дар рӯи ҳавлӣ, болои кат буданд. Рӯи ҷогаҳ хеста нишастанд. Писарашон, дӯстам Бахтиёр дар хидматашон буд. Дастархон оростанд. Муаллим ҳам чой, ҳам зардолу хӯрданд. Хушҳол буданд.

Эҳтироми хоссае доштам. Яке аз сабабҳои аслӣ ин буд, ки аз дӯстони наздики Вафо-тағомон будаанд ва хотираҳое мегуфтанд.

Он рӯз ҳам шӯхиҳо кардем. Пас аз соате, дуо хостам. Дуои гарме доданд, даст ба рӯ кашиданд. Мо хушбошӣ кардему ба Душанбе баргаштам.

Ба Душанбе расида будам, ки Бахтиёр занг зад: “Падар даргузаштанд …”. Ғарқи раҳмати Худо бод!

### ***Қосимовҳо***

Муаллим Очилдӣ Қосимов чорбоғӣ буданд. Дар лаби Наҳри Калон ҳавлӣ доштанд. Яке аз гунбазҳои қадима дар ҳавлии муаллим воқеъ буд; дар он зиндагӣ мекарданд.

Муаллим солҳо аз ҷумлаи кормандони масъули шуъбаи маорифи Қубодиён буданд. Донишгоҳи омӯзгориро ғоибона тамом карданд. Мегуфтанд, ки пинҳонӣ намозашонро мехонанд.

Писарони хуб тарбият карданд. Зикри хайри Сафаралӣ дар ин дафтар омадааст.

Аммо Раҷабалӣ Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро тамом кард, дар риштаи риёзӣ. Дар Институти физика ва математикаи Фарҳангистони улум нигоҳ доштанд. Пас аз муддате баргашт: касби падарӣ - таълиму тарбияро аз кори

илмӣ авло донист. Солҳост, ки дар мактаби миёнаи асосии Қубодиён муаллимӣ мекунад.

### *Тешабой Холматов*

Дар соли 1945 ҷанг ба поён расид. Ва соли дигараш мо ба мактаб рафтем.

Ёбизи Майда табиӣ аст, ки мактаб надошт. Ёбизи Калон мактаб дошт ва Ҷоназартеппа.

Ман мактаби Ҷоназартеппаро баргузидам. Агарчи дуртар буд. Ба чандин далел:

1. Ҳавлии хоҳарбузургам, раҳматӣ Муаззамабону он ҷо буд ва мо омадурафти зиёде доштем.

2. Ёбизи Майда ҳарчанд дар канори ҷанубу шарқии Қубодиён воқеъ буд, аммо маҳаллаи шаҳрӣ маҳсуб мешуд ва заминҳои кории колхозро камтар дошт (асосан як қитъа замин дошт, ки ҳаёти "Мулло Ҷаббор Охунд" мегуфтанд); вале гирдогирди Ҷоназартеппа ҳама замин буданд, пахта кишт мешуд ва хоҳари дигарам – Ҷамилабону коргари колхоз буд ва мо барояш нонхӯрак мебурдем.

3. Идора ва анбор ва ҷувозхона ҳама он ҷо буданд ва ба хотири рӯған ва чизҳои дигар Ҷоназартеппа бисёр мерафтем …

Сухан кӯтоҳ, дар аввали сентябри 1946 банда ба мактаб рафтам: бо пораи нон дар талича, на китобу дафтар, на қаламу худкор.

Ва талича ба ҷои сумка буд; онро апаам Ҷамилабону бо камоли меҳру муҳаббат, аз пораи рангоранги матоъ дӯхта буд, дар шакли чаҳоргӯша, монанди як мокати бузург; бо бандаке, ки бар китфам меовехтам.

Ҳарчанд дастонам аз навиштафзор холӣ буд, аммо дар куртаам намеғунҷидам: охир ман ба мактаб меравам! Падару модар, хоҳарон ва бародарон ҳама шод буданд; чаро, ки аз хонаводаи бузурги мо касе чашми хат надошт.

Моро дар мактаб Тешабой Холматов бо чеҳраи боз ва дар ёдҳо монданӣ пешвоз гирифт. Вай ҷавони болобаланд ва гандумгун ва хушлибос буд. Мо аз пеш мешинохтем: аз

Арабхона буд, хонааш дар назди осиёб. Падараш марди паҳлавонҷусса буд, Холмат Қассоб ва Холмат Лайлоч мегуфтанд. Азбас қассобӣ мекард, зиндагии беҳтар аз дигарон дошт. Як писараш ҷавонмарг шуд: болои симчӯби барқ баромадааст, то бисанҷад, ки барқ, яъне, чист?..

Мо аз Ёбизи Майда ба мактаб, ки бештар аз ду километр фосила дошт, чаҳор нафар мерафтем: Абдураҳим, бародарон Нормуроду Зариф ва банда. (Ҳарчанд ин дӯстони банда дар ибтидо дар мактаби тоҷикӣ хонданд, баъдтар ба Ахча рафтанд ва дар мактаби ӯзбекӣ хонданд. Аммо Нормурод, ҳаммонанди бародари бузурги банда Раҳмон, ночор ба кори колхоз рафт, чун аз хонаводаҳои мо дигар коргар набуд).

Муаллим ба мо як донаӣ қаламу дафтар дод. Китоб надод. Чаро ки надошт. Ҳамагӣ як китоби Алифбо мавҷуд буд, аз рӯи он ба мо дарс медод.

Мактаби мо танҳо ҳамин як синфхона ва ҳамин як синфи якуми моро дошт. Ва мо ҳам бештар аз даҳ нафар набудем.

Рӯзи нахустини мактабравӣ, бо гузашти ин ҳама рӯзгори дароз, бо тамоми ҷузъиёташ дар пеши чашмам ҷилвагаранд. Чанде аз он ҷузъиёт:

1. Муаллим ба мо дафтару қалам дод; дафтару қаламе, ки бори нахуст ба даст гирифтаем; дафтару қаламе, ки моли худи мо шуданд.

2. Тез кардани қалам масъала шуд ва аз синфхона берун шудем, дар рӯи ҳавлии идораи колхоз, раҳматӣ Абдулло - язнаам, раиси колхоз, хонум Султонова (ҳисобдори колхоз) ва чанд нафари дигар суҳбат доштанд, наздашон рафтем; он кас бо кордашон қаламҳои моро тез карда доданд, нӯги қалами мо ба нӯли мусича монанд шуд.

3. Ҳангоме шоду масрур хона баргаштем, падару модарам, ки пиёз хишова мекарданд, хестанду ба пешвоз омаданд. Онҳо шодтар ва масруртар аз ман буданд; пурсиданд, чӣ хондаам?.. Ва модарам гарм бӯса карданд. Бӯсае, ки гармиашро ҳанӯз эҳсос мекунам… Падар пурсиданд: “канӣ, чӣ хондӣ?”. “Расми харгӯш кашидем!” – гуфтаму дафтарамро нишон додам. “Баракаллоҳ!

Баракаллоҳ!” – гуфтанд падар, агарчи хатҳои кашидаи ман ба химчаҳои каҷу килеб мемонд.

Аммо шодмонии ман дар мактаби Ҷоназартеппа бисёр тӯл накашид.

Моҳи дувум мехондем. Рӯзе се нафар сафедпӯш омад: як зану ду мард. Яке сандуқча доштанд. Онҳо барои кадом дарде моякӯбӣ омада буданд. Он рӯзгор аз пизишк мурданак метарсидем. Кулчадоруе ба номи “гина-гина” медоданд, ки заҳри қотил буд, ё сӯзане мезаданд, ки нешашро ҳама медонад … Ва агар кӯдакро тарсондан хоҳанд, мегуфтанд: “Ором шав, ки духтур омад, сӯзан мезанад!”..

Ва бачаҳо гурехтанӣ шуданд. Ба ман, ки сардори синф будам, муаллим фармуданд:

- Дарро нигоҳ дор!

Ва ман дарро пӯшидам ва истодам, то касе берун наравад. Ва аммо бачаҳо аз тиреза худро берун андохтанд ва фирор карданд. Худам танҳо мондам. Аз дастонам доштанд. Ба гиряву фиғонам нигоҳ накарданд ва ба бозуям сӯзандору заданд. Дар муқобилату бардорузан пешониамро ба тахтаи курсӣ задам ва дард ёфтам.

Чун ваҳшатзада ва таҳқирдида будам (охир, танҳо маро сӯзандору заданд!), ба коғазу қалам нигоҳ накардам ва гирён сӯи хона давидам.

Ман, ки дар пешонӣ варам доштам ва дар дил алам, аҳд кардам, ки дигар мактаби Ҷоназартеппа наравам. Таличаамро Зариф овард; касе аз бачаҳо қаламамро гирифтааст ва ба ҷояш як дафтар гузоштааст (дафтарҳо он замон дувоздаҳбаргӣ буданд) …

Тешабой Холматов варзишгар буданд; ҷиддан машғул шуданд; унвони Қаҳрамони Тоҷикистонро дар давидан дарёфт карданд; ба мартабаҳои боз баландтар – Қаҳрамонӣ расиданд, дар олимпиадаҳои ҷаҳонӣ ҳузур доштанд. Ва аммо то поёни умрашон кори шарофатмандонаи омӯзгориро тарк накарданд; ҳудуди сӣ сол дар Омӯзишгоҳи давлатии варзиши Тоҷикистон райис буданд; садҳо варзишкори Тоҷикистон шогирдони эшон ҳастанд.

Дар соли 1992 айёми фитнаи Тоҷикистон Тешабой Холматов дар пайи ҳодисаи нохостае шаҳид шуданд. Ҷояшон ҷаннат бод!

***Ҳакимҷон Саидов***

Се рӯз дар хона бо “мотам” ва зиндонии ихтиёрӣ гузашт. Пас аз андешаҳои дуру дароз ба ин натиҷа расидам, ки ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонам ба мактаби Ҷоназартеппа баргардам; Ахча ҳам наметавонам биравам: ҳам дур аст ва ҳам синфи тоҷикӣ надорад; пас роҳи ягона – мактаби Ёбизи Калон. Ба ночор бояд Ёбизи Калон биравам.

Далели аслии адами рағбат ба мактаби Ёбизи Калон, роҳаш буд, яъне кӯчаҳои занбӯрдор дошт. Азбас подахона дар канори дигари маҳалла (набши ғарбӣ) воқеъ буд, ҳар пагоҳӣ бо машаққати зиёд аз рости хонаи занбӯр мегузаштем: бачаҳои шӯху шар агар аз мо пеш рафта бошанд, хонаи занбӯрро мекофтанд ва кор барои мо душвор мешуд.

Мактаб рафтам, дар рӯзи чаҳорум. Аммо нагирифтанд. Гуфтанд, ки ҷои пешинаам равам. Азбас наметавонистам ҷои пешина баргардам, мактаби Ёбизи Калон зӯракӣ рафтан гирифтам. Ва “зӯракӣ” хондани ман ин тавр буд:

Мактаб ҳамагӣ ду синфхона дошт ва дар миёна айвон. Дар синфхонаи шимолӣ синфи якум мехонд ва дар синфхонаи ҷанубӣ, синфи дувум. Тифоқо, дари синфхонаи якум болотар буд ва таҳдарӣ сӯрох дошт. Ва ин сӯрохӣ ба андозае буд, ки дар сурати ба замин расондани китфе, навиштаҳои тахтаи синфхонаро хондан мумкин мешуд. Ва ман ҳамин корро мекардам.

Пас аз се ё чаҳор рӯз муаллим дид, ки аз ман халосӣ надорад ва шояд ҳам раҳмаш омада буд, ба синфхона роҳ дод. Ва ман ҳамдарсони нав пайдо кардам – ба монанди: Амон, Замон, Баҳром, Парда, Ҷӯра, Маҳмуд, Саъдулло, Сайфулло ... Баъзе аз ин бачаҳо нағзтар аз ман мехонданд; ва ман ботинан бо онҳо мусобиқа меварзидам. Ва аммо бояд гуфт, ки дар

синф ҳеҷ духтаре набуд. Он рӯзгор падарон чандон розӣ набуданд, ки духтаронашон бихонанд.

Ва аммо муаллимони зан доштем, яке забони русӣ дарс медод; Зинаида Раҳимовна Шайбекова; тотор. Номаш дар гӯйиши бачаҳо: “Зина Идрахимовна” садо медод. Ҳайрон мемондам, ки ин “Идрахимовна” яъне, чист? Хеле дер дарёфтам, ки “Зинаида Раҳимовна” будааст. Дар офтобшини хонаи Муртазоев манзил доштанд; барандаи мо буданд (ҳар бомдод шир мебурдем); солҳои панҷоҳум рафтанд.

Ба мо муаллим Ҳакимҷон Саидови самарқандӣ дарс медоданд. Муаллими мо ҳам чеҳраи зебо доштанд, ҳам забони равон, ҳам гуфтори ширин, ҳам хатти хушрӯй.

Калима ва иборатҳои муаллим, ҷумлаҳои муаллим ҳам мафҳум буд, ҳам муассир; дар сухан вожаи барзиёд ва ё ношинос ба кор намебурданд. Ҷолиб ҳам ин аст, ки суханони эшон ҳама ошно буданд, ҳеҷ бегонагӣ надоштанд, ва аммо таъсиргузор. Ин низ муфид буд, ки муаллими мо ҳангоми сухан ҳаргиз саросема намешуданд, ҷумларо намехоиданд, балки равон гап мезаданд, бо тамкини тасхиркунанда.

Омӯзгори мо чунон садои гӯшнавоз ва дилнишин доштанд, ки назирашро дигар ҳаргиз надидам.

Омӯзгори мо дар нақли афсона устухон надоштанд. Ҳафтае чанд рӯз аз муаллим мехостем, ки бароямон афсона гӯянд. Ва муаллим мегуфтанд. Ва афсона аз ҳар куҷо буд – гоҳ аз “Шоҳнома”, гоҳе аз “Ҳазору як шаб”, гоҳи дигар аз ганҷинаи халқӣ.

Мо дар ҳаққи муаллим зулм мекардем. Аммо он замон намедонистем, ки ин зулм аст. Пас аз анҷоми дарсҳо, бачаҳо дасти якдигарро мегирифтанд ва роҳи муаллимро мебастанд, то ки ба мо афсона нақл кунанд. Ва муаллим, ба ночор нақл мекарданд…

Мо дертар донистем, ки муаллимон танҳо барои соатҳои дарсиашон ҳақ мегирифтаанд. Ин эҳтироми баъдии моро ба он муаллим чандин зина боло бурд. Инро ҳам дертар донистем, ки

кори самимонаи фарҳангу маориф ҳеҷ гуна тарозу надоштааст, бо ҳеҷ гуна тарозу надоштааст, бо ҳеҷ гуна ҷуброни модӣ баробар намешудааст. Инро ҳам донистем, ки танҳо худододагону фидокорон ба майдон меомадаанд…

Банда ҳусну тавоноии забони модариро нахустин бор аз дарсҳо ва гуфтори ҳамин омӯзгори самарқандӣ шинохтам. Ҳамин муаллим сабаб шуд, ки ба забони модарӣ, ба нафосату назокати бемонандаш дилгарм кунам – ончунон дилгармӣ, ки беш аз пеш бештар мешавад.

Шояд, ҳамин муаллим, дар ҳамин рӯзгор, шуълаеро дар дилам аз ҳамин забон ва ҳамин адабу фарҳанг равшан карда буданд?!..

Пӯшида нест, ки хазинаи хотираи ҳар як шогирд аз устод, ба вежа, устоди маҳбуб, моломол аст. Ва аммо барои рӯи коғаз холӣ кардани он кӯлвор ҳам ба имкон ниёз дораду ҳам ба тавон. Ва аммо чӣ метавон кард, ки ин нотавон аз он ҳар ду маҳрум аст! Ва аз ин сабаб, бо ишораи як пурсупос басанд хоҳад шуд.

Рӯзе яке аз ҳамдарсон аз муаллим пурсид, ки барои ҳамаи мо муҳим буд:

- Муаллим, Худо ҳаст?

Ин суол аз он рӯй муҳим буд, ки падару модаронамон дар бораи ҳастии Худо заррае шак надоштанд ва моро ҳам таъкид мекарданд, ки шубҳа ба дил роҳ надиҳем ва оқибати худро насӯзем. Ва аммо аз ҳар куҷо, ҳатто аз дару девор магуфтанд, ки падару модарон бесаводанд ва ақибмонда ва хурофотпараст ва ба ҳарфи онон гӯш додан, хурофӣ шудан аст …

Азбас ба муаллим Саидов эътиқоди зиёд доштем, посухашон дар ин масъала ҳалкунанда буд.

Ҳеҷ мушоҳида нашуда буд, чеҳраи ҷаззоби муаллим дигар шуда бошад. Аммо ин бор дигар шуд. Дидем, ки абрувони ғафсу сиёҳи муаллим яке боло ва дигаре поин рафт, рангу рӯяшон, ангор андаке сафед шуд. Ва пас аз каме андеша гуфтанд:

- Мо ҳафтод дар сад бовар дорем, ки Худо ҳаст, аммо шумо панҷоҳ дар сад бовар мекунед ва фарзандони шумо сад дар сад бовар нахоҳанд кард. Аз ин посух, ки ҳам рӯшан буду ҳам торик, ҳар кас барои худ чизе бардошт.

Мо баъдҳо дарёфтем, ки муаллим бо чӣ доноӣ ҷони худро раҳо кардаанд: агар мегуфтанд, ки "нест", имонашонро месӯхтанд, вале агар мегуфтанд, ки "ҳаст", худашонро – чаро, ки посух бо ҳар роҳе ба гӯши соҳибони замон мерасид …

Бояд гуфта шавад, ки пас аз пирӯзии низоми Шуравӣ, пантуркистҳо дастболо шуданд ва шаҳрҳои бостонӣ ва таърихии Бухоро ва Самарқанд (ҳатто муддате Хуҷанд) дар ҳайати Ӯзбекистон монданд. Дар шаҳру рустоҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон, дар шиноснома зӯроварона "ӯзбек" нависонданд. Сарвари пантуркистҳо – Файзулло Хоҷаев, ки худ тоҷик буд, сарвари ҳукумат ҳам буд ва дар барҳам хӯрдани Давлати Бухоро аз нақшаи ҷаҳон нақши асосиро бозидааст, барои ҳар сухани тоҷикӣ дар дафтар ва идора ва мактаб ва … ҷаримаи нақдӣ ҷорӣ карда буд.

Ва даҳҳо ҳазорон аз аҳли илму адаб ва фарҳанг ва сиёсат, ҳатто одамони одӣ ба Тоҷикистон кӯч бастанд, то ҳувияти милливу забониву фарҳангии худро ҳифз карда бошанд.

Ин рақам бозгӯкунандаи хеле чизҳост, ки аз бист нафар шоир ва нависандаи фаъоли тоҷик дар солҳои бистум ва сиюми мелодӣ, ҳаждаҳ нафарашон фарзандони Бухорову Самарқанду Фарғона … буданд, яъне, берун аз марзҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ва муаллими мо Ҳакимҷон Саидов аз Самарқанд ба Қубодиён омада буданд. Эшон солҳо омӯзгорӣ карданд. Дар поёни умрашон пойтахтро ихтиёр карданд.

Шунидам, ки худобехабарон ба шаҳодат расондаанд. Худо раҳматашон кунад!

Муаллими мо аз Самарқанд ҳамроҳ бо падару модар, ду бародару як хоҳар ба Қубодиён омадаанд. Бародари

калонишон Даврон ном дошт, бародари хурдишон Раҳмат. Хоҳарашон – Кубро ҳамсинфи мо буд.

Падарашон – Саидовро “ҷандафурӯш” мегуфтанд. Ба ин хотир, ки дар оғози омаданашон кухнаколо аз мардум ҷамъ карда, ба давлат медодааст. Худашон пирамарде нуронии қоматкӯтоҳе буданд, аммо кампирашон – пиразане қоматбаланд.

Аммо аз он ҷое, ки мо медонистем, чарчинфурӯшӣ мекарданд – аз Сталинобод сақичу рангу гӯгирд ва монанди инҳоро меоварданду дар Қубодиён мефурӯхтанд. Аммо он кор иҷозат надошт: “савдогарӣ” ҳисоб меёфт.

Боре шоҳиди манзарае шудем, ки ҳеҷ аз пеши чашм намеравад.

Чоштгоҳи рӯзи бозор. Ману бародарам аз бозор меомадем. Дидем, ки Саидовро як милиса бандихона мебарад. Бандихона дар ҳавлии Ҳабибуллохон Пешаврӣ, ки фирор карда буд, ҷой дошт. Саидов чашми милисаро хато мекарду аз кисааш гӯгирдеро бароварда, болои алафи лаби ҷӯй меандохт. Чор-панҷ бор ҳамин корро кард. Диламон ба пирамард сӯхт. Аммо коре аз дастамон намеомад. Албатта, ки гӯгирдҳоро нагирифтем.

### *Муяссара Қодирова*

Духтари Бухоро буданд; ба мо аз физикаву математика дарс медоданд. Бисёр нағз дарс медоданд. Донишмандона дарс медоданд.

Ба корҳои роҳбарӣ кашиданд. Дар Кумитаи Марказӣ ҳам кор карданд. Ба ноҳияи кӯҳистонӣ (Комсомолобод, акнун “Дарбанд”) фиристоданд; дар тасодуф даргузашт.

Бо Урмон Собирови Қубодиёнӣ хонадор шуда буданд. Фарзандони шоиста доранд; аз ҷумла як духтарашон рӯзноманигор аст.

Муаллима аз Бухоро бо ду бародарашон омадаанд. Бародари хурдишон – Аҳмадҷон Қодиров, шахсе шинохта ҳастанд: ҳамроҳ бо Маҳмудҷон Воҳидов дар Маскав таҳсил

кард; ҳамроҳ дар театрҳои “Камоли Хуҷандӣ” ва “Лоҳутӣ” кор кард, акнун дар Донишгоҳи Мирзо Турсунзода машғули таълиму тадрис мебошад.

### *Муаллиме баландовоз*

Дар синфҳои 8-9-10 аз таърих муаллим Эътибор Яҳёев дарс медоданд. Иструшанӣ буданд. Марде миёнақади қоқинаи гандумӣ; дар кулбае аз тарафи чапи дарвозаи мактаб, танҳо зиндагӣ мекарданд.

Дари синфхонаро боз мегузоштанд; ҷойҳои бо сурхӣ хаткашидаи китобро бо садое баланд мехонданд. Борҳо муаллим Мамадҷонов, ки директори мактаб буданд, меомаданду эрод мегирифтанд. Муаллим Яҳёев дарро пӯшида, бо овозе пасттар дарс мегуфтанд. Аммо чанде гузашт ё нагузашт, ишора фаромӯш мешуду дубора метафсиданд.

Кунҷковию шайтонӣ дар хуни ҳар як мактаббача камтар ё бештар ҳаст. Он замон дар банда ҳам будааст. Ҳакадимоғии муаллим нафорид. Имтиҳон кардан лозим дониста шуд. Мавзуи навро пешакӣ хонда, нуктаҳои муҳимро дар зеҳн мегирифтам, дар поёни дарси муаллим, аз ҳамон порае, ки ҳоло сухан гуфт, суоле пайдо карда, мепурсидам. Муаллим посух мегуфт, гоҳе азият мешуданд.

Рафта-рафта, муаллим оддиву меҳрубон шуданд.

Пас аз хатми мактаб, ҳамин муаллим зиёфат дод. Ҳама чиз буд. Шароб ҳам. Мазаи тунди онро бори аввал ҳамин шаб чашидам: тааҷҷуб ин буд, ки ин чизи тунду бадмазаро чӣ тавр мехӯранд?

Дар он ҷашни хатми мактаби миёна танҳо муаллиме, ки ҳузур доштанд ва ташкилкунанда ҳам буданд, райисӣ ҳам карданд, муаллим Яҳёев буданд.

Мо ду муаллими дигари иструшанӣ доштем; бародарон Мавлоновҳо. Дар ҷануби шарқии маркази ноҳия зиндагӣ мекарданд. Бузургӣ – марде сафеди қоқинаи баланде буданд, хурдӣ – хушчеҳраи миёнақад.

Бузургӣ хеле заҳматкаш буданд. Картошка мекориданд; аз таҳи дил, арақшор каланд мезаданд; каланди калоне доштанд, ки монандашро мо надоштем, шояд аз Иструшан овардаанд.

***Ҷалил Бобомуродов***

Дар синфҳои 9 ва 10 дарс медоданд, аз адабиёт (пас аз муаллим А. Девонақулов).

Ҳамеша қиёфи ҷиддӣ доштанд. Ҳеҷ нашудааст, ки ҳангоми дарс ханда ё шӯхии эшонро дида бошем. Аз мавзуъ ҳам берун намерафтанд, бо ғайбати касе ҳаргиз машғул намешуданд, вақтро намекуштанд.

Боре дар китобе ҳикматеро дидаму маънияшро нафаҳмидам: "Ба хонае, ки офтоб надарояд, табиб медарояд". Маъниро аз муаллим пурсидам. Дарҳол чизе нагуфтанд, пас аз чанд рӯз шарҳ доданд: "Ба хона офтоб надарояд, одам бемор мешавад, ва ночор табиб меояд".

Муаллим сирф ба забони адабӣ гап мезаданд, ҳамешаву ҳама ҷо. Баъзе аз бачаҳо (яке – Раҳим Каримов) созашро дуродур мебароварданд.

Соли 1956-1957, ки дар мактаби "Лоҳутӣ" муаллим шудам, муаллим Бобомуродов мудири бахши таълимӣ буданд. Дар шумори вазифаҳои мудир – тафтиши дафтари муаллимон ҳатмӣ буд. Яъне, муаллим боястӣ ҳамарӯза дарсе, ки бояд гӯяд, ба таври комил ёддошт кунад, ба ин тартиб: 1 – оғози дарс, 2 – ҳозир – ғойиб, 3 – пурсиш ва вазифаи хонагӣ, 4 – дарси нав (мазмуни мухтасар), 5 – мустаҳкам кардани дарси нав (бо додани суолҳои конкрет).

Банда ҳам ин ёддоштҳоро анҷом медод. Рафта-рафта ба назми дарс ворид шудам ва ин такрорҳо дилбазан шуд. Ва онро мухтасар анҷом медодам, яъне аз бахши такрорҳо даст кашидам. Вале муаллим эродам намегирифт, дар ҳоле ки дигаронро сахт сарзаниш мекарданд, ҳатто таҳдид мекарданд, ки иҷозати дарсро нахоҳанд дод.

Мактаб нобасомониву изофанависиҳое дошт. Кунҷковӣ амонам надоду ёддоште ба маҷаллаи "Хорпуштак"

фиристодам, бо имзои мустаори “Қалам”. Нафаре омад, барои тафтиш. Айбҳоро ҳама пӯшонданд, ман ҳам натавонистам ошкор кунам ... Гумоне рафт, ки нависандаро муаллим шинохтанд, аммо ошкор накарданд.

### *Норбибӣ Атоева*
### *(с.т. 03.03.1927)*

Мактабхонаи Ёбизи Калон, чунонки дар боло ишора шуд, ҳамагӣ ду синф дошт. Ва аз соли дувум, ба мактаби маркази Қубодиён рафтем.

Қубодиён дар он замон ягона мактаби ҳафтсола дошт. Бинои мактаб, ки онро пеш аз Ҷанги дувуми ҷаҳон, фарзанди барӯманди ҳамин сарзамин, шодравон сарҳанг Раҷабалӣ Ҷалилов сохта буд, дар саросари ноҳия бинои муҳташамтарин маҳсуб мешуд. Ҳатто идораҳои давлатӣ ва роҳбарикунанда ба ин андоза муҳташам набуданд. Мо акнун дарёфтем, равоншод Ҷалилов чи марди бузург, дурбин ва маърифатпарвар будаанд.

Мояи фахри мо ин буд, ки дар мактаби марказии ноҳия мехондем. Табиӣ аст, ки муаллимони беҳтарин низ дар ҳамин мактаб дарс медоданд.

Дар синфи севум, муаллимаи мо Норбибӣ Атоева буданд. Эшон аз духтарони таҳҷоии “Гузари Боло” буданд ва ин маҳал аз қадим фарҳангитарин маҳалҳои Қубодиён маҳсуб мешуд.

Дарсҳои Атоева аз чандин ваҷҳ тасхиркунанда буданд, ки тавсифи кӯтоҳаш бад-ин қарор аст:

***Якум*** – моҳияти аслии дарс ва мавзуъро худашон нағз медонистанд ва нағз фаҳмонда метавонистанд;

***Дувум*** – забони равони адабиро ҳамроҳ бо унсурҳои ширину равони гӯйиши қубодиёнӣ истифода мекарданд, ки бисёр дилнишин мешуд ва бачаҳо ҳеҷ бегонагӣ миёни худ ва омӯзгор эҳсос намекарданд;.

***Севум*** – руҳияи кӯдакон ва муҳити хонаводагии ононро медонистанд ва дар мавориди даркорӣ аз онҳо судмандона

истифода мекарданд; дар шинохти русуми миллӣ аз хурофот эътибор медоданд ва ташхиси эшонро бачаҳо мепазируфтанд.

***Чаҳорум*** – гирифтагӣ ва озурдагии худро ҳаргиз ошкор намекарданд; касеро ҳам озор намедоданд; аз хурдтарин пешравии шогирдашон курта-курта гӯшт мегирифтанд.

***Панҷум*** – худашон хатти хушрӯй доштанд (то кунун ҳусни хаташон пеши чашмам ҳаст) ва мекӯшиданд, то шогирдонашон низ хушхат бошанд; аз болои дасти бачаҳо дошта навиштан меомӯхтанд.

***Шашум*** – ҳарчанд меҳрубон буданд, аммо ҳамеша қиёфаи ҷиддӣ доштанд. Бисёр кӯшидам, ки ҳолати хандаашонро пеши чашм оварам, нашуд; натавонистам.

***Ҳафтум*** – бо неку бади касон коре надоштанд; аз касе бадгӯӣ накардаанд (аммо дар мавридаш аз некон хушгӯӣ кардаанд). Аз хешу табор, аҳли хонавода боре ҳам лаб накушодаанд (коре, ки бисёриҳо кардаанд ва мекунанд) …

Батамом дуруст аст, ки омӯзгори асил танҳо бо синфу бо дарс маҳдуд намешавад, балки берунтар аз мактаб ҳам меравад, бо муҳиту ҷомеа низ кордор мешавад, дар ҳалли масъалае назар медиҳад, гоҳе даст ҳам мезанад.

Шояд ба амри ҳамин тартиб, дар соли 1990 гурӯҳе аз омӯзгорони Қубодиён хостори он шуданд, то ба номзадии худ дар Шурои Олӣ мувофиқат кунам. Ҳарчанд сиёсат дар риштаи кории банда набуд, бо назардошти авзои бухронзойи ноҳия мувофиқат кардам…

Шаби 25 феврали 1990, ки оро баршумурда шуд, муаллима парешонҳол вориди ситоди мо шуданд ва арз карданд:

- Яке аз масъулини ҳукумати маҳаллӣ, хона омада ва аз духтарам (эшон котиби ҳавзаи интихоботӣ буданд) мехоҳад, ки сурати ҷаласаи худашонро ба имзо бирасонанд ва аммо духтарам мувофиқ нест, намояндаи ҳукумат суханҳое мегӯяд, ки бе таҳдид нест, мо чӣ кор кунем?

Ҳамроҳ бо дӯстон ба андеша рафтем: мафияи ҳизбӣ ва ҳукуматӣ дасти дарозе дорад ва метавонад бало ба сари муаллима оварад; аз сӯи дигар, пирӯзии мо дар як ё ду ҳавза корсоз ҳам нахоҳад буд. Ва посух додем:

- Аз духтаратон ва худатон ҷиҳати додхоҳӣ сипосгузорем, аммо ҷуз аз таслим бар ҳукуматдорон, чораи дигар нест, оқибаташ бар гардани худашон хоҳад буд …

Дар воқеъ, дар ҳафт ҳавза пирӯзии номзад аз ҷиноҳи ҳизбиву ҳукуматӣ эълом шуд, танҳо дар як ҳавзае (воқеъ буд дар мактаби ба номи Рӯдакӣ), ки нависанда Бахтиёр Муртазоев вакили банда буд ва шоиру рӯзноманигор Султон Ҳамадов аз номи Кумитаи амнияти давлатӣ назорат ба амал меовард, банда пирӯз будаму бас.

Мутаассифона, бухрон балозо шуд ва ҳукуматдорон бо вакилонашон коре натавонистанд анҷом диҳанд. Ва агар ҳам анҷом доданд – рӯған бар оташ. Ва дар оташи балое, ки солҳои 1992-1997 пеш омад, садҳо тан аз аҳли Қубодиён (монанди бисёр нуқоти дигари Тоҷикистон) кушта ва ҳазорон хона сӯхта ва даҳҳо ҳазор нафар фирорӣ шуданд ...

Синни муборaки муаллимаи гиромии мо ба ҳаштод расидааст; ва аммо ба машаққати синнӣ ва мушкилоти зиндагӣ нигоҳ накарда, бо кори пуршарафи омӯзгорӣ машғул ҳастанд. Ва аз Худованди бузург мехоҳам, ки сояи эшонро аз сари шогирдонаш – чи пиру чи ҷавон, чи дуру чи наздик – дур накунад!

**АЗ МУҲАРРИР:** Муаллимаи кором Норбибӣ Атоева соли 2017 дар синни муборaки 90 ба раҳмати Ҳақ пайвастанд. Онҳо фарзандону наберагони фарҳангӣ ба мерос мондаанд, ки имрӯз ҳам роҳи пуршарафи омӯзгориро идома медиҳанд.

### ***Сайфиддин Мамадҷонов***

Агар дар бораи муаллими худ сухан гуфтани ҳар шогирд душвор бошад, аз Сайфиддин Мамадҷонов сухан овардани банда боз ҳам душвортар аст, чаро ки ҷуз аз нисбати шогирдӣ, муносибати хешовандӣ низ дорам; падарамро, ки модарашон ширмак мондаанд, модарбузурги эшон шир дода ва калон кардаанд. Ва муаллим падарамро “тағо” мегуфтанд ва ман эшонро (берун аз мактаб) “амакӣ” мегуфтам.

Мамадҷонов бачаи Гузари Боло ҳастанд. Падарашонро “Домулло Марҷон Махсум” мегуфтанд, ки дар боло ишорае рафт.

Мамадҷонов дар Самарқанд хондаанд; риштаи физика ва риёзиро дар Донишгоҳи давлатии ба номи Мир Алишери Навоӣ ба поён бурдаанд; борҳо дар хонаи аллома Садриддин Айнӣ, ки дар майдони Регистони кӯчаи Лабиғор, шумораи 103/А, ҳавлӣ доштанд, меҳмон шудаанд ва аксҳои дастаҷамъӣ гирифтаанд, ки мо ҳам дидаем.

Дар тӯйи арӯсиашон бо модарам рафта будам. Шаб дер шуд. Мурод-бӯлаам гуфт, ки: “ман меравам, равем хонаи мо”. Нарафтам. Аммо дертар омадему хобидем. Сайфиддин-амаким он шаб ҷомаи нави беқасаб пӯшида буданд. Баъдҳо аз болои ҳамин ҷома боронии хокистарӣ пӯшида мактаб мерафтанд.

Муаллим Мамадҷонов аз риёзӣ ва физика дарс медоданд. Бояд гуфт, ки маҳорати хуб доштанд ва дарсҳояшон шавқовар буд; аз ҳодисоти табиат ва ҳолоти зиндагӣ фаровон мисол меоварданд.

Бисёре аз мисолҳои муаллим ҷолиб ва дар ёдҳо монданӣ буданд. Чунончи: тири дар парвозро метавон бо даст дошт – агар одам бо ҳавопаймо ва суръати тиру ҳавопаймо баробар бошад. Ва боз мегуфтанд: ман метавонам бахше аз гӯшатонро бибурам ва ба чашмонатон нишон диҳам ва боз дар ҷояш пайваст кунам. (Тавзеҳ мекарданд, ки ин кор се шарт дорад: 1 – гӯшро хеле молиш додан ва хунро гурезондан; 2 – фурсатро зиёд накарданд; 3 – пораро дар ҷои худ нишондан, ки заррае беҷо наёяд, яъне ки раге дар рости худ хобида бошад ...).

Азбас Мамадҷонов муаллими обрӯманд буданд, ҳамеша ё мудириятро бар ухда доштанд ва ё муовинатро. Бад-ин сабаб, гоҳе дарсҳои муаллим таътил мешуданд.

Дар чунин ҳолат, муаллим ҳозир-ғоиб мекарданд, супориши синфӣ медоданд ва бо таъкиди ин, ки сару садо ва бетартибӣ накунем, барои ҷаласа мерафтанд. Ва бачаҳо пас аз рафтани муаллим нахустин коре, ки мекарданд, дафтари синфро кушода, дидани баҳоҳои худ буд ... Ҳангоме муаллим бармегаштанд, сарзаниш мекарданд, ки мо дафтари синфро

кушода ва нигаристаем ... Дар ибтидо намедонистем, ки устод чӣ тавр аз кори мо пай мебаранд? Ба тааҷҷуби мо: “чӣ тавр дарёфтед?”, шӯхиомез мегуфтанд, ки дар фалон гӯша магас нишаста буд. Аммо баъдан дарёфтем, ки тарзи дар рӯи миз хобидани дафтарро дар ёд нигоҳ медоранд. (Рӯшан аст, ки пас аз даст ба даст шуданҳо, дафтар мисли пешин намехобид).

Яке аз ҳикоятҳояшон воқеияте шуниданӣ дошт.

Маҳдӣ Ғафуров (якумин хатмкунандаи мактаби мо), вақте донишҷӯ буду дар таътил Қубодиён меравад ва Мамадҷоновро мебинад. Муаллим аз як сафари пистачинӣ хабар медиҳанд; Маҳдӣ ҳам гарм мешавад. Ва се-чор нафар мераванд. Шаб, ки хунук мешавад, Маҳдии донишҷӯй, хоболуд чизеро болои худ мекашад; бомдод мебинад, ки тӯқуми хар аст.

Чун сухан гуфтан дар бораи муаллимам сахт аст, бо зикри ҳикояте қаноат мекунам.

Дар синфи панҷум мехондем. Духтаре нав омада буд, Ҳамроҳбибӣ Ортиқова; падараш ба тозагӣ масъули додситонии Қубодиён таъйин шуда ва аз шимоли Тоҷикистон омадаанд.

Боре, ҳангоми занги тафреҳ, барои кадом чизе, ки акнун дар ёд нест, Ҳамроҳбибӣ сахт шайтанате карду гурехт. Алам кард, аз дунболаш шудам, то қасос гирифта бошам. Вай пешопеш буд ва ман аз пушт. Аз муқобил муаллим Мамадҷонов меомаданд. Замин накафид, ки дароям.

Пас аз чанд рӯз муаллим хонаамон омаданд.

Пиндоштам, ки барои шикоят омадаанд, пеши падару модарам. Ва ин бадтарин ҷазо хоҳад буд, барои ман.

Худро дур мегирифтам, аммо гӯшам ба даҳони муаллим буд, ки шумхабарро кай мегӯянд ва танбеҳи падару модарам чӣ хоҳад буд?

Намедонам, ки нияти хабаркаширо муаллим доштанд ё на?

Агар ҳам доштанд, шояд аз он даст кашиданд? Аммо дар ҳар сурат, дар ин мавзуъ лаб накушоданд, балки сутуданд, ки нағз мехонам ва одоби хуб ҳам дорам.

Ҳанӯз ҳам намедонам, ки “одоби хуб”-ро ба киноя гуфтанд? Ва ё ба ростӣ? Ба ҳар ҳол, аз он корам тамоми умр шарманда шудам ва монандашро ҳаргиз такрор накардаам.

Ҷой дорад, ки ба сабаҷе ҳам ишора шавад. Ва он ин аст: дар хонаи муаллим “Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ”-ро дидам, ки дар соли 1954 чоп шуда буд. Ин навъ китоби калону муҳимро бори якум медидам. Ва аз муаллим хостам, то барои муддате хона бибарам ва бихонам. Муаллим гуфтанд, ки ин китобро намехонанд, балки барои луғате нигоҳ мекунанд.

Он замон ин тавр фаҳмидам, ки амонат додан нахостанд. Бо ин вуҷуд исрор кардаму китобро хона овардам, чанде нигоҳ кардам ва пас аз муддате баргардондам. Ва донистам, ки ҳақ бо муаллим будааст.

Бо ин ҳама, гумон меравад, “сахтии” муаллим, бандаро нисбат ба китоб ҳаристар карда бошад.

Соли 1962 буду соли охир дар Донишгоҳ таҳсил мекардем. Шаш нафарро омода карданд, ки Афғонистон фиристанд, тарҷумонӣ. Яке банда буд. Ба муаллим Мамадҷонов нома навиштам, ки падарамро розӣ кунонад. Рӯзи дувум ё севум буд, ки бомдоди пагоҳ, ки ҳанӯз хоб будам, падар хобгоҳ омаданду аввалин гапашон ҳамин буд:

- То ҳастам, намеравӣ ... Баъд ихтиёрат ... Афғонҳо чӯббозанд …

То ҳол намедонам, ки “чӯббоз” чӣ маънӣ дорад.

Он замон ғамгин шудам, ки Афғонистон нарафтам. Ҳоло шодам …

Лаҳзае ёд меояд. Солҳои ҳаштодум буд.

Эълон шуд, ки ба фарҳанги тафсирии Дал обуна қабул мекунанд. Инро ҳам гуфта буданд, ки теъдоди китоб маҳдуд аст, бино бар ин хоҳишмандон аз рӯи навбат қуръакашӣ хоҳанд кард.

Рӯзи эълоншуда, бармаҳал рафтем (хиёбони Чехов, 3); шаш нафар; бо умеде, ки ҳеҷ не, яке хушбахт хоҳад шуд!

Яке аз шашнафарон – муаллим Мамадҷонов буданд. Мо соатҳо пеш аз вақти таъйиншуда рафта будем. Навбати бузурге. Мо - ҳудудан пас аз 200 нафар будем.

Аммо ҷолиб ин буд, ки дар ҳамин фурсат муаллимро ғанаб бурд. Бедор шуданду бо табассум гуфтанд:

- Қуръаро ман мебарам. Танҳо ман ...

Дар воқеъ, навбати панҷ нафари мо пуч баромаду муаллим баранда шуданд. Достоне дигар ин аст, ки соли 1956 Донишгоҳ рафтам, напазируфтанд: стажи кории дусола зарур будааст. Пас аз бозгашт ба Қубодиён моҷароро ба муаллими худам Мамадҷонов гуфтам. Ҳамроҳ Шаҳри Тӯс рафтем; берун истодам; муаллим дафтари райиси Районо рафтанд, дафтарчаи меҳнатӣ баровsecurityанд, бо ин ёддошт, ки аз соли 1955 дар мактаби Лоҳутӣ тадрис мекунам.

Соли 1957, ки дубора Донишгоҳ рафтам, забондарозӣ кардам: "стажи кории дусола дорам", боз ҳам суде надошт; *пас аз хатми мактаб ду сол кор кардан зарур будааст.*

Муаллим Мамадҷонов имрӯз ҳам мактаб меравconfigure. Аммо танҳо на. Балки чанд писару арӯсашон ҳам дар канорашон ҳастанд.

**АЗ МУҲАРРИР:** Устод Сайфиддин Мамадҷонов яке аз омӯзгорони собиқадору хидматгузори ноҳия буда, дар тарбияи шогирдон нақши бузург ифо намудаанд. Риштаи умрашон то соли 2008 давом кард ва дар синни 80 бандагиро иҷро карданд. Хидматҳои арзишманди устодро ба инобат гирифта, мактаби №1-и ноҳияро ба номашон гузоштаанд ва дар саҳни мактаб нимпайкараи устод қомат афрохтааст.

### *Алиқул Девонақулов*

*(с.т. 1928)*

Дар зарфи даҳ соле, ки дар мактаби миёна хондем, муаллимони бисёре ба мо дарс додаанд: Ҷалил Бобомуродов (забону адабиёт), Рашид Ҳурматулин (химия), Анна Ревенкова (забону адабиёти русӣ), шодравон Муяссара Қодирова (риёзӣ), Эътибор Яҳёев (таърих) ва ғ. Агар ҳамаи онҳоро ошно кардан лозим бошад, сухан ҳам дароз хоҳад шуд, ҳам якрангу дилгиркунанда. Бино бар ҳамин, авло он аст, ки тибқи риволи "мушт намунаи хирвор" ва арзи пӯзиш аз дигарон, қаноат пеш гирифта шавад.

Ва аммо …

“Ва аммо” – ин аст, ки яке аз муаллимони гиромиро ёд накардан, ҳаргиз имкон надорад.

Ва он муаллими гиромӣ Алиқул Девонақулов мебошанд.

Муаллим Девонақулов бачаи Айвоҷ (нуқтаи ҷанубии вилояти пешини Қубодиён, воқеъ дар канори рӯди машҳури Ому) ҳастанд; Донишгоҳи омӯзгории Қандил Ҷӯраеви шаҳри Душанберо (риштаи забону адабиёти форсии тоҷикӣ) дар солҳои 1952-1654 пушти сар карда, (дар синфҳои ҳафтуму ҳаштум) ба мо аз забону адабиёт дарс медоданд.

Муаллими мо кашишҳое доштанд, ки ҳар кас ва ба хусус шогирдон, хоҳу нохоҳ маҷзуби эшон мешуданд. Чанде аз ҷаззобияти муҳимтарини муаллим бар ин қарор аст.

1 – Мӯи анбуҳи ҷингила доштанд, ки ба Пушкин, шоири бузурги рус мемонд, нигоҳҳои ҷиддӣ ва пурнуре доштанд ва гумон мерафт, ин нигоҳ метавонад ҳастии одамро батамом сӯрох кунад; ҳангоме ки дарс мегуфтанд рост ба чашм нигоҳ мекарданд, ангор матлаб нур аст ва аз чашми устод хуруҷ карда, рост аз тариқи чашмон дар мағзи шогирдон ҷой мегирад.

2 – Бо забони поку буррои адабӣ сухан мегуфтанд; вожа ва таркибҳои муҳимтаринро бо такя ва зарби баланду мушаххас талаффуз мекарданд, ва ин омили он шуд, то шогирдон тамоми диққати худро дар задаи мантиқӣ гирд оварда бошад.

3 – Монанди бисёре аз муаллимони дигар, ба пешнависҳои худ ва ё китоби дарсӣ нигоҳ намекарданд, балки озодона дарс мегуфтанд. Ин рафтор эҳсосеро дар хонандагон эҷод мекард, ки муаллим ҳамаро медонанд (ва муаллими мо дарвоқеъ ҳамаро медонистанд).

4 – Муаллим ҳамроҳи худ китоб меоварданд, осори адабии пешин ва муосирро бевосита нишон медоданд, пораҳое бароямон мехонданд ва дар зарурат тавзеҳ мекарданд. Китобҳои бузургонеро ба монанди: Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва ғ.-ро нахустин бор дар дасти муаллим Девонақулов дидаем ва дил бастаем.

5 – Муаллим ҳаргиз дурӯғ намегуфтанд, танҳо ҳаминро мегуфтанд, ки худ медонистанду эътиқод доштанд. Дар ҳар синфе кунҷковоне ҳастанд, ки дараҷаи дониши муаллими худро аз тариқи пурсишҳое муайян кардан мехоҳанд. Ва аммо тибқи дастури мактаби Шуравӣ муаллим ҳақ надошт, ки бар нодонии худ иқрор кунад, вай бо ҳар роҳе бояд посух гӯяд. Вале муаллими мо дар чунин ҳол мегуфтанд, ки: "дарси дигар ҷавоб мегӯям". Ва дарси дигар бо мисоли фаровон он суоли пешинро равшан мекарданд. Ин хислати муаллим дар зеҳни шогирдон менишаст ва сахт сироят мекард (банда инро дар мисоли худ медонад).

6 – Бо вуҷуди ин, ки муаллим сахтгир буданд, бачаҳо наздикӣ доштанд; ва унсият то андозае буд, ки суолҳоеро аз фанҳои дигар ҳам мепурсиданд. Дар ёд ҳаст, ки боре Ӯроқшо Амиров дар бораи тафовути вожаҳои ҳаммонанди русии "пешеход" ва "переход" пурсид. Муаллим гуфтанд, ки "посухаш дар дарси оянда". Ва дар дарси дигар китоби бузурги фарҳангро бо худ оварданд ва аз он хонданду шарҳ доданд, ки якумӣ "пиёдарав" аст ва дигарӣ "гузаргоҳ".

7 – Муаллим шогирдони худро гиромӣ медоштанд, аммо инро ҳаргиз бо сухан ва ё навозише дигар иброз намекарданд, балки дар амал зоҳир менамуданд. Чунончи, боре яке аз бачаҳои шарр ба дучархаи раҳматӣ Ӯроқ Амиров наздик шуду даст мекофт. Ҳамдарси мо, ки ин корро аз тиреза медид, ҳавосаш парешон шуд. Муаллим русбачаро садо карданд, ки аз дучарха дур шавад. Вай дуртар рафт, аммо дубора баргашт. Ва муаллим дубора огоҳ кард. Аммо навҷавон бо ин бовар, ки аз дасти муаллим коре намеояд, чаро ки роҳи даромади мактаб аз тарафи муқобил аст, бозиро бо дучарха идома дод. Ва муаллим худро аз тиреза, ки хеле баланд ҳам буд, берун андохтанд; бача гурехт; муаллим аз дунбол давиданду расиданду танбеҳ доданд ва ошуфта, сари дарс баргаштанд ...

Вақте бо мо суҳбат мекарданд, ҳангоми хитоб “Шумо” намегӯянд, “Шумоҷон” мегӯянд.

Муаллим, табиӣ аст, ки намегуфтанд, аммо эҳсос мешуд, нохушиҳое дар мактаб доштанд. Шояд ҳам бад-ин сабаб буд, ки ба баъзе аз тартиботи мактаб пойбанд набуданд.

Ба ҳар ҳол, пас аз ду соли кор дар мактаби Ҷалилов муаллим Девонақулов боз хонданӣ рафтанд – ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; ва соли 1959 риштаи забону адабиёти форсии тоҷикиро дар ҳамин Донишгоҳ ба поён бурданд; дар Фарҳангистони улуми Тоҷикистон бо корҳои пажӯҳишӣ машғул шуданд ва машғул ҳастанд. Муаллими мо дараҷаи илмиро дарёфт намудаанд, даҳҳо китобу мақола дар заминаи адабиёт ва фарҳанги форсии тоҷикӣ навиштаанд, даҳҳо асари гаронбаҳои бузургони пешинро, ба монанди Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино, Ҳаким Абурайҳони Берунӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Ҳаким Носири Хусрав, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Аллома Аҳмад Махдуми Дониш таҳия ва чопу нашр кардаанд.

Банда дертар дарёфтам, ки тухми меҳре, ки ба забону адабиёт ба дасти муаллим Саидов кишт шуда буд, тавассути муаллим Девонақулов сабз гашта ва парвариш ёфтааст.

Муаллим ҳанӯз ҳам муаллимӣ мекунанд. Барои банда.

Яке аз дарсҳояшон ин аст.

Борҳо гуфтаанд. Донистам, расонда гуфтанд:

Беморӣ азиятам кард; борҳо беморхона хобидам; диқи нафас. (Ба аёдаташон ҳам рафта будем; дар Қарияи Боло). Боре, ки беҳтар шудам, бо варзиш машғул шудам. Пагоҳи мардон мехезам, лаб-лаби рӯдхонаи Душанбе медавам; аз арақ тар мешавам; омада оббозӣ мекунаму ду соати дигар хоб меравам …

Ва бо хандаи самимонае илова карданд:

- Мебинӣ, солҳост бало намезанад.

Дар соли 1998, дар яке аз дидорҳо пурсидам:

- Варзиш чӣ шуд? Давом медиҳед?

Гуфтанд:

- Дар ин давраи турктозӣ ҳам давом медодам. Бомдоде ба даст афтодам. Ду лақаймурод нигоҳам доштанд. Шояд гумон карданд: дуздаму чизе дурусте ёфтаму мегурезам. Ҳама ҷоямро диданд, ҷуз арақ чизе наёфтанд. Пӯписа карданд, ки:

- Умрат дароз будааст, пиракӣ ... Метавонистем аввал кушемат, баъд тафтиш кунем ... Ин нағмата парто …

Аммо ман ин нағмаро напартофтам. Аз марги дурӯдароз марги лаҳзаӣ беҳтар аст …

Варзиши сабуки бомдодӣ барои худам ҳам одат шуд. Агар рӯзе тарк кунам, тамоми рӯз лакотам ...

Духтарам Манижаҷон, ҳангоме ҳамин матлабро ҳуруфчинӣ мекард, гуфт: “Беҳтарин муаллим, беҳтарин дӯстатон ҳамин кас будаанд”.

Пурсидам: “Аз куҷо донистӣ?”.

Гуфт: “Ҳангоме мебинам, Шуморо чунон мепурсанду ба фикр фурӯ меравандд, ки гӯё наздиктарин одамашон бошед”.

Гуфтам: “иштибоҳ накардӣ”.

**АЗ МУҲАРРИР:** Устод Алиқул Девонақулов умри худро сарфи илму пажӯҳиш дар самти фарҳангу адаби миллати тоҷик намуда, то рӯзҳои охири умр дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фаъолияти пурсамару мондагор доштанд. Мавсуф с. 2010 ба корвони абадиёт васл гардиданд.

# БАХШИ СЕВУМ

# ДАРАХТЕ АЗ БОҒИ ҚУБОДИЁН

## *Бобокалон - бобо*

Ҷавонмарде бофанда, ки дар маҳалли Файзобод Гузари Боло зиндагӣ мекард, писардор шуд.

Вай калонҳои хонаводаашро бисёр эҳтиром мекард; барои бародарону хоҳаронаш, ҳамаи хешовандону наздикон ва дӯстонаш бисёр меҳрубон буд.

Ба писараш номи бобояшро дод. Азбас эҳтироми бузурге ба бобо ва падар дошт, номи писарашро ба забон намегирифт, балки "Бобо" мегуфт. Ба пайравӣ аз падар дигарон ҳам "Бобо" гуфтанд. Ҳамин тавр, номи аслӣ гум шуд, ҳама ӯро "Бобо" мехонд…

Бобо ҳам дунболи касби аҷдодӣ рафт: бофанда шуд. Бо духтаре "Асал" ном издивоҷ кард.

Чархи зиндагӣ ноҳамвор гашт ва Бобо новақт аз дунё рафт. Чаҳор фарзанди вай Мусулмонқул, Муҳаммадқул, Ҳазратқул ва Шариф хурдсол монданд.

Парастории бародарон бар ӯҳдаи Мусулмонқул афтод.

Вай ҳам бофанда шуд. Аммо даромади бофандагӣ барои чархи зиндагӣ кифоят намекард.

Назари як бозаргони насафӣ вайро гирифт ва саройбонаш кард.

Даромади бофандагӣ ва саройбонӣ рӯзгори чаҳор ятимро таъмин мекард.

## *Бобокалони дигар*

Писарбачае дар Насаф ба мактаб рафт. Мактабро ба поён расонд ва орзуи мадраса кард. Падар Бухоро бурд ва дар

мадраса монд. Бухоро мехонд, ки падараш даргузашт. Барои гӯру чӯби падар Насаф баргашт, соли падарро дод. Ва ба модар маълум кард, ки: "Сари ҷавон дорад ва шавҳар кунад, то вай рафта хонданашро идома диҳад". Модар гуфт: "Ту як шавҳарам ҳастӣ, Ғаффор як шавҳарам, ман шавҳар намекунам ...". Ҷаббор орзуи мадрасаро дар ҳафт қабат зери замин гӯр кард ва бо мушкилоти хонавода андармон шуд.

Бибиаш пилла ва пахта мересид, вай риштаҳоро мефурӯхт ҳам барои рӯзгор харҷ мекард, ҳам пасандоз. Аммо пасандозҳоро ҷамъ намекард, чиз мехариду мефурӯхт бо иловае.

Рафта-рафта бо набзи бозор ошно гардид; бозаргони калон шуд; аз бозори Насаф берун рафт; миёни бозорҳои Бухоро ва Қубодиён тиҷорат мекард. Аммо риштаи маорифи исломиро низ раҳо намекард. Ҷаббор акнун "Мулло Ҷаббор" буд, ҳатто "Мулло Ҷаббор Охунд" мегуфтанд. Ба гуфтаи модарамон, шиносу ношинос ҳар шаб дар меҳмонхона ҷамъ мешудаанд ва китобхониашро гӯш мекардаанд. Вай дар Қубодиён сарой харид, хонаву боғу замин харид. Хонадор ҳам шуд, бо духтаре бо номи Бибӣ Ҳоҷар.

Ва ин бону модарбузурги мост.

Бибии модарам зани босаводе будаанд. Духтарашонро ба болои зан додаанд, зани дигарашон дар Насаф будааст.

Ва онҳо ду духтару як писар аз худ гузоштанд:

1. Бибизайнаб (модарам);

2. Вафоҷон (дар ҷанг бедарак шудаанд; ду фарзандашон Самад ва Норгул ҳастанд).

3. Зулфин (наварӯс ҷавонмарг шудааст).

### Боғи Мулло Ҷаббор

Дар бачагӣ ҳатто навҷавониҳои мо боғи Мулло Ҷаббор боқӣ буд.

Марзҳояш чунин буд, аз он ҷое ки худам шинохтаам:

- аз тарафи шарқ - Наҳри Калон;

- аз тарафи шимол - девори ҷанубии хона ва ҳаёти бародаронам (хиёбони феълӣ ҳам замини боғ аст);

- аз тарафи ғарб - ҳаёт ва хонаи як ҳамсоя (ғармӣ), ғарби Бозор ва Сайфиддин - фарзандони Чинигул - аммамон;

- аз тарафи ҷануб - ҷӯйбори Гулхона.

Боғ он чи мо дидаем, зардолу, биҳӣ ва мурӯд дошт.

Зардолу зиёд дошт. Дарахтонаш монанди чанор калон - калон буданд. Ҷои ҳаёт ва хонаи ҳозира Мирзоҷон ва Султонов ҳама зардолу буд.

Боғ аз они колхоз шуда буд. Аммо ёд дорам пас аз ҷамъоварии мева Ҷамила - апаамон болои дарахт мебаромад ва барои мо зардолу пайдо мекард.

Дарахтони зардолуро бо ду роҳ гум карданд:

1. Ангишт. Усто Абдураҳим - оҳангар барои колхоз оҳангарӣ мекард. Ҳар сари чанд гоҳ бо писараш - Муртазо ва чанд каси дигар меомад. Зардолуро меғалтонданд, ғӯла-ғӯла арра мекарданд; заминро тақрибан ба 2 метр бар 3 метр ва чуқурии 2 метр меканданд; кундаҳоро меандохтанд ва оташ мегиронданд. Пас аз тақрибан як соат сӯхтан аз болояш хок мерехтанд. Пас аз ду рӯз омада ангиштро ба ҷуволҳо андохта ба ароба бор карда мебурданд.

2. Лӯпон. Канори рости Наҳри Калон аз канори чапаш пасттар буд ва об зуд-зуд лӯпон мешуд, яъне соҳилро мезад ва мерафт.

Полвон - Камол, ки мироб буд, баланд садо медод: “Лӯпон! Лӯпон!”.

Мардум ҷамъ мешуданд. Ва саросема дарахтеро мебуриданд, пора-пора мекарданд ва ба ҷои лӯпон мезаданд аз пешу болояш хоку лой мерехтанд. Бидуни ёрии дарахт (дарахтони зардолуи бобои мо!) бастани лӯпон имкон надошт.

Ҳар гоҳе дарахтеро мебуриданд, модарамон хонаи дарун медаромаданд ва пинҳон домани гиряро мегирифтанд. Медидам, ки чашмонашон аз гиря суп - сурх шуда буд…

Солҳои панҷоҳум (ки дарахтони зардолу ҳам тамом шуда буд) Наҳри Калонро бо мошин чуқур кananд, соҳилро ҳам баланд бардоштанд, ва дигар ҳаргиз лӯпон нашуд.

Дар ҷои ҳаёт ва хонаи Бозору Сайфиддин дарахтони биҳӣ ва мурӯд буданд.

Меваи биҳӣ бисёр калон-калон буд, ба истилоҳ “каллабиҳӣ”. Дарахтони биҳӣ шояд бе нигоҳубин монданд, зардпечак печиданд; ва гум шуданд.

Ва аммо се дарахти мурӯд бисёр бузург буд, меваи хуб медод. То чанд соли пеш ҳам ин дарахтон буданд.

Солҳои панҷоҳум Мулло Қурбон-язнаамон (шавҳари Чинигул - аммамон) омаданд ва дар ҳамин ҷой хона сохтанд. Акнун фарзандонашон Бозор ва Сайфиддин зиндагӣ мекунанд.

## Ҳаёти Мулло Ҷаббор

Дар канори боғ, ҳаёти Мулло Ҷаббор ҳам буд. Марзҳояш бад-ин тартиб:

- аз шарқ - ҳамон Наҳри Калон;
- аз шимол - ҳамон ҷӯйбори Гулхона;
- аз ғарб - наздикиҳои Қумкӯчаи Гулхона;
- аз ҷануб - ҷӯйбори осиёб;
- “гулхона” шарҳи кӯтоҳе мехоҳад.

Дар поёни шаҳри Қубодиён ҷое ҷанорзор ҳаст. Ҷои ҳавзи бузург ҳам маълум. Дарахтони анҷирашро дар дасти рости кӯча, пушти девор мо ҳам дидаем.

Дар замони шӯравӣ ин маконро ба маркзаи мошин ва тракторҳои Қубодиён табдил доданд. То солҳои шастум ниёзи ҳамаи колхозу совхозҳои ноҳияро ба мошину трактор ҳамин марказ таъмин мекард. Баъд аз он ки колхозҳо тавонманд шуданду худашон метавонистанд мошину трактор бихаранд, марказ барҳам хӯрд.

Он марказ МТС номида мешуд (машинно-тракторная станция). Аммо мардум бар гӯйиши худ “Мтийиз” мегуфтанд.

Пеш аз омадани болшевикҳо ин маҳал “Гулхона” ном дошт ва истироҳатгоҳи Мир будааст.

Аз канори чапи Гулхона роҳе меравад, гумон мекунам, аз шимол то ҷануби Қубодиён мерасад. Ин роҳро пеш “Қумкӯча” мегуфтанд. Акнун бозсозӣ шуд ва асфалтпӯш.

Ҳаёти Мулло Ҷаббор то ба кӯча намерасид. Дар канори чапи ин кӯча ду нафар боғ дошт: Мирзо - мисгар (ки писаронаш бо мо мехонд) ва Ғулом - нақшбанд, ки дар ҷанг шаҳид шуд.

Дар хатти марзи ҳаёти бобомон бо боғи Ғулом - нақшбанд як буттаи калони гули раъно буд. Чунон калон буд, ки ба оғӯши ду мард намеғунҷид; баландии он ҳам баробар бо қадди одам. Ин гули раъно то бачагиҳои мо пой бар замин дошт, дар баҳорон бӯй пахш мекард, ки ба садҳо метр мерасид. Яъне, ки ҳаёти бобои мо тахминан то 80-100 метрии Қумкӯча рафта мерасид. То поёни Ҷанги ҷаҳонии дувум дар ҳаёти Мулло Ҷаббор гандуму ҷав мекоштанд.

Аз ҷаву гандуму ҳаёти Мулло Ҷаббор ду тика дар хотирам ҳаст.

***Якум -*** аввали ҷанг буд; Шоҳмурод-акаамон ба ҷанг мерафтанд; барои хушбошӣ омад; ҳангоми гусел то миёнаи ҳаёт рафтем; гандум неш зада буд; акаи Шоҳмурод, ки ҷомаи нави беқасаб бар тан доштанд, бо табассуми зебандаи худ ба тарафи падарам гуфтанд:

- Язна, насиб бошад то гандумдарав бармегардам!

Падару модар баробар “Худо хоҳад! Худо хоҳад!” гуфтанд. Он сол ҳосил хуб шуд…

Кори хирманкӯбиро асосан се нафар анҷом медоданд: усто Ашӯр, Бобоҷон - полвон ва падарамон. Хирманкӯбии он бузургон ҷаззобияти бисёр дошт - чунончи сурӯдҳои сӯздори “майда ё майда”, ки ҳанӯз дар гӯшам садо медиҳанд; бод партофтани гандум, чун тило дар осмон барқ задани донаҳои гандум ва бозикунон дур шудани коҳ ҳанӯз пеши чашмам ҷилва мекунанд … Ва аммо норӯшанаш барои мо ин буд (ва муддатҳо монд), ки чаро бузургон дар чиллаи тобистон ҷомаи пахтадор (ки даравӣ мегуфтанд) пӯшида ва миёнро бастаанд - ҷомае, ки арақ берун зада ва намак бастааст. Дар ҳоле ки барои мо курта гармӣ мекард. Ин ҳам бароямон норӯшан буд, ки чаро пас аз бардоштани хирман се мушт гандумро “ҳаққи мурғон” - гӯён пош медоданд. Ин дар ҳоле ки даҳҳо мушт гандум дар хирманҷой ва берун аз он монда буд …

***Дувум*** - ҷанг ҳанӯз тамом нашуда буд, ки Абдулло - язнаамон ба рухсатӣ омаданд ва дубора нарафтанд; ба ҷои бародарашон райиси колхоз шуданд. Ҳамон соли аввал дар ҳаёти Мулло Ҷаббор ҷав коштанд. Нигоҳубин ба обёрӣ бар уҳдаи падарам, Усто Ашӯр ва Бобоҷон - полвон буд. Тифоқо, ҳосили ҷав бисёр хуб шуд. Деҳқонон даравиданд, хирман карданд; кӯфтанд; бод партофтанашро ҳамон се кас анҷом доданд. Мо ба хирманҷой чою нон мебурдем.

Шаб буд. Шабе рӯшан. Ҷавро ба ҷуволҳо андохтанд, ҷуволҳоро ба аспҳо бор карданд; аз болои ҷувол якнафарӣ савор карданд; аз ҷумла, ба аспе ман ҳам савор шудам. Анбори колхоз дар идора буд - дар Ҷоназартеппа.

Шабе хушмаҳтоб ва ҳавои мулоим ва болои асп - аҷаб лаззате дошт… Пас аз ҷанг солҳо пахта коштанд. Аз кишти пахта ҳам хотираҳое ҳаст.

Баҳорон буд. Ниҳолони пахтаро алафи бегона пахш кардааст. Даврон Амиров (Худо раҳматашон кунад; пайванде бо мо ҳам доштанд) ҳисобдор буданд; рӯзе омаданду як қитъа заминро нишон доданду гуфтанд:

- Агар дар се рӯз каланд кунӣ, як дучарха ҷоиза дорад.

Инсоне меҳрубон буд. Ба гапаш бовар кардам ва ба кор машғул шудам. Кор на дар се рӯз, балки дар чор рӯз анҷом шуд. Дар мавриди ҷоиза гуфтанд: “Шартамон се рӯз буд!..”.

Ҳоло дар ҳаёти Мулло Ҷаббор тахминан 50-60 хонавор маскун ҳастанд. Аз ҷумла, набераи бобомон Самадхон ва абераашон Меҳриниссо…

Солҳост, ки Ҷондоршоҳ райиси колхоз аст. Лекин дар давраи вай колхоз аз ҳаёти Мулло Ҷаббор истифода накардааст. Аммо бовар дорам, ки номи ин ҳаётро шунидааст ва ба хотири Худо тасдиқ ҳам хоҳад кард.

### *Хона ва меҳмонхона*

Бобомон Мулло Ҷаббор ду ҳавлӣ дошт, рӯбарӯи ҳам, аз миёна ҷӯи оби равон, аз тарафи шарқ ба ғарб. Ҳар ду ҳавлӣ хонаҳо дошт рӯбарӯи ҳам, яъне, аз ҷануб ба шимол. Иморати

тарафи ҷанубӣ чаҳор хонаи токдор ва минадор дошт. Ин хонаҳоро дар даҳаи 1930 хароб карданд. Дарунашон шӯразор шуд. Зимистонҳо, ки барф меомад, харгӯш ҳам пайдо мешуд. Чӯбҳои болодарӣ ва паҳлударӣ боқӣ буданд, дар даҳаи 1940 ва 1950 барои оташ истифода кардем. Мо шодон чӯб мекандем, модарамон нороҳат мешуданд.

Дар ҳавлии шимолӣ як тути балхӣ буд ва току як дарахти биҳӣ (пахтабиҳӣ). Дар ҳавлии ҷанубӣ ду дарахти биҳӣ ва як дарахти тути марворид. Боми ранга ва айвон ва хонаи дигар, ки зикрашон меояд.

Падарам ду меҳмонхона дошт. Чордеворашонро мо ҳам дидаем, дар дарунашон руст - рустакон бозӣ мекардем.

Ҳар ду ҳам дар лаби ҷӯй буд. Ва ҳар ду ҳам як хона ва як айвон дошт. Яке рӯй ба тарафи ҷӯй буд ва дигаре рӯй ба тарафи Наҳри Калон.

Модарам мегуфтанд, ки яке аз ин меҳмонхонаҳо - ҳамоне ки рӯй ба Наҳри Калон дошт, барои ом будааст ва дувумӣ - барои хос.

Дари меҳмонхонаи якум, ба гуфтаи модарам, ҳамеша боз будааст - чӣ шаб ва чӣ рӯз, ҳатто зимистонҳо. На танҳо меҳмонон, балки роҳгузар ҳам бидуни пурсиш медаромадааст, ҳар муддат хоҳад, буду бош мекардааст; хӯрок мехӯрдааст.

Дар се дег пайваста хӯрок мепухтаанд. Ин гуфтаи модарам аст; он кас ҳаргиз дурӯғ намегуфтанд. Бобоямон дар меҳмонхона китобхонӣ мекарда; садои форам (хушу дилпазир) дошта ва баланд мехондааст. Худӣ ва бегона меомадаанд ва гӯш мекардаанд.

## ПАДАР

Ҳатто баъд аз инқилоб ҳам падарам муддате алочабофӣ кардаанд. Чаҳор абзори бофандагии дунӯгаи сартези миёнасӯрох (сӯрохиаш - чоркунҷа) солҳо дар тоқчаи анбори хонаи куҳна мехобид; пас аз ин ки ба хонаи нав гузаштем, гум шуд.

Падарам мактаб нахондаанд ва савод ҳам надоштанд. Аммо дар деҳқонӣ ва боғдорӣ саводи комил доштанд ва анору

биҳии падарам то охири баҳор ва аввали тобистон меистоданд. Бодомашон ҳеҷ вақт канда намешуд. Баъзан солҳо пай дар пай бодомро хунук мезад, яъне ҳосил намешуд, лекин дар анборчаи падарам ҳамеша камтар ё бештар бодом буд.

Дар ҳаёт дарахтони ин меваҳо бисёр набошанд ҳам, падарам хуб хидмат мекарданд, ҳосили нағз мерӯёнданд ва нағз саришта мекарданд, яъне, ба талафот роҳ намедоданд. Аз ин меваҳо пешопеш фурӯхта хароҷоти рӯзгорро буд мекарданд.

Падарам каллапиёз харида, қаламча мекарданд, тухмашро гирифта мефурӯхтанд. Пиёз мекориданд. Пиёзи кабуд (баррапиёз)-и мо аз ҳама пеш мебаромад. Мо пуштора-пуштора баррапиёз бозор бурда мефурӯхтем.

Падарам тамоку мекориданд. Нос мекарданд. Нос мекашиданд. Аммо дар ҳузури меҳмон ва сари дастархон ҳеҷ гоҳ намекашиданд. Аз ин одаташон гӯё хиҷолат доштанд. Модарам, ки коҳиш мекарданд: “Носкадутонро дар сари гӯратон рост мемонам”. Падарам мегуфтанд: – Ин як одат аст, Раҳмонқул, чӣ илоҷ …

Қувваи нағзи ҷисмонӣ доштанд падарам. То чор моҳи охирони ҳаёташон, мо - писаронашон кори кардаи он касро карда наметавонистем.

Падарам бо меҳнати бозувонашон маишати аҳли хонадонашонро таъмин мекарданд. Корчаллонӣ, фиребгарӣ, дурӯғгӯиро бад медиданд. “Бечорагӣ айб нест, duздӣ айб аст, ғарӣ айб аст” мегуфтанд.

Камгап, пуртоқат, меҳнатдӯст буданд падарам. Бисёрҳо такрор мекарданд, ки таъна ва миннати мардум заҳр аст ва аз он ҳазар бояд кард. Борҳо шунидем, ки гуфтаанд: “Дасти худро гул бисоз, миннати нокасон макаш”. Шояд барҷастатарин чизе, ки аз падар бар фарзандон мерос мондааст, ҳамин даргурез будан аз миннати кас бошад.

Шиори падарам “Нимтои нон - роҳати ҷон, яктои нон - балои ҷон” буд. Муродашон аз “яктои нон” нони муфт ва бедарди миён буд. Ҳамин равиши зиндагиро ҳамеша ба мо талқин мекарданд. Шояд аз осори ҳамин тарбия бошад, ки

фарзандонашон, махсусан, бародаронам нони даҳонашонро ҳам гоҳе мегиронанд. Масалан, мол хариданӣ шаванд мисли заҳр қимат мехаранд, фурӯхтанӣ шаванд, чун хоки сиёҳ арзон мефурӯшанд.

Бо ғайбати касе, молу ҷоҳу мартабаи касе кор надоштанд падарам. Одамони босавод ва ҳунармандонро сахт ва самимона ҳурмат мекарданд, падарам. Ҳангоми хитоб ба донишмандон "тақсир" ва ба ҳунармандон "усто"-гӯён муроҷиат мекарданд. Ба рӯи касе сухани носанҷида ва ранҷонанда намегуфтанд, падарам.

Одами беозор буданд, падарам. Гаштаву баргашта мегуфтанд, ки "даратро маҳкам куну ҳамсояро дузд нагир".

Бузургвор буданд, падарам. 30 декабри соли 1965 даргузаштанд, падарам. Худо аз пешгоҳи ҷаннат ҷо диҳад ба падарам!

### *Ҷои тири саллот (солдат)*

Падар, болотар аз шонаи чап захм дошт. Мепурсидем, мегуфт: солҳои аввали баъд аз инқилоб буд. Чаҳор савора аз Қӯрғонтеппа меомадем. Гандум меовардем. Шаб шуд. Миёнаи кӯҳ расида будем, ки аз пушт садои "Стой!" омад. Чанд бор.

Садои тир ҳамон буд ва гармии китфам ҳамон… Ҳамон ҷо як каллақанд майда карданд ва бастанд. Рост госпитал оварданд. Аз пушт ҷои даромадани тир танга барин буд, аз пеш ҷои баромадаш - даҳони пиёла. Панҷоҳ рӯз хобонданд.

### *Низом*

Падарам тарафдори ашаддии назму тартиб буданд. Ҳар як чизи рӯзгор - белу каланд, досу болға, табару теша, санги қайроқ, дастшӯя, гӯгирд, чойхалта, қайчӣ ва ғ. ва ҳоказо ҳатман ҷои қатъӣ ва ҳамешагии худро бояд дошта бошад. Аз рӯи иддаои падарам ҳар як чизро дар шаби торик ҳам бечароғ бояд ёфта тавонад.

Агар мо аз бачагӣ ва бепарвоӣ чизеро мегирифтему дар ҷои худ гузоштанро фаромӯш мекардем, маломат

мешунидем. Ба сабаби мо гап шунидани модарамон бештар аламамон мекард. Мекӯшидем, ки модар гап нашунаванд.

Худи модарамон ҳам табъи падарро хуб медонистанд. Низому тартибро риоят мекарданд.

Дар қатори хислатҳои низомпарварии падар як одати қатъии он касро алоҳида номбар накардан мумкин нест.

Падарам ҳеҷ гоҳ - на шаб, на рӯз - ба ҳаёти касе, хоҳ шинос ва хоҳ ношинос, хоҳ хеш ва хоҳ бегона - номаълуму хомӯш намедаромаданд. Агар аз ҳаёт мардина тобад, аввал сулфида, пасон касе натобад, дар кӯча қарор гирифта, номи соҳиби ҳаётро бо иловаи “-бой” ё “мулло” гирифта садо медоданд.

Падарам ҳатто ба ҳаёти худамон бесадо намедаромаданд: гулӯ рӯшан мекарданд, овоз мебароварданд.

Ҳамеша таъкид мекарданд, ки ба хона, ба назди одам ё одамони номаълум овоз набароварда наздик шудан - одати туздон ва касони бадният аст …

***Одатҳое…***

Падарам ҳамеша либосро аз дасти рост ва пои рост сар карда мепӯшиданд. Вақти кашидан, баръакс, аз дасте пои чап сар карда мекашиданд.

Бо дасти рост мехобиданд. Бо дасти рост мехестанд. Бо дасти рост таом мехӯрданд. (Аммо носро бо дасти чап мекашиданд). Боре нашудааст, ки бо дасти чап хобида ва ё хӯрок хӯрда бошанд.

Қадами аввал ҳатман бо пои рост аст. Ба маркаб савор шудан, аз ҷӯй хез задан, аз девор гузаштан - ҳама ҳатман бо пои рост аст. Бор - халта, хӯрҷин, белу каландро низ ҳатман ба китфи рост мебардоштанд. Заминро ҳам бо пои рост мегардонданд …

Саломашон албатта дудаста буд. Саломи якдастаро нишонаи беадабӣ ва беэҳтиромӣ медонистанд.

Хӯрок бо ҳам хӯрда мешуд. Ҳангоме ки ҳама дар сари дастархон ҷамъ меомаданд, падарам амр мекарданд, ки хӯрок кашида шавад. Моро одат кунониданд, ки нонро хурд-хурд

гирем; майда бихоем; то луқмаро пурра фурӯ набарем, даст ба дастархон дароз накунем.

Ҷангу ҷанҷол, коҳишу маломат дар сари хон қатъиян манъ буд. Аз рӯи дастури падар, хӯрокро ҳатман бояд оромона хӯрд, вагарна заҳр мешавад.

Агар ҳангоми хӯрок касе аз мо хархаша мекард, падар як чашм ало мекарданду халос. Ин кифоя буд, ки мо ба роҳи сулҳ дароем.

Шустани даст пеш аз хӯрок ва пас аз он - ҳатмист. (Пас аз қазои ҳоҷат ҳам). Дастро пас аз шустан ҳатман бояд пок кард. Бо дастони тар (покнакарда) чизеро гирифтан ва ё салом кардан қатъиян мумкин нест.

Ёд надорам, ки падар рӯза ва намози худро канда бошанд. Агар вақти намози пешин ё аср дар берун бошанд намозҳои қазоро шаб анҷом медоданд.

Падар тамоми умр пӯшоки миллӣ пӯшиданд. Ҳама - эзору курта, ҷома ва ҷелак ва тоқӣ дастдӯхти модар ва ё хоҳаронам буданд. Истисно - танҳо салла буд, ки онро мехариданд.

Тоқишон ҳам сода буд. Бештар апаҳоям медӯхтанд. Дар хона таҳи тоқӣ менишастанд ё рӯймолашонро ба ҷои салла мепечонданд. Бароям ин ҷолиб буд ва акнун ҷолибтар, ки падар солҳои баъд тоқии куҳнаи бародарам ё маро мепӯшиданд.

Ҳеҷ нашудааст, ки бесалла берун баромада бошанд.

Дар миёнбандӣ одате қатъӣ доштанд: дар тобистонҳо аз болои курта миёнро мебастанд, аз болои он ҷелак мепӯшиданд. Дар зимистонҳо ҷома пӯшида, миёнро баста, ҷелакро ҳамеша доштанд. Ва ҳамеша ҷелак мепӯшиданд. Ва ҳаргиз аз болои ҷелак миёнро намебастанд.

Дар пой калӯш ва маҳсӣ мепӯшиданд.

### ***Тарки одат …***

Падар пиёлаи худро доштанд. То он пиёла шикаста нобуд нашавад, дар пиёлаи дигар чой намехӯрданд.

Қошуқи нӯлборики думдарози худро доштанд. Бо қошуқи дигар ҳаргиз хӯрок намехӯрданд.

Тобистону тирамоҳ дар рӯи суфа, зимистону навбаҳор дар хона ҷои худро доштанд, дар ҷои дигар ҳаргиз наменишастанд ва намехобиданд. Агар меҳмони бисёр муҳтарам ояд, ҷои худро медоданд …

Акнун, ки ба қавле риши падар дар манаҳ сабзидааст, пай мебарам, ки ин ҳикмат чӣ маънӣ доштааст? Тарки одат чаро маҳол будааст?..

Инсон бо гузашти замон, ба ҳамаи чиз хӯ мегирифтааст, лаззат ва роҳати зиндагиро дар муҳити унсро мефаҳмидааст …

Акнун мефаҳмам, ки чаро бузургон аз ҷудоии хонадорони носоз монеъ мешудаанд, агар гузашти замонро таҳаммул кунӣ, ба носозиҳои ҷузъӣ хӯ мегирӣ ва … хонаат вайрон намешавад, фарзандат сағир намемонад.

*Бо ту буданам мушкил,*
*Бе ту буданам мушкилтар!*

Агар ба пешу пас нигоҳ кунӣ, касони пушаймонро мебинӣ, ки аз таҷрибаи зиндагӣ сабақ нагирифта, панди пиронро пушти по зада, аз ҷуфти носози худ ҷудо шудаанд ва акнун пушти даст мегазанд, вале суде ку?!

Пас, беҳуда нагуфтаанд, ки “Сабр - мифтоҳи фараҷ”.

Пас, беҳтар он аст, ки: “Ҳар чи бар ту меояд, шокир бошӣ … собир бошӣ…” (Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ).

## ***Чой***

Падарам аз бозор бодиринг, ҳандалак, харбуза ва тарбуз ва ё хариди дигарро ба хӯрҷин ва ё домани челак ва ҷомаашон андохта, ба пушташон бардошта меомаданд. (Замонҳое мешуд, ки мо хар надоштем ё харро бародарам савор шуда, ба кор мерафт).

Дар гӯшаи ҳавлӣ пайдо шудан замоно падарам бо овози баланд мегуфтанд: - Раҳмонқул, чой мон!

Падарам чойро нағз медиданд. (Он кас ҳеҷ гоҳ оби хунук наменӯшиданд).

Падарам ба чой баҳои беғалат медоданд: фавран муайян мекарданд, ки чойро дуд задааст ё хуб наҷӯшидааст ё баръакс аз

ҷӯш мондааст ё устухони чойник хунук будааст (яъне, пеш аз чой дам кардан чойникро бо оби ҷӯш обгардон накардаанд), ё чойи хушк нам кашидааст ё ба он бӯи нохуш – масалан, собун, атр … задааст ва ғайраю ҳоказо.

Агар чой дертар меҷӯшид, нороҳат мешуданд, коҳиш мекарданд, ки "дар шохи чанор овехтаӣ?..".

### *Хумори чой*

Бузургонамон хумори чойро доштанд. Аз бечойӣ сардард мешуданд. Ба хусус, падарамон азоб мекашиданд. Солҳои қаҳтӣ чой гӯё тило буд.

Гоҳ-гоҳ аз куҷое меёфтанд, бисёр эҳтиёткорона сарф мекарданд. Ба мо чой намедоданд, мегуфтанд: "Шумо об хӯред!".

Дар воқеъ, мо маззаи чойро намефаҳмидем; ҳарчанд саъй мекардем, ки маззаашро бифаҳмем, чизе намефаҳмидем ва бар ҳоли онҳо дарунакӣ тааҷҷуб мекардем …

Шаммаро намепартофтанд, хушк мекарданд ва нигоҳ медоштанд. Вақте чой тамом шуд, аз шамма дам мекарданд. Аммо ин "чой" зиёд ранг надошт; мехӯрданду рӯй турш мекарданд: "Маза-паза надорад!".

Гоҳе аз барги санҷид чой дам мекарданд. Пӯсти бодомро меозмуданд.

Аз хумори чой сардард мешуданд. Мегуфтанд: "Хумори чой хумор нест, фалокат аст!".

### *Ҳаво*

Падарам аз ҳама пеш мехестанд. Аз хона берун шуда, пеш аз ҳама ҳаворо месанҷиданд - абр, ситора, гармию хунукӣ, шамолу боришро муоина мекарданд. Вақте ки ба хона бармегаштанд, сухани аввалинашон аз ҳаво буд. Хабари чигунагии ҳаворо ба модар мерасониданд. Табиист, ки мо ҳам мешунидем.

Агар бо сабаби бетобӣ ё боиси дигар падарам дер хезанд ва модарам пештар, он кас ҳам аввал хабари ҳаворо мерасониданд. Аммо гоҳе мешуд, ки дар хабар модарам

таъхир мекарданд. Дар ин сурат падарам бетоқатона авзои ҳаворо мепурсиданд.

Боиси ин бетоқатиҳо ҷиҳати саломатӣ набуд. Падарам шояд тасаввур ҳам надоштанд, ки чигунагии ҳаво ба саломатии одам таъсир мерасонад. Падарам ҳаворо чун раззоқи мардум медонистанд, чигунагии ҳосили замин дар дасти вай буд. Агар бановақт гармиҳо ояд ва ё боришҳо шавад, падарам мегуфтанд:

- Худоё ғами ризқу рӯзии бандагонатро худат хӯр!

### *Пӯшоки падар*

Падар куртаву эзори миллӣ мепӯшиданд. Аз сони сафед. Гиребонаш шероздор, аз ҳарду тарафаш бандакдор. Эзорашон - бо эзорбанди дастбоф. Боре нашудааст, ки падар шалвору куртаи тугмадор пӯшида бошанд. Курта аз камар аз ҳар ду тараф киса дошт.

Ҷомаву ҷелакашон ҳам миллӣ буд. Албатта, ки дастдӯз. Ҷома - бештар аз сатини сиёҳ, ҷелак ҳамеша аз тик.

Тобистонҳо аз болои курта миёнро бо рӯймол мебастанд. Рӯймол - порчаи сони сафед буд, ки апаҳоям бо бигиз, аз абрешим, гулҳои сода медӯхтаанд. Аммо аз болои ҷелак ҳаргиз миёнро намебастанд. Ҷелакашон одатан кисадор буд. Аммо ҷома киса надошт.

Вақте берун мерафтанд, ба сар ҳатман салла (дастор) мебастанд. Дар хона миёнбандашонро мепечонданд. Вақти кор фӯта мебастанд.

Ҳамеша дар миён ду гоҳе, се миёнбанд доштанд. Тифоқо, чизе биханд, яке аз рӯймолҳоро боз мекарданду дар он мебастанд. Рӯймол вазифаи дигар ҳам дошт: дастпоккун ва рӯйпоккун буд. Вақте барои таҳорат офтоба ба даст берун мерафтанд, рӯймолро ба китф мепартофтанд.

Одатан гӯштхалтаи ҷудогона доштем. Аз сони сафед. Ҳангоме падар бозор мерафтанд, гӯштхалтаро ҳам дар чашми хӯрҷин ҷой дошт. Ҳангоме падар аз бозор бармегаштанд,

якумин кори модар ин буд, ки гӯштро аз халта мегирифтанд ва намак мезаданд ва халтаро мешустанд. Гӯшти намакзадаро дар рӯймоли дигар печонда, шабҳо хона меандохтанд, рӯзҳо дар тори рӯи ҳавлӣ меовехтанд. (Он гӯштҳо маза доштанд!).

Гоҳе чунон иттифоқ меафтод, ки халта ва хӯрҷин бо худашон нест. Дар ин ҳол, яке аз миёнбандҳоро яла мекарданду гӯшт мебастанд…

Тоқии падар - тоқиҳои махмалии куҳнаи мо буд, тоқиҳои содадӯхтаи апаҳоям. Дар бачагиҳои мо телпак ҳам доштанд. Як телпаки сиёҳи чармиро зимистон зиёд пӯшиданд.

Аз пӯшокиҳои замонавӣ - падар танҳо калӯш мепӯшиданд; аммо бо маҳсӣ ва пайтоба.

Аксари мутлақи ҳамсолони падар ҳамин навъ пӯшок доштанд. Гоҳ - гоҳе мардоне ҳам буданд, ки аз болои куртаи дароз кут мепӯшиданд. Ин аҷиб метофт: куртаи сафеди дароз ва коти кӯтоҳ, риши сафед …

Солҳои ҳафтодум буд, ки шаҳри Ганҷа рафтем; ба муносибати ҷашни Ҳаким Низомии Ганҷавӣ. Ҳама чизи ин шаҳри азиз қобили таваҷҷуҳ буду зеҳн мемондам. Аммо ҳеҷ пиреро надидам. Як нафар ҳам ба чашм намехӯрд, ки риши сафед, дастор, куртаву эзор ва ҷомаи миллӣ дошта бошад. Пас аз диққати бисёр аён гашт: пиразанон ҳастанд, пирамардон ҳам, аммо: ришро покиза метарошанду пӯшоки аврупоӣ мепӯшанд …

Аммо вақти анорканӣ, падар тахи тоқӣ кор мекарданд: хори анор фӯтаро рӯда мекард. Ҷелаки даравиро мепӯшиданд; миёнро мебастанд; бо дасти чап аз шохаи анор мегирифтанд ва бо дасти рост донаи анорро оҳиста тоб медоданд. Нарм тоб медоданд, то ин ки анор аз думча ҷудо шавад. Баъд анорро оҳиста дар бағал мемонданд ва дунболи анори дигар мерафтанд.

Анор меваи нозук аст. Пӯсташ андаке лат хӯрад, мепӯсад; як анори пӯсида анорҳои дигарро ҳам мепӯсонад.

Вақте бағал пур шуд, ошхона мерафтанд ва якояк рӯи саҳн мечиданд. Дар тарафи шимолии ошхона анборхона буд,

аммо саҳнаш, ки танг буд, анор намечиданд. Агар тифоқо, аноре хато хӯрда фишор дида ва ё аз даст афтода бошад, онро ҷудо мегузоштанд - ё пешфурӯш мешуд ё хӯрда.

Аммо анорхӯрӣ ҳам фарҳанги худро дорад. Дастархон ё чизе ба ҷои он бояд паҳн кард. Бо корд бехи анорро бояд бурид. Пас, анорро ба ду пораи баробар, албатта, ки танҳо пӯстро бояд бурид. Боз ду пораи дигар, яъне, анор чаҳор пора мешуд. Як бори дигар аз миёна ҳам мебуранд …

Ва аммо шарти асосӣ ин аст, ки як анорро бояд як кас хӯрад. Чаро, ки ҳар анор як дона дорад, ки биҳишт меравад. Ҳар касе тамоми донаҳои анорро хӯрад, биҳишт хоҳад рафт…

Падар рафтореро доштанд, ки шояд ҷояш ин ҷо бошад.

### *Қадри вақт*

Соли 1956, ки имтиҳонсупории Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон рафта будам, пас аз як ҳафта шомгоҳон падар Душанбе рафт ва нону як халта чакка бурд. Халтаи чаккаро ба шохаи ниҳоле овехтам. Нимишабӣ гурба омада халтаро сӯрох кард.

Падар мехост Душанбе ояду як моҳ меҳмон бошад. Тобистони 1964 омад. Банда ва хонум дар хобгоҳи муаллимони Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, хиёбони Айнӣ/35, утоқи 29 зиндагӣ мекардем. Аммо падар натавонист як ҳафта бештар бимонад, одам қазои ҳоҷатро рӯи оби равон анҷом медиҳад.

Рӯ ба рӯи хобгоҳ чойхона буд ва чошт ҳамон ҷо сарф мешуд. Рӯзе устод Табаровро дидем, ки аз роҳрави хиёбон сӯи хона равон буд ва рӯзнома мехонд. Ба падарам гуфтам, ки “ин кас муаллим Соҳиб Табаров ҳастанд”.

Падар дуру дароз нигоҳ карду гуфт: “Қадри вақтро медонистаанд”.

### *Носкаду*

Рӯзи охирини ҳаёти падар. Гашти пешин буд. Падарам ишора карданд, ки он касро хезонда шинонем. Ёрӣ кардем.

Рӯи ҷогаҳ ба девор такя карда нишондем. Нос кашиданд. Баъди фурсате носро партофтанд. Даҳонашонро он миқдор обгардон карданд, ки ҳеҷ гоҳ то ин дараҷа намекарданд. Баъди ин ташвишҳо чеҳраашон андаке яла шуду гуфтанд:

- Носкадуро ба усто Эшонқул диҳетон.

Падарам инро гуфтанду дароз кашиданд. Табиист, ки мо ҳам такпурсӣ накардем. Кӣ будани усто Эшонқулро писари амакам Зариф, ки тамоми муддати бемории падарам беморбонӣ мекарданд, хуб медонистаанд.

Падарам дигар нос накашиданд. Ҳамон бегоҳӣ баъди тақрибан ҳафт соати нос кашиданашон падарам даргузаштанд.

Баъди ҳафтаи гузаштани падарам ҷиҳати таъзия як марди 55-65 сола омаданд. Модарам носкадуро оварда, лаби дастурхон гузоштанд. Акаи Зарифам васияти падарро хотиррасон карданд. Маълум шуд, ки усто Эшонқул ҳамин кас будаанд.

Усто носкадуро дида, васиятро шунида, ба фиғон омаданд, ба зону зада овоз бароварда гиристанд. Бо овози баланд фиғон кардани мард дар мо расм нест, ин манзараро ман бори якум медидам. Баъди таскин ёфтан усто Эшонқул гуфтанд:

- Дареғи одамизод. Ду сол пеш дар бозор аз носашон кашидаму носкадуяшонро таъриф кардам, ба шӯхӣ гуфтам, ки онро ба ман диҳанд. Раҳматӣ гуфтанд, ки: “Майлаш, ҳамин носкаду аз они Шумо, вақташ ояд мегиред”. Маълум мешавад, ки раҳматӣ ваъдаро фаромӯш накарда будаанд …

Носкаду он қадар ҳам хушрӯй набуд, ороиши зиёдатӣ ҳам надошт. Онро худашон аз кадуи хоми дар лой гӯр карда, равған андохта пазонда буданд. Носкаду одии дарозак буд, ранги сурхи баланд дошт; тиғинаш чармӣ буд, онро усто Ашӯр дӯхта ва дуруст карда буд.

Ваъдаро фаромӯш накардани падар, хоҳиши бо як чизи ночиз усторо хурсанд кардан, баъди васияти носкаду аз он дигар нос накашидани он кас шоистаи андешаи бардавом гашт.

## *Поёни дунё*

Падар борҳо хавотирмандона гуфтаанд: “Навиштаанд, ки поёни дунё ҳазору сесаду анд аст … ҳазору сесад ҳамин сада аст, “анд”-аш маълум нест…”.

Дили мо ҳам сиёҳ шуд.

Падар намегуфтанд аз кӣ шунидаанд. Мо ҳам намепурсидем.

Ин ҷо дар Эрон аз чанд охунд пурсидам. Касе ин устураро нашнидааст.

Худо кунад, дурӯғ барояд …

## *Пушт*

Падарам борҳо мегуфтанд, ки чойи талх нахӯрем. Гаштаву баргашта такрор мекарданд, ки на танҳо кӯкнору шароб, балки чойи талх ҳам умрро кӯтоҳ мекунад, ба пушт зарар мерасонад.

Таъкидҳо албатта дар хотирамон нишаста буданд. Кӯтоҳ шудани умрро фаҳмем ҳам, маънии осеб дидани пуштро намефаҳмидем.

Инро баъд фаҳмидем. Донистем, ки бангу нашъа ва кӯкнор, чакида ва шароб дар ҳамин қатор чойи талх ҳам ба насл зарар мерасонидааст. Мисолҳои сершумори зиндагӣ нишон доданд, ки нашъамандону майзадагон ё умуман безурриёт мемонанд ё фарзандони ноқису носолим ба дунё меоранд.

Шоистаи таъкид ин аст, ки халқ дар асоси таҷрибаҳои бисёри ҳазорсола ба хулосаи пурманфиати умумиинсонӣ омадааст, ки пушт - насл - фарзанд аз ҳама чиз қимат аст ва дуруст муайян намудааст, ки ба пушт чӣ зарар мерасонад ва чӣ нафъ.

Дар асл ҳам шахсе, ки ғами пушташро намехӯрад, ба он гурбае мемонад, ки зодаи худашро мехӯрад.

Камсухан буданд, падарам. Аммо ҳеҷ ҳарфи беҷо намегуфтанд. Тилобаркаш сухан мегуфтанд.

Аммо зарбулмасалу мақоли зиёд ба кор мебурданд. Ба хусус, ҳикматҳоеро, ки ҳар яке як китоби зиндагист, ҳазорон бор шунидаем, ки дар мағзи устухонамон нишастааст.

### ***Мактаби падар***

Нахустин мактабхонаамон мактаби падар буд. Охиринаш ҳам.

Аммо аз ин мактаб фориғу-т-таҳсил нашудаам. Ҳанӯз ҳам мехонам. Агарчи наздик ба чиҳил сол аст, ки аз сояи соҳиби мактаб маҳрум шудаам.

Ҳанӯз нигоҳҳояшон пеши чашмонам барқ мезанад. Ҳанӯз аз он нигоҳҳо маънӣ меҷӯям.

Даҳҳо маънӣ доштанд нигоҳҳои падарам: тааҷҷуб, ситоиш, сарзаниш, шубҳа …

Ҳанӯз ки ҳанӯз ҳикматҳои падар дар майнаам чарх мезананд, чарх мезананду раҳ менамояд:

- “Ба кӯрпаат нигоҳ карда, пой дароз кун!”.
- “Кам хӯру ҳамеша хӯр!”.
- “Худатро эҳтиёт кун ва ҳамсояатро дузд нагир!”.
- “Дастат дар таҳи санг ҳам бошад, хобу хӯрокатро дар вақташ анҷом деҳ!”.
- “Дар таҳи ор мурдана, дар таҳи кор мур!”.
- “Дар сарат санги осиё гардад, дурӯғ нагӯ, қасам нахӯр!”.
- “Худозада бош ва қасамзада набош!”.
- “Ҷанда бош ва ганда набош!”.
- “Бо “ҳалво” гуфтан даҳон ширин намешавад”.
- “Меҳмон аз дар ояд, ризқаш аз дарича медарояд”.
- “Нонро калон газу гапро калон назан!”.
- “Чашму дилатро сер нигаҳ дор, чашмгуруснагӣ ҳам ба ризқ зарар дорад, ҳам ба умр”...

“Ин мактаб ҳанӯз нотамом” - ба ин маънист, ки гоҳе суханаш дар ҷое як роҳнамоӣ мекунад, дар мавриде дигар - роҳе дигар. Чашми мағз кор кунад, то нишон диҳад, ки ба кадом роҳ бояд рафт …

Сабақ аз ин мактаб яктарафа буд, яъне, ки фақат мегирифтам, мемакидам. Баҳс кардан - он тарафи истад, ба рӯи падар нигоҳ кардан…. набуд.

Агар шубҳае ҳам гиреҳ мехӯрд, гиреҳро сахттар мебастаму мемондам - барои баъд, барои устоди дигар, устоде ки номаш зиндагӣ аст.

Гоҳе пеш омадааст, ки супоришашон дар назари худам дуруст набудааст, дар ин ҳол эътироз накардаам, агарчи донистаи худро кардаам. Агар дидаанд, ки супоришашон ба таври дигар анҷом шудааст, эрод нагирифтаанд - намедонам, ки准 меписандиданд ё намехостанд, ки шохи маро шикананд.

Чӯб аз падарам ҳаргиз нахӯрдаам, бародаронам гоҳ-гоҳ мехӯрданд …

Падар баръакси модар ошкор навозишгар набуданд. Ризоӣ ё норизоии он касро аз чашму чеҳраашон мехондем. Агар норозигӣ ҷиддитар бошад, нодурустии корро сахтгирона мефаҳмонданд, роҳи дурусташро нишон медоданд …

Сабақҳои камнатиҷа ҳам ҳастанд. Рӯшантар бигӯям, сабақҳои судманде, ки натавонистаем суд бибарем.

Яке аз онҳо - сари луч аст.

Иҷозат намедоданд, ки бо сари луч на танҳо хӯрок хӯрем, балки, умуман гардем.

Мегуфтанд: “Сари луч гардӣ, офтоб мезанад, хӯрок хӯрӣ - ҳаром мешавад”.

Шояд офтоб задан кам иттифоқ афтад, аммо имкони ҳаром шудани хӯрок ҳамеша ҳаст: ё мӯй мерезад, ё нукалла ва ё ҳар ду …

“Сабақе камнатиҷа” гуфтан - ба ин маънӣ буд, ки ин тартиби судманд дар хонаи худам фаромӯш гашт.

### *… Пӯсти як гов*

Падарам достоне мегуфт, ки ҳаргиз фаромӯш нашуд. Як инглисӣ Ҳиндустон меравад; ҳадяе гаронбаҳо ба шоҳ мебарад. Мегӯяд: Хоҳише дорам. Шоҳ: Бигу. Инглисӣ: замине мехоҳам

ба андозаи пусти як гов. Шоҳ иҷозат медиҳад. Инглисӣ ёддошти хаттӣ мехоҳад. Шоҳ нома медиҳад, ки аз ҳар ҷое хоҳад ба андозаи пусти гов замин дода шавад.

Инглисӣ наргови калонро мекушад, пустро мепазад, борик борик мебурад, ки чанд сад метр мешавад; аз канори укёнус заминро интихоб мекунад, гирдогирдашро девор мекунад, хонаҳо месозад; бо киштӣ силоҳ мекашонад; рафта-рафта тамоми Ҳиндустон ба дасти инглисҳо мегузарад.

### *Чароғ*

Падарам чашми хат надоштанд. Он чи навишта метавонистанд Бобо буд, яъне имзояшон. Ин ҳам ба лотин: Bobo.

Аммо дар илми фалсафа файласуф буданд.

Ҳама ҳикматҳо, ҳатто бисёр суханҳои одиашон тамоми ин солиёни дароз пайваста дар гӯшам садо медиҳанд ва роҳнамоӣ мекунанд.

Падар дар ҳамаи чиз эҳтиёткор буданд. Аммо дар се чиз ҳассосияти сахте нишон медоданд: коғаз, пӯсти пиёз, нонреза. Имкон надошт, ки чизе аз инҳо зери по шавад. Ин ҳама сол фикр мекардам, ки мартабаи кадоме аз инҳо пеши падар баландтар буд? - Ёфта натавонистам; яъне, ки ҳар се баробар буд.

Гаштаву баргашта дидаву санҷидам, ки ҳамаи гуфтаҳояшон дуруст будаанд. Ҳатто онҳое низ, ки он замон шубҳанок менамуданд.

Ҳамеша кӯшидам, то он чароғ дар дастам бошад.

Агар ба ҷое расида, ё нарасидаам, хурсанду хушбахтам. Чаро ки чароғи роҳнамоям - рафтору гуфтори андешаҳои падарам будаанд. Ва ҳанӯз ҳам ҳастанд…

Бисёре аз ҳикматҳоро модарам ба забон мегирифтанд.

Ин одати бузургонамонро беш аз ҳамаи мо Ҷамила-апаам ба мерос гирифтаанд.

### *Аз ҳошияи ҳикматҳои падар*

Дар шумори фурӯш, носу қаламфур ҳам буд. Ин дуро ба дасти харидор намедоданд: коғазпеч карда гӯшае

мегузоштанд. Ин ду тилобаркаш намешуд, аз меъёри харидоришуда, каме вазнинтар мекарданд.

Зимистони сахте омад. Солҳои 39-40 буд, дар ҳавлии куҳна зиндагӣ мекардем. Айвон оташдон дошт. Падар оташ даргиронданд. Ҳезум, ки тар буду дуд мекард, мо ду бародар азият мешудем. Падар пуф мекарданду мегуфтанд:

- Дудодуд мехоҳед ё бодобод?

“Бодобод!” мегуфтему берун мерафтем; чун хунук мехӯрдем, бармегаштем.

Давлат Мӯсоев (милиса) ҷое меҳмонӣ рафту заҳролуд баргашт. Падар пойтобаи чиркини Мӯсоевро ҷӯшонду обашро хӯронд; гардонду гардонду хуб шуд.

***

Хӯроки шабмонда майнаро палағда мекунад. Ба ман мегуфтанд, ки нахӯрам.

***

Абр агар аз Қибла хезад, сахт борон мешавад,
Шоҳ агар одил набошад, мулк вайрон мешавад.

***

Аз Қорӣ Пешаврӣ, Ҳабибуллохон, Тошхоҷаалӣ, Домулло Абдурасул, ки дар замони ҷанг ва баъди он аз байн рафтаанд, бисёр ёд мекарданд.

## ***Боғҳои падар***

Боғҳои падар порча-порча буд, яклухт набуд, барои ҳамин ҳам боғ намегӯем, боғҳо мегӯем.

Ва муносиб аст аз анору бодом ва биҳӣ оғоз ёбад - меваҳое, ки биҳиштӣ ҳастанд, меваҳое ки моро наҷот додаанд.

***Анор.*** Анорзори бобоӣ доштем. Соле хунук зад, баровардем. Ҷояш баъдҳо акаи Саъдӣ ғалтид. Падар фавран анорзори дигар бунёд карданд - дар ҳамон ҷое, ки акоям хона сохт. Чанде баъд дар болотар аз он ҳам анор шинонданд. Аз он анорҳои падарӣ акнун чизе намонд.

Солҳои ҳаштодум бародарон анорзори наве бунёд карданд - дар ҷои Боми ранга ва ҳавлии куҳна. Соли 98

дидам, ки инро ҳам аз миён бардоштаанд: бемории бедавое омадааст - даруни анор саросар сиёҳ мешудааст, ба андозае ки як дона сиҳат надорад. (Беҳуда нагуфтаанд: дар замине, ки хуни ноҳақ рехтааст, ҳосил намерӯяд: одамро Худованд халқ кардааст, танҳо худаш метавонад ҷони вайро гирад. Аммо дар замине, ки силоҳдораш худро ба ҳаққи Худо шарик кардааст, наузанбиллоҳ…).

Анор ширину хушгувор аст, аммо заҳматҳои фаровон дорад. Як заҳматаш бисёр сахт аст - гӯр карданаш.

Дар солҳои навҷавонии мо зимистон сахт омад, барф бисёр меборид. Ва агар буттаи анорро гӯр намекардем, хунук мезад.

Ин кор дар поёни тирамоҳ анҷом мешуд.

Пуштаи ҷӯяро амиқ мекандем: бо калтаке дароз буттаро ба пушта мехобондем; аз болояш шӯраку хор пахш мекардем, хок мерехтем.

Хобондани буттаи анор бисёр душвор буд. Аз як нӯки калтак падар мегирифтанд, аз нӯки дигараш - ману бародарам ва зер мекардем … Ҳатман ҷома мепӯшидем. Ба ин вуҷуд, хори анор ба дастону ҷойҳои дигар мехалид.

Аз солҳои панҷоҳ, ки меҳмонони ғармӣ омаданд, хошок кам шуд, анорро ҳам гӯр накардем. Зимистон ҳам дигар сахт намеомад, агарчи гоҳ-гоҳ анорро хунук мезад.

***Бодом***. Аз бодомҳои бобой ду дарахт монда буд. Махсусан яке гапи гуфтанӣ дорад. - Ҳамоне ки дар чорбоғча буд: бисёр калону сершох. Муҳимтарин гапи ин дарахти бодом ҳамин аст, ки ҳамаи бодомаш думағза буд, бодоми якмағза надошт…

Ҳангоме қунғуротҳо омаданд, Эшбой дар ҳаёти Атобой шолӣ корид. Аз афташ Эшбой забони шолиро намедонист, обро бисёр дод, заҳаш ба чорбоғчаи мо гузашт ва … бодоми моро хушконд. Бодом ба заҳ тоб надорад.

Ва аммо бодомзоре, ки падар бунёд карданд, ҳикояташ ҷудогона аст.

***Биҳӣ***. Се дарахт доштем, аз дарахтони пешин; ҳама дар лаби ҷӯй: биҳӣ оби равонро дӯст дорад.

Биҳиҳоро Вафо-тағомон шинондааст. Модарамон мегуфтанд: дар ҷои ҳамин се дарахти биҳӣ, се дарахти калони сафедор буд; Вафоҷон гуфт, ки “аз сафедор чӣ фоида?”. Ҳарсеро бурид, се ниҳоли биҳӣ оварду шинонд”.

Ин се дарахт се навъ буд ва ҳар се ҳам соҳиб дошт: дар тарафи рости ҷӯй аз они ман буд; 2) дар тарафи чапи ҷӯй аз они акаам; 3) дар тарафи рост аз они Сатторҷон. Ҳоло танҳо нишоне аз биҳии акаам мондааст.

Замоне модарам аз куҷоҳое ниҳоле овард; онро дар лаби ҷӯй, ки ба чорбоғча мерафт, шинондем. Ин биҳӣ - каллабиҳӣ будааст, яъне меваaш калон-калони хушоб. Ин дарахт ҳоло ҳам ҳаст. Аз ниҳолаш Душанбе бурдам, дар Гулбуттаам шинондам, аз ҳосилаш хӯрдем.

*Ин меваҳо, бесабаб, дар аввали феҳристи нӯҳгонаи “Қисас-ул-анбиё” зикр нашудаанд: дар он солҳои гушнагӣ ва қаҳтӣ моро наҷот додаанд.*

***Олуча.*** Аз ин мева ҳам се дарахт доштем; аз они седодарон:

1 - дар миёнаи чорбоғча; олучаи зардак; аз они ман;

2 - дар болотари чорбоғча; олучаи сурхак; аз они акаамон;

3 - дар саргаҳи чорбоғча; дар канори чапи ҷӯйбор; олучаи калон-калони турш; вақте хуб пухт, каме ширин мешуд; аз они додарамон. Меваи ин дарахт ва дарахти маро хушк ҳам мекардем (ба шӯрбо ва шулла меандохтанд; зимистонҳо машғулӣ мешуд). Аммо умри дарозеро дарахти Сатторҷон дид.

***Себ*.** Аммо гапи себ бештар асту сӯзандатар.

Чаҳор навъ себ доштем: ҳама ҷойдорӣ, ҳама гум шуданду нишоне аз онҳо намонд. Ин ҳама себҳо дар чорбоғча буданд.

***Себи тирамоҳӣ.*** Дар аввали чорбоғча, дар лаби ҷӯй як дарахт себаш лӯндаи зарди тилоӣ бо хатту холҳои сурх мешуд, буд. Себаш дар тирамоҳ мепухт.

Поёнтар аз себи тирамоҳӣ, дар бехи девори тарафи ғарбӣ, ду дарахти себи шақшақа доштем. Меваaш дарозаки сафеди моил ба зард мешуд. Вақте пухт, тухмаш ҷудо мешуд

ва ҳангоми ҷунбондан “шақ-шақ”-и садояш шунида мешуд. Ин навъ себро дар ҷои дигар на дидам, на шунидам.

Хосияти дигари ин дарахтони шақшақа - ин буд, ки тобистон дубора гул мекарданд (на зиёд) ва мева мебаст. Меваaш то тирамоҳ мерасид, аммо кирои хӯрдан набуд, балки чунон бӯе дошт, ки наметавон бо сухан тасвир кард. Дар девори хона меовехтем, дар киса гирифта мегаштем.

***Ҷавпазак.*** Поёнтар аз шақшақа ду дарахти ҷавпазак доштем. Ин себ пеш аз ҳама мепазад, баробари ҷав, ба ҳамин хотир ҳам ҷавпазак мегуфтаанд. Ин навъи себ дар ҷойҳои дигар ҳам ҳаст; дар Эрон ҳам дидам.

***Туршак.*** Аз ҷавпазак поёнтар ду дарахти туршак доштем. Ин себ ба дунболи ҷавпазак мепазад. Ин себ нордон буд ва боби шӯрбо.

***Сурхак.*** Ин себ ҳам баҳорӣ буд. Се дарахт доштем.

Ҳамаи себҳои мо дар як рада буданд - аз бехи девори ғарбии чорбоғча. Ҳар касе ин дарахтонро шинонда ва парварида бошад (Худо раҳматаш кунад!) завқе салим ва ҳавсалаи комил доштааст.

Себи сурхи дигаре ҳам доштем: дар бехи девор, лаби ҷӯи ҳавлӣ.

***Зардолу.*** Дар ҳамон чорбоғча ду дарахти зардолу доштем - яке болотар, дигарӣ дар поёнтар.

Он ки болотар буд, сафедпазак ном дошт. Дарахташ хордор буд. Думчаи меваaш сахт буд, намерехт, дар болои дарахт ғӯлинг мешуд ва баъд мерехт. Ин зардолу бисёр ширин буд. Ин навъ зардолуи сафедро дигар ҳаргиз надидам.

Он ки поёнтар буд, меваи калон-калон дошт, сурх мешуд, гулҳое дошт сурхи баланд. Вақте пухт мерехт. Номашро «ташбоқазардолу» мегуфтем.

Як дарахти калони зардолуи бисёр ширин дар пушти Боми ранга буд; баъд дар ҳаёти Султон-тағомон монд.

Пас аз анҷоми ҷанг гирду атрофи моро ба замини пахта табдил доданд. Дар баҳоре Ҷамила-апаам аз пахтазор ниҳолеро, ки як ваҷаб дошт, рӯи каландаш гузошта овард; онро шинондем

- дар тарафи чапи ҷӯй. Ниҳол калон шуд, меваи ширине дод. Чунон серҳосил, ки гоҳе солҳо шохааш мешиканад. Ин дарахт ҳанӯз ҳам ҳаст; агарчи хеле кал шудааст.

***Тут***. Тути балхӣ - дар рӯи ҳавлии кухна буд. Аз ночорӣ барои кирмак задем, туташ вайрон шуд.

***Марворитак.*** Аз ин тут ду дарахт доштем: яке дар лаби чапи ҷӯй, дигарӣ - дар ҳаёти анорзори бобоӣ. Ҳар ду ҳам дарахтони калон - калон буданд; меваи бисёре мебастанд, ба андозае ки барги химча наметофт ва меваащ майда-майдаи сафед, бисёр ширин буд. Одатан, Ҷамила-апам болои дарахт мебаромад, бо кундоқи теша ба сари шоха мезад ва тут мерехт; мо дар поён аз чаҳор гӯшаи гилем медоштем. Ҳам тут мехӯрдем, ҳам мавиз мекардем.

Китфони зардинаи чӯрбастаи шохаҳои марворитак ҳанӯз ҳам дар пеши чашм намудоранд: чӯрҳое, ки аз кундоқи теша пайдо шудаанд.

***Ширтут.*** Ва аммо ин тут бемонанд буд: калон-калони сафед, баробари пилла; чунон ширин, монанди набот. Навдае аз решааш рӯйида буд, тути сурх дошт, яъне, ки пайвандро бо тути сиёҳ задаанд. Ин дарахт дар гӯшаи ғарбии анорзори падар воқеъ буд. Инро ҳам барои кирмак задем, нобуд шуд.

***Ноку мурӯд.*** Дар ҳамон чорбоғча аз ин мева чор дарахт доштем:

1. Нок - нисбатан майдаи камоб;

2. Алмурӯд - ду дарахт; вақте хонаи нав сохтем, дар рӯи ҳавлӣ шуданд;

3. Ношпотӣ - меваащ калон-калони хушоб. Ҳаммонандаш дар Эрон бисёр аст, гулобӣ мегӯянд, аммо мазаи ношпоттии моро надорад.

4. Як дарахти алмурӯди дигар доштем - дар анорзори бобоӣ. Дарахте бисёр калон буд ва ҳосили фаровоне медод - ҳам мехӯрдем, ҳам мефурӯхтем, гоҳе хушк мекардем.

***Ток***. Аз бачагии худ як токро медонам: дар ҳавлии кухна, лаб-лаби ҷӯй, аз пушти девор омада буд. Падарам ҳар ду тарафи ҷӯй чайло бардошта, хеле васеъ карда буданд.

“Ангури фахрӣ” буд; ҳосили фаровон медод. Падарам аспакӣ то Хокак бурда мефурӯхтанд.

Ба гумонам соли 1953 буд, ки Қонуни бисёр сахти андоз ҷорӣ гашт. Аз ҳар дарахти мевадор андоз мегирифтанд. Андозе, ки мардум пардохта натавонистанд ва дарахтонро решакан карданд.

Ба як кундаи токи мо номи “Яккабоғ”-ро доданд. Андози Яккабоғ аз як кундаи ток даҳҳо баробар бештар буд. Ва падар, бо ҳазор нороҳатӣ токро буриданд.

Солҳои баъд, ки он тартибро бардоштанд, падар токҳое парвариш карданд - аз ҷумла, ангурҳои ҳусайнӣ, тоифӣ, маска, сиёҳ ва ғ…

Ҳусайнӣ ва маска дар ҳавлии бародарон ҳанӯз ҳам ҳастанд.

Дар боғи бобоӣ як дарахти писта ҳам буд; дар бехи девори ҷанубӣ, поёнтар аз ҳамон ҷое, ки бародарам хона сохт.

Аммо писта ҳосил намедод. Гӯё гул мекард ва намебаст. Хеле мехостем ҳосилашро бубинем. Аммо бӯй дошт, бӯи хуше.

Аз ин писта модарамон хотираи нохуше доштанд: ҳукуматиҳо борҳо омада, бехи деворро ба тамоми дарозиаш, махсусан атрофи пистаро амиқ канда ва кофтаанд - дар суроғи давлати Мулло Ҷаббор …

Аммо модарамон мегуфтанд: “Падарам бо тило сару кор надошт; ёфтагиашонро сарф мекарданд - ба беваю бечораҳо медоданд, хайру садақа мекарданд, гову гӯсфанду шутур мехариданд …”.

## МОДАР

Бибӣ Зайнаб ном доштанд, модарам. Дар хонадони Мулло Ҷаббор ба дунё омадаанд. Шахси ҳам донишманд, ҳам давлатманде будаанд, бобоям. Бибиам Ҳоҷар ном доштаанд.

Модарам дар синни 8-солагӣ аз модар мондаанд. Соли модарам ҳам муш будааст. 27 феврали соли 1967 аз олам чашм пӯшиданд.

Модарам андаке дар мактаби кухна хондаанд, вале ба сабаби вафоти модарашон, ки саводи комил доштаанд,

баровардани савод муяссар нашудааст. Гоҳе монанди сурӯд барои мо такрор мекарданд:

*“Алиф” нуқта надорад,*

*“Б” як нуқта дорад…*

Модарам ҳунарманд буданд. Тоқӣ ва руймолҳои гулдӯзии мардона ва сӯзанӣ медӯхтанд. Ҷамолак мебофтанд.

Солҳои гушнагии ҷанг ва баъди ҷанг маҳз ҳунари модарам ҳамаи моро аз марг наҷот дод. Ҳунари модарам, махсусан давраи дар баталйони коргарӣ будани падарам ва ҳангоми бемории дуру дарози он кас кор дод.

Модарам зани сариштакор, қаноатманд, хоксор ва меҳрубон буданд. Меҳрубониаш бемисол буд. Аз меҳрубонии модарам нисбат ба дигарон дар хоҳарам бештар мондааст.

Модарам аз падарам қадбаландтар буданд. Аммо забондароз ҳаргиз набуданд. Эҳтиромашонро ҳамеша ба ҷо меоварданд - чи дар ҳузур, чи дар ғайбат. Ёд надорам, ки нописандона “ун”, “ин” ё “вай” гуфта бошад.

## *Дарёи меҳр*

Миёни фарзандонашон ба ман илтифоти бештар доштанд, модарам. Ҳамеша “Раҳимҷон” мегуфтанд. Боре нашунидаам, ки бидуни “ҷон” номамро гирифта бошанд.

Модарам як одати ибратангези дигаре вобаста ба ҳамин чиз доштанд: агар ҳангоми сӯҳбат бо яке аз фарзандонашон сухан дар бораи фарзанди дигарашон равад, шахси ғоиброномнамегирифтанд, балки муносибати хоҳарӣ ва бародариро ба миён оварда, гап мезаданд, аз қабили: “ба акаат гӯй”, “бо додарат хӯр”, “хоҳаратро эҳтиёт кун”, “апаатро чеғ зан” …

Агар меҳри як пайкари воқеӣ як ҳастии зинда бошад, раҳматӣ модар буданд.

Ба хитобам ягон бор “ҳа” нашунидаам, мудом ҷавобашон “ҷон” буд. Аз навозиш ва бӯсидану бӯйидан сер намешуданд. Ҳатто дар давраи донишҷӯй буданам аз сару гарданам мебӯйиданд, мебӯсиданд, тахтапуштамро мемолиданд. Агар аз кори носазое ғазабашонро оварда бошам, мегуфтанд:

- “Хонаат пури гандум, хонаат кафтархона шавад, бачам…”.

Ин дуои модарам, маъниаш пурнеъмату сермеҳмон шудан буд, амалӣ гашт.

Мазаи қайлаҳое, ки модарам аз шарбати ош додаанд ҳанӯз аз комам нарафтаанд.

Лутфи саршори модарам чанд сабаб дошт. Сабаби асосиаш бояд он бошад, ки ман ба қавли худи модарам, “каллаи кандаи” тағоям Вафоҷон будаам. Вафоҷон - ягона бародари модарам, ки дар коми аждаҳои ҷанг фурӯ рафтааст.

Сабаби дигари муҳаббати беандозаи модарам шояд ин бошад, ки ҳаваси ношикастаи саводнокии худашонро дар ман шикастан мехостанд. Борҳо мегуфтанд, ки агар модарашон вафот намекарданд, саводнок мешуданд.

Дунёи меҳру ҳунар буданд, модарам.

Муҷассамаи меҳр буданд, модарам.

Ҳамон рӯзгори навҷавонӣ буд, ки ширинчае ба суроғам омаду ба сарам чангол андохт. Модарам боз ҳам ҷонсарак шуданд: “Вой ман мурам, бачам кал мешавад! Вой, ман мурам…”.

Модарам куҷоҳое нарафт, аз касоне маслиҳат напурсид. Саранҷом, роҳашро ёфт. Мағзи донаи шафтолуро доғ кард, рӯғанашро гирифт, бо кадом рӯғане омехт. Ва ба сарам молиду молид ва дуруст кард.

Намедонам, аз асари марҳам буд ё гармии дастони модар ва ё шафоати худовандӣ, ки сарам нағзи нағз шуд; ҳеҷ нишоне намонд. То ба ҳамин наздикиҳо. Намедонам, магар сарро боз хумори дастони модар гирифтааст, ки сарам боз ширин-ширин мехорад …

Дарёи меҳр буданд, модарам. Агар модар он замон ба дарёи меҳру навозишҳои худ ғарқ намекарданд, ман набудам, агар ҳам будам, ман набудам.

Эҳсос мекунам, ки дар рӯи замин намегардам, балки парвоз мекунам. Як болам - ҳамон меҳру навозишҳои модаранд. Боли дигарам - муҳаббати самимонаи азизони дигар аст, ки дар дил хона монда.

Агар меҳри сӯзоне ба зодгоҳам дорам, ба меҳану ҳаммеҳанон дорам, гумон мекунам, посухе бошад ба ҳамон меҳру навозишҳои модарам, ки худ як тандиси Меҳан буданд.

### ***Шохаи тар***

Модарам сахт пойдори одобу русуме буданд, ки он рӯзгор дар мактабу идора бо як сухан "хурофот" мегуфтанд. Аммо ман шубҳа доштам. Ҳанӯз ҳам дорам. Гумон мекунам, миёни русуми кӯҳан ва воқеияти имрӯзу фардо риштаҳое ҳастанд, ки бо чашми одӣ наметавон дид …

Барои модарам нохунгирӣ, саршӯӣ, ҷомашӯӣ, меҳмониравӣ, хонарӯбӣ, хонабарорӣ, либосбурӣ, пӯшидани пӯшоки нав … ҳама рӯзу соати худро доштанд.

Агар ба ночорӣ расмеро шикастан зарур шавад, шохаи чӯби тареро мешикастанд ва ё ба мо фармуда, мешикаnонданд.

Мо ҳам дар ҳамин руҳия тарбия меёфтем, аз риояи расму одат - диламон рӯшан, аз шикастанаш диламон торик мешуд…

Чанд мисоле аз ҳамин навъ "хурофот" ёд мешавад; шояд ҳам иттифоқӣ буд, аммо ба ҳар сурат пеш омад.

Духтари калониам ба никоҳ дармеомад. Мулло ҳозир буд. Падару модари домод бо таъхир ҳозир шуданд, домодро мунтазир буданд. Аммо аз вай дарак набуд. Модари домод дилтанг шуду гуфт: "Ин ҷавонмарг куҷо шуда бошад?". Дилам таҳ кашид: Дар шабе, ки дафтари бахташ кушода мешавад, "ҷавонмарг" гуфтан … (домод ба суроғи як дӯсташ рафта будааст). Ва … домод ҷавонмарг шуд.

Дар як арӯсӣ, дастмолкоғазҳое, ки аз ҷашн монда буд, дар дастшӯӣ истифода карданд. Бо гузашти ду сол ин хона вайрон шуд…

Мегуфтанд, ки ҳеҷ кореро бе "бисмилло" сар накунем, бе "бисмилло" даст ба хӯрок дароз накунем ва бидуни "Аллоҳу акбар" аз сари дастархон нахезем. Ин тартиб барои мо қонун шуд.

Мегуфтанд, ки пӯшидани пӯшок аз дасту пои рост, кашиданаш - аз дасту пои чап; қадам бардоштан - аз пои рост. Мо ҳам ба ҳамин тартиб одат кардем.

Мегуфтанд, ки агар ногаҳон тарсидем, ба даруни гиребон туф-туф кунем; сари луч хӯрок нахӯрем, вақти хӯрок гунгур-сунгур накунем, ба даҳони ҳамдигар нигоҳ накунем …

Чанд рӯз пештар мусофират доштам. Ним соат монда то бароям, ойинаи пеши дар афтид (бандаш хӯрда шудааст), шикаст … Аз дил чизҳое гузашт. Аммо наметавонистем аз сафар даст кашем. Расми бостонии қуръонбӯсӣ ва обпоширо анҷом дода, ба роҳ даромадем … Дар шаби дувум яке аз набераҳо бемор шуд ва масъала эҷод кард. Ба ҳар ҳол хайрият гузашт, тарс бештар буд.

### *Торсакии талх*

Роҳи мактаб аз зери қӯрғон мегузашт. Сайдулло - писари Норполвон сигор мекашид. Вақти мактаб рафтан мекашид ва вақти бозгаштан. Сигорашро аз тарси падару модар ва муаллимон болои қӯрғон (пушти кулӯхҳо) пинҳон мекард. Ҷӯра Мамадмуродов, Сафар Норов (баъд Собиров шуд) ба Сайдулло ҳамроҳӣ мекарданд.

Боре ман низ ҳамроҳ шудам. Аниқтараш пеш ҳам ҳамроҳ шуда, болои арк мебаромадам, аммо ҳеҷ гоҳ сигор намекашидам. То кашида шудани онҳо нигоҳ карда меистодам ва баъд ҳамроҳ мерафтем. Аммо боре мурооти Сайдуллоро қабул кардам. Ин бегоҳӣ, ҳангоми бозгашт аз мактаб буд.

Ба хона даромадан замоно модарам бӯи сигорро фаҳмиданд. Қиёфаашон якбора ҷиддӣ шуд. Он кас наздик мешуданду ман дуртар.

- Наздик биё! - хитоб карданд модарам.

Наздик шудам. Боварии қатъӣ ҳосил карданд. Бо дасти росташон ба рӯи чапам як шаппотӣ фароварданд. Чӣ гуфтанд? Намедонам. Доду фиғон кардаму гурехтам. То Бандихона расидам. Ба ақиб нигаристам, касе нест. Ором шудам.

Шаппотии модар бисёр талх буд. Талхиаш аз он буд, ки мазаашро начашида будам.

Ҳамин шуд, ки ба сигор одат накардам. Талхии шаппотии модар радди балои талхии сигору нос шуд.

## *Неши каждум*

Тобистон буд. Бегоҳирӯзӣ. Алаф меовардам. Ду ҳаёт дуртар аз ҳавлии мо, аз девори пастаки куҳнае гузаштан лозим буд. Дасти рост ба банди пушторай алаф, пои чапро ба сӯрохии девор гузошта, бо дасти чап аз болои девор дошта, худро болои девор гирифта будам, ки чизе аз нарангуштам газид. Чашми ҳаросонам дид, ки каждуми калони наррадуме ба сӯрохӣ давида даромад.

Фиғонам ба фалак печид. Доду фарёдкунон бо дасти рост нарангушти каждумгазидаро аз бехаш сахт дошта (то ки карахт шавад ва дардро ҳис накунам), хона расидам. Ба хона аз ман пештар фиғонам расида ва модарам аз ҳавлӣ берун баромада буд. Модари изтироболудам бе саволу ҷавоб ҳолатро пай бурданд ва ҳадаҳа ҷои каждумгазидаро макидан гирифтанд; мемакиданду туф мекарданд, мемакиданду туф мекарданд. Модарам ҷонсарак шуданд, то заҳри каждум ба ҷони ман кора накунад …

Модарам сахт бесаранҷом шуданд. Гулгунхона бурданд, хонаи Гуландом-бибӣ. Бибӣ муллоро маслиҳат доданд. Ҳамроҳ шуданду хонаи мулло рафтем. Мулло дуо хонду таскин ёфтам …

Мисли ин ҳодиса бори дигар ҳам рӯй дод.

Дар синфи дувум мехондам. Дарсамон баъд аз пешин буд.

Боре аз ҳаёти худамон баромада то миёнаи ҳаёти Тошхоҷаи ҳалвопаз рафта будам, ки аз таҳи поям говзанбӯр газид. (Аз поёни зимистон то сар шудани зимистони дигар пойлуч мегаштем). Вай дар даруни аҷириқ будааст, ман надида, зераш кардам, барои ин “меҳрубонӣ” вай ҳам бо неши тайёраш маро “илтифот” намудааст.

Боз модари меҳрубонам заҳрро макида гирифтанд. Таҳи поро макидан душвор буд, аммо модар макиданд. Бо ин вуҷуд таб кардаму се рӯз аз мактаб мондам. “Пӯстат тунук аст, зард ҳастӣ, ба ту сахт мегузарад” - мегуфтанд, модарам.

### *Мӯнисак*

Ҷомаи миллӣ, ки бонувон ба сар мекашиданд, “мӯнисак” ном дошт.

Модар якеро доштанд, ки ҳамеша дар сандуқ буд. Боре надидаем, ки пӯшида бошанд.

Аз матои зебое буд. Монанди беқасаб, хатҳои сурху сафед дошт. Аммо беқасаб набуд. Ба гумонам пат ҳам дошт.

Модар борҳо гуфтаанд, ки мӯнисакамро вайрон мекунаму бароят ҷома медӯзам.

Ман, ки муждаро шунидам, оромӣ надоштам. Исрор мекардаму исрор.

Ва модар мӯнисакро вайрон карданду бароям ҷома дӯхтанд. Ҷомае, ки мепӯшидаму меболидам…

Он солҳо ҳама пӯшоки мо дастдӯз буд. Ҳам куртаву эзор ва ҷома, ҳам тоқӣ.

Гиребони куртаҳо шероздор буданд. (Шерозро ҳам апаҳоям ё модарам мебофтанд). Гиребон аз ду тараф бандак дошт.

Аз синфҳои панҷуму шашум талош кардем ва муваффақ ҳам шудем, ки гиребон аз пеш бошад ва тугмадор.

Дар синфи шаш мехондам, ки падар аз бозор як куртаи нимдоштро оварданд. Дилам накашид: “Кӣ медонад, шояд соҳибаш мурда бошад?” ва куртаро акаам пӯшид.

Куртаи дӯхти корхонаро аз синфҳои 8-9 пӯшидам.

### *Дандони ашк*

Ду дандони модарамон аз боло набуд. Хеле барвақт рехта буд. Ин дар назари мо чеҳраи модарамонро бисёр гарму зебо карда буд.

Мегуфтанд, ки ин аз гиря аст. Дар воқеъ, модарамон бисёр гиря мекарданд. Баъдҳо фаҳмидем, ки модарамон аз ғаму андуҳи зиёд мегиристаанд.

Дар 8-солагӣ модарашон даргузаштааст. Падарашон дар ғурбат ҷон додааст. Ягона хоҳарашон (Зулфин) ҷавонмарг шудааст. Ягона додарашон (Вафоҷон) дар ҷанги Олмон беному нишон шудааст. Ҳамсоя ва хешону дӯстон ё кушта

шуда, ё фирор кардаанд. Онҳое, ки монда буданд, Ҷоназартеппа рафтаанд …

Дили модарамон пур аз ғам буд, аламашонро аз гиря мегирифтанд. Сабаби асосии меҳри беандозаи модар ба фарзандон дар ҳамин будааст.

### ***Бӯй***

Модар сару рӯи ҳамаи фарзандонашонро мебӯсидангу мебӯйиданд. Бештар аз пушти сар. Аммо маро - бештар.

Ва мегуфтанд:

- Бӯи ҳар кадомат дигар аст.

Ин корро ҳамеша мекарданд. Ҳатто вақте ҳам хонадору бачадор шуда будам …

Аҷаб, ки ҳамин одат ба ман ҳам гузаштааст: ҳама фарзандон, ҳама набераҳоямро мебӯям, лаззат мебарам. Дар воқеъ, ҳар яке бӯи ҷудогонаи худро дорад. Махсусан, пушти сар. Росташ, бӯи ҳар яке ҷудогона ширин аст.

Ҳамаи ҳашт набераам бароям азизанд - азизтар ва болотар аз ҷон. Чаро, ки идомаи мананд. Аз Офаридгор мехоҳам, ки дар паноҳаш нигоҳ дорад ва муваффақ гардонад.

### ***Шакар***

Солҳои чиҳилум парвариши кирмак дар идораҳо анҷом мешуд. Мавсими пиллачинӣ омад. Шояд дусола будам. Модарам пиллачинӣ маро ҳам бурд. Идораи колхоз дар ҳамон ҷоест, ки ҳоло Ҷамила - апаам хона дорад. Суфаи баланде буд. Чанд нафар зан омадангу пилла тоза мекарданд. Модарам ба даҳонам бо қуттии гӯгирд шакар мерехт.

Ҳанӯз, ки ҳанӯз он қуттии гӯгирду он дасти модар пеши чашмам ҷилва мекунанду маззаи шакар дар комам эҳсос мешавад.

### ***Ба дасти рост***

Шояд чорсола будам, ки модар батакрор мегуфтанд:

- Ба дасти рост мехобию мегӯӣ:

*“Бисмиллоҳи раҳмони раҳим,*

*Хоб рафтам ба дасти рост.*

*Хестам ба роҳи рост,*
*Танам ба мардони рост.*
*Нигаҳбони ҷонам Худост,*
*Ашвадан лоилоҳа иллаллоҳ".*

Ҳудуди шаст сол аст, ки ҳар шаб дар ҳар ҷо бошам, ҳар гоҳ, ки ба ҷогаҳ медароям, ба китфи рост сар рӯи болишт мегузораму ҳамин суханонро такрор мекунам. Гӯё, ки ҳалқае дар занҷира меафзоям; ёд надорам, ки донаеро канда бошам. Ин одат барои равшании дил такрор мешавад - хоҳ бо забон, хоҳ бо дил.

### *Мегурехтанд…*

Модарамон лачак мепӯшиданд, аз болояш пешонабанд мебастанд ва аз болои он қарси сафед мекашиданд.

Лачак - сарпӯшаки думдоре буд, ки худашон медӯхтанд.

Пешонабандак - дурра буд, матои сафедранга.

Қарс - докаи сафед.

Дар хона қарсро озод ба сар мепартофтанд; ҳаво хунук бошад, ҷоғу манаҳро мепечонданд. Вале агар касе бегона бошад, тамоми рӯйро бо дока мепечонданду инро "гурехтан" мегуфтанд.

Боре модарам аз ман ҳам "гурехтаанд".

Ман аз мактаб меомадам, дар синфи 8 ё 9 мехондам. Ба пушти хонаи Бахтиёрино расида будам, ки аз рӯбарӯям модарам бо ҳамсояамон - модари Абдураҳим меомаданд. Ҳанӯз фосила зиёд буд, модарам бераҳа шуданду рӯяшонро пинҳон карданд. Аммо модари Абдураҳим, ки маро шинохта буд, гуфт:

- Ҳамсоя, писари худатон!

Модарам гуфтанд: -Чӣ бало зад? Нашинохтам, кӯр шудаам …

Он солҳо ин ҳиҷоб як расми табиӣ буд, нишони эҳтиром ҳисоб меёфт.

Апаам Муаззамабону аз бародарони шавҳарашон тамоми умр чеҳра пинҳон мекарданд, яъне, мегурехтанд. Ҳамин тавр, Ҷамила-апаам аз Абдулло-язнаамон, хоҳарам Салимаҷон аз хусурашон мегурехтанд.

Расми гурехтанро навдомодҳо низ доштанд; ба нишони эҳтиром, дар ҳузури хусуру хушдоман ба сар рӯймол мекашанд (рӯймоли гулдӯзие, ки модар ё хушдоман медӯхт). Банда низ аз ин расм истисно набудааст.

### *Гурбаи пӯпакдор*

Гурба (пишак) достон дорад.

Дар хона ҳамеша гурба доштем. Ҳангоми хоб ҳамеша талош ҳам буд, ки гурба дар бағали кӣ бошад? Гурба, ки хур-хур мекард, хобро мебаронд. Ва оне, ки бедор буд, гурбаро аз бағали вай мегирифт, то хоби худаш ҳам барад.

Гӯши гурбаи майдаро шикоф мекарданд; пӯпак меовехтанд, аз риштаи абрешимии рангӣ. Ҳарчанд фикр кардам, пӯпаксозиву пӯпакбандӣ кори кӣ буд, ба ёд наёмад. Шояд кори хоҳаракам Салимабону буд.

### *Нон ҳамроҳ*

Аз он пешро намедонам, аммо аз он рӯзе, ки мактаб рафтам, нон ҳамроҳи ман буд. Мехостам ё намехостам, таъсире надошт, тикаи нонеро, аз рӯи будаш, модарам ба талича (баъдан: сумка) меандохтанд ё ба рӯймолам мебандонданд ва ё дар бағалам ҷой мекарданд. Дар мактаб ҳангоми танаффус мехӯрдам.

Ҷое рафтанӣ шавам, имкон надошт, ки бе нон бароям. “Нон ҳамроҳ аст” - мегуфтанд модарам. “Агар аз пешат саг барояду порае пешаш партоӣ, кордор намешавад” – ин ҷиддитарин далел буд, пеши модарам.

Аммо ин иттифоқ пеш наёмад, ки бо нон хашми сагро пасанда карда бошам. Ду бор дар умрам иттифоқ афтода, ки нонро худам хӯрда будаму барои саг намонда; ва ба ғазабаш гирифтор омада, ки ҷои дандони яке аз давраи бачагӣ то имрӯз бо ман аст ...

Доқӣ – хонаи холаам, Бешканд – хонаи тағоям равам, ҷои гап набуд, ҳатман нон доштам. Ҳамин расм баъдҳо тарк нашуд. Ҳангоме хонданӣ рафтам, нон бо ман буд. Аммо акнун тикаи нон набуд, ҳатто як нони комил ҳам набуд, балки дуто нон, гоҳе

ҳам чорто; аксар вақт нони хамирӣ ҳам набуд, балки фатири рӯғанӣ – қат-қат фатир. Далелҳои ман: “Дар шаҳр даҳҳо навъ нон ҳаст” – таъсире надошт. “Ту ҳоло бар, баъд ёд мекунӣ” – мегуфтанд модарам. Дуруст мегуфтаанд модарам: ин солиёни дароз он нонҳоро, ки бӯи дастони модарамро доштанд, ёд мекунам. Ҳамин навишта ҳам ёд аст ...

### *Шутури бобо*

Дар он солҳои қаҳтӣ, ки модар такрор мекарданд: “Бошад, чиҳо кунам, набошад, чико кунам?”, агар чизе мехостем (масалан, пӯшоке ё хӯроке), модарамон таскин медоданд:

- Шутури бобот аз Бухоро биёд!..

Гумон мекардем, ки мақол ом бошад, ба ин маънӣ, ки фаровонӣ шавад ...

Пас аз солҳои бисёре донистем, ки он мақол хос будааст, яъне, манзури модарамон бобои худамон будааст. Вақте бобомон меомадаанд, ҳама чиз фаровон мешудааст ...

Модарамон мегуфтанд:

- Мо садои зангӯлаи корвони боботонро мешинохтем, аз дур, медавидем; боботон аспакӣ буданд, пешопеш меомаданд, пиёда мешуданд, ману тағотонро ба асп савор мекарданд ...

Ва модарамон ба гиря фурӯ мерафтанд. Мо аз даъвои худ пушаймон мешудем.

### *“Бега пухтам атола …”*

Он солҳои гуруснагӣ хӯроки асосӣ - атола, мошоба, кадушӯрбо ва зағора буд. Ҳар касе ҳам инро надошт.

Агар касе гов дошту орд ҳам, як каф ордро ба дег меандохт, дегро нимаи об мекард, як пиёла шир ҳам мерехт. Ва мечӯшонд. Ин “атола” буд.

Ва аммо атолаи явғон ҳам буд. Атолае, ки танҳо дар об пухтаанд. Ин атола касро дилдард мекард.

Агар касе гов надошту мош дошт, як каф мошро дар ним дег об мечӯшонд. Агар дошт, ним қошуқ рӯған ҳам меандохт. Ин “мошоба” буд. Мошоба ҳам агар явғон буд, яъне равған надошт, кори худро мекард.

Касе агар на онро дошт ва на инро, вале агар каду дошт, кадушӯрбо мепухт.

Каду ду навъ буд (ба ҷуз тароялкаду, ки дастмоли дег мешуд): палавкаду ва ҳӯппакаду. Якумӣ - одамхӯр буд ва дувумӣ - говхӯр. Аммо он солҳо хӯроки говро ҳам одам мехӯрд. Кадушӯрбои явғон ҳам ба шикам дам меовард.

Нон - ё нони ҷав буд, ё зағора.

Аммо пухтани зағора (аз орди ҷуворимакка) кори осон набуд. Чун ғоз надошт, дар танӯр мешорид …

Ёд дорам, рӯзе ҷавонзане аз Сорбонқалъа омад. Ба модарам дарди дил кард (шояд худнамоӣ буд):

- Холаҷон, бмбмрум да шумо, говиха духтум, пага пхтм атола, бега пхтм атола.

Модарам ҳам об медоданд: - Атола то таҳи тола…

«Тол» дарахти бед аст, яъне: қуввати отала то зери дарахти бед аст.

**АЗ МУҲАРРИР:** Ин гӯиш яке аз лаҳҷаҳои маҳаллаҳои Қубодиён аст, ки дар охири калимаҳо пасванди «их» ҳамроҳ карда мешавад. (Говиха духмум-говамро ҷӯшидам.)

### *Ӯзбакӣ ва зӯракӣ*

Бовар дорам, ки дар рагҳои падар заррае хуни ӯзбекӣ набуд. Аммо забони ӯзбекиро хуб медонистанд. Шояд ба ин далел, ки аҳли бозор буданд ва сафарҳое ба берун, аз ҷумла Қаршӣ, доштаанд.

Аммо ҷолиб ин буд, ки гоҳе падар бо шахсоне ҳам ӯзбекӣ суҳбат мекарданд, ки аслан ӯзбек набуданд.

Яке аз онҳо тағои Валибой буд, ки аслан араб буданд. (Ёди гарме аз он кас анҷом шудааст).

Дигарӣ - акои Шерназар, писари Усто Ашӯр буд, ки эшон ҳам ӯзбак набуданд…

Аммо ҳодисаи ёдмонданӣ бо Мазҳабшоҳ пеш омад. Мазҳабшоҳ Хуршед - бачаи Бадахшон як калима ӯзбакӣ намедонист.

Соли якуми Донишгоҳ. Мо дар маҳаллаи “Чехов” (кӯчаи Семашко, 9) иҷора доштем. Раҳматии падар меҳмон шуданд.

Падар бо Мазҳабшоҳ, ки бо шӯру шавқи худ ҷалби таваҷҷуҳ карда буд, суҳбат доштанд. Гоҳе падар ӯзбакӣ савол мекарданд. Мазҳабшоҳ агарчи намефаҳмид, посуххое медод. Падар ҳам тааҷҷуб мекарданд, ки “ман чӣ мегӯяму вай чӣ мегӯяд?”.

Чунин иттифоқ бори дигар ҳам пеш омад: падар ва Мазҳабшоҳ ва Бахтиёр. Ҳар дам Бахтиёр огоҳ мекард, ки: “Ин кас ӯзбекӣ намедонанд…”.

Шояд ин аз он сабаб буд, ки давраҳои бачагӣ ва ҷавонии падар дар давраи манғитӣ гузаштааст - даврае, ки “ӯзбек замон” ном дошт ва таноби ҳукумат ва бозорро даштиёни забоннодон ба дасти худ гирифта буданд. Мақоли “ӯзбекӣ ва зӯракӣ” беасос ба забонҳо нанишастааст.

### *“Муаззама!.. Раҳмонқул!..”*

Мардуми мо одати олӣ дошт: номи ҳамсари худро, шояд ба хотири маҳрамият ба забон намегирифт, балки ҳамдигарро бо номи нахустфарзанди худ садо мекард.

Падару модари мо ҳам якдигарро “Муаззама” мегуфтаанд.

Пас аз ба дунё омадани нахустин писарашон - “Раҳмонқул”, якдигарро бо номи вай ба забон мегирифтанд. (Номи духтарро дар парда пинҳон мекарданд).

Ёд ҳаст, ки “Раҳмонқул” - гӯён бештар падар ҷеғ мезаданд.

Гоҳе ин иттифоқ меафтад, ки ба садои падар бародарамон ҳозир мешуд. Ва дар ин ҳол падарам мегуфтанд:

– Модаратро мегӯям!..

Маънии ин одат бисёр баланд аст. Ба андозае, ки шарҳ доданаш душвор …

### *Хазинадор*

Харҷи рӯзгор дар ҳамёни падар мебуд. Аммо пули калонро модар нигаҳдорӣ мекарданд; дар сандуқ.

Албатта, ин “пули калон” бо ҳисобҳои имрӯза зиёд набуд - андозаи пули як гӯсфанд, зиёдаш гов.

Пуле буд, ки аз пилла ё ҳаққи меҳнати бародару хоҳарам (колхоз дар ҳар панҷ моҳ ва охири сол ҳақ медод), ё аз фурӯши гӯсфанде ё гов ба даст меомад.

Падар анборча доштанд; бо қулфу калид ҳам буд, аммо пул дар сандуқи модар нигаҳдорӣ мешуд.

### *“То ман зиндаам …”*

Пас аз инқилоби болшевикон, даргузашти Мулло Ҷаббор (дар Насаф) молу мулки бобоямон (дар Қубодиён) ба тороҷ меравад. Ҳатто хонаву ҷояшро ҳам ғасб мекунанд. Падарамон маҷбур мешаванд, ки зану кӯдаки хурдсолашонро гиранд ва макони падарии худ бираванд.

Вафоҷон - бародари модарамон, аз бадарға фирор мекунанду хонаашон меоянд, ки хоҳарашон дар манзили падарӣ нест. Ба суроғи хоҳар Гузари Боло мераванд ва дармеёбанд, ки хоҳарашон гирёну нолон дар лочуқе басар мебарад. Ҳатто омадани падарамонро мунтазир намешаванд ва хоҳару хоҳарзодаҳояшонро ба асп савор мекунанду ба макони падарии худ меоранд ва эълон мекунанд: -То ман зиндаам, хоҳарам дар хонаи падарам зиндагӣ мекунад!

Ва лоқу пари бегонаро аз хонаи падар берун мерезаду хоҳарашонро ҷой мекунанд. Ҳамон аст, ки модарамон дар манзили падарӣ мемонанд ва мо ҳам дар хонаи бобоӣ ба дунё омадаем.

### *“Аз Шуравӣ чӣ дидам?”*

Тағоямон Вафоҷон ба хотири фарзанди Мулло Ҷаббори бозаргон буданашон, азияти бисёр дидаанд: зиндон мекунанд, муҳокима мекунанд, бадарға мекунанд.

Азбас тавону ҷасорат доштанд, аз Сибир фирор мекунанд. Барои он ки дубора дастгир нашаванд, бештар шабона ва бероҳа мерафтаанд. Пас аз чандин моҳ ба Насаф мерасанд; муддате пинҳонӣ дар макони падарӣ басар мебаранд; Қубодиён меоянд, хоҳарашонро ба манзили падарӣ мекӯчонанд ва ҳамсарашонро

гирифта фирор мекунанд - Тӯғаланг мераванд, ноҳияи Ҷиликӯл (ҳоло Дӯстӣ) дар вилояти Қӯрғонтеппа.

Чеҳраи тағоямро ёд надорам. Аммо хотира дорам.

Як ё дусола будам, ки озими Тӯғаланг шуданд. Дар порае роҳ бо мошин рафтем. Шояд дар бағали модар будам, ки шифти кабини мошин дар чашмонам нақш бастанд ва баъд дилам беҳузур шуду дигар намедонам. Порае дигар аз ин сафар ин аст, ки ҳангоме пиёда роҳ рафтем, аз як тараф хонаҳо буданд ва аз тарафи дигар - заҳбури амиқе, ки нигоҳ мекардаму метарсидам. Ҷӯи ин андоза амиқро надида будам.

Хотираи дигар пас аз як соли он сафар буд.

Аввали харбузапаз буд. Бомдоде аз хоб бедор шудем, ки дар канорамон харбузаи бисёр. Маълум шуд, ки тағоямон омадаанд …

Дар ҷанг намедонам, дар куҷо ва дар чӣ ҳоле асир афтодаанд. Ҳамроҳашон амаки Даврон Амиров ҳам будаанд. Фурсати муносибе барои гурехтан пеш омадааст. Амаки Даврон пешниҳод кардаанд, ки бигрезанд. Аммо Вафоҷон гуфтаанд:

- Ман аз Шуравӣ чӣ дидам, ки боз баргардам? Агар ту мехоҳӣ, рав, ба хоҳарам саломи маро расон!

Амаки Даврон омаданд; ба модарамон пайғоми бародарашонро расонданд, бисёр эҳтиёткорона, то касе нафаҳмад. Мо ҳам солҳо баъд фаҳмидем. Қазия ин аст, ки сарбози шӯравӣ намебоист асир мешуд: худро мекушт, вале асир намешуд. Худи амаки Даврон ҳам, то ин ки буданд, монанди як ҷанговари ҳақиқӣ хушном набуданд.

Мо аз тағоямон дигар ҳеҷ хабаре пайдо накардем. Модарамон то дами охиринашон умеди худро наканданд.

Ҳамсари Вафоҷон, ки дар синни 19 аз шавҳар монданд, солҳо баъд аз Тӯғаланг баргаштанд, дар Ахча (Максим Горкийи замони шӯравӣ) зиндагӣ карданд; дигар издивоҷ накарданд; як писару як духтар доштанд: Самадхон ва Норгул; онҳоро хонадор карданд. Гумон мекунам, тағоямон зинда бошад, ҳадди ақал авлод доранд …

### *Халта!*

Бегоҳирӯзӣ. Бибии акоям, яъне момодояи вай, аз деҳаи Арабхона меҳмони мо будааст. Дар дег ош мепухтааст. Падарам белро ба даст гирифта, замингардонӣ баромадаанд.

Модарамро дард гирифтааст. Таваллуд кардаанд. Чашмашон ба зодаашон афтодааст, фарёд кашидаанд:

- Вой ман мурам, халта зоидам!

Бибии акоям, ки акнун бибии ман ҳам мешуданд, модарамро тасаллӣ додаанд:

- Натарс, Бибизайнаб, натарс. Ин халта не, бачаат пардадор аст, иқболаш баланд аст, Худо додааст.

Бибиам фавран пардаро мекафонанд, ки ман гиряро мебардорам…

### *Озмоишҳои дигар*

Ҷуз аз омадан дар парда, озмоишҳои дигар ҳам дар пеш будаанд.

Аз ҳамон оғоз хоболуде будам, ногуфтанӣ. Агар кордор намешудаанд, рӯзе 24 соат мехобидаам. Модарам аз гӯшҳоям кашида-кашида, каме бедор карда, мемаконидаанд; макида-макида дар ҳоли шир аз лабонам рехтан, хобам мебурдааст …

Солҳо мегузарад, забон намебаровардам. Боз ҳам чанде мегузарад, ғинг-ғинг мекунам, аммо забон нест. Мебинанд ки дар зери забон пардае ҳаст, ки забонро ҷунбидан намемонад.

Дармемонанд: чӣ бояд кард?

Падар мегӯянд: - Пеши Усто Рӯзӣ барем, бо поку бурад…

Модар қабул намекунанд: - Усто Рӯзӣ оҳангар аст, бо пардаи забон чӣ кор дорад?

Падар: - Оҳангар аст, аммо дандонро, ки меканад …

Модар: - Не, бачаам гунг бошаду зинда бошад. Агар Худо хоста бошад, ки бачаам гунг бошад - бошад, ба усто набаред.

Масъала ба ҷое намерасад. Аммо бо гузашти замоне, аз қудрати Худо, даҳонам мепазад ва парда мепӯсаду мерезад. Ин ки дар гуфтор садоям рӯшан нест, осори ҳамон падида мебошад.

Аз он айби табиӣ озоре ва хиҷолате насибам кардааст. Озор аз як нафар буд. “Бӯрӣ - қатаған” мегуфтанд, вай аз мо калонсол буд, “чулулӣ” мегуфту масхарaам мекард. Аммо хиҷолатро барои ҳамеша дорам; мекӯшам то дар ҳузури ҷамъ сухан нагӯям ё камтар гӯям …

Дар кӯдакиҳо сиёҳӣ пахш мекард. Дар чунин ҳолатҳо модарам эҳсос мекарданд, шояд ба дил; бо навозиш, бо садо ҳушёрам мекарданд …

Синфи ҳафтум мехондам, ки гӯшдарди сахт шудам. Ба андозае, ки ҷову ҷогаҳ кардаму хобидам ва аз мактаб мондам. Дард ба назар наметофт, аламовараш - аз мактаб мондан буд. Аз Худо мехостам, ки ҷонамро гирад ва аз мактаб намонам.

Модарам ҷанг мекарданд, ки: “Ин тавр нагӯй, нағз мешавӣ, мактабат меравӣ…”.

Тифоқо, модарам шуниданд, ки Мулло Абдураҳими масчоӣ омадаанд. Падарам рафтанду оварданд. Мулло дуо хонданд, ба гӯшам куф-суф карданд, тӯмор навишта доданду фармуданд, ки тӯмор бояд ҳамеша ба гӯшам расида истад.

Аммо ин шарт сахт буд: чӣ тавр тӯморро ҳамеша ба гӯш расондан мумкин?..

Тӯмори сегӯшаро модарам ҷилд карданд, ба пӯпаки тоқиам бастанд, тавре ки ба гӯши чапам мерасид.

Бо гузашти ҳудудан ду ҳафта нағз шудаму мактаб рафтам. Акнун азияти дигар доштам - азияте на камтар аз гӯшдард, хиҷолат аз бачаҳо … ба ҳар машаққате тоб овардам, то тамоман сиҳат ёфтани гӯшам, тӯмор дар пӯпаки тоқиам буд…

Имрӯз инро нағз медонам: агар меҳри модарам ба ин андоза набуд, ман ҳам набудам; агар ҳам будам, ба ин андоза набудам.

### *Муш*

Нони хушкро дӯст медоштам (ва медорам).

Солҳои пеш аз ҷанг давраи серӣ буд. Модарам, ки нон пухт, як нони гармро дар бордони анборхона пинҳон мекардам ва тика-тика мехӯрдам.

Анборхона қатори бордонҳо дошт. Бордонҳое пур аз нимаи гандум, шолӣ, ҷуворимакка. Бордон - зарфи бузурге буд ва онро аз қамиш мебофтанд. Нонро рӯи яке аз он бордонҳо мемондам.

Касе барои ин корам коҳиш намекард. Раҳматии модарам сабабашро ҳам мегуфтанд:

- Солат, ки муш аст, нони қоқро нағз мебинӣ …

Солам муш будааст.

Агар саҳв нашавад, дар синфи севум мехондам, ки роҳбари синфамон Норбибӣ Атоева гувоҳиномаи ҷамоатро талаб намуданд.

Ҳамроҳи бародаронам Раҳмон ва Саттор идораи ҷамоат рафтем. Оро Ҳусейнов, ки як умр “Оро-райис” мегуфтандаш, райиси ҷамоат буд. Ӯ дар идора танҳо менишаст.

Райис аз дафтари ҷамоат чизеро пайдо накард. Соламро пурсид.

– “Муш”, - гуфтам.

Райис бо ангуштонаш ҳисоб кард - ҳисоб карду гувоҳинома навишт. Як сӯм пули гувоҳинома лозим будааст. Мо пул надоштем. Маслиҳат шуд, ки рафта аз хонаи апаам Муаззама як сӯм пул биёрам. Хонаи апаам дар деҳаи Ҷоназартеппа буд. Ҷамоахона дар канори Арабхона, дар қарибии Ҷоназартеппа воқеъ буд. Аммо ҳавлии худамон аз ҷамоахона хеле дур буд.

Бародаронам дар ҷамоахона истоданд. Ман давида хонаи апаам рафтам. Апаам дар кор будааст. Вай саркори бригадаи пахтакорон буд. Аммо Ойиша-бибӣ (хушдоманашон) дар хона будаанд. Як сӯм доданд.

Як сӯмро бурда ба Оро-райис додаму гувоҳиномаро гирифтам. Пагоҳаш гувоҳиномаро ба муаллимаамон Норбибӣ Атоева супурдам.

Оро-райис соли мушро ба 1938 баровардааст. Аз рӯи ҳамин сана дарҳол шаҳодатномаи таваллуд, баъдтар гузарнома гирифтам.

Дертар маълум шуд, ки райис ду сол хато карда будааст. Хайр, чӣ бок? Ба нафақа ду сол дертар мебароям, яъне, ки барои ҷамъият ду сол бештар кор хоҳам кард.

### *“Рӯзи таваллуд”*

Ба шарофати “солшуморӣ” ва гувоҳиномаи Оро-райис соли таваллудам “муайян” шуд. Аммо рӯзи таваллудро ҳам муайян кардан лозим будааст. Ин ҳам шуд.

Дар синфи нӯҳум мехондам. Мо, писаронро ба дафтари ҳарбии ноҳия, ки дар маркази Микоянобод - Шаҳритӯс воқеъ буд, даъват карданд. Аз муойинаи тиббӣ гузарониданд.

Дар охир шаҳодатномаи қайди ҳарбӣ пур кардан лозим шуд. Афсари ҷавон гуфт:

- Рӯзи таваллудатро нишон додан ҳатмист, таваккалан ягон рӯзро бигӯ.

Дармондам. Муҳаммадшариф Бӯриев (котиби аввали Кумитаи комсомоли ноҳия) ҳозир буд, маслиҳат дод:

- Мана ҳамин рӯзро бигӯ, яъне, 21 январро.

Розӣ шудам.

Ҳамин тавр, бисту якуми январ рӯзи таваллуди ман шуд. Дар асл, сари сол ба дунё омадаам, яъне, ки бурҷам барра, (ҳамал) чаро ки модарам мегуфтанд: “Акаат дар сол сӯхтааст, ту дар сари сол омадаӣ”. Аз гуфтугӯи устод Рауф Баротов донистам, ки сангам алмос будааст.

### *“Ном”*

Азбаски дар парда таваллуд ёфтаам, ба ман “Пармон” ном додаанд. Аммо ин ном писанди модарам набудааст.

Шабе хонаамонро дузд мезанад. Ҳама дар рӯи ҳавлӣ хобида буданд. Дуздон тахминан се нафар, пушти хонаамонро сӯрох карда, буду шуд либосу либосвориро пок-покиза бурдаанд. Дуздон медонистанд, ки пештарак падарам моли пилларо гирифтаанд. Он вақтҳо барои миқдори пиллаи ба давлат супурда мол (рӯймол, бахмал, шоҳӣ, сатин, чит ва ғ.) медодаанд. Моли пилла он қадар зиёд будааст, ки падарам дар

банд баста пуштора карда хона овардаанд. Дуздон он қадар рӯфтаанд, ки сандуқ холӣ мондааст ва палос рӯи хона …

Рӯзе домулло Абдурасул, ки мударриси мадрасаи Қубодиён ва аз дӯстони бобоямон будаанд, меҳмон мешаванд. Он кас пай мебаранд, ки модарам маро ном намегиранд, балки "кӯдак" мегӯянд. Домулло номи маро мепурсанд, модарам ҷавоб медиҳанд:

- Номакаш Пармон, лекин …

Ном ба домулло маъқул намешавад, он кас мегӯянд:

- Ҷазои duздро Худо диҳад. Аммо хафа нашаветон, ин писар давлати шумо. Агар номашро "Раҳим" монетон, мувофиқ аст, ҳам номи муносиб, ҳам бо номи акояш ҷуфт мешавад: Раҳмон ва Раҳим. Модарам, ки писандидаанд, домулло ба гӯшам азон хондаанд.

Модарам "Раҳимҷон" мегуфтанд. Ҳамеша. Ёд надорам, ки боре ба забон Раҳим "бидуни ҷон" оварда бошанд. Падарам ҳам номамро хурд намегирифтанд, аммо аксаран "писарам" мегуфтанд. Дигарон ба номам ғайр аз "ҷон" боз "бой" ё "қул" ва ё "дод" ҳамроҳ мекарданд. Дертар устодам Соҳиб Табаров "Раҳимдод" мегуфтанд. (Ин ном бештар писанд шуд ва зери чанд навишта чунин имзо ҳам гузоштаам).

### *Китобу китобхона*

Мактаб дар атрофи қиблаи биное асосӣ, чанд синфхона дошт. Яке аз онҳо китобхона буд.

Белякова ном русдухтаре, ки худаш ҳам мактабхон буд, китобдорӣ мекард. Аммо ба ҷои вай, бештар бародараш - Павел китоб медод. Вай ҳам дар синфи русӣ мехонд, як сол аз мо болотар.

Миёни ману Павел муносибати хубе мавҷуд буд. Намедонам, аз амонатдорӣ буд, ё ин ки зуд-зуд китоб мегирифтам.

Китобхона зиёд бой набуд. Ҳарчи буд, ҳамаро дидам …

Ҳамсинфам Амон гуфт, ки МТС ҳам китобхона дорад. Рафтам. Китобхона дар Гулхона, поёни ҳавзҳои қадима (ки аз

чанорони доирашаклаш маълум аст), дар лаби ҷӯи Осиё, воқеъ буд. Хонуме меҳрубон хуш қабул кард. Аммо ин китобхона чандон китоб надошт. Бештараш русӣ буд; чанде амонат гирифтаму хондам …

Ҳангоме дар синфҳои поёнӣ мехондам, идораи Шурои ҷамоат ба марказ кӯчид. Акнун дар болотари он бинои мактаби ӯзбекӣ ва русӣ сохта шудааст.

Ҷамоахона китобхонаи хубе дошт. Тома ном русдухтари қадбаланди ситорагарме китобдорӣ мекард. Вай ҳам амонат китоб медод.

### *Чамбул дар Қубодиён*

Яке аз тиккаҳое, ки ёд дорам, барои бузургонам як бомдод (он замон, ки дар синфи ҳаштум будам) хондам, баъдан борҳо такрор кардам, порае аз китоби дарсии "Адабиёти тоҷик", устод Шарифҷон Ҳусейнзода дар мавриди "Эҷодиёти даҳанӣ" буд.

Устод сужаи ҳамосаи мардумии "Гӯрғулӣ"-ро (дар қироати шодравон Ҳикмат Ризо) таҳлил карда, пораҳоро оварда буданд. Аз ҷумла:

*Райҳон - араб подшо*
*Подшоҳи Арабистон.*
*Кардас нияти Чамбули Мастон,*
*Барои абтар кардани хоктон …*
*Чамбул буд, эй ёри ҷон,*
*Дар хоки Қубодиён.*
*Гӯрғулӣ буд номдор,*
*Халқи Чамбул - боғдор.*
*Дар Чамбул монданд бино*
*Дар болои панҷ дарё.*
*Сесад ҳазор боғ буд ва*
*Понсад ҳазор ҳам хиргоҳ …*
*Зинати Чамбули Мастон*
*Набуд дар рӯи ҷаҳон …*

Ин Ҳикмат Ризо, дар воқеъ ҳунарманде бузург буданд. Солҳои шастум ҳамоиши ҷаҳонӣ дар Маскав баргузор шуд ва Ҳикмат Ризо низ бо дутор ҳузур пайдо карданд ва ҷаҳониёнро ба ҳайрат оварданд ва ҳамон ҷо лақаби баланди Ҳомери садаи XX-ро бардоштанд.

### *Ҳамсинфон*

Дар даҳ соле, ки мактаб (мактабҳои “Ҷоназартеппа”, “Ёбизи калон”, “Молотов”) хондаам, ҳамсинфоне доштам. Номи муборaки онҳоро, ки дар сӯроххалтаи хотира боқӣ мондаанд, ин ҷо меоварам, ба тартиби алифбои тоҷикӣ:

1. Азизов Баҳром,
2. Амиров Авроқшо,
3. Ашӯров Музаффар,
4. Ашӯров Чорӣ,
5. Бердиев Абдураҳим,
6. Бобоев Ҳамроқул,
7.납Бобоқулов Ҳамроқул,
8. Бӯриев Зариф,
9. Бӯриев Норча,
10. Гулматов Ямоқ,
11. Зиёдалиев Ҳомид,
12. Ёдгоров Ҷӯра,
13. Ёрматов Ҷӯра,
14. Мамадмуродов Ҷӯра,
15. Мамаризоев Ориф,
16. Маҳмадиев Фаримон,
17. Мирзоев Абдулло,
18. Мирзоев Обид,
19. Мирзоев Ҳайитмурод,
20. Муртазоев Раҳмон,
21. Муртазоев Сайдулло,
22. Муъминов Гулмурод,
23. Муъминов Ибод,
24. Назиров Мурод,

25. Норов Сайдулло,
26. Ораев Рӯзӣ,
27. Орифова Муҳаббат,
28. Ортиқов Амон,
29. Ортиқов Замон,
30. Ортиқова Ҳамроҳбибӣ,
31. Очилдиев Исмоил,
32. Пошоқулов Эшонқул,
33. Пинҳосов Або,
34. Раҳматов Эргаш,
35. Раҳматов Ғулом,
36. Саидова Кубро,
37. Саидов Алӣ,
38. Саидмуродов Холмат,
39. Сироҷев Хуррам,
40. Солеҳов Сайфулло,
41. Султонов Узоқ,
42. Файзуллоев Мамасолеҳ,
43. Хоҷамов Холмирзо,
44. Чориев Холмурод,
45. Шарифов Маҳмуд,
46. Шарифов Пардабой,
47. Шоҳназаров Тошмурод,
48. Эшонов Назир,
49. Юнусов Муҳаммадӣ,
50. Қурбон Назаровҳо (ду бародар),
51. Ҳайитов Ниёз,
52. Ҳамдамов Мамараҷаб,
53. Ҳусейнов Сайфиддин,
54. Ҳусейнов Сайфулло,
55. Ҷӯраев Саттор,
56. Ғанӣ ?

Бо ҳеҷ яке ҷангу ҷанҷол ва нохушӣ надоштам; тақрибан бо ҳамагӣ меҳрубон будем. Бо Ориф-бӯлаам, Ҳайитмурод, Холмурод, Раҳмон роҳамон яке буд, ҳамроҳ мактаб мерафтему бармегаштем.

Бино бар мушкилоти гуногун, ки он рӯзгор фаровон буданд, бисёре аз ин азизон мактабро тарк карданд ё дертар тамом карданд.

Баъзе аз ҳамсинфони азиз ин ҷаҳонро тарк карда, ба раҳмати Худо пайвастанд ва аммо фарзандону набераҳо ва абераҳои онҳо муваффақ бошанд, ба дунболи калонҳо ва бузургони худ корҳое анҷом диҳанд - корҳое, ки шоистаи номи Носири Хусрави Қубодиёнӣ бошад.

## Ikh habe die frau![68]

Дар синфи шашум мехондем. Хонуми Земфира Зимбалатовна Айдарова аз забони олмонӣ дарс медод.

Ниёз (Худо раҳмат кунад!), ки ба навӣ хонадор шуда буд, рӯзе пеш аз дарси олмонӣ гуфт:

- Пасфардо коре дорам, ҷавоб гирифтан мехоҳам, ба олмонӣ чӣ гӯям?

Каме фикр кардам, чизе ба зеҳнам расиду гуфтам: Ikh habe die frau!

Муаллима ба синф даромад, ҳозир - ғоиб кард. Ҳамин ҳангом Ниёз даст бардошту хест, рухсати муаллимаро ҳам интизор нашуда гуфт: Ikh habe die frau!

Муаллима тааҷҷуб кард, дубора пурсид; ин такрор кард. Муаллима хандид, баланд хандид; дигарон ҳам хандиданд.

Дӯсти азизам фаҳмид, ки фиребаш додаам, “Ҳа, шайтон!”-гуфту бо хандаи зебояш ба шодмонии мо шарик шуд.

## *“Я қадам ақиб!..”*

Дар мактаб муаллиме доштем, ки аз тарбияи ҷисмонӣ дарс медод. Фармонҳояш аҷиб буданд ва дар хотир нақш бастанд, барои ҳамеша:

---

[68] “Ман зан дорам!”

- “Я қадам ақиб!..”.

- “Ду қадам ба пеш!..”

- “Ҷои худ!”.

Яке аз ҳамсинфонамон - Або Минҳосов, ки яҳудӣ буд, метавонист ба муаллим наздик шавад. Бо ҳамдигар суҳбатҳое мекарданд, ки мо намефаҳмидем, агарчи забонашон тоҷикӣ буд. Фаҳмидем, ки муаллим яҳудӣ будааст

Чанде нагузашт, ки муаллими дигар омад. Фармонҳои ин ба русӣ буданд:

- “Шаг назад!”

- “Два шага налево!”

- “На месте” …

Эҳтироми мо ба муаллими пешин, пас аз рафтанаш, зиёд шуд: муаллими яҳудӣ ҷойгоҳи забони тоҷикиро пос медоштааст!

Ин азизон дар бақои фарҳанги тоҷикон корҳои бузурге кардаанд, ки аз ҷумла, яке дигар ин аст: дар солҳои ҳаштоду навад, ки буҳрони шадид ҳукумат мекард, яҳудиёни Бухоро дастаи рақсу сурӯди тоҷикиро ташкил доданд. Ин даста - садои баланду марғуберо танин андохт - танине аз фарҳанги нафиси ҷонбахшу ҷовидонӣ.

## *Ҳамсинфам Ғулом Раҳматов*

Чанд соли аввал ҳамроҳ мехондем. Ҷавоне ростқомат буд. Андаке карру фар дошт. Хонданро то поён нарасонд.

Модараш - пиразане қоматбаланд ва кулчарӯй ва калончашм буд. Забоне ширину садое баланд дошт.

Хонашон болотар аз хонаи Бахтиёрино, дар сари роҳ, дар наздикии ҳавлии ҳозираи акаи Избостӣ Самадов буд. Дар рӯи ҳавлиашон чанори калон ва пире буд (акнун нест). Дар сояи чанор кӯзаи пур аз оби хунук, бо сафолкосае меистод, барои раҳгузарони ташналаб.

Ғулом бародари бузурге ҳам дошт, номаш Қудрат; дар Сталинобод зиндагӣ мекард, ҳамсари рус дошт. Ғулом бо акааш фахр мекард.

Акаи Қудрат марди қадбаланд буд, ҳамсараш ҳам. Зуд-зуд Қубодиён меомаданд. Пагоҳиҳо ҳамроҳ бозор меомаданд. Ман, ки ҷурғоту қаймоқ мефурӯхтам, аз ман қаймоқ мехариданд…

Гуфтанд, ки ҳам Ғулом, ҳам Қудрат ба дорулбақо шитофтаанд.

### *Саттор Ҷӯраев*

Як ё ду сол аз ман бештар дошт. Нарму хушодоб буд, ҷангу дашномро намедонист. Бо бибии меҳрубонаш зиндагӣ мекард.

Аммо бино бар мушкилоти зиндагӣ дар мактаб хонда натавонист; ба кор рафт.

Аз ин ҳамсинфам нишонае ба худ дорам; барои ҳамеша.

Тахминан, дар синфи чаҳор мехондам. Саттор шӯхӣ кард, ки акнун дар ёдам нест, ва гурехт. Ман - ба дунболаш. Вай давон аз синфхона баромад ва дарро сахт пӯшонд. Ангушти майдаи дасти чапам дар роғи дар монд. Доду фиғонам баромад. Дарро боз кард: ҳудуди 5 см, ба таври уреб, ҳамроҳ бо нохун бурида шуда ва танҳо пӯст овезон буд.

Ангуштро ба ҷояш часпонданд ва ба зудӣ сиҳат нашуд. Саранҷом сиҳат ҳам шуд, аммо дуруст нашуд: нохуни наве, ки баромад, шакле ғалатӣ дорад.

Албатта, ки Саттор дониста ин корро накард. Аммо ман кай кор доштам, ки вай дониста кард? ё надониста? Қаҳрӣ шудам… То чанд муддате.

### *Шаҳидон*

Бисёр фарзандони Ёбиз ҷанги Олмон рафтанд ва нобуд шуданд.

Намедонам, номи он азизон дар ҷое навишта шудааст ё на. Агар навишта шуда бошад, бояд ба чоп расад, ки бозмондагонаш донанд ва дар ёд нигоҳ доранд.

Боре бо Ҷамила-апаам дар ҳамин мавзуъ сӯҳбат шуд. Апаам номи чанд шаҳидро ба забон овcovered, ки ин ҷо менависам:

1. Атобой (падари Икромака);
2. Зайдуллобой (падари апаи Шаҳрбону);
3. Ҳайбулло Муртазоев;
4. Юсуф Муртазоев;
5. Мулло Неъмат (писари ягонаи модараш буд);
6. Сафар Турдиев;
7. Каримча Турдиев;
8. Мулло Ҳидоят Исмоилов (падари Иноят, Гулмат);
9. Ёдгор Ҳидоятов;
10. Урок Хӯҷа;
11. Набӣ Шариф;
12. Тошмад Бобо;
13. Мулло Вафо (тағои худамон);
14. Ғулом - нақшбанд;
15. Сайидқул Эшонқул - бобо;
16. Назрулло Муҳаммадқул;
17. Рамазонӣ Ҳабибулло Пешаврӣ;
18. Расул Ёдгор;
19. Арслон (писари Ҷӯрақул - тағоямон)
20. Қурбон Сироҷ;
21. Наҷмиддин Сироҷ;
22. Абдуҳаким;
23. Юсуф Муҳаммад Ризо;
24. Қурбон Мақсуд;
25. Рӯзибой Ҳасанзода …

***Сехоҳарон***

Нахустин фарзанди бузургонамон - хоҳарбузургамон Муаззамабону будаанд. Солашон муш буд. Даҳ фарзанд калон кардаанд: чор писар ва шаш духтар. Унвони Қаҳрамонмодарро доштанд. Доно ва ботамкин ва дурандеш буданд. Дар синни 60, 2 январи 1984 даргузаштанд; Худо раҳматашон кунад! Саодатбону, Хайрулло, Муҳаррам, Нурулло, Исматулло, Мукаррама, Рӯзигул, Муҳаббат, Шакар, Наврӯз - фарзандони шоиста номбардори падару модаранд.

Пас аз ду сол хоҳарбузурги дувумамон - Ҷамилабону ба дунё омаданд, ки имрӯз калони ҳамаи мо ба шумор меоянд. Як писари бисёр хубашон - Алимурод, пас аз хизмати аскарӣ, дар як тасодуми бемаънӣ шаҳид шуд ва гунаҳкорони дароздаст ҷазо ҳам нагирифтанд. Ҳоло як духтар ва чор писар доранд: Намоз, Бибигул, Дилмурод, Норбой, Элмурод.

Пас аз ду соли дигар Фазила омадааст, ки дар бачагӣ ҳам рафтааст. Кенҷаи бузургонамон, меҳрубони ҳамаи мо - Салимабону аст, ки шукр, ду писару се духтар дорад: Камолхон, Исломхон, Гавҳарнисо, Зебунисо, Хайринисо. Писари якумаш - Абдурасул дар кӯдакӣ даргузашт. Ин хоҳарам ҳаммонанди бародари бузургам, ҳаққи бисёре дар гардан дорад: вақте дар донишгоҳ мехондам, ҳар ду моҳ як бор хона меомадам ва ҳамеша чунон иттифоқ меафтод, ки бародару хоҳарам аз колхоз ҳаққи меҳнати эшонро гирифтаанд; падарамон аз ин пулҳо ба андозаи даркорӣ ба ман медоданд.

### *Седодарон*

Аз пушти апаамон Фазила, ки дар навҷавонӣ даргузаштааст, бародари калонимон Раҳмон таваллуд шудааст.

Агар хоҳаромон дусолӣ фосила дошта бошанд, мо сесолӣ фосила доштем.

Аз пушти акоям ман, пас аз ман - Сатторҷон омад.

Мо - седодарон, бачагиҳои ширин доштем: бозиҳоямон якҷоя буд, ҳезумчинӣ, алафдаравӣ, хаёлбофиҳомон якҷоя буд. Он хаёлбофиҳо … бисёр ширин буданд, он хаёлбофиҳо. Тикаҳое ҷаззоби хаёли якеро гирифта, чизҳое часпонда, ба номи худ мебастем.

Гоҳе бо хаёлбофиҳо, ё бозӣ чунон андармон мешудем, ки ё кор мондааст ё гӯсфанд гум шудааст. Ва падар ба суроғамон меомаданд, бо химчаи обдоре дар даст …

Гоҳе мусобиқа ҳам доштем. Аз ҷумла, тезкорӣ. Масалан, дар баргзанӣ. Болои дарахт баромадан ва барг задан - ҳаловате дорад, ки таҳи дарахт истода, шохаҳоро

ғундоштану баста ва хона кашондан, онро надорад. Табиист, ки ҳар касе чолоктар барг занад, он ҳаловат насибаш мешуд.

Мекӯшидам, дар ин мусобиқа баранда бошам. Бештар баранда ҳам мешудам.

Аммо ин ҳаловатҳо "мукофот" ҳам доштанд. Нишонӣ аз ду "мукофот"-ро ҳанӯз ҳам дар худ дорам: яке - дар пушти дасти чап, дигарӣ - дар рӯи пои чап.

Ҳар ду "мукофот" ҳам натиҷаи саросемагӣ буд. Баргро ҳарчи зудтар зада, мактаб рафтанам лозим буд. Ҳар ду бор сабаб яке буд: чашмам ба пихча нағалтидааст. Ва дасткола ба пихча бархӯрда, лағжида, боре ба дастам, бори дигар ба поям хӯрдааст … Модарам, ки барг меғундошт, хунро дида, ҷонсарак шудааст, мондан ба намонда, аз дарахт фаровардааст, каллақанди баҷоияшро ёфта, кӯфта бастааст …

Модарамон тарозуи осмонро нишон медоданду мегуфтанд: "Ҳамун се ситора аз они ҳар сетоятон …".

Миёни хоҳарону бародаронам ягона босавод - манам. Шароити таҳсил барои апаҳоям набуд. Акоям бармаҳал ба кори колхоз баромад. Ноилоҷан баромад. Падару модарам пир шуданду аз кор монданд. Аз хонадон лоақал як нафар мебоист дар колхоз кор мекард.

Соли 1946 ману акоям баробар баромадем: вай ба кори колхоз ва ман ба мактаб.

Акоям борҳо фиғон мебардошт, ки:

- Ман ҳам мехонам!

Ёд дорам, ки падару модарам мегуфтанд:

- Имсол додарат хонад, соли дигар вай ба кор меравад, ту мехонӣ.

Мутаассифона, ин ваъда дар соли дигар ҳам иҷро намешуд: ман аз мактаб дил канда наметавонистам. Барои маҷбур кардани ман бошад, дили волидайнам намешуд.

Дар ҳаққи акои деҳқонам, ки аз пайи падар равон аст, ман зомин шудаам. Авлодам бояд инро донад ва барои шустани ин гуноҳам, агар илоҷаш пайдо шавад, кӯшад.

Дуруст аст, ки додарам мактаб хонд. Синфи ҳаштумро ҳам тамом кард. Аммо аз касофатии муаллимони муфтхӯр додарам базӯр ному насабашро хонда ва навишта метавонаду халос.

Касе аз мо носу сигор намекашад. Бисёр хуб аст, ки ба ин одатҳои бад на танҳо фарзандон, балки наберахҳои волидонам хӯ надоранд. Мехоҳам, ки аберою чаберахҳояшон ҳам хӯ накунанд.

## *Дастархони дароз*

Апаи бузургамон Муаззамабону, бо ин ки хонаашон дур буд ва рӯзгоре калон доштанд, дар даврахҳои тӯлонӣ бемории падару модарамон, шаборӯз ҳамроҳ бо мо бемордорӣ мекарданд.

Дар давраи бемории падарамон, ки худ дониста буданд, аз ин сафар дигар бознамегарданд, рӯзе гуфтанд:

- Дастархони дарозе пеш меояд … Аммо пасандози ман ҳамин шуд …

Аз ҳамёнаш пуле бароварданд, шумурданд: чорсаду чанд сӯм буд; пулро ба дасти апаамон Муаззамабону доданд.

Апаам гирифтанду ба модарам доданд. Агарчи модар нороҳатии худро фавран ошкор накарданд, дертар гуфтанд: "Мӯи сарамро ҷорӯбу дастамро оташков кардам … дар ҳамин рӯз ба ман бовар накард …".

То ҳанӯз намедонам, ки падар ин корро бидуни таҳлиле, аз таваккал карданд ва ё ба хотири ҷойгоҳи баланде ки апаамон дар хонадонамон доштанд?..

Ҳамон рӯз падар як баста сиккаро ҳам доданд - 5 тинӣ, 10 ва 20 тинӣ; ҷамъ бештар аз 100 сӯм буд. Барои хайрот. Худашон гуфтанд: "Хайротро аз рӯи будаш медиҳанд, ҷамъкардагии ман ҳамин шуд …".

Маъмулан ба онҳое, ки дар ҷаноза иштирок мекунанд, пас аз дафн ва қуръонхонӣ даҳтинӣ ва бисттинӣ пул ва порае аз матоъ медоданд. Агар марҳум пирсол бошад, хайротро табаррукӣ бо худ мебурданд, агар не - ҳамон ҷо ба бечорае медоданд. Матое, ки хона бурдаанд, берун аз ҳавлӣ ба шохаи

дарахт ё роғи дару девор мебастанд, то се шабу рӯз офтобу ситораро бинад.

Пас аз чанд сол, дар ҷанозаи Камолиддин Шарифзода даҳсӯмӣ доданд, ки калонтарин хайрот буд.

### *Дастпона дар дасти кист?*

Вақте апаамон Муаззама хурд будааст, ҳаваси дастпона мепарварад.

Вақте гов гӯсола мекунад, падару модар мегӯянд:

- Гӯсола аз ту, барои дастпона.

Ва номи гӯсола мешавад “Дастпона”.

Ва ин Дастпона ба таври махсус нигоҳубин мешавад. Вақте ғуноҷин шуд, мефурӯшанд ва ба пулаш як ҷуфт дастпона мехаранд. Дастпонаи паҳну нақшу нигор ва нигиндори нуқрагин.

Як дасти ин дастпона, то поёни умрашон дар дасти апаамон буд.

Ҳоло намедонам, ки ин дастпона дар дасти кист.

### *“Мавзуи нинимямро ҳал кун!”*

Соли 1983 буд. Аз давраи коромӯзӣ дар донишгоҳи Маскав баргаштам.

Хоҳарбузургам Муаззамабону бемор буданд, дар Қарияи Боло. Болову поин хеле давидем … Апаам эҳтимол чизеро пай бурданду гуфтанд:

- Зудтар мавзуи нинимямро ҳал кун!..

Муддатҳо барои духтарам хостгор меомад. Ман фикри апаамро пурсидам. Гуфтанд: “Шунидам, ки муаллим будааст, падараш ҳам… муаллим одами ганда намешавад…”. Гуфтам, ки “Шумо сиҳат шавед, тӯйро баъд кунем”. Қотеъона гуфтанд: “Нигоҳ накун, нағз шавам, як тӯйи дигар мекунӣ!..”.

30 декабр (1983) арӯсии духтарам Манижаҷон буд, 2 январи 1984 апаам даргузашт. Худо раҳматашон кунад!

## *Рӯғаншиша*

Ҷамила-апаамро ба ҷувозхонаи Гузари Боло равон карданд. Барои рӯғани кунҷид. Рӯғани корхонаро модарам ҳазм карда наметавонистанд.

Ман ҳамроҳи апаам будам.

Дар кисаи апаам чанд дона ғӯлинг будааст. Раҳорaҳ онҳоро бо ҳам дидем. Навбат ба донак расид. Аммо онҳо сахт буданд, на дандони ман гузашт, на дандони апаам. Атрофи роҳро ҷустем; санге ҳам пайдо нашуд. Донакҳоро шикастан зарур буд: ман тоқат надоштам.

Апаам ноилоҷ дар ҷои тақир рӯи раҳ донакро монду оҳиста-оҳиста бо куни шиша кӯфтан гирифт. Аммо донак намешикаст ва тоқати ман мешикаст. Апаам бо рӯғаншиша, ки шишаи 750 - граммӣ буд сахттар кӯфт: ҳам донак шикаст, ҳам шиша. Мо нороҳате шудем, ки ҳадду ҳисоб надошт: на аз он, ки мағз дар дараву хок ҷӯлида ва хӯрда нашуд, балки аз он ҷиҳат, ки шиша шикаст ва мо аз падар танбеҳ хоҳем дид.

Ба ҷувозхона нарафта, ба хона баргаштем. Падару модарам апаамро сахт коҳиш карданд. Барои як шиша, ки ноёб буд.

Воқеа, аз афташ, дар арафаи ҷанг ё дар оғози он буд.

## *Якравӣ*

Чиллаи тобистон буд. Ману апаам Ҷамила аз Ҷоназартеппа, аз хонаи апаамон Муаззама меомадем.

Ман дар пуштораи апаам Ҷамила. Ҷӯе аз миёни боғи бобоям мегузашт ва тарафи МТС мерафт. - Ҷӯи Гулхона. Хостам аз ҳамин ҷӯй об хӯрам. Апаам, ки аз афташ монда шуда буд, хоҳишамро иҷро накард.

- Ба хона қариб расидем, аз хона мехӯрӣ, - гуфт.

Дар воқеъ, то хона сад қадам ҳам намонда буд. Аммо ман кай гӯш мекардам? - фиғонро бардоштам.

Апаам ба ҳайгираки ман гӯш надод. Мани тахминан дунимсола дасту по мезадам. Апаам ба ҳавлӣ расид ва маро фароварду як пиёла об аз сатил оварда дод. Ман обро нагирифтам. Гиряро давом додам.

Апаам бароям “номаълум” пиёларо бори дигар аз сатил пур карда, дар паҳлуяш “панаҳ” карда, аз ҳавлӣ баромаду бо андаке ҳаял баргашта:

- Ана хӯр, аз ҷӯйи МТС об овардам, - гуфт. Ман ки кӯр набудам ва медидам, бештар ҳайгирак андохтам.

Апаи меҳрубонам ноилоҷ маро ба пушташ боз бардошт, пиёларо гирифт, ҷангу коҳиш ҳам накард, ба ҷӯи Гулхона бурд ва об доду мани якрав ором шудам.

### *Сӯрохиҳои якравӣ*

Ду ё сесола будам.

Апаҳоям, намедонам, гӯши касеро шикоф мекарданд. Ман ҳам ҳангомаро бардоштам, ки:

- Гӯши маро ҳам сӯрох кунед!

Чора надоштанд. Ва шикоф карданд. Гӯши чапамро.

Бо шикофи гӯш қонеъ нашудам. Талаб кардам, ки ба гӯши ман ҳам монанди дигарон чӯб андозанд. Ва зарофае андохтанд…

Сӯрохи гӯшро ба унвони мукофоти якравиҳо бо худ дорам. Барои ҳамеша.

Ҳаммонанди доғи пушаймониҳо, аз азияту озори хоҳару бародаронам, ки дар дил хона монда …

### *Ҷабре дигар*

Ба апаам Ҷамилабону ҷабри бисёр овардаам. Яке аз онҳо ин аст.

Чиллаи тобистон буд. Апаам Ҷамилабону пахта каланд мекард. Модарам нон мепухтанд. Ман ба апаам бояд нон барам. Бояд шитоб кунам, ки то нонхӯрак расида равам.

Саҳрои пахта дар Майманча, поёни Ҷоназартеппа воқеъ буд. Апаи хурдиам дар бригадаи апаи калониам кор мекард. Аммо апаам дар сари кор набуд - барои нонхӯрак, хонаи апаам Муаззамабону рафтааст.

Ман сӯи ҳавлии апаам Муаззама шитофтам. Ман намегаштам, медавидам.

Апаам Ҷамиларо дар канори ҳавлӣ, дар лаби ҷӯй дидам, ки чойнаку пиёла мешуст. Нонро ба апаам додаму чаппасар гаштам.

Дар бозгашт ҳам шитофтам. Давидам. Вақте ба хона расидам, нони тунукшударо алҳол ҷамъ накарда буданд.

Падару модарам аввал ҳайрон шуданд ва баъд оташин. Аз апаам Ҷамила оташин шуданд, ки маро дам надода, дар ҳавои гарм чаппасар гардондааст, ҳатто бо апаам Муаззама вонахӯрондааст.

Вақте ки бегоҳӣ апаам Ҷамила аз кор баргашт, падарам танбеҳи сахт доданд, ҳатто бо химчаи тут.

### *Қаламкаш*

Апаам Ҷамила ҳунари нодири халқӣ дорад: қалам мекашад, яъне, дар рӯи сон ё алвон барои тоқии гулдӯзӣ, рӯймоли миёнбанд, болишт, сӯзанӣ ва ғайра, бо ранг тарҳи гулҳоро меандозад. Гулҳое, ки апаам мекашад, нотакрор аст.

Ман ин суханонро дар бачагӣ аз апаам шунидаам:

*Қалам гуфто, ки ман шоҳи ҷаҳонам,*
*Қаламкашро ба мақсад мерасонам.*
*Чилим гуфто, ки ман дуди хазонам*
*Чилимкашро ба дӯзах мекашонам.*

Ҳудуди 20-30 сол пеш чи шуду чи монд, нарангушти дасти рости апаам ба муллохӯрак гирифтор омад. Ва апаам қаламкаширо бас кард.

### *Қасидаи Мазордарахт*

Дар тарафи қиблаи макони мо (акнун замини фарзандони Чила-бобо), дар лаби рости ҷӯй дарахти тути бузурги чинормонанде буд. Модарамино аз рӯи ривоятҳо мегуфтанд, ки шаҳиде аз гузаштагони худи мост. Боре Ҷӯрақул-тағомон ҳам гуфтанд: “Хоб дидам, шаҳиди ҷавон аз худамон будааст”.

Мазордарахт ҷои чароғмонӣ дошт. Ҳар гоҳе, ки чароғ мемондем. Бештар бо роҳбарии Ҷамила-апаам. Кадом чизе аз

дили модар мегузашт (масалан, хобе медиданд). Нукча дуруст карда медоданд. Мерафтему дармедодем, се-борӣ дарахтро тоб мехӯрдем.

Якумин зиёрат дар ёдам ҳаст. Бисёр хурд будаму маънии “давр задан”-ро намедонистам. Апаам чароғро дардоду гуфт: “Давр зан”. Гумон кардам, ки маҳалро давр задан лозим, ба роҳ даромадам. Апаам гуфтанд:

- Куҷо меравӣ? Мазорро давр зан!.. Тавоф куну давр зан!

Азбас хиҷолати сахте кашида будам, он манзара дар ёд мондааст …

Ин дарахт чунон-чунон ғафс буд, ки чаҳор мард бояд даст ба даст медоданд, то ба оғӯш бигиранд. Аз тарафи шимолӣ роғе дошт, баландиаш бештар аз як метр. Дар дасти чапи роғ - тоқчае буд, барои чароғ. Тоқча сиёҳи сиёҳ буд, аз дуди чароғ.

Дар тамоми давраи кӯдакӣ ва навҷавонӣ ва ҷавонӣ роҳамон аз таҳи ҳамин дарахт мегузашт, аз тарафи шимолиаш.

Намедонам, аз куҷо буд ва аз чӣ буд, ки вақте шабҳо ба Мазордарахт наздиктар мешудам, қувват пайдо мекардам, дилам рӯшантар мешуд, тарс аз вуҷудам мерафт.

Ин Мазордарахт ба андозае азиз буд, ҳаргиз пой ба шонааш набурдаем, баргеро аз химчааш накандаем. Ҳатто боре як танааш рӯ гашт, онро наёвардем ва насӯхтем, балки бехаш гузоштем то ки пӯсид.

Баъзе солҳо барг ба кирмак намерасид. Ёд дорам, аз Арабхона дарахт харида будем, аз Бештемур, ҳатто аз Бошқалъа барг овардем, аммо даст ба он дарахт нарасондем.

Солҳои ҳаштодум, намедонам, баргаш зарур шуд ва ё сояаш зарар дошт ё ниёз ба ҳезум пайдо карданд, ки Мазордарахти моро буридаанд. Шаҳиди мо акнун маҳрум аз сояи сабзаш, тобистон дар офтоби сӯзон ва зимистон дар зери барф мехобад …

### *Зардак*

Зимистоне аз зимистонҳои ҷанг аҳвол тамоман вазнин шуд. Гуфтугӯи бисёр ғамангез ва дурӯдарози падару модарро мешунидам.

- Дар суфра як гард орд нест, бачаҳо аз гуруснагӣ мемиранд … Ин худобехабар ҳангас мезанад, ки аз анбори холӣ ба ту чӣ диҳам?..

- Аз ҳамон “зардак” яктояшро гир, дигар илоҷамон нест …

- Ба тағо чӣ ҷавоб медиҳем?

- Ҷавобамон ҳамин бачаҳо мешавад. Ҷӯрақул ҳам одам аст, мефаҳмидагист…

Апаам Ҷамиларо мефармуданд, вай зери пояш ӯғурро гузошта, аз роғи девори айвон (кунҷи шарқӣ ва ҷанубӣ) тугунчаеро гирифта, ба волидон медод.

Онҳо тугунчаро ба моён нишон надода, панохӣ мекушоданд ва бозгашта ба апаам медоданд, ки дар ҷояш гузорад.

Падарам идораи колхоз рафтанд ва бегохӣ бо димоғи сӯхта баргаштанд. Дар домани ҷелакашон андаке, тахминан 5-6 кило арзан буд.

- Раҳмонқул, додагиаш ҳамин шуд, ин беинсофа…

- Хӯрдагиаш заҳри танаш шавад, лоақал, гандум ё шолӣ ҳам надодааст …

- Ҳаминро ҳам бо зораву тавалло гирифтам.

- Дар як хона мурда, дар ҳафт хона бӯй гирад ин гарданкӯзая…

Боз ду навбати дигар баъди фикру андешаи бисёр яктоӣ аз ҳамон “зардак”-ҳо бурда, як дафъа пасгарди осиёб, як дафъа як доман ҷуворимакка оварданд, падарам. Боз ҳамон навъ ғайриқаноатмандиҳо ва дуоҳо изҳор мешуданд.

Ман дертар фаҳмидам, ки тангачаи “зард” тило будааст ва Ҷӯрақул-тағоям, ки ҳам ба падар ва ҳам ба модарам хеши наздиканд, амонат ба модарам дода будаанд. Тағоям ҳамагӣ ҳафт тангаи тило дода будааст, мо сетои онро хӯрдем.

Аввалҳо тағоямон ошуфта шуданд. Аммо баъд гуфтанд, ки: “Ман бахшидам, аммо хоҳишам ин аст, ки монанди гӯри падару модарат, сари гӯри ман ҳам санг мон”.

Худоро сипос мегузорам, ки ин васияти тағоямонро анҷом додам.

## *Катак*

Ҳангоми колхозсозӣ ҳама чизро умумӣ карданд: бузу гӯсфанд, гову асп ва шутур ва ғ. заминро ҳам … ҳатто мурғро. (Мегуфтанд, ки занҳо низ умумӣ хоҳанд шуд: ҳар зане ҳар мардеро дилаш хост, бо вай хоҳад рафт. Хайрият, ин тавр нашуд).

Мурғбонӣ ба падари мо расид. Аммо ин кори осоне набуд…

Падарамон дар рӯи ҳавлӣ, часпанда ба девори хона, катаки калоне сохтанд.

Барои мо - бачаҳо мурғдорӣ шавқовар буд.

Аммо, мисле ки барои падарамон ин кор зиёд ҷолиб нашуд. Намедонам, ташвишҳояш буд, ё бӯю тафаш, ё ҳамлаи шағолон, пас аз муддате, бурданду ба идора супурданд.

Аз афташ, мурғдорӣ аслан кори хушнатиҷа набудааст, ки дар ҳеҷ колхозе бо ин кор машғул нашуданд, то ин ки солҳо баъд имконоташро фароҳам оварданд ва таовуниҳои махсуси давлатӣ ташкил доданд.

## *"Таҳи поятро кан!"*

Боғи Мулло Ҷабборро аз ҳаёти Мулло Ҷаббор ҷӯи Гулхона ҷудо мекард. Аммо ҳаёти Мулло Ҷаббор дарахтони мевадор дошт.

Боре, он замон ки хеле хурд будем, ману акоям аз гузари ҷӯй гузаштем. Аз ҳар куҷояш гузаштан намешуд. Дар тарафи чапи ҷӯй чанд дарахти себи сурх буд. Ба яке аз ин дарахтон, ки дуртар аз лаби ҷӯй буд, акаам баромад, себчинӣ. Аз ман хост, ки рӯймолро диҳам. Дароз кардам. Қадам нарасид. Акаам батакрор гуфт:

- Таҳи поятро кан!

Ман гаранг шудам: чӣ тавр таҳи поямро канам?

Акаам аз ҳамон болои дарахт бо пояш нишон дод. Яъне, ки бо нӯки пой рост шуда, тавони пойро бардоштан лозим будааст.

Тахи поямро кандам, дастам ба дасти акаам расид ва рӯймолро додам; акаам ғӯра чид, себе, ки ҳанӯз хӯрда намешуд.

### *“Рамазон!”*

Яке аз хотираҳои дилангезу фаромӯшнашавандаи овони ҷавонӣ “рамазонгӯӣ” буд. Шабҳои якуму дувуму севуми моҳи рамазон бачаҳо ҷамъ мешудем ва “рамазонгӯӣ” мерафтем.

Пушти дари хонае меомадем ва баробар фарёд мекашидем:

*Рамазон! Рамазон! Рамазон!*
*Рӯзая як (ду-се) рӯзаш гузашт, рамазон!*
*Нишастаед да (р) сари дастархон, рамазон!*
*Агар шумо ифтор доред, рамазон!*
*Фатири моро биёред, рамазон!*

Ширинӣ, мева ё пули майда медоданд. Ҳамаро ҷамъ мекардем, калонтар дар охир тақсим мекард. Гоҳе тақсим нобаробар мешуд ва ҷанҷол ҳам мехест.

Боре моро сахт тарсонданд.

Ориф ва Муҳаммадамин ва Абдураҳиму ман ва акаам, боз як-ду нафари дигар будем. Аз ду-се хона гузашта, ба шолипояе расидем, ки аз тарафи муқобил як балои сафедпӯш меомад. Вай чунон баланд буд, ки баробари дарахт.

Мо дар ҷоямон шах шудем. На ҷунбида метавонистем, на лаб кушода.

Вақте бало наздик расид, худро ошкор кард: марде барои тарсондан, куртаашро кашида, ба калтаке пӯшонда ва алвонҷ медодааст …

Агарчи он шаб рамазонгӯиро давом додем, тарс баданамонро то охир тарк накард.

### *Асп гум шуд*

Вақте ҷанг сар шуд, ҷавонон ва ҷавонмардону мардон - ҳамаро ба майдони набард фиристоданд. Пирамардонеро, ки ҳанӯз коре аз дасташон меомад, ба баталйони коргарӣ бурданд.

Дар оғози ҷанг мо асп доштем. Рӯзе аз идораи колхоз омаданду аспи моро бурданд: аскарбачаҳоро то Қӯрғонтеппа бурдан лозим будааст.

Гуфтанд, ки барои ду - серӯза мебаранд, бармегардонанд.

Ду-се рӯз гузашт, наёварданд …

Падарам, ки аз баталйони коргарӣ баргаштанд, идора рафтанд. Аммо райис чизе умедворкунанда нагуфтааст, падарам дилозурда баргаштанд.

Аспи моро одамони дуруст бурданд ва аз афташ хӯрданд.

### *Пешонақашқа*

Даврае, ки падарам дар баталйони коргарӣ буданд, зиндагиамон боз ҳам мушкилтар шуд. Он кас дар сохтмони роҳи оҳани камбари Сталинобод - Қӯрғонтеппа кор карданд, дар маҳаллаи Даҳанакиик. Баъди бозгашташон ҳам ба зудӣ аҳволи мо беҳ нашуд: падарам муддати дарозе бемор шуданд.

Дар ҳамаи ин рӯзҳои сахт ҳунармандии модарам кор медод. Он кас тоқиҳои қуроқ, миёнбандҳои мардона, сӯзанӣ медӯхтанд, ҷамолак мебофтанд. Ин чизҳоро дар деҳот, аксаран дар деҳаи Пахтакор, колхози ҳозираи ба номи Карл Маркс, ба гандум, шолӣ, ҷуворимакка – хулоса, талабгор чи зироате дошта бошад, ба ҳамон иваз мекарданд.

Модарам ба мо - фарзандонашон якпорагӣ нони зағора (нони зағораи модарам таърифӣ буд) медоданд ва барои ҳезумчинӣ равон мекарданд. Дар набудани мо барои падарам шулла пухта медоданд, то ки зудтар сиҳат ёбанд.

Падарам, умуман, шулларо дӯст медоштанд. Ҳамеша ҳангоме ки бегоҳирӯзиҳо модарам чи пухтанашонро аз падарам мепурсиданд, падарам якзайл ҷавоб медоданд, ки: Агар аз ман пурсӣ, як даҳанак шуллаи рӯғанӣ паз...

Он солҳои гуруснагӣ, ба замми ҳунари модарам, гови пешонақашқа амони кор дод. Гови сурхи хушрӯе доштем.

Қашқа хушхӯр ва ниҳоят ором буд. Модарам мегуфтанд: Модаратон ман не, ҳамин Қашқа аст. Агар як қошуқ сафедии ҳамин Қашқа набошад, рӯзи ҳамаатон сиёҳ аст.

Гапи модарам муболиға надошт. Махсусан, дар баҳорон, дар айёме, ки дармони по хушк мешавад, шӯрак, шилха, испалоқ мечиндем, модар шуста, дар дег таф дода, дар рӯяш як чумча ҷурғот рехта, дар корсон миёна мегузоштанд. Падарам мегуфтанд: Заҳру зардобашро ҳамин сафедӣ мекашад. Бидуни ҷурғот алаф одамро дам кунонда мекушад.

Воқеан ҳам бисёре аз ҳамсояҳомон, махсусан, қунғуротҳои бечораи нав кӯчида омада, алафу кунҷора хӯрда дам карда мурданд.

7 марти соли 1987 дар рӯзномаи "Тоҷикистони Советӣ" дар қатори се шеъри дигар, "Ҳаққи модарӣ" ном шеъри шоири азизи халқ Лоиқ чоп шуд, ки аз ин бандаш сахт мутаассир шудам ва фаҳмидам, ки Лоиқ ҳам ҳоли моро доштааст:

*Ҳам ту, эй осиёи чанбаршох,*
*Хӯрда шири туро, расидам ман,*
*Аз паси ту давида дар саҳро,*
*Аз паси зиндагӣ давидам ман.*
*Пеши ман ҳаққи модарӣ дорӣ.*

Агар росташро гӯям, он солҳо на танҳо ба ману Лоиқ, балки ба аксари кулли мардум Қашқа ва чанбаршоххҳояшон ҳаққи модарӣ доранд. (Шояд танҳо гарданкӯзаҳо истисно бошанд).

### "*Додарам "нон!" мегӯяд*"

Солҳои ҷанг буд. Падарамонро баталйони коргарӣ бурданд.

Бародарам тахминан 7-сола буду ман чорсола. Сахт гурусна мондем. Дар хона хӯрданӣ набуд.

Нақшае кашидем: хонаи бобои Усто Ашӯр меравем, аз кампирашон нон мепурсем!

Ва рафтем. Лаб-лаби Наҳри Калон рафтем.

Дуртар аз гӯшаи ҳавлӣ, "Сангин-апа!"-гӯён чеғ задем. Кампири бобо баромаданд. Ҳар ду баробар гуфтем:

- “Додарамон “нон” гуфта, гиря кардан дорад, хамирамон ҳоло наёмадааст.

Раҳматӣ бибӣ ҳалимона гуфтанд:

- Мурам да(р) шумоҳон, хамири ман ҳам ҳоло наёмадааст, нонам надорам…

Аз дурӯғи бофтаи худ (агарчи бидуни натиҷа буд) ончунон хиҷолат кашидем, ки ҳанӯз ва ҳанӯз ба ёд ояд, сурх мешавам.

### *Нонреза*

Он солҳо ин ривоятро бисёр мегуфтанд. Ба андозае шунидему мутаассир гаштем, ки дар мағзи устухон нишаст.

Яке дар болои шутур нон мехӯрдааст. Тифоқо, мағзи ноне ба замин меафтад. Вай аз шутур фаромада, нонрезаро мекобад. Ҳарчанд мекобад, намеёбад.

Вай ночор, ҳамон ҷое ки нонреза афтода буд, атрофашро қалъа мебардорад, то мағзи нон зери по нашавад.

### *Ҷурғот*

Дар бозор ҷурғот мефурӯхтам; аз мағозаи Гриша нони хлеб мехаридам; вай руси ланг қадпасти олус буд; нонаш бисёр хушмазза буд; хона, ки овардем, қалам-қалам бурида болои оташгираки оҳании душоха монда, рӯи лахча гарм мекардем, то ки сурх шавад. Ин нон хеле ва хеле хушмазза буд.

Он хунукие, ки аз пӯшоки тунук мегузашт ва ба баданам сих мезад ёдам ояд ҳанӯз, ки ҳанӯз танам ваҷаррос мезанад. Вақти рафтану омадани хунукӣ мегурехт, аммо ҳангоми ҷурғотфӯрушӣ модарамро нишон медод. Дастро бо даст молидан, бо пой замин кӯбидан фоидае дошт, аммо китфу тахтапушт ва …

### *Торочи мурӯд*

Падарамон аз баталйони коргарӣ бемор омаданд. Омаданду беморишон шиддат кард. Чандин моҳ ҷою ҷогаҳ карданду хобиданд.

Чизе барои хӯрдан набуд.

Чизҳои модарамон дӯхтаро ба ҷаву гандум ва шолию ҷуворимакка иваз мекардем. Фасли мевапазӣ, мева ҳам мебурдем. Ҳоли дигарон ҳам тақрибан монанди мо буд. Боло - то Чорбоғ, поён - то Пахтакор мерафтем. Ин рустоҳо, ки аз Марказ дуртар буданд, монанди ҷои мо хароб набуданд, ғалла доштанд. Рафта-рафта дар ин маҳалҳо ошно пайдо кардем; чизамонро хонаи онҳо мебурдем, онҳо ба ғалла иваз карда медоданд.

Дар Пахтакор ошнои мо тағои Кӯчар ном дошт. Вай аспи сурхе дошт; бозор ояд, хонаи мо даромада, ҳол пурсида, бармегашт.

Боре ману бародари калониам, ки шояд шаш солӣ ва нӯҳсолӣ синн доштем, мурӯд чидем ва Пахтакор рафтанӣ шудем. Модарамон дар тӯрбаи калонтар мурӯд андохт ва дар пушти акоям баст; каме мурӯдро дар рӯймоли ман ҳам гирифт. Ба роҳ даромадем.

Роҳамон аз сари осиёб мегузашт. То он ҷо хатаре набуд. Осиёбро гузаштем. Ба Қумкӯча даромадем. Хомӯш, аммо тез роҳ мерафтем.

Тарсамон аз араббачаҳо буд. Аз осиёби Мансурбой, ки марзи Арабхона буд, гузаштем. Акнун шодӣ карда будем, ки араббачае хабар ёфт, ҳуштак кашиду тарафи мо давид. Вай пеши роҳи моро гирифт; 5-6 нафари дигар ҳам омад.

Мо талош мекардем, ки борамонро тороҷ накунанд, аммо онҳо тороҷ карданд. Даст ба тӯрбаи бародарам меандохтанд, бародарам дар талош рӯи хок меафтид …

Дар тӯрбаи бародарам каме мурӯд монд; аз ман ки кам буд, сахт дар бағалам пахш кардам ва эмин монд. Ғоратгарон бо ғанимати худ қаноат карданду рафтанд.

Мо ҳайрону гирён роҳамонро давом додем.

Пас аз Арабхона саҳрое ҳаст; аз пушти он - Пахтакор.

Дар Пахтакор хонаи тағои Кӯчар рафтем. Вай ба миқдоре гандум иваз карда дод; хайрият, ки хона дасти холӣ барнагаштем.

### *Лахчаи оташдаргиронӣ*

Солҳои қаҳтӣ гӯгирд ҳам ноёб буд.

Аз як оташ то оташи дигар лахчаро нигоҳ медоштем. Рӯи оташ хокистар мекашидем; шарорае дар зераш боқӣ мемонад.

Оташ дардодан - кори содае набуд: лахчаро ба рӯй бароварда, рӯяш хас, нӯки химчаҳои хушк, пӯсти дарахт, умуман, чӯби борику нозуку хушкро мечидем ва пуф мекардем, то даме ки шарора аз лахча хезад ва оташдаргирониро дардиҳад.

Кори рӯз бисёр сахт набуд: оташ то оташи дигар боқӣ мемонд. Аммо кори шаб хатарнок буд: гоҳе оташ хомӯш мешуд ва то як рӯз як шарора ҳам намемонд. Барои пешгирӣ рӯи оташдон дег монда мешуд ва аз пешаш - офтоба ва чойҷӯш.

Гоҳе иттифоқ меафтод, ки оташ мурдааст. Ин ҳол бо мо камтар пеш меомад (падару модар хеле эҳтиёткор буданд ва пайваста тафтиш мекарданд), бештар бо ҳамсояҳо. Дар ин ҳол, аз хонаи ҳамдигар оташ мебурдем - дар рӯи порае аз саргини гов ё пораи кунда.

### *Рангу собун*

Солҳое буд, ки на ранг ёфт мешуд, на собун. Аммо зиндагӣ бидуни ин чизҳо намешавад.

Гиёҳе буд номаш ғарма (номи илмии он пайдо нашуд); хеле сершоху барг, баргаш майдаи вазнин. Аз канори Қанҷиғаи Қабла меовардем. Онро месӯзонданду собун омода мекарданд, бо иловаи равғани гов.

Гиёҳе буд номаш рӯян.[69] Аз он ранги сурх омода мекарданд. Дар хоки куҳнаи канори Наҳри Калон ва ҷӯи худи мо мерӯид. Решаи сурхи бисёр дарозе дошт, то як метр. Ва шояд аз он ҳам бештар; мекӯфтем ва дар ширааш каловаи абрешимро меҷӯшонданд - абрешими сурх ҳосил мешуд; бо сифати аъло.

---

[69] Номи рӯян дар китоби Абурайҳони Берунӣ “Сайдана” омадааст: Чопи Теҳрон,1370.

Қубодиён дар давраҳои қадим ба бозорҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла, Ҳиндустон, рӯян содир мекардааст.

Гиёҳе буд, бо номииспарак. Каловаи сафедро дар оби он меҷӯшонданд, абрешими зард ҳосил мешуд.

Ва аммо абрешими сиёҳ … Кӯзаи калони сафолиро аз об пур мекарданд, қулфу занҷир ва ҳар оҳанпораи нодаркорро меандохтанд. Ва албатта ки пӯсти анорро ҳам мерехтанд. Ин кӯзаро "китобкӯза" мегуфтанд. Пас аз моҳҳо, оби гандида сиёҳи сиёҳ мешуд ва дар он каловаро меҷӯшонданд, ки абрешими сиёҳ мешуд.

### *Пилла*

Баъди чанд соли ҷанг аҳвол рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Акоям ва ман дастёр шуда будем. Апаам Ҷамила коргари хеле хуб буд. Лекин ӯро ба шавҳар доданд.

Мо кирмак мегирифтагӣ шудем. Аввалҳо соле як қуттӣ мегирифтем. Баъдтар то се қуттӣ парвариш мекардем. То 147 кило пилла додем. Дар тамоми ноҳия дар кирмакпарварӣ ва пилласупорӣ мо пешқадам будем. Борҳо мукофот ҳам доданд. (Як мукофоташон мошинаи дарздӯзӣ буд, ки ҳоло дар дасти хоҳарам аст).

Сабаби асосии комёбӣ ин буд, ки модарам забони кирмакро медонистанд, онро нағз парвариш мекарданд: ба меъёри гармӣ, вақти баргдиҳӣ сахт риоя мекарданд. Сабаби дигараш ин буд, ки азбас то дер - соатҳои як-дуи шаб дарс тайёр мекардам, пеш аз хоб ба кирмак ман ҳам барг медодам. Саҳар барвақт модарам барг медоданд.

Ҳамин тавр, кирмаки мо назар ба кирмаки дигарон рӯзе як, ҳатто ду маҳал бештар хӯрок мехӯрд. Дар натиҷа, кирмаки дигарон ба хоби севум равад, аз они мо аз хоби чорум мехест; кирмаки дигарон ба хоби чорум равад, аз они мо даҳа мехӯрд; аз они дигарон ба даҳа дарояд, кирмаки мо нишона медод. Дар ин тарзи нигоҳубин ҳам кирмак ба касалӣ кам дучор меомад, кам талаф мешавад, ҳам баргро серой мехӯрд. Гап дар сари ин, ки

аксари солҳо барг намерасид, одамоне ки кирмакашон пасмонда шудааст, аз барггадоӣ ба ҷон мерасиданд, ҳатто баргро ба пул мехариданд. (Рости гап, соле мо ҳам харида будем, аз Пӯлоди Арабхона, се дарахти калонро, ҳар яке сесӯмӣ).

Кирмакро бисёр эҳтиёт мекарданд. Мегуфтанд: кирмак гӯштхӯр будааст; гӯшти бадани Ҳазрати Аюб пайғамбарро мехӯрдааст. Пайғамбар кирмакро бардошта, болои дарахти тут мегузоранд. Ва кирмак аз он пас танҳо барги тутро мехӯрдааст.

Кирмак ғайр аз барг мушкили дигаре ҳам дошт - дар вақти танидан. Вақте кирмак маст мешавад ва танидан мехоҳад, сарак мезанад ва ҷои муносиб мекобад - шохаи серхор. Ҳафтаҳо пеш дунболи он мешудем, ки дар куҷо ва кадом саҳро хаба калону гули зард аст. Ин ду гиёҳ барои танидани кирмак бисёр муносиб аст. Гоҳе пашмак ҳам лағад мекардем. Вақте падар пилларо бармекашиданд, "кило" намегуфтанд: "як баракат", "ду баракат", "се баракат" …

Дар мавриди ҳеҷ чиз дигар "баракат"-ро ба забон намегирифтанд. Танҳо мавриди ҳамин пилла.

### *"Рӯсиёҳӣ" набуд*

Падарро метавон гуфт, як пояшон дар бозор буд ва дигараш дар боғу ҳавлии худ.

Ин се навъ меваро: анор, бодом ва биҳӣ, ки ҳама ҳосили дастранҷи худашон буданд, дар бозор кам-кам (на ба як бор) мефурӯхтанд.

Биҳӣ ва анорро то мавсими гул нигоҳ медоштанд. Анорро беозор мечидем, дар реги хушки бехта гӯр мекарданд. Аз маҳалҳои дуртарини Қубодиён - Бошқалъа, Пакалак, Миршикор, Зиракӣ, Доқӣ, Лаклакуя ва ғ. аспакӣ меомаданд ва барои доруӣ анору биҳӣ мебурданд.

Падар дар тирамоҳ ҳам тухми пиёз мекориданд, ҳам нешпиёз қаламча мекарданд. Аввали баҳор баррапиёз барои фурӯш омода мешуд. Якумин шуда баррапиёзро ба бозор мо

мебаровардем. (Якумин бодирингро Қурбоншоҳ мебароварданд). Пиёзтухм тобистон мепухт, тухмашро падар мегирифтанд ва дар баҳор мефурӯхтанд.

Ҳамин тавр, тамоку мекориданд, нос мекарданд ва мефурӯхтанд. Мушкилтарин кор - тамоку кӯфтан буд. Бештар худашон мекӯфтанд. Гоҳе ба мо ҳам мефармуданд. Чангу ғубори талху тунди тамоку чашму бинӣ ва димоғро метарконд. Дуд аз димоғи модар мебаромад, бо падар даъво мекарданд, омада ӯғурдастаро аз дасти мо мегирифтанд…

Соле анору бодомро сармо зад. Захираи мева тамоман адо шуд. Ҷиҳати гузарон падарам ҷуворимаккабирён мефурӯхтанд. Падарам аз бозор дукилоӣ ҷуворӣ мехариданд, модарам бирён карда медоданд. Шукуфаҳоро падар бозор мебурданд, кӯракҳоро мо мехӯрдем.

Ҷуворимаккабирёнфурӯшӣ барои падарам хеле нохуш буд, онро рӯсиёҳӣ мешумурданд. Чунин муколама миёни волидон борҳо шуда аст:

- Ин рӯсиёҳӣ аз хотири ҳамин чор бачча аст…

- Инҳо калон шаванд, ҳаминро медониста бошанд?

- Донанд ё надонанд, зинда монанд шуд …

- Беҳтараш, надонанд, ин рӯзҳо фаромӯш шаванд.

Аслан, ин бечорагист, рӯсиёҳӣ нест … Мо мефурӯшем, касеро маҷбур намекунем, фиреб намедиҳем …

Хуб аст, ки он қаҳтсолиҳо гузаштанд, серию фаровонӣ ҳукмрон гардид, чунонки мегӯянд, “нон болои кулӯх шуд”. Аммо он ташвишҳо, он бечорагиҳо, он андеша ва машаққати волидон фаромӯш нашудаанд, балки дар мағзи устухон нишастаанд. Мо аз онҳо ба ҷон миннатдорем, ки дар солҳои гушнагӣ фарзандони худро бечораҳолона, аммо ҳалол хӯронданду пӯшонданд; ҳалолхӯрӣ ва покизакориро ҳам бо сухан, ҳам бо амал омӯхтанд.

### *Саракчинӣ*

Охирҳои баҳор саракчинӣ мерафтем. Гандумзор, пас аз даравидану хирман кардан, ангора мешуд. Ва одамон

саракҳои ғалтидаро мечиданд. Бештар Сорбонқалъа мерафтем: саҳро калон буду сарак бисёр дошт.

Боре замини Алибалбал рафтем. Ману акояму Абдураҳим. Гандумро кайҳо даравида ангора карда буданд. Сарак кам буд, аммо ҷой-ҷой меёфтему мечидем. Савора дошта бошад, даста мекардем, бесавора бошад, ба тӯрба меандохтем.

Нохост аспакие дидем, ки аз дур тарафи мо асп медавонд. Ҳар тараф гурехтем. Аммо гурехтани мо куҷову тохтани асп куҷо? Аспакиро шинохтем: Ҳаким-табелчӣ буд. Бераҳмона ба сӯи мо асп медавонд. Ёд дорам, ки роши сербуттаю пуралафи ҷӯйбори осиё расида будам, ки асп ҳам ба ман расида гирифт. Бо шамоли асп ба даруни ҷӯй афтидаму дигар намедонам. Ба худ омадам, ки дар хонаам, падару модарам, акои Ҳаким ҳам дар пешам. Акои Ҳакимро дида боз аз ҳуш рафтам. Вақте ки боз ба ҳуш омадам, дидам, ки хайрият, акои Ҳаким нест. Ҳарчанд модарам табассум мекардандy парвона буданд, чашмони сурху рӯи пурнамашон аз ҳолати пешинаашон гувоҳ буданд.

### ***Нахустин ҳаққи қалам***

Дар наздикии хонаамон бандихона буд. (Баъд онро беморхона карданд. Солҳои навадум дар ҷои он масҷид сохтанд. Масҷиди Имоми Аъзам. Масҷид нотамом буд, ки ҷанги таҳмилӣ оташ гирифт).

Ҳангоми мактаб рафтану омадан, гузорам аз дари бандихона меафтод.

Гумонам, синфи сеюм мехондам. Аз мактаб бармегаштам, ки марде дар назди дари бандихона тарафи худаш хонд. Гуфт, ки аризае нависам, ба номи сардори бандихона, барои расондани хӯроку пӯшок.

Гуфтам, ки ариза навишта наметавонам. Гуфт:

- Намунааш ин ҷо ҳаст, танҳо номи маро менависӣ.

Коғазу қаламро баровардаму аз рӯи намунаи бари девор навиштаму додам. Он одам аризаро аз дарича дарун дароз

карду пуле ба ман дод. Ман бисёр хушҳол будам: коре анҷом додаму пуле ёфтам.

Воқеаро дар хона нақл кардам. Падару модарам ҳам хурсанд.

Ин ҳол баъзе рӯзҳои баъд ҳам такрор шуд. Рӯзе падар таъкид карданд:

- Агар ариза мехоҳанд, навишта деҳ, савоб мешавад. Аммо зинҳор “ин қадар пул деҳ!” нагӯй, ки хуб нест. Агар надиҳанд, талаб накун…

### *Гиёҳҳо*

Гиёҳҳое буданд хӯрданӣ, ки бисёр хӯрдаем. Аз ҷумла:

Пилтакаш - гулаш хӯрданӣ аст, ҳанӯз ношукуфта; хушоб аст. Инро пӯст мекананду ношуста мехӯранд.

Гули моҳчучукро мехӯрдем; бехаш, пиёзаш аҷаб мазае дошт!

Сӯзанак (албатта, ки на ҳашараи обии “сӯзанак”) низ дар аввали баҳор мерӯяд; шохаҳои сӯзанмонанд дорад. Шуста мехӯранд.

Қоқуф, ки маъруф аст, гулаш зард; шуставу намак зада мехӯранд.

Исфаноҷ пухта мехӯранд.

Шилха - шуста, реза карда, санбӯса мепазанд. Ҷӯшонда, бо мост ҳам мехӯрдем.

Шура - ҷӯшонда, обашро партофта, бо ҷурғот мехӯрдем. Аз ночорӣ мехӯрданд.

Аммо он рӯзҳои баҳорӣ тиккаҳои лазизе ҳам дошт. Ҷуз аз бозиҳои гуногун дар рӯи сабза. Яке кабоби замбурӯғ аст. Замбурӯғ пайдо мекардем, оташ дармегирондем. Ва замбурӯғро кабоб мекардем. Намакро, ки пешакӣ бо худ бурда будем, ба рӯяш мепошидем. Рӯи замбурӯғ биж-биж меҷӯшид, намакро фурӯ мебурд, шарбаташ рӯй мезад... Ва он мазае дошт, ки ҳеҷ чизи дунё баробар шуда наметавонист.

### *Найшакар*

Дар баҳорон падар найшакар мекориданд. Тирамоҳ медаравиданд. Пӯст мекандем; модару хоҳарон пора-пора мебуриданд. Ҳамсояҳо меомаданд; дар келӣ мекӯфтанд; дар табақҳои чӯбӣ меандохтанд; мушт-мушт шипқӣ мекарданд то ҳадде ки ҳама обаш чакад.

Баъд обашро бо дока соф мекарданд; дар дег меҷӯшонданд, то ки шиннӣ шавад.

Туппаашро ба гову гӯсфанд медоданд.

Пас аз он ки қанду шакар ба бозор омад, найшакар ҳам аз ҳаёт гум шуд. Акнун тухмаш ҳам нест.

### *Бодоми Ғулом Нақшбанд*

Боре падарам аз кор хушҳол ва бо як тугун баргаштанд. Ин дар оғози ҷанг буд. Падарам аз кор аспакӣ омада буданд. Аспе, ки наваскаронро бурду худ гум шуд.

Падарам рӯймоли тугунашонро дар миёна монданд. Ба модарам гуфтанд:

- Хонаи Модари Ғулом Нақшбанд даромадам. Гуфтам, ки камтар бодом ёфта диҳад. Барои коридан. Аввал дилаш нашуд. Баъд ноилоҷ сандуқашро кушода, буду шуди бодомашро оварда пешам монд.

Падарам риққатомез илова карданд, ки бечора кампир барои писараш нигоҳ дошта будааст. “Мекорам”, ки гуфта будам, ноилоҷ шуд.

Модарам гуфтанд:

- Ба нияти хайр овардед, барои коридану дарахт сабз кардан. Илоҳо, Ғулом Нақшбанд сиҳату саломат аз аскарӣ баргардад. Барои чачало бодом набошад, ғӯлингу қанду қурс меёбем.

Бодом тахминан аз як кило бештар буд. Онро падарам дар ҷои ду бӯрё замин кориданд. Бодомҳо баҳорон нағз баромаданд, баҳори дигараш падарам онҳоро шинонданд. Мо пештар ду дарахти калони бодом доштем. Дарахтони бисёр калон-калон. Махсусан якашро бисёр дӯст медоштем: ҳамааш думағза буд.

(Чанд сол пайдарпай хунук зада буд ва дар хона барои коридан ҳам бодом ёфт нашудааст). Баъди ду сол бодомзоре пайдо шуд. Дар соли сеюм навниҳолҳо ҳосил доданд.

Аз он дарахтони падарам шинонда ҳоло ҳам ҳастанд. Бародаронам ҳам шинонданд. Вале асоси ҳамаи ин бодомҳо ҳамон бодом аст, ки модари Ғулом Нақшбанд барои тӯёнаи писараш, писари ягонаи дар аскарӣ будааш, нигоҳ доштааст.

Бадбахтона, Ғуломи ҳунарманди нақшбанд аз аскарӣ барнагашт, дар коми ин аждаҳо фурӯ рафт.

Ман орзуи модар ва қарори ӯро баъд дарёфтам. Модар камакак бодомашро барои тӯёнаи ҷигарбандаш нигоҳ доштааст, вале кориданиро авло дониста, онро ба падарам додааст.

Зиндагӣ нишон дод, ки модар ғалат накарда будааст. Ғулом Нақшбанд дар дифои Ватани Шуравӣ нобуд шуд, зоту зурёте аз вай намонд, аммо бодомҳои мо чун ному нишоне аз вай боқӣ монданд. Солиёни зиёдест, ки Бодоми Ғулом Нақшбанд ба коми одами сершуморе лаззат мебахшад.

Ин бодомзор достонаке дигар ҳам дорад. Як-ду сол шуда буд, ки бодом ҳосил медод. Аввали тобистоне ману акоям чанд хӯша гандуми сафедак ва чанд сарак лӯбиёро коридем, аз болош об рехтем. Ҳамин лаҳза буд, ки падар омаданд, донистанд, ки мо чӣ кор кардаем. Гуфтанд:

- Ҳар чиз вақт дорад.

### *Деҳқонӣ*

Ҳар сол гандум мекоридем; кӯфта, гандумашро гирифта, орд мекардем. Оҳиста-оҳиста орд фаровон шуд. Ба ҷои гандум, ҷуворимакка мекоридем, ба хотири пояаш, ки хӯрокии асосии гов аст.

Гандумро дар тирамоҳ мекориданд; ба ҷояш, дар аввали тобистон харбузаи зимистона мекориданд, ки то охири тирамоҳ мепухт. Тамоми зимистон мо харбуза медоштем; харбузаро лухпеч мекардему дар сақфи анборхона, ҳатто хонаи хоб меовехтем. Лошаку кирчакиро ҳам ҷамъ мекардем, дар фарши ошхона мечидем. Инҳо пешопеш хӯрда мешуданд.

Дар бачагиҳои мо шолӣ мекориданд; маъмулан ба ҷои ҷав ё гандум. Аммо кишти шолӣ хеле сахт буд; пас аз шудгор пале баланд мегирифтанд, об пур мекарданд, шолиро мепошиданд, мола мекашиданд. Молакашӣ бисёр вазнин буд. Дар ин кор ба падарам бештар Шерназар ёрӣ медоданд.

Гоҳе арзан, мош, кунҷит, ҷувории сафед, найшакар ҳам мекоридем.

Найшакарро, вақте пухт, даравида, аз баргаш ҷудо карда, қалам-қалам мебуридем; занҳо дар ӯғур кӯфта, шираашро гирифта, шиннӣ мепухтанд.

Лӯбиёву кадуро ҳар сол мекоридем. Лӯбиёро, одатан дар бехи ҷуворимакка мекоранд, то печаду хуб ҳосил диҳад.

### *Муъҷизаҳои табиӣ*

Ба фарзандонам, ба хусус, набераҳоям дилам месӯзад: аз дидани зеботарин манзараҳо маҳрум мондаанд… Неш задани тухми ҷуворимакка, пиёз, харбузаву каду, донаки шафтолу... Вақте сӯзанвор, якбарга берун меоянд, дукафон мешаванду дубарга... Ин диданӣ чунон диданӣ аст, ки бо сухан наметавон ифода кард.

Ин муъҷиза нест? - Донакеро, ки бо дандон наметавонӣ шиканӣ, мағзи худаш мекафонаду берун меояд?! Хабарро ба ҳамдигар, ба падару модарам мерасондам, ки: “фалон неш задааст!”; онҳо ҳам хурсанд мешуданд.

Ҳамин тавр, дидори гӯсолаву барраи навзо, гурбаву сагбача бисёр ҷаззоб, диданӣ; навозишу бозӣ бо онҳо чунон хуш, чунон дилкаш …

Гул кардану мева бастани дарахтон, ба хусус навниҳолон болотар аз ҳар тавсиф аст, бино бар ин, бо як сухани хунуки шоиронаи “илҳомбахш" басанда мешавад…

Тамошои давидани каҷмокаҷаки об - ҳангоме ки ба ҷӯяи анору палак об сар медиҳӣ - дар дами он ларзидану рақсидани сабзаву кишта, аҷаб кайфияте дорад. Мӯрҳое, ки аз хонаи пуроби худ тухмашонро берун мекашонанд…

Манзараи дилангези дигаре ҳам аз он овон дар кӯлвори хотираҳо ҷо дорад, ки мехоҳам хонандаро ҳам шарик кунам. Ларзиши барги сафедор. Сафедоре, ки дар лаби ҷӯ доштему садбарге ҳам пайванд карда будам. Яъне, ки баргҳои сафедор пора-пора меларзиданд; аз як дарахт, як нуқтаи мудаввар меларзад; дар ҳоле ки аз ҷоҳои дигар барге такон намехӯрад. Дар лаҳзаи дигар нуқтае дигар ба ларзиш меояд... Яъне, ки бод тика-тика мевазад.

Тамошои қуллаҳои кӯҳи Хоҷа Қозиён ҳам гуворо буд. Бештар дар баҳорон. Гоҳе, ки абри сиёҳро чун салла печондаасту борон меборад. Гоҳе дигар, ки абри сафед дорад…

Лаҳзаҳое гуворо, манзараҳои маҳрамона, яъне, ки танҳо насиби туст…

### ***Боми ранга***

Хонаи мо дар Ёбизи Майда воқеъ гаштааст. Маҳаллаамонро Деҳгирдӣ мегуфтанд.

Бобоямон Мулло Ҷаббор Охунд ду ҳавлӣ доштанд: якеро, ки дар ҷои хонаи додарам Сатторҷон, рӯ ба шимол, воқеъ буда, чор ё панҷ дар хона дошт, харидаанд; дигареро, ки дар рӯ ба рӯи он буд, худашон сохтаанд. Ин иморат ду хонаи калон дошт, дар миёна айвон. Яке аз хонаҳоро Боми Ранга мегуфтанд. Ҳавлии якумӣ пас аз инқилоби болшевикҳо хароб шуда буд. Вақтҳои навҷавонии ман чӯбҳои болодариву паҳлудариву таҳдариро канда гирифтем, барои ҳезум.

Аз миёни ду ҳавлӣ ҷӯи об мегузашт. Он ҳоло ҳам ҳаст.

Дар лаби ҷӯй, дар ҳавлии Амирбобо се тут буд. Дар тарафи ҳавлии мо, дар бехи девор себи сурх буд, баъд тут, ток, биҳӣ, сафедор, боз ду дарахти биҳӣ, аз девор берун (дар тарафи ҳавлии Атобой як дарахти калони тути марворидак буд), дар ҳавлии мо - тути балхӣ…

Дар он ҷое, ки акнун ду бародарам хонаву ҷой дорад, замоне панҷ ҳавлӣ будааст.

Ду ҳавлиро рӯшантар гуфтам.

Ҳавлии севум аз они Амирбобо буд, ки акнун додарам ҳаёт дорад. Онҳо Ҷоназартеппа рафтанд. Апаам Ҷамилабону ба онҳо келин шуданд (ҳамсари писарашон Равшан).

Ҷои ҳавлии чорум, ки се дар хона дошт, дар поёни Чорбоғча буд, рӯяш ба ҷануб. Аз наздикии он бародарзодаам Абдурауф хона андохт.

Ҷои ҳавлии панҷум, ки ду дар хона дошт аз он болотар буд, рӯй ба қибла…

Мо дар Боми Ранга ба дунё омадаем. Хона 9 рав (болор) дошт. Миёни болорҳо вассаҳои рангӣ чидаанд, ки ба ҳамин хотир Боми Ранга мегуфтанд: (ҳисобро бо шумориши ҳамин вассаҳо ёд гирифтаам). Акнун пораҳое аз девори пушти хона боқист. Дар шифти хона парасту лона дошт; ҳар баҳор ҷуфташ меомад, бароямон шодӣ меовард; тухм мемонду чӯҷа во мекарданду ҳамагӣ мерафтанд. Гоҳе ба суроғи чӯҷаҳо мор меомад. Аз доду фиғони чӯҷаҳову падару модарашон бохабар мешудему бо ходаву бел ба дифоъ мехестем. Ва мор фирор мекард. Гоҳе меафтиду мекуштем.

Хона тоқу тоқчаву мина дошт - тоқ барои сандуқу кӯрпа, тоқча барои чойнаку пиёла, мина барои майда-чайдаҳое, ки кам истифода мешуданд.

Аз тарафи қиблаи ҳавлӣ девор буда, дарича доштааст, ки онро "ғуломгардиш" мегуфтаанд: яъне, ғулом ҳаққи даромад ба ҳавлиро надорад.

Беш аз се даҳсола аст, ки мераваму дар суроғи бӯю сурати падару модарам мешавам; гӯш меандозаму тасаввур мекунам, ки садояшонро мешунавам? Рӯи суфаи матрука, ки падарам менишастанду ба девори хона такя мекарданд, менишинам. Пораҳои дару деворро даст-даст мекунам. Ба ҳар ҳол, лаззат мебараму сабук мешавам…

*Писарам гуфт: Падар, аз ин дар чӣ мехоҳӣ?*
*Гуфтам: писарам, бӯи сафои падарам.*

(Шаҳриёр)

## *Дурӯд Офтоб! Падрӯд Офтоб!*

Ҳама Ҷоназартеппа рафтанду мо пас мондем. Падар ҳам ҷое ҷудо карданду гирдашро девор гирифтанду кунҷит кориданду девори хонаро ҳам бардоштанд. Боми хонаи тарафи қибларо ҳам луч карданд, чӯбҳоро барои бурдан омода карданд, аммо ароба набуд, ки бибаранд. Ҷанг сар шуду мо мондем.

Соли сеюми ҷанги Олмон буд, ки раҳматии Абдулло-язнаамон аз ҷанг баргаштанд, дар ҷои пештараи худ райис шуданд.

Ва маслиҳат доданд, ки мо накӯчем:

- Ҷои гузаштагон аст, бекас намонад… Оҳиста-оҳиста ҳамсоя ҳам пайдо мешавад…

Маслиҳатро падарам писандиданд. Ва гуфтанд, ки ҷояшро ҳам нишон диҳанд.

Замину хонаи нимасохти Ҷоназартеппа дар ихтиёри Нуралӣ Муҳоҷири Дурман монд. Ҳамон соли аввал падар дар ҳаёт кунҷит кориданду ҳосили хуб бардоштанд. Тирамоҳ, ки кунҷитро даравида, ғарам карда буданд, бо акоям банди кунҷитро меҷулондему мехӯрдем.

Ва нишон доданд: аз тарафи офтобшини ҳавлии худамон, боғи Атобой - падари Акрам-ако.

Ва падар хонаро сохтанд: як хонаи берун, як хонаи дарун; рӯяш ба Офтоббаро, пушташ ба Офтобшин.

Хонаи калонро тахтбом карданд: 7 болори Боми Рангаро оварданду монданд (ду болор кафида буд). Аммо барои даҳлез чӯби даркорӣ ёфт нашуд; моҳипуштӣ карданд.

Намедонам, нақша аз рӯи диди кӣ буд: падарам? Язнаам? Ё модарам?..

Аммо маънии амиқе пинҳон дошт, аз он бисёр шод будаму руҳ мегирифтам: вақте пагоҳӣ аз хона мебароӣ, Офтоб аз сари Кайкӯҳ (Хоҷа Қозиён) ба рӯят механдад ва ту салом мекунӣ; ҳангоми шом Офтоб, ки ба хонааш меравад, ту ҳам аз пушти Вай ба хонаи худ медароӣ…

### *Дучарха*

Аз солҳои 52-53 гашти чархи рӯзгор муътадилтар шуд. Ҳам колхоз метавонист пули меҳнати бародару хоҳарамро диҳад, ҳам кирмак мегирифтему даромади нағз меёфтем.

Дар дилаки ман ҳам орзуҳои болдоре пайдо шуд, ки муҳимтаринаш - дучарха буд. (Онро “Шайтон-ароба” ҳам мегуфтанд).

Барои ин даъво баҳонаи хубе доштам: мактабхона дур буд - агар ҳам се километр набуд, аз ду км бештар буд. Чанде аз ҳамсинфонам, чунончи Ҳаймурод, Панҷӣ, Холмат дучарха доштанд. Шамолаш маро ором намегузошту ман бузургонамро.

Ва рӯзе ҳам расид, ки падар мувофиқат карданд. Ба шарте, ки аз кирмак пиллаи хуб рӯёнда тавонем.

Шавқи дучарха ба парвоз оварда буд. Донистам: калиди дучарха ба пои кирмак баста аст. Ва ҳар чӣ аз даст меомад, анҷом медодам.

Ва соли 54 пиллаи нағз гирифтем. Падар ба ваъда вафо карданд: 750 сӯм доданд.

Он замон дучарха дар фурӯш кам меомад. Ҳарчи меомад, аз база (дар гӯйиши мардум: “Боз”) тамом мешуд.

Шарофбой, шиноси падарам дарбони Боз буданд. Ба гуфтаи падар, пулро бурда ба Шарофбой додам. Он кас гуфтанд, ки хабар гирифта истам.

Ман, рӯз дар миён хабар мегирифтам. Аз омадан, монда нашудам, аммо Шарофбой, аз “нест, наомадааст” гуфтан, монда шуданд…

Пас аз чанд моҳе, ки ба дари Боз пиёда мерафтам, рӯзе расиду савора баргаштам.

Номаш “ЗИФ - Пенза” буд.

### *Хонасозӣ*

Синфи ҳафтум ба поён расид.

Хостам барои худам ҳуҷрае созам. Падару модар писандиданд.

Аз Усто Марқа, ки ҳамсояамон буд, хоҳиш кардам як қолаб барои як хишти калон сохта диҳад. Сохта дод.

Аз аввали таътил корро сар кардам. Бо шавқи тамом корро анҷом додам.

Хиштрезӣ ба поён мерасид, ки аз Қаршӣ Назирқул - писари Абдуғаффор, писари Мулло Ҷаббор (аз ҳамсари насафиаш) меҳмон шуд; нахустин бор омаданаш ба Қубодиён буд. Дар бозгашт Модарамро бурданӣ шуд; ман ҳам ҳамроҳ шудам. Тӯхта-момо, хушдомани Ҷамила-апаам ҳам буданд.

Бори якум аз Қубодиён берун шуданам буд. Сафаре бисёр ғалатӣ пеш омад.

Сталинобод. Шабе дар хонае аз шиносони Тӯхта-момо мондем. Билети қатор гирифтанд. Бори нахуст қаторро медидаму савор мешудам. Дар рафи боло хоб будам, ки садои якнавохт садҳо баробар зиёд шуд; бо даҳшат бедор шудаму ба поён ғалтидам. Тифоқо, Тӯхта-момо нишаста будаасту дар бағалаш афтодам; бо дастонаш гирифту гуфт:

- Натарс, натарс, аз шикофи кӯҳ мегузарем.

Берун, ҳама ҷо торик буд. Пас аз чанд дақиқа аз шиками кӯҳ берун шудем.

Қаршӣ шаҳри азиму аҷибе буд. Дар канори шаҳри Насаф қалъае сохтаанд, номаш “Қаршӣ”, яъне “Қалъа”. Рафта-рафта ин “Қаршӣ” номи “Насаф”-ро танг мекунад.

Хуб тамошо кардем. Ака Назирқул мошинист буданд, маро ба паровоз савор карданд, то Китобу Шаҳрисабз шаҳрҳое, ки номашонро зиёд шунида будам, бурданд.

Саломат-амма, Назира-момо, Уғулой-янга, Ниёзбой-бобо, ака Латиф, ака Рауф, Қосимхон-эшон, ки ҳамагӣ нисбате ба бобоямон доштанд, нағз меҳмондорӣ карданд…

Пас аз ду ҳафта баргаштем.

Акаи Зарифам омаданд. Тарҳи ҷои хонаро кашиданд: аз тарафи шарқии девори хонаи дарун, ки доштем; бо дару тирезае ба ҷанубу тирезае ба шарқ. Ман лой ва хишт медодам, акаам мечиданд.

Дар Чорбоғча дарахте рӯйида буд, номаш Урусидарахт; рост монанди ар-ар. Солҳо пеш ба ниҳолонаш афзуда,

шохаҳояшро зада, парвариш карда будам. Барои болори хона, ҳафт дарахтро буридам, пӯст кандам; хушкиданд. Болорҳои сафеди зебо... Боз ҳам акаи Зарифам омаданду хонаро пӯшиданд. Ловидем, сафед кардем; даромадам.

Хостам, ки мизу сандалӣ ҳам дошта бошам. Падарам як сандуқи меросӣ доштанд, номаш Яхдон; ба ман доданд. Аммо он паст буд. Чор қатор хишт чидаму болош мондам - шуд ҳам миз, ҳам китобдон. Аз бозор ба ду сӯм як чорпояи дастсоз харидам; ба ҷои курсӣ…

Замини хонаи Модарам рафта-рафта паст шуд. Модарам зиёд нороҳат мешуданд ва мегуфтанд: “Гӯё ба гӯр медароям”. Водор карданд, ки фарши хонаам баланд шавад. Ва ман ҳам хок андохтаму қариб як метр аз ҳавлӣ баландтар кардам. Хоҳарамон ҳуҷраро бо меҳри тамом ороста буд. Дар тирамоҳ гирдогирди хона биҳӣ меовехт, дар баҳорон гули санҷит.

Ҳуҷрае ҷудогона нобоб будааст, ниёз ба даҳлез доштааст. Ва соли оянда, ҷои дарро тиреза кардам, аз ҷои тирезаи шарқӣ дар боз кардам ва аз ҳамон тараф даҳлезе сохтам.

Ин хоначаву даҳлез барои Модарамон хеле писанд буд. Дар поёни умр давраи бемориашонро дар ҳамин даҳлез гузаронданд.

Соле баъд, ҳамроҳи бародарамон як хона бо даҳлезаш сохтем.

### ***Марде зиндадилу пурхурӯш***
*(ё: Боғҳои Ҷӯрақул-корвон)*

Ин кас, ҳам аз тарафи падар хеш буданд, ҳам аз тарафи модар. Шояд ба ин хотир, ки модар наздиктар аст ё бо пайравӣ аз модар, ки “тағо” мегуфтанд, мо низ ҳамагӣ “тағо” мегуфтем.

Тағомон дар ҳамин шакл, яъне “Ҷӯрақул-корвон” машҳур буданд. Гоҳе танҳо “Корвон” ҳам мегуфтанд. Часпидани лақаби “Корвон” ба номи тағомон зиёд саҳеҳ нест, мебоист "Сорбон” мегуфтанд, ё “Корвонбошӣ”. Аммо бо мардуми авоме, ки лақабро дода ва машҳур кардаанд, наметавон баҳс кард (ба вежа, пас аз ҳодиса).

Тағомон аз хурдӣ шавқе ба шутур доштаанд, ба шутурҳои бобомон наздикӣ мекардаанд. Ва корро то ҷое расондаанд, ки худашон ҳам соҳиби як шутур шудаанд.

Пас аз инқилоб, аз тарси ҷон, тағомон фирор мекунанд; дар домани Чашмаҷон, дар маҳалли Тулхор, ки ҳама сокинонаш рафтаанд, хонаву ҷой месозанд. Шутури худро ҳам мебаранд.

Дар замони инқилоби болшевикҳо бисёр касон шаҳид шуданд; хеле касон фирор карданд; бештарин ба берун аз кишвар; баъзеҳо нахостанд ё натавонистанд берун раванд. Яке аз он фирориён Аҳадхон Хӯҷаев буданд, ки дар маҳалли Лаклакуё (Лаклаки Гӯё?) бо хонаводаашон ҷо гирифтанду дар синни 67 соли 1994 аз дунё рафтанд.

Солҳои бистуму сиюми мелодӣ воситаи муҳимтарини нақлиёт шутур буд. Ва шутурҳои колхози "Каланди сурх" бар уҳдаи тағои мо гузошта шуд. Чанд нафари дигарро ҳам дар зери дасти худ доштаанд. Ва Ҷӯрақул-корвон бор мекашиданд, то худи Сталинобод ва аз Сталинобод то Қубодиён.

Чанд таърифнома, ки "Тоҷиктранс" ба тағомон додааст, нишон додаанд, дидаам.

Боре нақли ғариби хандадоре карданд. Гуфтанд: аз Сталинобод бор меовардам - орду рӯғану собуну … Дар роҳ ҷое истодем, нонхӯрӣ. Борҳоро фуровардем. Ба шутурҳо хӯрок партофтем. Дар шумори борамон шишаҳои об ҳам буд. Дар коса нон реза кардему як шишаӣ об рехтему ба хӯрдан сар кардем, ки тунд буду хӯрда намешуд. Ҳамроҳонам нахӯрданд, ман хӯрдам, то нон убол нашавад; чанд соат гарангу хоболуд будам. Баъд фаҳмидам, ки арақ будааст…

Солҳои ҳафтодум, ки васоили пешрафтаи нақлиётӣ фароҳам шуд, ниёзе ба шутур боқӣ намонд. Колхоз шутурҳоро нобуд кард. Аз шутурҳои худи тағомон ду сар монда буд, ки онҳоро низ ба саҳро сар доданд.

Барои хотираи шутурҳо ду ҷиҳозу чанд зангӯла нигоҳ медоштанд; дар бағали шохаи чанори лаби Ҷӯи Чашмаҷон.

Ду зангӯла - яке бузургу дигаре хурдро ба ман доданд, хурдиро ман ба духтарам Манижаҷон додам …

Тағомон марде танумандУ тавонманд буданд. Чандин боғ обод карданд. Чунончи: зардолузори бузурге, токзори бузурге. Мегуфтанд, ки дар ҳамин токзор аҷинаро дидаанд, дар шакли ҷавонзане, мӯй шона мекардааст.

Боғҳои дигари тағомон анорзору санҷидзор буд. Як майдони бузургро ба тутзор табдил доданд. Токзори пешинаашон нобуд шуд, боғи дигаре обод карданд.

Лаб-лаби ҷӯи Чашмаҷон чанорҳое шинонданд, ки бисёр бузург шудаанд. Ҳавзе ҳам сохтаанд, ки бузургу пуроб буд. Пуроб ҳаст. Гирдогирди ҳавз чинорҳо…

Ҳар сол аз аввали баҳор бо кори палак ҳам машғул мешуданд: майдонеро харбузаву тарбуз мекориданд, парвариш мекарданд; ҳангоми харбузапаз раҳо мекардандУ ба хона бармегаштанд, дар вақти даркорӣ мерафтандУ об медодандУ барои хона харбузаву тарбуз меоварданд. Ҳар касе, ҳар раҳгузаре медаромадУ мегирифтУ бо худ мебурд.

Тағомон ҳеҷ меваеро намефурӯхтанд. Ба тааҷҷуби мо гуфтанд:

- Инҳо ба оби Чашмаҷон рӯйидаанд, оби Чашмаҷонро намефурӯшанд…

Шавқи боғпарвариҳои тағоям ба писарашон Рӯзибой, гузашта буд: вай, замоне ки дар идораи роҳсозӣ кор мекард, ду канори роҳи маркази колхозро то бехи риштакӯҳ, ки чандин километр фосила дорад, санҷид шинонд ва ба ҳосил расонд.

Боғу киштзор ба се чиз ниёз дорад: обу замину нерӯ. Обу замин дар муҳити тағомон фаровон буд, нерӯро ҳам фаровон доштанд. Он кас аз рағбату хоҳиш ва завқи сабзипарастӣ саршор буданд.

Тағомон хеле ҷавон издивоҷ кардаанд. Замоне ҳамсарашон лозим медонад, ки ба шавҳар зани дигар бояд дод. Ва худаш зан медиҳад. Ҳангоме синни тағомон аз ҳафтод мегузарад, бори севум издивоҷ мекунанд: бо як хонуми қирғизи сивуандсола ва аз вай ҳам як писар доранд.

Нақлҳои воқеии пандомӯз бисёр мекарданд. Аз ҷумла яке ин аст: Яке аз домуллоҳое, ки дар Бухоро хондаанд (номашонро тағоям гуфта буд, ман фаромӯш кардаам), дар Қӯшачинор паноҳ бурдаанд. Рӯзе тағоям хабаргирӣ меравад. Домулло марде нурониву мулоим будаанду ҳамсарашон сахтгап; ба домулло гап мегардондааст, аммо ҷавоби домулло чунин будааст: “йа, йа, инта нагӯед, инта нагӯед...”. Занашонро “Шумо” мегуфтаанд.

Монанди ин нақлро аз рӯзгори орифон бисёр хондаам, ки яке қиссаи Абулҳасани Хирақонӣ аст…

Эътиқодоти қавии аҷибе доштанд, тағомон.

Тасбеҳе доштанд, бо донаҳои бешумор. Ҳар куҷо пире, бузургворе мешуниданд, ба зиёрат мерафтанд (аз ҷумла, ба дидори Эшони Шарифхони Ҳисорӣ расидаанд); ҳар куҷо мазореву оромгоҳе мешуниданд, зиёрат мекарданд (аз ҷумла оромгоҳи Шайх Аҳмади Ясавӣ дар Туркистони Қазоқистон, мазори имом Ҷаъфари Содиқро дар баландкӯҳи Кӯлоб зиёрат кардаанд) ва донаеро ба тасбеҳи худ меафзуданд. Донаҳои тасбеҳашон аз ҳафтсад гузашта буд. Ва ҷолиб ин буд, ки ҳар яке аз ин донаҳо соҳиб дошт ва аз Худо оғоз меёфт. Дар ҳамин шумор Мазор-дарахти мо низ буд. Донаҳои тасбеҳ якхела набуд, гуногун буд: садаф, марҷон, шишаӣ, чӯбӣ, пластикӣ, ранга ва гуногунҳаҷм; аз ҳама бузург азони Худо буд, каме хурдтараш аз они паёмбар.

Ҳамон кори тағоямро, ба тарзе, худам ҳам анҷом медиҳам: ба ҳар рӯзи ғурбат як рақам афзуда мешавад - ҳамин имрӯз 30 исфанди соли 1383-и хуршедӣ (20 марти 2005) донаҳои ман ба 4490 расид.

Пас аз даргузашти тағоям, хеле дунболаш гаштам, ки он ёдгорӣ бо ман бошад. Ҳангоме ҳаёт буданду ба аёдаташон рафтем, ҳамин маъниро ба худашон ҳам гуфта будам. Писаронашон пайдо карда, додандам, аммо тасбеҳи муназзам набуд, кандаву парешон буд, яъне, ки дигар тасбеҳ набуд, балки як ҳавучдона буд.

Боре тағомон гуфтанд: як шутурро ба хотири Султон Увайси Қаранӣ ва Имом Ҷаъфари Содиқ садақа кардам, ба мардум тақсим кардаму додам. Дар сояи чанор хоб будам, рӯзона; пире сафедпӯш, бо асо пайдо шуду гуфт: “Як асо ба ду кас мешавад? Як эзорро ду кас мепӯшад?!” Бедор шудам; донистам, ки як чиз ба ду бузургвор назр намешудааст. Хестаму ду гӯсфандро ба он ду бузургвор назр кардам.

Мо хонаи тағомон зиёд мерафтем. Гоҳе бо Абдураҳим, гоҳе бо Бахтиёр... (Ин дӯстам аз корномаи тағомон мафтун шуданду чизе навиштан мехостанд). Ҳар гоҳ мерафтам, як рӯз, гоҳе бештар мемондам; бо худ китобе мебурдаму мехондам; тағомон мегуфтанд: “Ба ту асп диҳам, кам аст”.

Ҳар гоҳ хонаи мо меомаданду модар кӯрпачаи нав мепартофтанд, эътироз мекарданд: “Одам садқаи кӯрпача шавад!” Аммо ҳангоме мо хонаи тағомон мерафтем, чанд қабат кӯрпача меандозанд ва таъкид мекарданд: “Ин кӯрпача садқаи ту шава!”.

Ҳар бор таъкид мекарданд, ки барои ҷавоби чой фалон чордевор наравем: ҷувозхона аст. Маҳалли иқомати тағомон пеш аз инқилоби болшевикҳо, маҳалли ободе будааст. Аммо ба андозае матрука шуда буд, ки тағомон танҳо зиндагӣ мекарданд.

Солҳои ҳаштодум ҳамаи чордеворҳои боқӣ аз давраи қабл аз инқилобиро ҳамвор карданду ба замини кишт табдил доданд. Ин ҳангом чизҳое падид омадааст, аз ҷумла, кундаи сангини ҷувоз. Онро мо дидем; дар ҳавлии писарони Тешабой истодааст.

Тағомон мегуфтанд: олимҳо омаданд, дар ун домани кӯҳ гӯристони куҳна будааст, кофтанд. Як рӯз гӯсфанд куштаму рафта овардам. Гуфтанд, ки ин гӯристони чандҳазорсола аст, корду ханҷару гарданбанду ҳалқаву ангуштариҳо нишон доданд. Дар он замон одамро бо ин чизҳо гӯр мекардаанд…

Серфарзанд буданд, тағомон. Арслонашон дар ҷанги Олмон шаҳид шуд. Тешабой ва Рӯзибой даргузаштанд (Худо раҳматашон кунад). Давлат, Абдураҳмон, Зиёд - писари хурдиашон ва чанд духтарашон ҳаётанд.

Мо ки насли дувум бошем, камубеш рафтуомад доштем. Насли севум - бачаҳои мо ҳамдигарро камтар мешиносанд. Магар нагуфтаанд: меҳр дар дида аст?..

Марде бисёр зиндадил ва дасткушод буданд, тағомон. Ҳеҷ гоҳ, ҳатто дар бемориашон, ки медонистанд сафари абадӣ дар пеш дорад, осори яъсу навмедӣ аз чеҳраашон хонда намешуд. Вақти бемориашон ба аёдаташон рафтем, ҳамроҳ бо хонум, Бахтиёру Шодимурод. Аз боғам (дар Гулбутта) гелос бурдам, аз гелоси пайванди худам. Тағом бо хушҳоливу шукрона хӯрданд. Он дидори охирини мо будааст. Ҷои таъкидро дорад, ки дар поёни умр ҳам шод буданду шӯхӣ мекарданд. Инро хуб медонистанд, ки дилтангӣ зарар дорад, барои саломатӣ. Шодимуроди азиз филмбардорӣ ҳам карданд.

Гуфтанӣ ин аст, ки дар поёни кор ҳамсари якумашон дар канорашон буд…

Вақте падарамон омодаи сафари охирин мешуданд, диле ноором доштанд: бародари хурдимон - Satторҷон хонадор нашуда буд. Ин масъаларо дар гардани тағомон монданд, он кас ҳам қабул карданд; ва падар оромиш ёфтанд.

***Ҷавдор.*** Тирамоҳи соли 1965. Падар бемор хобидаанд. Ҳар чӣ мехӯрданд, мегардонданд. Яке аз дӯстонашон Муҳаммадсаид, ки аёдат омада буд, гуфт: “Оби ҷавдор фоида дорад”. Аммо ёфтани ҷавдор…

Ҷӯрақул-тағомон омаданд. Гуфтам. Ба фикр рафтанду чизе нагуфтанд. Шаб истоданду фардояш рафтанд. Фардои дигар омаданд, бо се кело ҷавдор.

Гуфтанд:

- Хеле гаштам. Ба худ гуфтам: шояд аскарҳо дошта бошанд, барои еми аспашон. Айвоҷ рафтам. Доштанд…

Ҷавдорро шустанд, ҷӯшонданд, аз обаш ба падар доданд. Аммо фоидае надошт. Дарди падар бедармон будааст.

Ҳам падарамон, ҳам модарамонро дар манзили охирин ҳамин тағои бузургворамон ҷой кардаанд.

Ҷояшон аз ҷаннат бошад, тағои бузургворамонро! Сухан дар бораи тағомон бисёр аст; ҳар чӣ гӯям, тамом намешавад. Аммо ночорам, бо ду пораи дигар ба поён расонам.

Чашмаҷон, ки сарчашмааш дар масофаи 7-8 км шимоли шарқии маҳалли тағомон воқеъ гардидааст, муъҷизаи тамомаёри табиӣ мебошад: аз бағали кӯҳе, аз 44 чашма оби софи зулоли зулол ҷӯш мезанаду наҳри бузургеро ташкил дода, ба гуфтаи "Донишномаи Шуравии Тоҷик", ҳазор гектар заминро шодоб мекунад.

Чашмаҷон дарахт бисёр дошт, бештаринашон бедҳои кӯҳансол, тут, ки шояд ҳам ҳазорсола. Акнун бисёре аз онҳо хушк шуд, ё решакан карданд.

Дар канори чапи Чашмаҷон гӯристони бостонӣ ҳанӯз боқист.

Ва аммо мағзи муъҷиза мору моҳист. Моҳӣ ҳисоб надорад - моҳии гулдор; мораш нисбатан камтар. Вақте даст ба об дароз кардед, моҳиён паропар мекунанд, дастони шуморо мелесанд: нон мехоҳанд.

Мегуфтанд, ки моҳиён назаркардаанд, шикор кардану хӯрданашон мумкин нест, ҳар кӣ хӯрад - мемирад…

Маълум шуд, ки моҳиён дар узве аз худ заҳр доштаанд.

Чашмаҷон барои мардуми тамоми минтақа ҳам зиёратгоҳ буду ҳам истироҳатгоҳ; бузе ё гӯсфандеро барои амре назр мекарданд, меоварданд, мекуштанду мепухтанду мехӯрданд.

Солҳои шастум, ки идеологияи болшевикии Шуравӣ гомҳои музаффарона бардошта буд, Чашмаҷонро ҳам тахтабанд кард, ба анбори чӯбу тахта табдил дод, оромгоҳро хароб кард; ҳатто паранда наметавонист сари чашма дарояду об нӯшад. (Рӯзноманигор Наримон Бақозода дар ҳамин мавзуъ мақолаи танқидӣ ҳам навишта буд)...

Тағомон гуфтанд: шабе хоби нохуше дидаму рӯз нашуда ба роҳ даромадам; Чашмаҷон рафтам; дидам, ки мазорро валангор кардаанд. Дар болосари Чашмаҷон, дар баландӣ мазори калоне буду зиёрат мекарданд. Устухонҳои одам шикаставу парешон. То тавонистам ҳамаро дар доманам ҷамъ кардам. Устухони зонуе буд, бисёр дароз, чен кардам, ба рони ман мерасид. Ҳамаро ба рӯймолам печондам; як бел ёфтам; гӯристон бурдам, гӯре кандаму устухонҳоро дафн кардам…

Солҳои ҳаштодум буд, ки фишори мардум бар ҳукумати ноҳия афзуд ва мақолаҳои интиқодӣ дар матбуоти марказӣ ҳам чоп шуд ва Чашмаҷонро аз занҷирбандӣ озод карданд. Дар замони истиқлоли Тоҷикистон ҷои оромгоҳро низ обод карданд.

Яке аз хотираҳои ширине, ки бастагӣ ба тағоям дорад, сафаре ба Чашмаҷон аст. Аслан Бешканд (ё Пешканд) бисёр мерафтам, ҳамешу китобам дар бағал буд; тағоям таҳсин мекарданд.

Боре (соли 1956-1957 буд) ба дидани тағоям рафтам. Гуфтанд, ки "мехоҳӣ, зиёрати Чашмаҷон равӣ?" Албатта, ки мехостам.

Шаб хобидем. Бомдод бедор шудам, ки тағоям аспро зин кардаанд. Аспи сиёҳи зебое доштанд, тағоям.

Наҳор хӯрдему ба роҳ даромадем. Маро ба асп савор карданду худашон пешопеш пиёда ба роҳ афтоданд. Бароям бисёр нохуш буд. Ҳарчанд исрор мекардам, ки ман ҷавонам, ба асп савор шаванд, мегуфтанд: "Каме пиёда равам". Мегуфтам, ки ҳамроҳ савор шавем, ҳамон гапро такрор мекарданд. Ҳамин минвол, лаб-лаби ҷӯи Чашмаҷон то сарчашма расидем. Аз чеҳраи тағоям осоре аз хастагӣ эҳсос намешуд…

Сухан аз Ҷӯрақул-корвон нисбатан ба дарозо кашиду ҳанӯз ҳам комил нашудааст, ки сабабҳое дорад: ҳам муҳаббату эҳтиром баланд буду баланд ҳаст, ҳам корномаашон бузург буд, ҳам рабте ба Чашмаҷон - гавҳари гаронбаҳои сарзаминамон дорад. Ҳамон гавҳаре, ки аз он ҳатто Самъонӣ ёд кардааст.

### *Ҳикояте дигар…*

Чун сухан аз Чашмаҷон пеш омад, ғанимат аст, ки ду ривояту ду воқеияти дигар ҳам гуфта шавад.

Ва аммо нахуст - **воқеияти якум**.

Воқеият ин аст, ки Чашмаҷон дар канори чапи худ масҷиде бостонӣ дошт, сохташ дар шакли Г буд. Ишора шуд, ки ин масҷидро ҳам батамом хароб карданд.

Солҳои ҳаштодум, ки ба зиёрати Чашмаҷон рафтаму ҳар чашмаву ҳар сангашро муойина мекардам, нишоне аз масҷиди нобудгашта ёфтам. Чӣ нишоне!

Порае аз як сутуни масҷидро дар ошхона истифода кардаанд; ба ҷои паҳлударӣ. Пораи сутуне, ки дар худ санаи 134 (134)-ро дорад.

Маълум нест, ки ошхонасозон дониста ҳамин пораро нигоҳ доштаанд, ё аз тасодуф пеш омадааст. Ба ҳар ҳол, таърихи сохта шудани масҷидро маълум мекунад. Масҷиде, ки худаш акнун нест.

**Воқеияти дувум.** Чашмаҷон бисёр мерафтем. Яке аз сафарҳо, ки сахт буд, дар хотир нақш бастааст ҳамроҳ бо Уроқу Абдураҳим буд.

Уроқ-бӯлаам ду сатил ангур аз боғашон гирифта буд; ангури сиёҳ; барои фурӯхтан.

Мо ба Чашмаҷон бегоҳӣ расидем. Рафтано, савдо сар шуд. Ҳар кело - панҷсумӣ. Ними шаб буд, ки ангур тамом шуд.

Дар ҳамонҷо хобидем. Бомдод, пеш аз ҳама Абдураҳим бедор шуд. Бедор шуду даҳ сӯм пул ёфт. Яъне, ки пули ду кело ангур, на Абдураҳим пулро ба соҳибаш дод, на Уроқ талаб кард.

**Ривояти якум.** Ва аммо ниме аз ин ривоят воқеият дорад. Ва он нимаи воқеият ин аст: дар ҳамон канори чапи сарчашма, дар баландӣ, рӯи тахтасанги сафеди хеле бузурге, ки зери по ҳам ҳаст, нақши пешониву зонувону кафи дастон мавҷуд мебошад.

Мегӯянд, ки Ҳазрати Алӣ (а) ҳамин ҷо намоз гузоридаанд. Он бузургмард ҳам вазнин будаанд, ҳам ин андоза бисёр намоз гузоридаанд, ки пешониву кафи дастону зонувонашон ба санг фурӯ рафта ва ҷояшон нақш бастааст.

**Ривояти дувум**. Мегӯянд, ки даҳмардае дар сари чашмае дар Ҳисор асояшро канораш мегузораду дасту рӯяшро мешӯяд. Ногаҳон мебинад, ки асояш лағжиду ба об рафт ва дар даҳанаи чашма се бор тоб хӯрду сар ба пойин ғӯтиду нопадид гашт. Даҳмарда, ки ҳайрон монда буд, ҳарчанд поён давиду боло рафт, асояшро наёфт…

Даҳмарда муъҷизаи афсонаи асояшро ҳама ҷо мегуфт. Боре, дар ҷое гуфт, ки яке аз ҳозирон гуфт: асоеро дар Чашмаҷон пайдо кардаанд.

Даҳмардаи асогумкарда ба суроғи даҳмардаи асоёфта меравад, пайдо мекунад. Асоёфта нақл мекунад, ки бомдоде дар сарчашма дасту рӯй мешуст, ки асое аз чашма берун омад.

Асоёфта асоро дар хонааш нигоҳ доштааст, оварда нишон медиҳад. Асогумкарда мешиносад, ба дасташ мегирад, сарашро тоб медиҳад, аз сархонаи асо ҳафт сиккаи тило мерезад. Асоёфта ҳайрон мемонад. Асогумкарда чаҳор сиккаро пеши асоёфта мегузорад, вай рад карданӣ мешавад, ки ин мегӯяд:

- Гумшудаи ман бозёфти шумост, бояд ки баробар тақсим шавад, асо ҳам баробари як сикка қурб дорад…

### ***Чанд тулхорӣ***

Домани Чашмаҷонро "Тулхор" мегӯянд;[70] сокинонашро "Тулхорӣ".

Ва ин тулхориҳо аз табори қазвиниву шириниву носириву маҳаллотиву румониҳо ҳастанд. Аз табори бисёру бисёр наздикашон.

Бовaратон намешавад, таваҷҷуҳ кунед.

***Осиёб.*** Тулхориҳо осиёб надоштанд. Хостанд, осиёб созанд.

Ҷои муносибро ҳам ёфтанд: дар теғаи кӯҳ. Ҷӯи обро аз поён то теғаи кӯҳ кандан лозим, осиёбро дар поён месозанд; об аз баландӣ бошиддат поён меояду сангро гардон хоҳад кард.

Ҷӯйро то домани кӯҳ канданд. Шаб шуд. Рафтанд. Бомдод омаданд. Ҷӯйро канда-канда, то як баландӣ расиданд. Шаб наздик меомад. Баргаштан лозим. Аммо роҳи фуромад ёфт нашуд.

Ин замон мурғе парвоз кард.

---

[70] Муаллим А. Девонақулов дар бораи маънии ин ном дар китоби "Асрори номҳои кишвар" мақола навиштаанд.

Ақлак гуфт:

- Дидед, ки паранда бол дорад, мо ҳам аз кавора бол дуруст мекунем.

Ва ҳама аз кавора дутоӣ ба зери бағали худ бастанд.

Ва ҳама, баробар, бо фармони ақлак парвоз карданд.

Ҳама ба ҷарӣ ғалтиданду мурданд.

***Аввал почадорашро хӯред!*** Мири Қубодиён дар бораи тулхориҳо бисёр шунида буд. Аммо бовар намекард. Хост имтиҳон кунад.

Фармуд, калонҳои Тулхорро ба меҳмонӣ даъват кунанд.

Даъват карданд. Ҳафт тулхорӣ ба меҳмонии мир омад.

Тобистон буд. Тулхориҳо Гулгунхона омаданд. Аспашон аз ғарав буд. Аз асп фуромаданд; аз ҳавз об доданд; баъд дар шохи бед бастанд.

Меҳмонҳоро ба меҳмонхона даровarданд.

Мир фармуда буд, ки рӯи дастархон ҳамроҳ бо мавизи сиёҳ 50-60 гамбускро ҳам рӯи лаълӣ гузоранд. Мир ҳам дар пешгоҳ нишаста буд.

Вақте дастархонро боз карданд, тулхориҳо диданд, ки баъзе мавизҳо гурехтан доранд. Ақлак гуфт:

- Аввал почадорашро хӯред, ки мегурезанд…

Мир донист, ки инҳо дарвоқеъ ҳам тулхорӣ будаанд.

***Хонасозӣ***. Чанд тулхорӣ хост хона созад.

Лой омода шуд. Ҷои хонаро муайян карданд.

Барои он ки лой додану девор задан осон бошад, лойро дар миёнаҷои хона ҷамъ карданд.

Ва деворзаниро сар карданд. Ду кас лой медоду як кас девор мезад.

Вақте кор анҷом шуд, диданд, ки одамони лойдиҳанда баромада наметавонанд: хона на дар дошт, на тиреза.

***Қурбоққачой.*** Ҳукумат супориш кардааст, ки тулхориҳо боғ бисозанд. Ҷояшро нишон додаанд, ниҳол ҳам овардаанд.

Рӯзе намояндаи ҳукумат омадааст, ки боғи тулхориҳоро бинад.

Дидааст, ки ҳама ниҳолҳо каллапо шинонда шудаанд. Яъне, реша бар осмону шоха дар замин.

Намоянда тааҷҷуб мекунад. Аммо чизе намегӯяд. Вайро меҳмондорӣ мекунанд. Дастархон, нон… ва чой. Чашми намоянда ба чойдамкун меафтад: аз чойҷӯш ба чойнак як қурбоққа даромад. Аммо чойдамкун бепарво чойникро оварду пеши меҳмон монд.

Ва меҳмон хесту гурехт.

Бача будаму ин ҳикоятҳоро борҳо шунидаам. Аммо ин яке аз ҳикояти воқеист. Солҳои ҳафтодум рух додааст. Тағомон Ҷӯрақул-корвон, ки дидаанд, мегуфтанд:

**Филаг.** Аз марказ телефонӣ супориш кардаанд, ки:

- Фардо котиби дувум диданӣ меравад; ҳама ҷо покизаву батартиб бошад; нағз пешвоз гиретон; дар симчӯби майдони рӯи ҳавлии идора филаг ҳам бардоред…

Аз ин тараф мепурсанд:

- Шир ҳам дошта бошад?

Аз он тараф мегӯянд:

- Ҳама кор аз рӯи қоида бошад …

Фардош, ҳангоме котиби райком меояд, мебинад ки дар нӯги симчӯб филяга овезон аст. Вақте тааҷҷуб мекунаду мепурсад, мегӯяндаш:

- Ба пешвози шумо бардоштем, пури шир ҳам кардем…

Манзурашон аз “флаг” парчам будааст, тулхориҳо “фляга” фаҳмидаанд - зарфи шир.

### ***Аммаи Менгнор***

Яке аз амакҳоям, ки ба гумонам, номашон Ҳамроқул буд, дар ҷавонӣ гузашта ва аз он кас ҳамин як духтар мондааст; дар Ғозималик; ҳанӯз ҳам ҳамон ҷо зиндагӣ мекунанду давлати пирӣ меронанд. Ду писари баркамол доранд: Тешабой ва Сангалӣ; духтарашон Чамангул ҳудуди даҳ сол пеш даргузашт, Худо раҳматаш кунад. (Писараш Шамсиддин, ҷавони меҳрубонест, омадурафт дорем).

Боре, шабона аз Қубодиён меомадем; ҳамроҳ бо шоир Зиё Абдулло. Дар роҳ мошин вайрон шуд; тақрибан даҳ километр монда то Ғозималик. Ҳар коре кардем, чизе аз дастамон наёмад. Шаб аз ним гузашта, мошинҳои раҳгузар ҳам кам буд; он чи ҳам мегузашт, намеистод; яке, ки истод, натавонист дуруст кунад.

Маслиҳат бар ин шуд, ки Зиё даруни мошин монаду ман пеши бӯлаҳоям равам. Рафтам. Вақте ба Ғозималик расидам, ба дилам оташ афтод: Чаро Зиёро танҳо гузоштам? Бадӣ ба бадӣ, Сангалӣ ҳам дар хонааш набуд; вай аз тоифаи онҳоест, ки оромиро намедонанд. То ин ки аммаам Сангалиро пайдо кунад, дар тасаввурам соле гузашт. Вақте пайдо шуд, чун бод мошинро омода карду рафтем; вақте расидем, ба шодмонӣ дарёфтам, ки Зиё сиҳату саломат аст, балки хобаш ҳам бурда!..

Сангалӣ даруни мошинро диду гуфт:

- Тиғойи, нимешава; бибаремиш хона?

Ва бурдемаш хона. Мо шаб мондему фардош баргаштем. Сангалии бодкоре, ки ду рӯзро ваъда карда буд, пас аз ду ҳафта мошинро ба мо расонд…

Боре ба арӯсии хоҳарзодаҳоям - Камолҷону Исломхон мерафтем; сари роҳ аммаро ҳам гирифтему рафтем. Барои хоҳарону бародаронам дидори амма суре дигар буд.

Бозгашт. Хоҳарон мехостанд, ки чанд рӯзе меҳмон бошанд. Аммо амма ба хотири набераҳояшон (бачаҳои Сангалӣ) алағда буданд; бо ман баргаштанӣ шуданд. Шоулоғи тӯйи хоҳарзодаҳоям ба мо расида буд. Хостам, онро хонаи бародарам раҳо кунам; амма розӣ нашуданд: “Насибаат, хонаат бибар!”. Ва бо сухани амма, бузғолаву аммаро дар курсии пушт савор кардему ба роҳ даромадем…

Яке аз хушиҳои сафари 1998 ба Тоҷикистон дидори ҳамин аммаи меҳрубонам буд.

### ***Акаи Зариф***

Аз амакамон Шариф, ки дар 25 шаҳид шудааст, дар Афғонистон ду писару як духтар мондааст: Зарифу Ҷӯра дар

Чорбоғ зиндагӣ мекунанд; Қурсия ҳудуди бист сол пеш ба раҳмати Ҳақ пайваст, (писарашон Маҳмараҷаб дар Қизил - қалъа зиндагӣ мекунад).

Чор ё панҷсола будам. Бомдоде акаам Зариф як халта орд овард. Падар тааҷҷуб карданд. Акаам гуфт:

- Авушта буд, овардам.

Ҳанӯз бароям рӯшан нест, ки “авушта" яъне чист?

Акаи Зарифро бо кадом сабабе бандӣ карданд. Дар кадом як шаҳри Русия буданд, ки мукотиба мекардем; аксашонро фиристоданд, аксе кепкапӯш. Солҳои панҷоҳум баргаштанд. Коргаре фавқулода буданду ҳастанд. Омадан замоно, хишт рехтанд[71] (дар колхози “Молотов”, ҳоло “Меҳнат-Роҳат”), пул кор карданд, хонадор шуданд. Боғи анору ангур обод карданд. Дар заминҳои навкорами Хармайдон ҳар сол харбуза мекориданд, бештар навъҳои амирӣ ва осма (зимистонӣ). Акаам деҳқоне ҳастанд, ба қавле аз даҳ ангушташ ҳунар мечакад…

Дар гӯшае аз пайколи харбуза лӯбиё ҳам мекориданд. Гоҳе маро бо лӯбиёшӯрак зиёфат мекарданд. Аҷаб неъматест ин лӯбиёшӯрак - лӯбиёи кабуди нимхоми ҷӯшондаву намакзада! Мазаашро ҳамоне медонад, ки хӯрдааст.

Дар сари дастархон ҳам худро нишон медоданд. Палавхӯр буданд. Ошро то охир мехӯрданд. Оне, ки пеш аз ҳама даст кашидааст, ташвиқ мекарданд, агар вай дубора даст дароз накунад, “Оши мушт” медоданд.

Росташ, ин тикка, бо хотири ҳамин “Оши мушт” афзуда шуд.

Акаам луқмаи бузургеро дар кафи даст ҷой мекарданд, сипас, онро моҳирона рӯи нохуни нарангушт мегузоштанд ва хандон тарафи даҳони довталаб мебурданд; агар довталаб пайдо нашавад, аввалин шахси дасткашида ҷарима мешуд…

Дасти кушоде доранд, акоям. Ҳар гоҳе ба дидорашон мерасидем - чӣ дар боғ, чӣ дар сари пайкол, чӣ дар хона - “ин

[71] Аз он хишт идораи колхозро сохтанд, ки нахустин бинои дутабақаӣ буд, дар Қубодиён ва хабарашро дар рӯзномаи “Октябр" навишта будам.

роҳпулӣ”-гӯён хандон пуле ба кисаам меандохтанд. Ин одаташон, махсусан, дар давраи донишҷӯиву аспирантӣ ва навхонадорӣ хеле аҳаммият дошт.

Боре, фасли баҳор буд, сари пайколи акаам рафтам. Ҷӯяи харбузаро меканданд - хеле чуқур, ду бел кандаанду бели севумро меканданд. Ба тааҷҷуби ман гуфтанд: “Ҷӯя чуқуртар бошаду аз об пур шавад, решаи палак чуқуртар мераваду палак зӯртар мешавад …”.

Дидам, ки дар пушти гӯшашон лой часпидааст. Гумон кардам, ки лое аз дами бел парида бошад. Ба пурсишам, бо табассум гуфтанд: “захме пайдо шудааст, лой ором мекунад ...”. Акаи Зарифам, ки дар воқеъ, зарифтабъу зарофатгӯ, ҳамеша шоду хандон ҳастанд, аз дарди бедавои худ ҳам парво надоранд.

Ҳамин маъниро солҳо баъд дар шеъри устод Бозор хондам:

*Ба захмаш хок мемолад, даво на,*
*Ба доғаш об пурсад, мумиё на.*
*Ҳамон хоку ҳамон оби дари ӯст*
*Ҳама маъҷуну мумиёи деҳқон.*

Акаам се писару чанд духтар калон кардаанд. Равшан, ки ҷавоне ҷонона буд, солҳои ҳаштодум дар фалокати мошин даргузашт, ҳамроҳи ҳамсараш. Ин ҳодиса қомати акаамро шикаст…

Аз баргашти акаам аз Сибир чанде нагузашт, ки бемор шуданд. Бемории ҷиддӣ пайдо карданд. Духтур ба Падарам доруе ғайриодӣ маслиҳат додааст. Падар, пас аз андешаи дуру дароз ва ҷустуҷӯйҳо, онро пайдо карда доданд; акаам хӯрданд ва “ту дидӣ, ман надидам” шуданд. Ин дору - рӯғани саг будааст…

Акаам барои падарам бародарвор хидмат карданд; бештар аз ҳаряки мо - фарзандони падар. Ҳудуди чаҳор моҳ сари падар дар болин буд. Ва тамоми ин муддат акаам дар хонаи мо буданд; ба пеши болини падар такя доштанд, хидмат мекарданд. Дар чанд рӯз як бор Чорбоғ мерафтанд, зану бачаашонро хабар мегирифтанду меомаданд.

Тирамоҳи 98, ки ба давлати дидори акаам расидам, пурсидам:

- Ҳоло ҳам харбуза мекоред?

Хандон шуданду гуфтанд:

- Харбузахӯр бошад, харбуза мекоранд.

Яъне, ки дар назар моро доштанд. Гуфтам:

- Харбуза бошад, намемонад, харбузахӯр пайдо мешавад…

Қиёфаи акаам, ки хаста менамуд, ҷиддӣ шуд:

Сӯзишворӣ набуд ... Баъд моторро ҳам бурданд … Ба ун Хармайдони мо об аз насоси ҳафтум мерасид …

Умре кор ҳамроҳи акаам буд. Чанд сол аст, ҳамроҳи худро гум кардаанд. Аз беҳамроҳӣ худашонро ҳам гирондаанд.

Ба худ гуфтам: корро аз дасти деҳқони тоҷик гиранд, танҳо мемонад. Ва ин поёни ҷомеаи тоҷик аст.

Бояд, ки дасту пояшро боз бигузоранд; агар метавонанд, ғамашонро бихӯранд; агар наметавонанд, кордор нашаванд. Инҳо метавонанд ҳам бихӯронанд, ҳам бипӯшонанд …

18 сентябри соли 2003, ки дар хонаи хоҳарбузургам Ҷамилабону меҳмон будем, акаи Зарифам, ки ҳақиқатан ҳам зарифтабъу зарофатгӯ ҳастанд, низ ҳузур доштанд, муаллим Мамаҷонов ба ёд оварданд: Аз Душанбе бармегаштем. Дар хиёбони Хармайдон дидам, ки дар канори роҳ сафи харбуза... Паснокӣ рафтем. Зариф-бӯла рӯй тофтанд. Гуфтам:

- Зариф-бӯла, биёед, савор шавед.

Бӯла хандон гуфтанд:

- Савор шавам, харбузаҳо аз даст мераванд…

Савор шуданд. Харбузаи амириву зимистонӣ буд, бордони мошин ҷой кардем.

Вақте даромадгоҳи Қубодиён пиёда шуданд, ду харбуза гирифтанду гуфтанд:

- Ҳаждаҳаш насиби бачаҳо будааст, бубаред.

- Зариф-акаам “ҳа, ҳа...” мегуфту механдид.

Акаам боз гуфтанд:

- Падарат чор дона бодом дода буд; коридам; якаш амал карду ҳосил дод. Анорзор ҳам доштам, анорҳо вайрон шуданд, бодомро зиёд кардам, ба панҷоҳ дарахт расондам.

## *Акаам Ҷӯра*

Ва аммо акаам Ҷӯра.

Аз ин акаам фоидае дидаам бемонанд. Дар синфи дувум ё севум китобе оварданд бо номи “Маликаи Айёр”. Амонат доданд. Хондам. Бисёр маъқулам шуд. То андозае, ки дар дафтари калоне рӯйбардор кардам. Онро бо овози баланд мехондам, бо хоҳиши падару модар, меҳмонон. Акаам китобҳои дигар ҳам ёфта овард.

Акаам Ҷӯра ҳам деҳқони хуб буданд. Борҳо аз харбузаву тарбузашон хӯрдаем. Боре, соли 1974, ки нав мошин гирифта будам, сари пайколашон рафтам, ба мошин тарбузи бисёр бор карданд - дили он кас ба тарбуз насӯхту дили ман ба мошин сӯхт.

Баҳоре буду акаам Ҷӯра омаданд. Зардолу ба пухтан наздик буд - ҳамоне, ки апаам Ҷамилабону овардаву шинондааст. Акаам се-чор дона аз шохаи дарахт гирифтанд. Ба забони ман ё бародарам омад:

- Зардолуи хомро чаро меканед?

Акаам асабӣ шуданду зардолуро ба замин партофтанду рафтанд. Мо хафа шудем, аммо фоида надошт.

Солҳои ҳаштодум буд. Акаам як ҷувонаро бонӣ карданд, ки барзагови масте шуд, акаамро шох зада, аз по ҷудо кард. Муддатҳо дар бемористони Душанбе бистарӣ шуданд. Борҳо ба дидорашон рафтаам.

Акаам акнун дар бозор мешинанд, касби падарамро гирифтаанд.

Акаам Ҷӯраро соли 1998 дидам дар чеҳраву ришу рангу рӯй каллаи кандаи падарам буданд. Гӯё падарамро дидам.

Аммо соли 2003, ки Қубодиён рафтам, акаам Ҷӯраро надидам: 28 августи 2001, дар синни 76 (ду сол нарасида ба синни падарам), сафари охиратро пеш гирифтаанд. (Худо раҳматашон кунад).

## *Гарави тандурустӣ*

Аз таҷрибаи бузургонам: падар, Ҷӯрақул-корвон, акаам Зариф, муаллимам Девонақулов, Эшмурод Ҳоҷӣ Шониев маълум мешавад, ки тандурустиву дарозумрӣ ҳафт гарав дорад:

1. Кӯшидан, ки дил ҳамеша рӯшан бошад: агар торик аст, рӯшноии берун наметавонад дарун равад.

2. Иттифоқи нохуше, ки пеш омадааст, наметавон ислоҳ кард.

3. Дил агар торик аст, дар ҳалли масъалаи омада наметавон роҳе муносибтаринро пайдо кард; ҳалли масъала чандин роҳи ҳал дорад.

4. Назми хобу хӯроку варзишро мураттаб анҷом додан.

5. Шомгоҳон аз худ пурсидан: чӣ кор кардам? Чӣ бад буд? Чӣ хуб буд?

6. Бомдодон барномарезӣ кардан: чӣ кор бояд кард?

7. Коре бад накардан, кори бади дигаронро фаромӯш кардан.

### *Карим-ако*

Ҳам Майрам-холаам, ҳам Мисқол-холаам бағоят ширинзабон буданд. Ҳеҷ гоҳ бе "ҷон" ва "мурам да ту" гап намезаданд. Ҳамеша бӯсаборон мекарданд, ҳатто вақте ҳам ки хеле калон шуда будем.

Писари Марям-холаву Сулаймонқул-язнаамон буданд. Он холаи бисёр меҳрубонамон ва он язнаи усто ва покизакорамон ба раҳмати Ҳақ пайвастаанд, ки Худо раҳматашон кунад!

Каримако - як писар дар миёни ҳафт духтар буданд. Ва маҳбубияташонро метавон тасаввур кард.

Боре зимистон буд, хабар расид, ки акаамон беморанд. Гӯё арақӣ будаанду ҳеҷ арақ намекардаанд.

Модарамон ба роҳ даромаданд. Наботу биҳӣ гирифтанд. Падар гуфтанд, ки бодом арақ мекунонад. Бодом ҳам гирифтанд.

Албатта, ки ман ҳам пешопеш будам. Рафтем, Карим-акаам хоб буданд. Ду ё се шаб истодем. Карим-акаам арақ карданд; мо омадем.

Карим-ако муаллим буданд. Баъд ба кори милиса гузаштанд; хубу бисёр кор карданд, то ба сарҳангӣ расиданд.

Вақте бознишаста шуданд, бо кори пайванди меваҳои субтропӣ машғул шуданд. Ба гумонам, ниҳолҳои лимӯву афлесунро нахустин бор дар Қубодиён Карим-акаам паҳн кардаанд.

### *Ака-Шоҳмурод Раҷабов*

Аз хешони дурамон буданд.

Худашону модарашону як хоҳарашон зиндагӣ мекарданд.

Аз падар барвақт мондаанд. Модарашон калон кардаанд.

Мегуфтанд, ки як мурғ доштаанду тухмашро модар пухта медодаасту ака Шоҳмурод хӯрда, баъд мактаб мерафтаанд.

Ака-Шоҳмуродро ба ҷанг фиристоданд. Пеш аз рафтан хонаи мо меҳмон шуданд.

Ака-Шоҳмурод сиҳату саломат баргаштанд, аммо модарашон гузашта буд.

Омаданд, ки хонаи мо меҳмон шаванд. Гумонам, охирҳои тирамоҳ буд. Камсабр, ки буданд, хона нишаста натавонистанд. Пушти хона (ҳоло ҳаёти Султон-тағомон) гузаштанду:

- Бел биёр!-гуфтанд. Мо бел овардем. Заминро белгардон карданд. Аз афташ, бошиддат кор карданд, кафи дасташон хун шуд. Худашон хандиданд: “Дар ҷанг дастам нозук шудааст!..”.

Баҳор; ғармиҳо ҳанӯз наомадаанд; вақти кирмаку баргзанӣ. Барои барг, назди девори Бандихона рафта, ба дарахте баромада, корро сар карда будам, ки садои бисёр баланди Алопарам расид. Фиғонаш баландтар мешуду ҷонхароштар. Ҷонсарак корро тамом кардаму омадам. Дидам, ки сагчаи хунолуд нолони нолон асту ака Шоҳмурод хандони хандон. Гӯшу думи Алопарро бурида, сиёҳии дег молидаанд. Ба тӯфони ман гуфтанд:

- Нағз мешавад... Ҳам нағз мешунавад, ҳам медавад... Натарс…

Боре, тирамоҳе пас аз ҷанг омаданд. Вақти ғӯзапоядарав буд. Аз Сорбонқалъа ғӯзапоя мекашондам. Акаам чунон

пуштораи калоне бандонданд ва бардошта оварданд, ки монандашро надида будам.

Хатту саводи хубе доштанд; русиро ҳам нағз медонистанд. Дар идораи суғурта (ё молия) кор мекарданд.

Бори якум ба духтари Мулло Ҳамдам, ки тоҷик буданду дар маҳаллаи Шоҳи Ғарави Арабхона зиндагӣ мекарданд, хонадор шуданд. Бино бар кадом ҳодисае аз вай ҷудо шуданду бо духтари Назир-сағира издивоҷ карданд.

Ака-Шоҳмурод моро самимона нағз медиданд; мо ҳам дӯсташон медоштем. Омадурафт зиёд доштем.

Дертар, ки маркази ноҳия ба Шаҳритус кӯчид, ба кори савдо гузаштанд; мағозаи идораи роҳ дар ихтиёрашон буд.

Соле, ки мактабро тамом кардам, ака-Шоҳмурод дар мағоза кор мекарданд, худашон ҳам мол аз Сталинобод меоварданд, ҳам мефурӯхтанд. Бисёр ташвиқам карданд, ки хонданӣ нараваму дастёрашон шавам, кори савдоро ёд гирам, аз зери бағали падару модарам дароям. Ба падару модарам хеле фаҳмонданд, ки вақташ аст, кор кунаму пул ёбам, бори рӯзгорро сабук кунам... Падару модарам, намедонам, бо назардошти якравиҳоям, ё мехостанд хонаму одам шавам (агарчи барои худашон сахт буд), ихтиёрро ба худам гузоштанд. Худам роҳи хонданро пеш гирифтам…

Мехостам Сталинобод (аз соли 1961 Душанбе) раваму дар Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон хонам. Вақте ғалтидаму баргаштам, ака-Шоҳмурод пешниҳодашонро дубора такрор карданд. Падар боз ҳам ихтиёрро ба худам ҳавола карданд. Ман…

Модарамро “амма”, падарамро “язна” мегуфтанд.

Мағозаи ака-Шоҳмурод тобеи пойтахт буду омадурафт зиёд доштанд. Дар сафаре бадхоҳоне заданд, ки аз зарби он даргузаштанд. На зананда маълум шуду на иллаташ.

Марде хушчеҳраву хушсуҳбат буданд. (Доктор Шодмон Юсуфӣ, ҳамсангари банда дар талошҳои истиқлолхоҳии Тоҷикистони азиз, дар тарҳи рӯю чашму табассум ва қадду қомат ба акаи Шоҳмурод монанд ҳастанд).

Ширинии охирин аз раҳматӣ ака-Шоҳмурод ин будааст, ки ширинии тӯйи арӯсиамро аз мағозаи худашон таҳия карданд.

Инсони неке буданд, акаи Шоҳмурод. Худо раҳматашон кунад, бозмондагонашонро муваффақ гардонад!

***Тағои Модарамон Ёдгор ва …***

Модарамон аз тағомон Ёдгор бисёр гарм ёд мекарданд. Марде паҳлавону ғаюр будаанд, лақаби “Маст”-ро ҳам доштаанд. Ангуштарии мардонае дар ангушт ҳам доштаанд, ки он замон зиёд расм набудааст…

Боре модарам бемор мешаванду дармон намеёбанд; беморӣ ба тӯл мекашад. Ва тағомон Ёдгор, ки дар сафар будаанд, бармегарданд.

Модар мегуфтанд:

- Чӯбу устухон шуда будам. Мадоли гап задан ҳам надоштам. Ёдгор-тағом омаданд, ҳоламро диданду се донаи олуи сиёҳи хушк аз киса бароварда доданд; ба даҳон андохтаму макидам. Оҳиста-оҳиста нағз шудам…

Аз тағомон Ёдгор се писар: Султон, Тошпулод, Қурбоналӣ ва як духтар мондааст. Ду писарашон дар Регар зиндагӣ мекунанд; духтарашонро Ҷӯрақул-тағомон ба писари бисёр хубашон Тешабой, ки хеле зуд ин дунёро тарк кард, келин кардаанд, дар Бешканд басар мебарад.

Султон-тағомон ҳамсояи шимоли шарқии мо шуданд, пас аз ҷанг омаданд.

Дар ҳавлии харобаи шимоли шарқии мо ҷой гирифтанд; акнун ҳам ҳамон ҷо ҳастанд. Як тика замини мо буд, як дарахти зардолуву ду бутта анор дошт, дар пушти Хонаи Рангаи мо. Дар тарафи шарқии ин ҳаёт масҷид буд; масҷид дар тарафи ҷанубаш як ҳаёти вақф дошт.

Масҷид, аз рӯи он харобаҳое, ки мо дидем, ду хонаву як айвон дошт; рӯяш ба шарқ буд. Пас аз ҳавлӣ, ки ду тути калон ҳам дошт се хона буд, ки “ҳуҷра” мегуфтанд, рӯяшон ба шимол буд; дар рӯи ҳавлӣ дарахти тут, ҳавз, гирдогирди ҳавз суфа. Дар ҳуҷра муллобачаҳое, ки аз ҷои дур, чунончи аз Тошқӯрғони Чин омадаанд, зиндагӣ мекардаанд.

Дар оғози замони Шуравӣ ҳама хароб шуданд. Ҷои ҳавзу "ҳуҷра", вақф ҳама ба замин табдил ёфтанд; айвони масҷид ҳам. Он чи боқӣ монд... танҳо чордевори масҷид аст. Султон-тағомон гуфтанд:

- Агар аз гуруснагӣ мирам, ҷои масҷидро замин намекунам…

Султон-тағомон ва Хоҷа-янгаамон ҳамроҳ бо писаронашон ҳамсояи мо буданд, ҳастанд.

Шабҳои чиллаи зимистонӣ тағомон меомаданд ва дар кӯтоҳ кардани шаб ёрӣ мекарданд. Мечаспидем, ки афсона гӯянд. Ҳамон як афсонаро такрор мекарданд: "Духтари ойингар". Аммо як муқаддимаи дилгиркунанда доштанд:

- Гӯй гуфтагита намедонам, "нагӯй" гуфтагита намедонам, як афсона дорам, гӯям? Ё нагӯям?

Баробар мечаспидем, ки: "Гӯед!" Он кас ҳамон муқаддимаро боз такрор мекарданд. Мегуфтем: "нагӯед". Боз: "гӯй гуфтагита намедонам, нагӯй гуфтагита намедонам ...".

Диданд, ки сахт монда шудем, достонро нақл мекарданд:

Духтаре буд, шавҳар мекарду шавҳар дар ҳамон шаби якум мемурд. Ин воқеа бисёр такрор шуд. Шабе навдомод шамшер бо худаш овард. Шаб, ки ба ҷогаҳи арӯсӣ даромаданд, мард шамшерро дар миёна гузошту гуфт:

- Эй духтари ойингар! Даст ба ман расондӣ, ман донаму ин шамшер!

Духтар ҳам кордор нашуд. Шаб аз нима гузашта буд, ки аз миёни пойҳои духтар море дусара берун омаду хост ба мард ҳамла кунад, мард дарҳол бо шамшер сарашро бурид; танашро ҳам берун кашид; дигар арӯс буду домод, домод буду арӯс.

### *Пас аз бист сол…*

Ҳаёти Сатторҷон, ки падарамон санҷидзор карда буданд, дар замони пеш ҳавлии Амир Бобо будааст. Болотар аз ҳавлии Амир Бобо, дар канори рости ҷӯй, чордевори як хонаву айвон barҷой буд, рӯяш ба ҷануб.

Инро "меҳмонхона" мегуфтанд.

Ҳикояти аҷиберо аз ин меҳмонхона нақл мекарданд.

Боре марде (номашро мегуфтанд, аммо дар ёд намондааст) нохостан боди мухолиферо сар медиҳаду боиси “лаббай!”-гӯиҳо мешавад.

Он бечора фаврӣ берун меравад. На танҳо аз меҳмонхона, балки аз Қубодиён ҳам.

Вай бист сол ғоиб мешавад. Гӯё Бухоро рафтааст. Пас аз бист сол бармегардад; номаълум. Шабона меояду пушти дари меҳмонхона гӯш медиҳад. Ва мешунавад, ки мавзуи суҳбат - ҳамон ҳодиса аст. Яъне, ки бӯи боди мухолиф ҳанӯз ҳам дам медиҳад.

Вай чаппасар бармегардад, аз Қубодиён бадар меравад, барои ҳамеша.

### *Лолаву мор*

Қубодиён дар канори ғарбии кӯҳе хобидааст, ки номаш Хоҷа Қозиён мебошад. Гӯё номи пешинаш Кайкӯҳ будааст; ҳоло ҳам пораеро дар поёнаш Кайкӯҳ мегӯянд.

Мо ҳар баҳор кӯҳ мерафтем. На як бор; борҳо.

Бори якум вақте рафтем, ки дар синфи якум мехондем. Мактабе, ки Абдураҳим мехонд - мактаби ӯзбекӣ, дар Ахча саёҳате то домани кӯҳ ташкил кард; ман ҳам бо вай рафтам. Муаллимон Малика Рафиқова ва Исматов раҳбарӣ мекарданд, ки достонаш омадааст.

Солҳои баъд гурӯҳ-гурӯҳ худамон мерафтем - Бахтиёр, Абдураҳим, Зариф, Раҳмон, Саъдулло, Абдулло, Ибод... Гоҳе духтарони Шайбекови тотор: Розия ва Зайнура низ ҳамроҳ мешуданд.

Боре Абдулло ва Ибод, писарони Мирзо Мисгар, сагашонро ҳам бурданд. Саги зарде доштанд. Дар қуллаи кӯҳ шояд аз заминҷунбӣ, ду харсанги бузург аз ҷои худ беҷо шуда, ба якдигар такя зада, роҳи танги инсонгузар ташкил кардаанд. Аз он сӯрохӣ мо гузаштем. Аммо саг натавонист гузарад, шингос зад, чап рафту рост рафт, саранҷом аз боло гузашта омад. Аҷаб ин буд, ки аз боло мо наметавонистем бигзарем, аз поён саг натавонист гузарад…

Тамошои Қубодиён аз болои кӯҳ аҷаб лаззате дорад. Пеш аз ҳама Кофарниҳон ба чашм мехӯрад - хатте каҷмокаҷаки сафед, хатте, ки ҷо-ҷо тақсим шудааст…

Қалъаро мекофтему медидем…

Мехостем хонаҳомонро бинем, аммо…

Одатан аз кӯҳи Калон мегузаштем; поён мефуромадем. Он ҷо чашмае ҳаст, обаш шӯр. “Шӯрча” мегӯянд. Дар гирди чашма козаҳо аз санг дуруст кардаанд. Албатта, кори шикорчиён аст.

Дар пушти Шӯрча кӯҳи дигаре ҳаст, бисёр баланд нест; номаш Кӯҳи Пиёз. Дар воқеъ, пиёз бисёр дошт; аммо хӯрданӣ набуд: бисёр бадбӯй буд.

Мо бозӣ мекардем; нон мехӯрдем ва бармегаштем.

Боре, дар бозгашт, вақте аз теғаи Хоҷа Қозиён нишеб шудему ман пешопеш медавидам, бо чизе бархӯрдам, ки ҳаргиз фаромӯш намешавад …

Кӯҳбарӣо нисбатан осонтар аст, асосан як роҳ дорад: рӯ ба кӯҳ мебароӣ. Аммо кӯҳфароӣ, нисбатан душвортар аст, камаш се роҳ дорад: гоҳе рӯ ба кӯҳ, гоҳе пушт ба кӯҳ, гоҳе паҳлу ба кӯҳ. Гоҳе ҳам мелағжӣ. Ин худ лаззате дорад, ки мазаашро танҳо бачаи кӯҳ мефаҳмад …

Боре дар бозгашт, чун аз теғаи кӯҳ нишеб шудем, пораe ҳамворӣ буду ман пешопеш медавидам. Аз дур лолаеро дидам, ки монанди пиёлаи сурх калон буду чун машъал медурахшид. Бе ҳеҷ андешае сӯяш давидам, то аз дигарон пешдастӣ кунам.

Лола дар канори буттае рӯйида буд, дар атрофаш алафи сабзи баланд бисёр дошт. Аммо лола аз алафҳо як ваҷаб баландтар буд.

Дигарон ҳам дида буданду медавиданд. Ман панҷ-шаш қадам пештар будам. Ҳастиамро шодмонӣ фаро гирифта буд: лолаи беҳтарин аз ман хоҳад шуд!

Фосила чанд қадам беш намонда буд. Яке чашмам афтод, ки аз бехи лола мори калоне, тақрибан як метр, ба ҳаракат омад. Мор ба сӯи мо намешитофт, аммо мо чаппасар

гурехтем. Ва ҷуръат накардем, ки дубора наздик шавем: мабодо, ки хонаву хонаводааш ҳамон ҷо бошад.

Аз ҳасрати он лола, доғаш ба синаи мо кӯчид, ҷояш ҳанӯз ҳам боқист…

Дар бораи Кайкӯҳ - Хоҷа Қозиён ривоят бисёр шунидаем, ки дутояш ин аст:

**Ганҷина.** Мегуфтанд, ки дар домани кӯҳ, пойинтар аз гӯристони Хоҷа Қозиён, ҳангоме ба тани кӯҳ мерасӣ, дар канори ҷарӣ ду бех анор ҳаст. Дар бехи ҳамин анорҳо, гӯё давлатманде ганҷинаҳои худро ҳангоми гурезогурез, пинҳон кардааст…

Ҳангоми кӯҳбароиҳо зеҳн мемондем, аммо нишоне аз буттаи анор набуд.

**Ганҷи равон.** Мегуфтанд: шикорчие шабро дар Кӯҳи Пиёз рӯз кардааст. Шаб садои баландеро борҳо шунида, ларзишеро эҳсос карда, бедор шуда, аммо чизеро надидааст. Бомдод мебинад, ки анҷомаш ба пойин ғелидаанд.

Сайёд, пас аз бозгашт воқеаро нақл кардааст. Ба вай гуфтаанд: Худо додааст, ғофил мондаӣ: Ганҷи Равон аз тагат гузаштааст; агар фаврӣ хун мебаровардӣ, ганҷ ором меёфту моли ту мешуд…

Яъне, ки Мирзо Турсунзода беҳуда нагуфтааст:

*Ганҷи худро рез акнун пеши пои фотеҳон,*
*То Ватан гардад тавонгар ҳам аз ин ганҷи равон.*

### *Майор*

Кӯҳи мо ҷуз аз пиёз, гиёҳи машҳури дигаре ҳам дорад: майор.

Агар пиёз танҳо дар Кӯҳи Пиёз рӯяд, майорро дар ҷойҳои дигари кӯҳ ҳам дидан мумкин аст.

Гиёҳе барг-барг аст. Баргҳояш ба сиёҳалаф мемонад, аммо се-чор баробар аз он паҳнтар. Эҳтимол аз ҷинси пиёзи кӯҳӣ бошад.

Хусусияташ ин аст, ки пеш аз гиёҳҳои дигар мерӯяд.

Боре ҳамроҳи бародаронам кӯҳ рафта ва се бехи майорро бо решааш канда овардему дар лаби ҷӯй (қаблан дар рӯбарӯи тути калон буд; акнун он тут нест; тақрибан дар баробари девори тарафи рости хонаи Сатторҷон мешавад) шинондем. Аз се ниҳол дутоаш сабз шуд, ҳар сол дар поёни зимистон месабзид; мегуфт, ки фасли кӯҳбарой расидааст.

Мутаассифона, солҳои баъд дар кандани рошҳои ҷӯй ва ҳамвор кардани замин нобуд шудааст.

(Дунболаш хеле гаштам, аммо номи илмиашро наёфтам. Дар китобҳои раҳматӣ Зоҳидов ва Донишномаи Шуравии Тоҷик майор ба назар нарасид).

**АЗ МУҲАРРИР:** Дар гӯишҳои дигари маҳаллии Қубодиён ин гиёҳро «модел» ҳам мегӯянд. Аз он хӯриш ва таоми хушмазза низ омода мекунад. Ва хӯрокаш тунуки мастобагуна мебошад, ки бо ҷурғот ва қаланфур тановул мегардад.

### *Алқундӣ*

Тобистон буд. Ду бародар аз Ҷоназартеппа меомадем. Роҳ аз болои осиёб мегузашт. Дар сари девори осиёб, болотар аз парчобхона, ҷои оббозӣ буд. Оббозӣ кардем. Дидем, ки дар ҳар ду канори ҷӯй, даруни аҷириқҳо, ҳар ҷо - ҳар ҷо алқундӣ хоб аст. Яъне, ки одамон оббозӣ кардаанду монда рафтаанд, то ки фардо боз истифода кунанд. Мо ҳамаро ҷамъ кардему хона овардем. Ва ҳавои даҳан ҳам доштем:

- Собун овардем!..

Аммо дидем, ки абрувони падарамон, ҷои боз шудан, маҳкамтар гаштанд. Гуфтанд:

- Аз ҳар ҷой гирифта бошетон, бурда, дар ҷояш монетон!

Далелҳои мо: “надуздидем, ёфтем” суде надошт. “Имрӯз бевақт шуд, фардо пагоҳии барвақт баретон!”

Албатта, ки фардояш алқундиҳоро бурдему дар ҷояшон мондем.

### *Наҳри Калон*

Аз тарафи офтоббарои манзили мо Наҳри Калон равон буд. Солҳои панҷоҳум бо экскаватор канорҳои онро бозсозӣ карданд, ки дигар ба ҳашар ниёзе намонд. Ҳамзамон, рӯян ҳам аз миён рафт…

Дар дасти чапи Наҳри Калон як дарахти шалел буд. Тобистон, ки мепухт, Абдураҳим худро ба об меандохту он тараф мегузашт, ниҳолро месилконд; шалел рӯи об мерехт; ин ҷамъ мекарду ин тараф мегузашт. Гоҳе Холматбой ё фарзандонаш хабардор мешуданду ҳақоратборон мекарданд…

Болотар аз гузар, пул (кӯпрук) буд - пуле пиёдагузар. Гоҳе болои пул, рӯ ба поён менишастам; наҷунбида; мижа назада; пас аз лаҳзае ҷоду мешудам: об меистоду ман парвоз мекардам.

### *Ҷанге ки нашуд…*

Аз Ҷоназартеппа, аз пахтазор алаф меовардам; бо хар. Дар дастам дос, хар пешопеш, ман аз пушташ. “Их!” мегӯяму нарм-нармак бо пушти дос ба сағрии хар гоҳ-гоҳ мезанам…

Дар наздикии хона ҷӯе буд. Ҳамеша аз ин ҷӯй роҳат мегузашт. Аммо ин бор нағмааш гирифт. Ҳарчанд сиёсат кардам, писанд накард.

Аз афташ, хун дар сарам ҷӯшиду бо нӯги дос ба сағрии хар фуровардам. Хез заду гузашту давид. Хар медавиду хун мешорид. Аз карда ҳамон лаҳза пушаймон шудам, аммо суде надошт.

Барои сарзаниши падар худро омода кардам. Хеле мехостам падар дарҳол огоҳ нашаванд.

Аммо падар дар хона буданд; бо ситоиш наздик шуданд; алафро фуроварданд; чашмашон ба “корнома”-и ман афтод, таваҷҷуҳ карданд, аммо чизе нагуфтанд; хомӯш рӯи ҷароҳат хокистар пошиданд, як дарза алаф пешаш партофтанд.

Ҳамин сарзаниш накарданашон сарзаниш буд. Агар танбеҳ медоданд, шояд фаромӯш мекардам.

### *Лаҳзае бекорӣ*

Онро надоштам. Яъне, наметавонистам (ва наметавонам) лаҳзае бекор бошам. Корҳои фардоро рӯзпешакӣ медонистам,

яъне ки барномарезӣ мекардам. Ба таври ҳатмӣ ҳар рӯз ин корҳо анҷом мешуд: гову гӯсфандро алаф додан, ҷояшонро тоза кардан, зимистонҳо оғилхона даровардану баровардан, барои ҳезум ё алаф рафтан, замин гардондан, пал гирифтану ҷӯя кашидану ба кишта об додану…

Албатта, китобхониву дарстайёркунӣ ҳам буд, ҳафтаҳо як бор - шанбеҳо синамо рафтан ҳам буд.

Аммо ҷое танҳо намерафтам. Бо Абдураҳим ё Маҳмадамин ё Бахтиёр... мерафтам. Аммо кори ҳаётро асосан танҳо анҷом медодам; гоҳе бо бародаронам, гоҳе бо падар ҳамроҳ кор мекардем. Агар лаҳзае пеш меомад, ки бекор мондаам; сахт ноҳинҷор мешудам; эҳсос мешуд, ки нодаркорам. Гӯё аз чархи зиндагӣ берун ғалтидаам.

Он ҷунбуҷӯли пайваста, аз афташ, натиҷа додааст. Ҳеҷ гоҳ бекор набудаам. Имрӯзҳо, ки рӯзона се то чор соат дар роҳ мегузарад, зеҳнро машғул медорам: чизе омад, ба дом меандозам - коғазу қалам ҳамеша дар бағал ҳаст. (Агар аз баъзе навиштаҳо дуду чанг дар димоғ эҳсос шавад, аз банда надонанд, аз ронанда бинанд).

### *Мӯзаи усто Ҳамроҳ*

Солҳои 1950 қаҳтӣ пас монда, аз чанголи гуруснагӣ андак-андак раҳо меёфтем.

Падарам ба усто Ҳамроҳи ғозималикии гузариболой, ки мӯзадӯз буд, бароям мӯза фармуданд. Усто ченаки поямро гирифт; ваъда дод, ки медӯзад.

Ман дар интизории мӯза, дар худ набудам. Рӯз не, соат мешумурдам. Бори якум дар умрам мӯза мепӯшам!

Аммо ҳеҷ не, ки хабари мӯза расад.

Ман аз падарам талаб мекардам; падарам усторо хотиррасон мекарданд; усто ҳам ваъдаи нав медод…

Ман рӯзу соат мешумурдам, аммо мӯза пас аз шаш моҳ дӯхта шуд. Хона оварданд. Мӯзаи чармини сурхранги пошнабаланд.

Пӯшидам. Гӯё муносиби поям буд.

Тифоқо, мӯза дар рӯзҳои таътили баҳорона омода шуд. Мехостам, Уялӣ хонаи холаам равам.

Ва рафтам. Мӯзаро пӯшидаму рафтам. Ба кабини як мошини роҳ савор шудаму рафтам.

Аммо мошин акнун ҳаракат карда буд, ки модарамро дидам: мӯза пойҳоямро фишор медод.

Ба андозае фишор медод, ки ҳама сабру тоқатро аз даст додам. Ва даруни мошин пойлуч шудам.

Дар Уялӣ, пойлуч аз мошин пиёда шудаму мағоза даромада, ба ду сӯм як шиппак харида, пӯшидам. Ва мӯзаро дар бағал гирифтаму хонаи холаам рафтам.

Айби мӯза дар ин буд, ки рӯяш танг дӯхта шуда буд. (Агар росташро гӯям, айб дар пойҳои ман аст, ки рӯяш баланд асту ҳар навъ кафш ҳам мувофиқ намеояд).

Мӯзаро акаам пӯшид, ба вай насиб карда будааст.

Аммо он сафар, ба хонаи Мисқол-холаам, хотираи дигаре ҳам дорад.

Хотирае ширин.

Ҳайбулло-бӯлаам ҳадяи гаронбаҳое кард: ҳадяи худашро ба ман бахшид - китоби “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ (қисмҳои якум ва дуюм). Ба муносибате мактабашон ҳадя кардааст. Аз афташ, хеле гарм нигоҳ кардам, ки бӯлаам ба ман бахшид.

Ин якумин китоби устод Айнӣ буд, ки ман ошно шудам. Ошно шудаму маро сеҳр карду раҳо накард; ҳаргиз.

### *Соати тило*

Синфи нӯҳумро тамом кардем.

Дунболаш будем, ки кор кунему пул ёбем. Кор пайдо шуд: хиштрезӣ.

Дӯстонам Абдураҳиму Зариф хабаре оварданд, ки созмоне (райисашро “Қора” мегуфтанд) хишт мехоҳад. Мувофиқат кардем. Қодир аз Ахча ҳамроҳ шуд.

Чор нафар бо шавқи тамом хишт рехтем. Хӯроки пешин бо навбат буд. Ҳар рӯз якемон як каструли калон шӯрбо (бештар макарон-шӯрбо) пухта мебурдем.

Ҳудуди як моҳ хишт рехтем. Миқдори даркорӣ анҷом шуд. Пуламонро гирифтем.

Пули ман 1400 сӯм, назар ба дигарон камтар буд, чунки дар омодасозии майдон ҳузур надоштам.

Дар хона мегуфтам, ки ба пулам соати тило мехарам. Чизе нагуфтанд. Пиндоштам, ки сукут аломати ризост.

Рафтаму аз мағозаи Саодат-апа (духтари Раҷабалӣ Ҷалилов) як соати тило харидам, номаш "Победа", ба 1362 сӯм.

Падару модар аз ин корам хушҳол нашуданд: “Ба мо, ки камбағалем, соати тилоро кӣ мондааст?!..”

Хостам баргардонам; иҷозат надоданд: “Орзу кардаӣ, насибат кунад …”.

Ҳудуди чиҳил сол соат бо ман буд. Хуб ҳам кор мекард. Аммо гӯшакаш хӯрда шуд. Дар хона мондам, то ёдгорӣ асту гум нашавад. Аммо чӣ метавон кард, ки гум шуд. (Он чист, ки гум нашавад?)

### ***Дидорҳое бо Фариштаи Аҷал***

Ин Фариштa, аз ҳамон оғоз бо ман будааст: агар Бибӣ балад набуданду пардаро дарҳол намекафонданд, нафас мепечиду корам тамом буд.

Пас аз он ҳам, Вайро борҳо рӯ ба рӯ дидаам. Як-ду мисолаш ин аст.

**Аспобдиҳӣ.** Тахминан шаш сол доштаму аввали ҷанг буд.

Зимистони хунук. Ҷӯйҳо ҳама хушк.

Абдурасул-писари Абдураҳмон-мерган аспсавор омад. Дар пушташ Абдураҳим ҳам буд. Гуфтанд, аспобдиҳӣ мераванд, Сангоба.

Сангоба наҳре буд, аз канори чапи Кофарниҳон, оғозаш болотар аз Ҷоназартеппа, мерафт ба поёни рустоҳои Сангоба, Бештемур…

Калонҳо дар хона набуданд. Ман ҳам аспро савор шудам.

Бо хурсандиву шодмонӣ фосилаи 3-4 километриро паймудем. Аспҳоро об додем ва баргаштем.

Ҳангоме мерафтем, аср буд. Офтоб бар сари кӯҳ монанди як лаълии калони суп-сурх метофт. Ва аммо гармӣ надошт.

Ҳангоме бармегаштем, шом расида буд. Сармо беш аз пеш шиддат мекард. То рафт бештар хунук мехӯрдем. Баъд намедонам, чи шуд...

Вақте ба ҳуш омадам, ки модарам вовайло мекарду падарам бо душворӣ аз асп мефаровард.

Даруни сандалӣ ҷой карданд.

Андак-андак ба худ омадам… Агар асп меғалтонд, ё ҷои дигар мерафт ва ё бо чаро машғул мешуд, маълум нест, кори ман бо чӣ меанҷомид …

**Асп ғалтонд ...** Тахминан даҳсола будам.

Хоҳарзодаам Хайруллоҷонро тӯй карданд. Тӯйи хатна.

Тӯй бузкашӣ ҳам дошт. Бузкашӣ ба поён расид. Чавандозон ба тӯйхона омаданд.

Бачаҳо ба сӯи чавандозон давиданд, то аспсаворӣ кунанд. Ман ҳам давидам. Чавандозе аз Ахча аспашро ба ман доду савор карду худаш тарафи тӯйхона рафт.

Пас аз чанд лаҳза намедонам, маҳмез задам ё “чу” гуфтам, ки асп дав гирифт; медавиду суръаташро бештар мекард. Чун поям ба рикоб намерасид, дудаста маҳкам аз қоши зин доштам. Тозиёна ҳам дар дастам.

Фаҳмидам, аммо дер фаҳмидам, ки ҳангоми гом бардоштани асп нӯги тозиёна ба китфи асп мерасидааст ва вай инро амри суръат медонистааст.

Асп ду-се қитъа заминро паймуд, наздик ба заҳбур расида буд, ки маро аз болои худ ғалтонд.

Ҷолиб ин буд, ки ҳеҷ ҷоям дард наёфт. Аммо сахт тарсида будам.

## *Мактаб*

Якуми сентябри соли 1946 ба мактаб рафтам. Ба мактаби ибтидоии деҳаи Ҷоназартеппа. Ин мактабро тамом накардам, бо сабабе хандадор, ки иншооллоҳ, гуфта шуд.

Дигар ба мактаби Ҷоназартеппа нарафтам. Қаҳр кардам. Баъди чанд рӯз, ба мактаби Ёбизи Калон рафтам, аммо мактаб маро ба осонӣ қабул накард.

Бачаҳо барои баҳо зиёда кунҷков буданд. Барои дидани баҳо аз ҷо баланд шуда, пеш хамбида, ба дафтари муаллим нигоҳ мекарданд. Бачаҳои паснишаста хандаро бармедоштанд: хиштаки эзори яке даридаву ҳар чӣ дарун буда метофт.

Боре ҳангоми танаффус Маҳмуд нони зағора мехӯрд, ки аз мағзи нон пораи саргини гов тофт. Вай бо модари пираш танҳо зиндагӣ мекард.

Дар беруни мактаб ҷуфти чинор буд; аммо пир набуд.

Чанори пиру бузург дар поёнтар, дар лаби ҷӯй буд - дар ҳавлии масҷиде бостонӣ - масҷиде, ки Котиби райком зиндагӣ мекард.

Дар мактаби Ёбизи Калон бисёр муаллимон дарс доданд. Маҳбубтаринашон Ҳакимҷон Саидов буданд. Муаллимае ҳам доштам, ки ҳангоми дарс урчуқ мересид; гоҳе духтараш омада, хабар медод, ки: "ба хонаамон меҳмон омад, раветон, модарам намеён".

Баъди ду сол таҳсил дар ин мактаб ба охир расид. Аз он чи дар синфи дувум хондаму дар ёд мондаасту ҳамеша бо ман аст, ин чор мисраи Абдуссалом Деҳотист:

*Чор писар аз писарони Ватан,*
*Монда ба каф ҷон, ба Ватан дода тан.*
*То шуд аз ин муъҷизаи бемисол,*
*Байрақи мо машъали Қутби Шимол.*

Мо ба мактаби калон рафтем, ки дар маркази ноҳия воқеъ буд. Мактабро даҳ-дувоздаҳ сол пештар Раҷабалӣ Ҷалилов, ҳангоми котиби райком буданаш созондааст. Ин ягона мактаби ҳафтсола дар Қубодиён буд. Азбаски бисёриҳо дар деҳоти дур зиндагӣ мекарданд, ба мактаб бо велосипед меомаданд (як кас аз Санговаи колхози ҳозираи "Меҳнат-Роҳат" даракӣ меомад).

Он замонҳо попӯшӣ тухми анқо буд. Тақрибан ҳама се фасли сол пойлуч мегаштанд. Ман ҳам солҳои аввал мактаб

пойлуч мерафтам. Синфи севум мехондам. Зимистон сар шуда буд; зимистони сахте. Аммо поям луч. Рӯзе падарам мӯзаи резинӣ оварданд; намунаи бисёр хубашро акнун рӯбандагон мепӯшанд. Ман дар худ набудам. Пӯшида, мактаб рафтам. Мӯза бӯе дошт, бӯи гандагӣ медод. Дарси муаллим Мамаҷонов буд. Муаллим бӯи бадро эҳсос карданд. Тарс ба андозае буд, ки дил меларзид: “Ҳамин ҳоло мефаҳмад, мефаҳмад...”.

Муаллим ҳамаро хезонд, дар роҳрав рост монд. Таҳи партаҳоро дид, таҳи ҳама пойафзолҳоро дид. Мӯзаи маро ҳам. Аммо чизе наёфт…

Надонистам, муаллим дар воқеъ надонист, ё донисту худро ба нодонӣ зад. Ман медонистам, аммо хомӯш мондам. Бӯй пас аз чанд ҳафта гум шуд…

Синфи се ё чор мехондам; зуком шудаму резиши оби бинӣ. Духтур рафтам, ба бинӣ ишора кардаму гуфтам:

- Понос течет.

Духтур дору дод. Хӯрдам. Дарун ончунон сахт шуд, ки чандин рӯз натавонистам берун равам. “По носу течет”-ро духтур “понос” (дарунрав) шунидааст …

Тирамоҳе аз мактаб омадам, ки хоҳарам Салимабону дар хона; нороҳат. Муаллимони мактаби Ёбизи Калон пешдоманашро гирифтаанд: “Бояд мактаб равад”.

Мактабхона рафтам, муаллимро дидам; гуфтам: “Хондани духтар зарурат надорад”. Муаллим ҷавон буд, ҳайрон монд, чизе нагуфт; пешдомани хоҳарамро дод. Дар ин ки хоҳари меҳрубонам аз таҳсил маҳрум шуд, ман гунаҳкорам.

Мактаб дертар миёна шуд. Синфи даҳумро бори аввал соли 1953 тамом карданд. (Давраи чорум мо будем).

Мактаби моро он гоҳ “Семилетка” мегуфтанд. Ҳоло кӯҳансолон онро бо ҳамин ном мешиносанд. Он гоҳ мактаб номи В.М.Молотовро дошт. Баъдтар номи Рӯдакиро доданд.

Ман шарикдарсони нав пайдо кардам. Ҳамаи инҳо назар ба мо пешқадам буданд. Махсусан, Эргаш ва Муҳаббат матнро чунон бурро ва чунон озодонаю бе ҳиҷҷа мехонданд, ки ҳавасам меомад ва гумон мекардам, ки ман ҳеҷ гоҳ мисли онҳо хонда наметавонам. Мусобиқаи шадиди ботиние оғоз

ёфт. Ниҳоят ба онҳо расида гирифтам. Мутаассифона, Эргаш баъдҳо қафо монд ва умуман аз мактаб ҳам рафт.

Иқболам баланд омад. Бо муаллимони хубе вохӯрдам, ки дар бораи баъзеи онҳо ҷудогона сухан бояд гуфт.

Синфи ҳафтум мехондем, ки шаш нафар мондем. Синфи моро бастанд. Гуфтанд, ки мактаби “Лоҳутӣ” равем.

Бо дили нохоҳам рафтем. Директори мактаб Нарзуллоев - одами хубу чолоке буд.

Ин мактабхона дур буд, дар маркази Арабхона. Ҳамсинфамон Раҳмон Муртазоев мотосикл дошт; гоҳе дар бозгашт бо вай меомадам.

Нархи баҳо дар ин мактаб арзонтар буд. Мо - чор нафар: Урок Амиров, Узоқ Султонов, Холмирзо Хоҷамов ва ман "аъло" тамом кардем ва “Таърифнома” (“Похвалний лист”) доданд.

“Лоҳутӣ” синфи ҳаштум надошт. Мо ба мактаби худамон баргаштем. Шодиву хурсандии моро ҳадду канор набуд.

Дар хонданам падару модар бо роҳҳое ташвиқ мекарданд. Ташвиқашон самимона ва табиӣ буд.

Одат ин буд, ки аз мактаб омадано, чой мехӯрдаму вазифаи хаттиро анҷом медодам. Вазифаи даҳаниро бомдод мехондам, дар ҷогаҳ, болои чайло, ҳатто бо рӯи ношуста. Худам барои худам ғунг-ғунг мехондам. Гоҳе падар, гоҳе модар, ки рӯз ҳанӯз сафед нашуда, хеста бо корҳояшон машғул мешуданд, мехостанд, ки баландтар хонам. Мехондам. Муддате гӯш медоданд. Ва қаноатмандона мерафтанд; бесаводии худро маломат мекарданду мерафтанд.

Ёди гуворое аз зимистонҳои 55-56 бо ман аст. Ёде ширину гуворо; барои ҳамеша. Модарам дегчаи алюминии сарпӯшдоре доштанд. Шаб, пеш аз хоб як пора гӯшт, ду дона сабзиву пиёзу шалғамро бо об ба дегча меандохтанду даруни сандалӣ мемонданд ва гирдаш қур мекашиданд. Бомдодон хомшӯрбои хушмазае омода мешуд. Модарам ним коса медоданд; мехӯрдаму мактаб мерафтам…

Ҳар сари чанд гоҳ дар мактаб маҷлиси падару модарон мешуд. Ва ҳамеша падар мерафтанд. Дигар падарон кам

мерафтанд. Аммо падари ман ягон бор нагуфтанд, ки: “дигарон намераванд, чаро ман равам?”

Хурсандона мерафтанд. Ва он касро дар ҳайати раёсат мешинонданд. Бо саллаву ҷома дар миёни кастумпӯшон менишастанд. Ҳеҷ ор намекарданд. Гумон мекунам, дарун-дарун ифтихор доштанд.

Синфи мо хурдакак буд: мактаби миёнаро ҳамагӣ ҳафт нафар тамом кардем; соли 1956:

1. Ниёз Ҳаитов (Донишгоҳи омӯзгории Душанберо хатм карда, аз физикаю математика дар мактаби худамон дарс медод; соли 1969 дар фалокати мошин нобуд шуд).

2. Муҳаббат Орифова (Донишгоҳи пизишкии Буалӣ Синоро хатм кард, ҳоло яке аз духтурҳои терапевти номдори шаҳри Душанбе мебошад).

3. Урок Амиров (факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм карда, солҳои зиёд котиби ҷамоаи Носири Хусрав, нотариуси райони Қубодиён шуда кор кард; соли 1986 вафот ёфт).

4. Тошмурод Шоназаров (Донишгоҳи омӯзгории Душанберо дар риштаи забону адабиёт хатм карда, дар мактаби миёнаи ба номи Лоҳутӣ аз тарбияи ҷисмонӣ дарс медод; Солҳои охир ба кори деҳқонӣ гузашту саркор шуд).

5. Муҳаммадӣ Юнусов (Донишгоҳи омӯзгории Душанберо дар риштаи забону адабиёт хатм кард, ҳоло журналисти радиои республикавӣ мебошад).

6. Мурод Назиров (ходими савдо буд, тақрибан 10 сол шуд, ки ба кори деҳқонӣ гузашт).

7. Худам.

Шаш нафар, яъне бештар аз 85 фоизи хатми мо маълумоти олӣ гирифтааст. Ин бе шубҳа аз шарофати хидмати муаллимони мактаби миёнаи мо мебошад.

Ин ба шарофати омӯзгорони хуб буд — муаллимоне, ки дар воқеъ Муаллим буданд: Теша Холматов, Норбибӣ Атоева, Алӣ Девонақулов, Сайфиддин Мамаҷонов, Ҷалил Бобомуродов, Муяссара Қодирова, Анна Федоровна Репина, Ҷӯра Умарқулов, Эътибор Яҳёев…

### *Мурод-бӯлаам*

Мурод-бӯлаам ба мактаб сахт дилгарм набуд. Гоҳе партофтанӣ ҳам мешуд, агарчи ҳеҷ нишоне аз рафтори айёшӣ ва авбошӣ надошт. Тағошон (Мамаҷонов), акошон (Юсуфхон), модарашон боз ба мактаб бармегардониданд.

Боре почтахона рафту тилфончӣ шуд; муддате кор кард, хуб ҳам кор мекард. Дар синфи 7 ё 8 мехондем. Кори хиштрезӣ гирифт. Дар маркази шаҳр (тарафи чап аз роҳи калон), ҳамон ҷое, ки мактаби русиву ӯзбекӣ сохтанд. Диданӣ мо ҳам мерафтем. Бо иштиёқи тамом хишт мерехт. Дастонаш захмӣ шуда буд: замин гӯристони қадима будааст.

Тамоми он минтақа гӯристон будааст; акнун як тикаи ҷанубии он боқӣ мондааст.

Ҳоло, ки сухан аз гӯристон рафт, боз ба як мактаби гӯристонӣ ишора мешавад. Роҳбарони мактабе, ки мо хондем (мактаби “Молотов-Рӯдакӣ-Ҷалилов”), иҷозати сохтани бинои навро гирифтанд; ва онро дар теппае, ки даромадгоҳи шаҳр буд ва як солу ду сол пеш ҳам мурда мемонданд, сохтанд. Дар асл мактаби “Рӯдакӣ”-ро ин ҷо кӯчонданд, аммо дар пештоқаш “Ленин” навиштанд. (Умед аст, ки “Рӯдакӣ” – “Рӯдакӣ” мешавад, “Ҷалилов” — “Ҷалилов”).

### *Романовский*

Хонишҳо ба охир расиданд. Имтиҳоноти давлатӣ наздик мешуд. Омодагии хуб дидем. Худамон кам будем, бештарин хубхон буданд: Муҳаббат, Уроқ, Ниёз…

Ҳамроҳ бо Муроду Уроқу Ниёз дарс тайёр мекардем. Имтиҳонҳо сар шуданд. Ҳама хуб месупурданд. Ман, ҳатто аз иншо, ки бисёр душвор буд, “аъло” гирифтам. Дар таърихи мактаб ин ҳодисаи нахустин буд. Навбати забони русӣ расид. Муаллимаи хубе доштем: Анна Федоровна Ревенкова. Дарсҳои иловагӣ гузашту моро омода кард.

Аз Сталинобод, аз Вазорати маориф намоянда омада буд: оқои Романовский. Марде миёнсоли пастқадди бадқавоқе буд. (Шояд ҳам бадқавоқ набуд, аммо дар тасаввури мо ҳамин тавр метофт).

Вай дар имтиҳони забони русӣ ҳузур пайдо кард. Ончунон назорат мекард, ки ҳатто мижа заданамон пинҳон намемонд. Гуфтанд, ки корҳои хаттии моро худаш тафтиш кардааст. Эълон карданд, ки ду нафар: Муҳаббату ман “се” гирифтаему дигарон ҳама “ду”.

Пас аз рафтани Романовский, ба ин маслиҳат омаданд, ки “ду”-ҳоро ба "се" ислоҳ кунанду Номаи Камол диҳанд.

Ва доданд.

Аламе доштам ногуфтанӣ:

Барои он ки дар даҳ соли таҳсил як “се” надоштам. Аз сӯи дигар, барои он ки як “се” танҳо намонад, ду аълои дигарро ҳам ба “хуб” фуроварданд.

***Роҳхат***

Синфи даҳум ба поён мерасид.

Рӯзе директори мактаб Ҷӯра Умарқулов ба дафтараш хонд. Пурсид:

- Хонданӣ куҷо меравӣ?

Пурсиш ногаҳонӣ буд. Ҳанӯз чизе нагуфта будам, ки муаллим гуфт:

- Имсол мактаби олии нав - Институти политехникӣ боз мешавад. Агар рафтанӣ бошӣ, мактаб роҳхат медиҳад.

Аз шодӣ худро гум кардам: бо роҳхат қабул мекунанд, ҳатто бо “се” ҳам…

Баъдтар, муаллим Мамаҷонов, ки ҳам ба хотири солҳо дарс доданашон, ҳам пайванди хешовандӣ, унсияте доштем, шарҳ доданд: Осимӣ муаллими Умарқулов дар мактаб-интернати Хуҷанд нахустин ректори Институти политехникӣ таъйин шудаанд, ин касро дар Сталинобод (Душанбе) дида гуфтаанд, ки ду нафар аз шогирдони худро фиристад, бе конкурс қабул мекардаанд…

Аз синфи ӯзбекӣ ба Сафаралӣ Қосимов, аз синфи тоҷикӣ ба ман роҳхат доданд. Сафаралӣ бе конкурс қабул шуд, хонду тамом кард; солҳо дар Қубодиён муҳандис буд, корҳои шоиста анҷом дод ва дар фалокате даргузашт.

Ман ҳам роҳхат дар даст, то дари Институти Политехникии Тоҷикистон рафтам, аммо надаромадам…

### ***Поёни сухан***

Ин Ойина ҳанӯз рӯшани рӯшан нашудааст. Ҷойҳои торик бисёр дорад.

Аз фарзандони шарофатманди Қубодиёни бостонӣ хоҳиш мешавад: Маълумоти дақиқ дар бораи азизони шарофатманди худ омода кунанд;

- агар гузаштагони худро фаромӯш накардаанд;
- агар ба азизони худ эҳтиром доранд;
- агар азизонашон коре анҷом додаанд… ёддошт кунанд ва ба нависандаи ин дафтар расонанд.

Худо хоста бошад, ин дафтар комил хоҳад шуд.

Ҳамин хоҳиш аз авлоди онҳое низ мешавад, ки гузаштагонашон ба ночор тарки Қубодиён кардаанду доғи ҳиҷратро бо худ ба гӯр бурдаанд.

## ФЕҲРИСТ


| | |
|---|---|
| **Пешгуфтор** | 3 |
| **Зодбуми хуршедӣ** | 4-6 |
| **БАХШИ 1: ДАРОМАДГОҲИ ҚУБОДИЁН** | |
| Ба наздики Қубодиён ... | 7 |
| Ёқут мегӯяд: | 7 |
| Қубодиён | 7 |
| Аз китоби Самъонӣ | 7 |
| Аз китоби Муставфии Қазвинӣ | 8 |
| Аз китоби Иброҳими Истахрӣ | 9 |
| Аз китоби устод Неъматов | 9 |
| Қалъаи Мир | 9 |
| Чорбоғи Боло | 10 |
| Мунчоқтеппа | 10 |
| Теппаи Шох | 11 |
| Кайқубодшоҳ | 12 |
| Кайқубод | 12 |
| Подшоҳии Кайқубод | 13 |
| Тахти Қубод | 14 |

| | |
|---|---|
| Марсияи Тахти Қубод | 14 |
| Духтари Кайқубод | 15 |
| Хазонаи Амударё | 16 |
| Ганҷинаи Ому | 18 |
| Тахти Сангин | 18 |
| “Шаҳри Сангин” | 21 |
| Истахрӣ мегӯяд ... | 22 |
| Роҳе, ки аз Сағониён ба Вошҷурд меравад | 23 |
| Вошҷурд ва Қубодиён | 24 |
| Аз “Таърихи Байҳақӣ” | 28 |
| Зикри Қубод ибни Фируз | 29 |
| Аз “Равзату-с-сафо” | 31 |
| Аз “Ҳабибу-с-сияр” | 31 |
| Боғҳои ботаровати Носири Хусрав | 32 |
| Рифъатии Қубодиёнӣ | 33 |
| Аз “Миръоту-л-булдон” | 33 |
| Аз Пули Сангӣ то Қубодиён | 35 |
| Роҳи Қубодиён | 37 |
| Қубодиён | 37 |

| | |
|---|---|
| Қубодиён | 37 |
| Бекии Қубодиён | 40 |
| Қубодиёни пешин | 40 |
| Заъфарони Қубодиён | 41 |
| Пистаи Қубодиён | 41 |
| Дарвозаҳои Мазори Шариф | 41 |
| Лӯлиён дар Қубодиён | 42 |
| Чор ҷӯи биҳиштӣ | 42 |
| Аз “Мураввиҷу-з-заҳаб” | 42 |
| Пули Ҷайҳун | 42 |
| Айвоҷ | 43 |
| Гузари Боло | 44 |
| Хишткӯпрук | 44 |
| Ёбиз | 45 |
| Деворҳои Қубодиён | 45 |
| Гулгунхона | 46 |
| Гунбазҳои Қубодиён | 46 |
| Куҳнамасҷид | 47 |
| Дарёву наҳр | 48 |

| | |
|---|---|
| Далдал | 48 |
| Номҳо... | 49 |
| Қубодиён, берун аз Қубодиён | 49 |
| Қумкӯча | 50 |
| Қубодиён холӣ шуд | 50 |
| Соғитарош ва ганҷина | 52 |
| Шағолхона | 52 |
| … Ва нуқтаи поёнӣ | 53 |
| **БАХШИ 2: ЧЕҲРАҲОЕ ДАР ОЙИНАИ ҚУБОДИЁН** | |
| Носири Хусрави Қубодиёнӣ | 55 |
| Суруши Носири Хусрав | 55 |
| Зодгоҳи Носири Хусрав | 56 |
| Ин обу ҳавои Қубодиён | 60 |
| Музаффар Султони Шайбонӣ | 60 |
| Мирзо Саҳбо | 61 |
| Сарҳанг Раҷабалӣ Ҷалилов | 65 |
| Чорӣ Мирзоев | 67 |
| Зиё Абдулло | 70 |
| Бахтиёри Муртазавӣ | 72 |

| | |
|---|---|
| Ҳабибулло Муҳаммадшоев | 77 |
| Эргаш Ямоқов | 77 |
| Сайдулло Амин | 78 |
| Раҳим Амин | 79 |
| Файзи Нормурод | 8ғ |
| Шоҳзамон Раҳмонов | 81 |
| Роман Василевич | 82 |
| Қаюмхон Қодиров | 82 |
| Бӯрӣ Нурхонов | 83 |
| Сафар Сайидалиев | 83 |
| Низомиддин Бобоев | 84 |
| Нормурод Раҳмонов | 84 |
| Ҷӯрақулов Мусулмонқул ва Мусулмонқулов Ҷӯрақул | 84 |
| “Додарат ҳамроҳӣ мекунад!” | 85 |
| Улиё Раҳимқулов | 86 |
| Се Собиров ва як Тошматов | 86 |
| Кенҷабой Ҳайитов | 87 |
| Уроқ Алимардонов | 87 |

| | |
|---|---|
| Мустафо Авазов | 88 |
| Бобоқамбар Авазов | 88 |
| Дӯстназар - Эркин | 88 |
| Сарҳанг Намоз Амиров | 89 |
| Сарҳанг Тоҳирҷон Тоҷиев | 89 |
| Нурулло Муртазоев | 90 |
| Даврон Абдураҳимов | 90 |
| Ашӯрбой Бойматов | 90 |
| Сироҷиддин Бандаев | 91 |
| Анвар Раҳмонов | 91 |
| Эшдавлат Сафаров | 91 |
| Сабуров Абдолӣ ва Муъминов Тоштемур | 91 |
| Домулло Абдурасул | 92 |
| Абдуллохон Эшон | 92 |
| Мулло Хӯҷа | 93 |
| Эшони Ҳикматуллоҳ | 94 |
| Мулло Марҷон Махсум | 94 |
| Мулло Муртазо | 95 |
| Қорӣ Муҳаммадалӣ | 95 |

| | |
|---|---|
| Қорӣ Ҳайит | 95 |
| Мулло Салом | 95 |
| Мулло Тошалӣ | 96 |
| Мулло Зиёдалӣ | 96 |
| Мулло Самад | 97 |
| Мулло Саттор | 98 |
| Мулло Абдулло | 99 |
| Мулло Қурбон Камолов | 99 |
| Мулло Шоймардонкул | 99 |
| Мулло Усмон | 100 |
| Мулло Файзалӣ | 100 |
| Мулло Раҳим | 100 |
| Мулло Бароталӣ | 101 |
| Шайх Қутбиддин | 100 |
| “Сарбуғалтир” | 102 |
| Мулло Бӯрӣ | 102 |
| Мулло Зиёд | 102 |
| Маҳмадмурод Бобо | 103 |
| Мулло Ҳайбулло | 103 |

| | |
|---|---|
| Оқмадбой | 103 |
| Усто Алимардон | 104 |
| Маманабӣ - бобо | 104 |
| Усто Шерна-бобо | 105 |
| Ҳайитов | 105 |
| Шокил Полвон | 105 |
| Тошхоҷаи Ҳалвопаз | 106 |
| Усто Ашӯр | 106 |
| Амир-бобо ва Тӯхта-момо | 107 |
| Худо аз шамолаш нигаҳ дошт... | 109 |
| Апаи Кенҷа ва Янгаи Солеҳа | 109 |
| Гуландом - бибӣ | 110 |
| Зуҳро - бибӣ | 110 |
| Турсун - бибӣ | 111 |
| Ойиша - бибӣ | 112 |
| Валибой-тағомон | 113 |
| Модари мулло Неъмат | 114 |
| Акрам - ако | 115 |
| Бобоқул - осиёбон | 115 |

| | |
|---|---|
| Усто Ёрбобо | 116 |
| Усто Муъмин | 117 |
| Гулмуҳаммад | 117 |
| Қурбон Боболак | 118 |
| Ашӯр Қанглӣ | 118 |
| Қурбон Сироҷ | 119 |
| Эшман Тошман | 119 |
| Бӯрӣ - қатаған | 119 |
| Беадаб | 120 |
| Товони бузғола | 120 |
| Холи Хатакӣ | 121 |
| Сараки ҷуворӣ | 121 |
| Нор Полвон | 122 |
| Ғойибназар | 123 |
| Ҳамидбой | 123 |
| Набӣ Човандоз | 124 |
| “Бигардум Кампир” | 124 |
| Содиса-амма | 124 |
| Ҳандалак | 125 |

| | |
|---|---|
| Барги чинор танга шуд... | 126 |
| Иброҳим - мошиначӣ | 127 |
| Мирзо - мисгар | 128 |
| Файз Қараев | 128 |
| Меглӣ - мироб | 129 |
| Карим - мироб | 129 |
| Маҳдӣ Неъматов | 129 |
| Урок Валиев | 130 |
| Мамадмуродовҳо | 130 |
| Бобогулов - Бобогулова | 131 |
| Сафар ва Ҳасан | 131 |
| Усто Маҳмадалӣ ва усто Теша | 132 |
| Маҳдӣ - қизак | 132 |
| Азиз - шуро | 132 |
| Ҷумъа - партия | 133 |
| Ҷумъа - ғижжакчӣ | 133 |
| Ҷумъа - қизил | 133 |
| Ҷавбӯрӣ | 133 |
| Абдураҳмон Мерган | 134 |

| | |
|---|---|
| Нахустин нерӯгоҳи барқӣ-обӣ | 134 |
| Орифи Ҳамидбой | 135 |
| Холматбой | 135 |
| Мирзобой | 136 |
| Ҳусайну Сайфулло | 137 |
| Оро-райис | 137 |
| Саймурод-райис | 138 |
| Файзулло-райис | 138 |
| “Садақа радди бало!” | 138 |
| Аҳмади Тотор | 139 |
| Духтур Маҳмудҷон | 140 |
| Камолиддин Шарифзода | 140 |
| Дилшод Ёров | 141 |
| Холёр-райис | 142 |
| Атоев Тош | 143 |
| Миёнҷон Маликов | 144 |
| Акаи Саъдӣ | 144 |
| Акаи Пирмаҳмад | 145 |
| Акаи Меъроҷ | 145 |

| | |
|---|---|
| Акаи Кабуд | 145 |
| Мирзоҷон | 145 |
| Ҷӯраҷон | 146 |
| Усто Марқа | 146 |
| “Белим синди!..” | 147 |
| Абдураҳим доя шуд! | 148 |
| Исматов - Рафиқова | 149 |
| Ниҳоли себ | 149 |
| Нормурод Азизов | 149 |
| Абдураҳимовҳо | 150 |
| Мавлоно (Насруллохон Абдуллозода) | 151 |
| Лаклакхона | 151 |
| Мироб | 152 |
| Тилобой | 152 |
| Ҷаббор - саркор | 153 |
| Каҷала - бобо | 153 |
| Меҳмоннавозӣ | 154 |
| Ҳамроҳ Абдӣ | 156 |
| Ҳайдар Қиёмов | 156 |

| | |
|---|---|
| Азизи Фаттоҳ | 157 |
| Қосим Муртазоев | 158 |
| Қосимовҳо | 159 |
| Тешабой Холматов | 160 |
| Ҳакимҷон Саидов | 163 |
| Муяссара Қодирова | 167 |
| Муаллиме баландовоз | 168 |
| Ҷалил Бобомуродов | 169 |
| Норбибӣ Атоева | 170 |
| Сайфиддин Мамаҷонов | 172 |
| Аликул Девонақулов | 176 |
| **БАХШИ 3: ДАРАХТЕ АЗ БОҒИ ҚУБОДИЁН** | |
| Бобокалон - бобо | 181 |
| Бобокалони дигар | 181 |
| Боғи Мулло Ҷаббор | 182 |
| Ҳаёти Мулло Ҷаббор | 184 |
| Хона ва меҳмонхона | 186 |
| Падар | 187 |
| Ҷои тири саллот (солдат) | 189 |

| | |
|---|---|
| Низом | 189 |
| Одатҳое... | 190 |
| Тарки одат | 191 |
| Чой | 192 |
| Хумори чой | 193 |
| Ҳаво | 193 |
| Пӯшоки Падар | 194 |
| Қадри вақт | 196 |
| Носкаду | 196 |
| Поёни дунё | 198 |
| Пушт | 198 |
| Мактаби Падар | 199 |
| ...Пӯсти як гов | 200 |
| Чароғ | 201 |
| Аз ҳошияи ҳикматҳои падар | 201 |
| Боғҳои падар | 202 |
| Модар | 207 |
| Дарёи меҳр | 208 |
| Шохаи тар | 210 |

| | |
|---|---|
| Торсакии талх | 211 |
| Неши каждум | 212 |
| Мунисак | 213 |
| Дандони ашк | 213 |
| Бӯй | 214 |
| Шакар | 214 |
| Ба дасти рост... | 215 |
| Мегурехтанд... | 215 |
| Гурбаи пӯпакдор | 216 |
| Нон ҳамроҳ | 216 |
| Шутури бобо | 217 |
| “Бегаҳ пухтум атола…” | 217 |
| Узбакиву зӯракӣ | 218 |
| “Муаззама!.. Раҳмонқул!..” | 219 |
| Хазинадор | 220 |
| “То ман зиндаам…” | 220 |
| Аз Шуравӣ чӣ дидам?.. | 220 |
| Халта! | 222 |
| Озмоишҳое дигар | 222 |

| | |
|---|---|
| Муш | 224 |
| “Рузи таваллуд” | 225 |
| “Ном” | 226 |
| Китобу китобхона | 227 |
| Чамбул дар Қубодиён | 227 |
| Ҳамсинфон | 228 |
| Ich habe das frau! | 230 |
| "Йа қадам ақаб!..” | 231 |
| Ҳамсинфам Ғулом Раҳматов | 232 |
| Саттор Ҷӯраев | 232 |
| Шаҳидон | 233 |
| Сехоҳарон | 234 |
| Седодарон | 235 |
| Дастархони дароз | 236 |
| Дастпона дар дасти кист? | 237 |
| “Мавзуи нинимро ҳал кун!” | 238 |
| Руғаншиша | 238 |
| Якравӣ | 239 |
| Сӯрохиҳои якравӣ | 239 |

| | |
|---|---|
| Ҷабре дигар | 240 |
| Қаламкаш | 241 |
| Қасидаи Мазор-дарахт | 241 |
| Зардак | 242 |
| Катак | 243 |
| “Таҳи поятро кан!” | 244 |
| “Рамазон!”.. | 244 |
| Асп гум шуд | 245 |
| Пешонақашқа | 246 |
| “Додарам “нон!” мегӯяд” | 247 |
| Нонреза | 248 |
| Ҷурғот | 248 |
| Тороҷи мурӯд | 248 |
| Лахчаи оташдаргиронӣ | 249 |
| Рангу собун | 250 |
| Пилла | 251 |
| “Рӯсиёҳӣ” набуд | 252 |
| Саракчинӣ | 253 |
| Нахустин ҳаққи қалам | 254 |

| | |
|---|---|
| Гиёҳҳо | 255 |
| Найшакар | 255 |
| Бодоми Ғулом - нақшбанд | 256 |
| Деҳқонӣ | 257 |
| Муъҷизаҳои табиӣ | 258 |
| Боми Ранга | 259 |
| Дурӯд Офтоб! Падрӯд Офтоб! | 260 |
| Дучарха | 262 |
| Хонасозӣ | 262 |
| Марде зиндадилу пурхурӯш (ё: Боғҳои Ҷӯрақул-корвон) | 264 |
| Ҳикояте дигар | 272 |
| Чанд тулхорӣ | 273 |
| Аммаи Менгнор | 276 |
| Акаи Зариф | 277 |
| Акаам Ҷӯра | 280 |
| Гарави тандурустӣ | 281 |
| Карим-ако | 281 |
| Ака Шоҳмурод Раҷабов | 282 |
| Тағои Модарамон Ёдгор ва … | 284 |

| | |
|---|---|
| Пас аз бист сол | 286 |
| Лолаву мор | 286 |
| Майор | 289 |
| Алқундӣ | 290 |
| Наҳри Калон | 290 |
| Ҷанге, ки нашуд | 290 |
| Лаҳзае бекорӣ | 291 |
| Мӯзаи усто Ҳамроҳ | 292 |
| Соати тило | 293 |
| Дидорҳое бо Фариштаи Аҷал | 294 |
| Мактаб | 294 |
| Мурод-бӯлаам | 299 |
| Романовский | 300 |
| Роҳхат | 300 |
| Поёни сухан | 301 |
| Феҳрист | 303 |

**Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ**

# ОЙИНАИ ҚУБОДИЁН

**Муҳаррир:** *Атозода М.И.*
**Баргардон:** *Раҳимӣ М.Р.*
**Мусаҳҳеҳ:** *Маманазарова Ш.*

Ба матбаа 29.01.2024 сол супорида шуд.
Ба чопаш 08.02.2024 сол имзо шуд.
Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$. Ҳуруфи адабӣ.
Гарнитура Times New Roman Tj
Ҷузъи чопӣ 20,1. Адади нашр 300 нусха.

Дар матбааи ҶДММ “Олами дониш”,
шаҳри Душанбе, хиёбони С. Айнӣ, 129 чоп шудааст.